UNODC
United Nations Office on Drugs and Crime

unicef



# Адлия дар масоили марбут ба кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда

## Қонуни намунавӣ оид ба адлияи ноболиғон ва тафсири он

# Адлия дар масоили марбут ба кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда

**Қонуни намунавӣ оид ба адлияи ноболиғон ва тафсири он**

Ҳуҷҷати мазкур дар доираи барномаи алтернативаи адлияи ноболиғон (БААН) тавасути Дафтари ЮНИСЕФ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кӯмаки молиявии Дафтари Швейтсария оид ва рушд ва ҳамкорӣ (SDC) ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст ва ба нашр расидааст. Тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ аз ҷониби Хушбахт Ҳоҷиев ба анҷом расонида шудааст. Матни мазкур тарҷумаи ғайрирасмӣ мебошад.

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

юнисеф

ЮНИСЕФ ҳуқуқҳо ва некӯаҳволии ҳар як кӯдакро ба воситаи ҳар амале, ки мо иҷро мекунем, ривоҷ медиҳад. Дар якҷоягӣ бо шарикони худ мо дар 190 кишвари дунё баҳри ба иқдоми амалӣ табдил додани ин уҳдадориҳо фаъолият мебарем ва дар ин замина саъю кӯшиши бештар хусусан барои дарёфти кӯдакони осебпазир ва он кӯдаконе, ки аз неъматҳои ҷомеа маҳруманд, равона мешаванд, то ки ҳамаи кӯдакон ва дар ҳама ҷо аз ин иқдомҳо баҳра гиранд.

Қонуни намунавии мазкур аз ҷониби Дафтари Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят (ДССММҶ) таҳия гардидааст.
Маркази байналмилалии Вена, PO Қут. 500, 1400 Вена, Австрия
Тел: (+43-1) 26060-0, Факс: (+43-1) 26060-5866, www.unodc.org
Нашри Созмони Милали Муттаҳид
V.13-85512—сентябри 2013

UNODC
United Nations Office on Drugs and Crime

Душанбе, январ 2014.

# АРЗИ СИПОС

Қонуни намунавии мазкур оид ба адлияи ноболиғон натиҷаи кори тӯлонӣ ва саҳми босазои якчанд шахсиятҳо мебошад. Он дар асоси нусхае, ки соли 1997 аз ҷониби Ренате Винтер омода гардида буд, таҳия шудааст.

Сиёҳнависи аввалини Қонуни намунавӣ аз ҷониби Кэролин Ҳамилтон тартиб дода шуда, дар нишасти гурӯҳи коршиносон моҳи марти соли 2011 дар шаҳри Вена боздид шуд. Ин гурӯҳи коршиносон аз коршиносон Барти Алӣ, Алексей Автаномов, Муҳаммед Элва Бадар, Дуглас Дуран Чавариа, Биатрис Данкон Паула Кингстон, Игначио Мойорал, Эмилио Гарсия Мендез, Шарон Моррис-Каммингз, Сюнабу Диахат Ндиай, Вю Кларенс Нелсон, Вивиен О Конор, Мишел Папа, Нихил Рой, Элисса Рамси, Анн Скелтон, Невена Вукович-Сахович ва Терри Вотерҳаус, ҳамчунин кормандони Дафтари Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят (ДССММҶ), Валери Лебаукс, Стивен Малби, Александра Мартинз, Анна Гиудис Сагет ва Мири Шарон иборат буд.

Баъд аз нишасти гурӯҳи коршиносон, Қонуни намунавӣ аз ҷониби Марио Ҳемерлинг, Александра Мартин ва Соня Раҳаман таҳти роҳбарии Валери Лебаукс, Роҳбари Шӯъбаи Дафтари Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят оид ба адолат, такмил дода шуд. Мари Гранҷуан ва Анна Гидис Сагет дар ин қисмат саҳми арзанда гузоштанд.

Мо ба коршиносони соҳаи адлияи ноболиғон Ивон Дандуранд, Фридер Дюнкел, Урсула Килкели ва Рената Винтер барои қайдҳои бомулоҳиза ва саҳми дақиқу ҷузъии онҳо ба матни Қонуни мазкур изҳори миннатдорӣ менамоем.

# МУҚАДДИМА

Қонуни намунавии мазкур ва тафсири он бо мақсади роҳнамоӣ ба давлатҳо дар ҷодаи ислоҳоти низоми адлияи ноболиғон ва мусоидат дар таҳия намудани қонунгузорӣ оид ба адлияи ноболиғон таҳия шудааст. Он стандартҳо ва меъёрҳои кунунии байналмилалӣ оид ба адлияи ноболиғонро дар чаҳорчӯбаи миллӣ гузошта, ба ҳамоҳанг кардани қонунгузории миллӣ бо талаботҳои байналмилалӣ равона гардидааст. Станадартҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ оид ба адлияи ноболиғон дар ҳуҷҷати мазкур ба таври мушаххас ифода гардидаад. Ин стандартҳо ва меъёрҳо пеш аз ҳама дар Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак, ки ҳуҷҷати ягонаи дорои қувваи қонунӣ (ва иҷроиш ҳатмӣ) оид ба адлияи ноболиғон мебошад, омадаанд.1 Дигар стандартҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ оид ба адлияи ноболиғон дар Қоидаҳои стандартии ақали Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ба роҳ мондани адлияи ноболиғон (Қоидаҳои Пекин)2, Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳифзи ноболиғони аз озодӣ маҳрумшуда (Қоидаҳои Гаванна)3, Дастури Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҷинояткории ноболиғон (Дастури Ар-Риада4), Қоидаҳои стандартии ақали Созмони Милали Муттаҳид оид ба чораҳои ғайриҳабсӣ (Қоидаҳои Токиё)5, Дастур оид ба фаъолият дар самти кӯдакон дар низоми адолати судии ҷиноятӣ (Дастури Вена)6, Принсипҳои асосии Созмони Милали Муттаҳид оид ба истифода намудани барномаҳои адолати барқароркунанда дар корҳои ҷиноятӣ7, Қоидаҳои стандартии

[1] Санадҳои дигар оид ба ҳуқуқи инсон, ки қувваи қонунӣ доранд, аммо мушаххасан барои кӯдакон тарҳрезӣ нашудаанд, инҳоянд: Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ (ПБҲГС), Конвенсия бар зидди шиканҷа (КЗШ), Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон (КАҲИ), Конвенсияи Америка (минтақаи Америка) оид ба ҳуқуқи инсон (КАҲИ) ва Оинномаи Африқоӣ оиди ҳуқуқҳои инсон ва ва ҳалқиятҳо. Дар сатҳи минтақавӣ бошад Оинномаи Африқои оид ба ҳуқуқ ва некӯаҳволии кӯдак (ОАҲНК) ва Оинномаи Африқоӣ оид ба ҷавонон (ОАҶ) бояд ҳамчун санадҳои байналмилалии қувваи қонунӣ дошта таъкид гарданд. Ҳамчунин, Конвенсияи Созмони байналмилалии меҳнат оид ба Мусодира ва чораҳои фаврӣ барои аз байн бурдани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакона (Конвенсияи 182) аз соли 1999 як қисми чаҳорчӯбаи ҳуқуқи байналмилалиро тартиб медиҳад.

[2] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартии ақали Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ба роҳ мондани адлияи ноболиғон* (Қоидаҳои Пекин), ки 29 ноябри соли 1985 (A/RES/40/33) аз ҷониби Маҷмааи умумӣ қабул гардидаанд.

[3] *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), (Res. 45/113), ки 14 декабри с. 1990 аз ҷониби МУ СММ қабул гардидаанд.

[4] Маьмааи умумии СММ (МУСММ), *Дастури Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҷинояткории ноболиғон (Дастури Ар-Риада)*, ки аз тарафи МУ СММ 14 декабри соли 1990(A/RES/45/112), қабул карда шудааст.

[5] Маьмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартии ақали Созмони Милали Муттақид оид ба чораҳои ғайриҳабсӣ (Қоидаҳои Токиё),* ки аз тарафи Маҷмааи умумии СММ 14 декабри соли 1990 (A/RES/45/110), қабул карда шудаанд.

[6] Қарори Шӯрои Иқтисодӣ ва Иҷтимоии СММ 1997/30, *Дастур оид ба фаъолият дар самти кӯдакон дар низоми адолати судии ҷиноятӣ (Дастури Вена)*, ки аз тарафи ШИИ СММ 21 июли соли 1997 қабул шудааст.

[7] Қарори Шӯрои Иқтисодӣ ва Иҷтимоии СММ 2002/12, *Принсипҳои асосии Созмони Милали Муттаҳид оид ба истифода намудани барномаҳои адолати барқароркунанда дар корҳои ҷиноятӣ*, 24 июли соли 2002.

ақалӣ дар бораи муносибат бо маҳбусон8, Қоидаҳи Созмони Милали Муттаҳид дар барои муносибат бо маҳбусони ҷинси зан ва чораҳои ғайриҳабсӣ барои занони ҷинояткор (Қоидаи Бангкок)9 ва Принсипҳо ва қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ дар низоми адолати судии ҷиноятӣ инъикос гардидаанд.1011 Қайдҳои умумии Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак (минбаъд Кумита оид ба КҲК), махсусан Қайдҳои умумии № 1012, бояд инчунин ҳамчун сарчашмаи ҳидоят ва тавсияҳо барои давлатҳои аъзои Конвенсия дар самти таъсиси низоми адлияи ноболиғон дар мувофиқа бо КҲК (Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак) таъкид гардад.

Қонуни намунавии мазкур дар асоси принсипҳои марказии адлияи ноболиғон, ки давлатҳо бояд дар таҳияи қонунгузорӣ оид ба адлияи ноболиғон ба инобат гиранд, таҳия шуда, дар асоси ҷараёни ҳуқуқии муносиб барои ҳар як кӯдаки бо қонун дар мухолифатбуда кафолатҳо муқаррар мекунад. Ба ғайр аз ин, Қонуни намунавии мазкур муқарарот оид ба синни ақалии фарорасии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҳамчунин муқаррарот оидба чӣ тавр муайян намудани шахсият ва синну солро дар бар мегирад. Тибқи пешниҳоди Кумита оид ба КҲК13, Қонуни намунавии мазкур манъ кардани ҷиноятҳои вобаста ба вазъи ҳуқуқиро пешниҳод менамояд.14 Аз сабаби мавҷуд будани низомҳои ҳуқуқии гуногун саросари дунё мушкилоти зиёд ҳангоми таҳияи Қонуни мазкур дар қисмати муқаррар намудани салоҳияти мақомотҳои давлатӣ ва дигар идораву мақомотҳои ба раванди адлияи ноболиғон дахлдор пеш омад. Ин хусусан дар қисматҳое, ки ба ҷабҳаҳои ҳуқуқи мурофиавӣ алоқамананд ба назар мерасид. Мутобиқи стандарҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ, Қонуни намунавӣ ташкил намудани суди кӯдакон [суди ноболиғон] [суди ҷавонон]-ро тавсия медиҳад, ки дар он судяҳои мустақил ва махсусомӯзонидашуда ҳуқуқи ҳалли масъалаҳои юридикии фавқулода барои баррасии парвандаҳои кӯдакони бо қонун дар муходифатбуда доранд. Бо чунин пешниҳод воқеан фарқ намудани салоҳиятҳои қонунгузорӣ ва раванди қонунгузорӣ вобаста ба таъсис додани судҳо ё мақомотҳои судӣ дар

---

[8] *Қоидаҳои стандартии ақали СММ дар барои муносибат бо маҳбусон*, Қарори ШИИ СММ 663с (XX1V), аз 31 июли соли 1957 ва 2076 (LX11) 13 майи соли 1977.

[9] Маҷмааи умумии СММ, Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид дар барои муносибат бо маҳбусони ҷинси зан ва чораҳои ғайриҳабсӣ барои занони ҷинояткор (Қоидаи Бангкок), ки аз тарафи МУ СММ 16 марти соли 2011 (A/RES/65/229), қабул шудааст.

[10] Маҷмааи умумии СММ, Принсипҳо ва қоидаҳои Созмоньои Милали Муттаҳид оид ба дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ дар низоми адолати судии ҷиноятӣ, ки аз тарафи Маьмааи умумии 28 марти соли 2013 (A/RES/67/187), қабул шудааст.

[11] Ҳуҷҷати муҳими дигаре, ки бояд қайд карда шавад ва он ба адлияи ноболиғон мушаххасан дахолат надорад Эломияи Умумиҷаҳонии Ҳуқуқи Башар (ЭУҲБ) мебошад.

[12] Кумита оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, *Ҳуқуқҳои кӯдакон дар адлияи ноболиғон,* 25 апрели соли 2007 (CRC/C/GC/10). Инчунин, дастгирӣ ба давлатҳо аз тарафи Кумита оид ба ҳуқуқи инсон тавассути Қайдҳои умумии он расонида мешавад.

[13] Кумита оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, *Ҳуқуқҳои кӯдакон дар адлияи ноболиғон,* 25 апрели соли 2007 (CRC/C/GC/10): банди 8 ҳуҷҷати мазкур пешниҳод мекунад, ки ҷиноятҳои вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ “бо мақсади ба роҳ мондани муносибати баробар нисбат ба кӯдакон ва шахсони болиғ” манъ карда шаванд. Инчунин нигаред ба: Маҷмааи умумии СММ, *Дастури Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҷинояткории ноболиғон (Дастури Ар-Риада)*, ки аз тарафи Маҷмааи умумии СММ 14 декабри соли 1990(A/RES/45/112), қабул карда шудааст. Қоидаи 56.

[14] Барои мафҳуми «ҷиноятҳои вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ» ба Моддаи 10 Қонуни мазкур нигаред.

кишварҳои гуногун ба инобат гирифта шудааст. Аз ин сабаб аст, ки Қонуни намунавӣ ҷараёни таъсис додани судҳои кӯдакон [судҳои ноболиғон] [судҳои ҷавонон] –ро ба таври мушаххас муқаррар намекунад. Ба давлатҳо шояд лозим ояд, ки дар ин бобат санади дуюмдараҷаи қонунгузорӣ қабул кунанд. Ин мулоҳиза ҳамчунин ба таъсис додани идораҳои прокурони махсус, шӯъбаҳои махсуси полис ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ низ тааллуқ дорад.

Қонуни намунавӣ инчунин ҳамаи марҳилаҳои ҷараёни адлияи ноболиғонро, аз ҷарайни пеш аз судӣ шуруъ карда, то марҳилаи муҳими дастгир кардан ва ба ҳабс гирифтан, инчунин муомила бо кӯдак дар шӯъбаи полис ва ҳабси пешакиро дар бар мегирад. Ба ғайр аз ин, он муқаррарот дар бораи марҳилаи мурофиаи судӣ, ҳукми айбдоркунӣ бо маҳрум кардан ва ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ, шартҳои ҳабскунӣ ва муносибат дар муассиса, ва инчунин муқаррарот оид ба чораҳои тарбиявӣ, ислоҳкунанда ва ҳамгироӣ барои шахсони аз ҳабс озодшударо дар бар мегирад. Чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [баратарафкунӣ аз низоми адлия] ва махсусан адлияи барқароркунанда дар Қонуни намунавии мазкур ҳамчун талаботҳои асосӣ15 барои аз низоми расмии адлия бартараф кардани кӯдакон муқаррар шудаанд. Принсипи чораи охирин ва барои муддати кӯтоҳтарини муносиб будани ҳукми маҳрум кардан аз озодӣ дар матни Қонун такроран таъкид шудааст.

Қобили зикр аст, ки Қонуни намунавии мазкур ягон модели хосаи низоми адлияи ноболиғонро пайравӣ намекунад ва пешниҳод наменамояд, ки давлатҳо ягон модели хосаеро барои низоми адлияи ноболиғон дар миқёси худ қабул кунанд. Дар воқеъ, бо назардошти то андозаи зиёд фарқкунанда будани низоми адлияи ноболиғон дар давлатҳои гуногун, муайян намудани як низоми фарогир ва ҳамаҷонибаи адлияи ноболиғон, ки хусусияти ягона барои ҳамаи давлатҳо дошта бошад, номумкин аст.16 Асосҳои назариявии низоми адлияи ноболиғон бисёр гуногунҷабҳа буда, аз намудҳои бостонӣ бо номи «модели иҷтимоӣ (некӯаҳволӣ)» ва «модели адолати судӣ»17 шурӯъ шуда, то намунаҳои кунунӣ ба монанди «модели партисипаторӣ (ба иштироки ҷонибҳо асосёфта)», «модели адолати ислоҳӣ», «модели пешгирии ҷиноят», «модели корпоративӣ (иттиҳодиявӣ)», «модели пешгирии ҳаддиақал», «модели адлия

---

15 Нигаред ба Моддаи 18-и ҳамин Қонун.

16 Нигаред ба: Каппеларе, Г., Гранҷин, А., ва Нақви Ю., *Кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда - ҳуқуқҳо ва воқеият*, (Чопи Ҷюнис эт Дроит: Льеж, 2005), саҳ.48 (мавод ба забони аслии (англисӣ) он: Cappelaere, G., Grandjean, A. and Naqvi, Y., *Children Deprived of Liberty – Rights and Realities* (Éditions Jeunesse et Droit: Liège, 2005))

17 Барои маълумоти иловагӣ оид ба ин ду модел нигаред ба: Киприани, Д., *Ҳуқуқҳои кӯдакон ва синни ақалии фарорасии ҷавобгарии ҷиноятӣ - Нигоҳи Ҷаҳонӣ*, (Ашгэйт: Сурре 2009) (Cipriani, D., *Children's Rights and the Minimum Age of Criminal Responsibility – A Global Perspective* (Ashgate: Surrey, 2009)) саҳ 1; Прет, Ҷ., *"Саодат ва адолат: фалсафаҳои номувофиқ"*, дар китоби Гэйл, Ф., Нафин, Н., ва Вундерзитс, Ҷ., *Адлияи ноболиғон: аҳси мавзӯъ*, (чопи Ален ва Анвин: Сидней, 1993), (Pratt, J., "Welfare and justice: incompatible philosophies", in: Gale, F., Naffine, N. and Wundersitz, J. (eds.), *Juvenile Justice: Debating the Issues* (Allen & Unwin: Sydney, 1993)) саҳ.38; ва Юнгер-Тас, Ҷ., "Омилҳои байналмилалии адлияи ноболиғон: кадом хулосаҳо бояд даровард", дар китоби Юнгер-Тас, Ҷ., Дека, С.. (маҷ.) *Китоби байналмилалӣ оид ба адлияи ноболиғон*, (чопи Спрингер: Ню Йорк 2008) (Junger-Tas, J., "Trends in international juvenile justice: what conclusions can be drawn?", in: Junger-Tas, J. and Decker, S. (eds.), *International Handbook of Juvenile Justice* (Springer: New York, 2008), саҳ.505

барқароркунанда» ва «модели ислоҳии нав»18-ро дар бар мегирад. Ин инкишофи намудҳои гуногуни низоми адлияи ноболиғон дар давоми солҳои зиёд аз он шаҳодат медиҳад, ки ба намудҳои муайян ҷудо кардани низоми адлияи ноболиғон қариб номумкин аст. Ҳатто агар ба фарқият байни ду модели анъанавӣ - «модели иҷтимоӣ» ва «модели адолати судӣ», ки аслан ҳамчун ду намуди аз ҳам фарққунандаи низоми адлияи ноболиғон эътироф шудаанд, назар афканем, мебинем, ки дар амалия ин ду модел бо мумури замон дар бисёри кишварҳои дунё то андозае омехта шудаанд, ки имрӯз муайян кардани он, ки кадом кишвар дорои «модели иҷтимоӣ» ва кадом кишвар дорои «модели адолати судӣ» аст, қариб ғайриимкон шудааст.19

Муқаррароти дар Қонуни намунавии мазкур пешбинишуда ба ҳамаи талаботи КҲК ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии соҳаи адлияи ноболиғон пурра ҷавобгӯ буда, ба инобат гирифта шудааст, ки КҲК ва дигар санадҳои хусусияти тавсиявӣ дошта (қувваи қонунӣ надошта ё барои иҷроиш ғайриҳатмӣ буда) оид ба адлияи ноболиғон ҳаргиз ишора ба ягон модели адлияи ноболиғон, ки давлатҳо бояд онро қабул намоянд, намекунанд.20 КҲК аз давлатҳо талаб мекунад, ки "барои таҳияи қонунҳо, ба роҳ мондан ва таъсис додани тартибот, мақомотҳо ва идораву ташкилотҳое, ки хусусан барои кӯдакони ба вайрон намудани қонуни ҷиноятӣ гумонбаршуда, айбдоршуда ё айбдоркардашуда муносиб саъю кӯшиш кунанд."21 Ин муқаррарот ҳамчун талаботи мутараққӣ ҳисобида

---

18 Барои шарҳи диқиқи назарияи моделҳои гуногуни адлияи ноболиғон нигаред ба Пруин, И., "Доираи амали адлияи ноболиғон дар Аврупо" дар китоби Дункел, Ф., Жива, Ҷ., Ҳорсфилд, П., Пруйн, И., (маҷ.), *Низоми адлияи ноболиғон дар Аврупо,* Боби. 4, чопи 2-юм., (нашрияи Форум Ферлаг Годесберг:Мӯнхенгладбах 2011), саҳ. 1546-1547. (иқтибос ба забони аслӣ (англисӣ) - Pruin, I., "The scope of juvenile justice in Europe" in: Dünkel, F., Grzywa, J., Horsfield, P., Pruin, I. (eds.), *Juvenile Justice Systems in Europe*, Vol. 4, 2nd ed., (Forum VerlagGodesberg: Mönchengladbach 2011))

19 Пруин, И., "Доираи амали адлияи ноболиғон дар Аврупо" дар китоби Дункел, Ф., Жива, Ҷ., Ҳорсфилд, П., Пруйн, И., (маҷ.), *Низоми адлияи ноболиғон дар Аврупо,* Боби. 4, чопи 2-юм., (нашрияи Форум Ферлаг Годесберг:Мӯнхенгладбах 2011), саҳ. 1545. (иқтибос ба забони аслӣ (англисӣ) - Pruin, I., "The scope of juvenile justice in Europe" in: Dünkel, F., Grzywa, J., Horsfield, P., Pruin, I. (eds.), *Juvenile Justice Systems in Europe*, Vol. 4, 2nd ed., (Forum VerlagGodesberg: Mönchengladbach 2011))

20 Инчунин нигаред ба: Зерматен, Ҷ., "Оинномаи федералии Швейсария дар бораи Қонуни ҷиноятии ноболиғон", китоби Юнгер-Тас, Ҷ., Дека, С.. (маҷ.) *Китоби байналмилалӣ оид ба адлияи ноболиғон*, (чопи Спрингер: Ню Йорк 2008) (Junger-Tas, J., "Trends in international juvenile justice: what conclusions can be drawn?", in: Junger-Tas, J. and Decker, S. (eds.), *International Handbook of Juvenile Justice* (Springer: New York, 2008)), саҳ.300. Дон Киприани дар китоби худ бо номи "*Ҳуқуқҳои кӯдакон ва синни ақалли фарорасии ҷавобгарии ҷиноятӣ - Нигоҳи Ҷаҳонӣ*", (Ашгэйт: Сурре 2009) (Cipriani, D., *Children's Rights and the Minimum Age of Criminal Responsibility – A Global Perspective* (Ashgate: Surrey, 2009)) дар ин бобат қайд мекунад, ки "Агар КҲК адлияи ноболиғонро ба таври дақиқ баррасӣ кунад, як қатор санадҳои дигари байналмилалие, ки хусусияти тавсиявӣ доранд шарҳи боз ҳам мушаххастари он, ки чӣ тавр ҳуқуқҳои нафаронони аз 18 сола хурдтар дар доираи низоми адлия бояд таъмин гарданд, пешниҳод менамоянд. КҲК ва дигар санадҳои дахлдор стандартҳои байналмилалии адлияи ноболиғонро тартиб медиҳанд, ки дар доираи он норасоиҳои таркибии бархурдҳои ҳам иҷтимоӣ (некӯаҳвволӣ) ва ҳам адолати судиро дар бар гирифта шудаанд." (саҳ.19). У ҳамчунин таъкид месозад, ки "чунин бархурд афзалиятҳои зиёдеро пешниҳод мекунад, ки аз ҷумла шафофияти бештар, (конуният) дар сатҳи байналмилалӣ қонунӣ будан, асос ва чаҳорчӯдаи агонаи маънавӣ, ва доираи принсипҳои мувофиқе, ки фаҳмиши ҷомеаро оид ба кӯдакон роҳнамоӣ мекунанд, дар бар мегирад." (саҳ. 38)

21 Моддаи 40 (3)-и КҲК

мешавад, ки аз давлатҳо талаб менамояд, то онҳо низоми адлияи ноболиғоне таъсис диҳанд, ки синну соли кӯдакро ба инобат гирад, ҳуқуқҳои инсон ва кафолатҳои ҳуқуқӣ ба ӯ таъмин намояд ва имконият барои чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ пешниҳод кунад. КҲК талаб мекунад, ки давлатҳо низоми адлияи ноболиғоне таъсис диҳанд, ки дар доираи он кафолатҳои қонунӣ барои ҳамаи кӯдакони аз синни 18 сола хурдтари бо қонун дар мухолифатбуда таъмин гардад. Бар иловаи ин, Моддаи 40 (1) КҲК ҳадафи адлияи ноболиғонро муқаррар месозад, ки бояд ба ҳамгироӣ равона шуда, ба кӯдак дар пайдо намудани мавқеи қавӣ дар ҷомеа кӯмак расонад. Ҳадафи низоми адлияи ноболицон набояд ҷазодиҳанда ва ё танбеҳдиҳанда бошад, балки ба беҳбудии кӯдакон равона гардад ва рафтори ғайриқонунии кӯдакро ба таври ба камолоти кӯдак муносиб баррасӣ намояд ва тағйир диҳад.

Бояд таъкид кард, ки ҳарчанде қонуну қоидаҳо қисмати асосии низоми адлияи ноболиғонро ташкил мекунанд ва барои муайян намудани сарҳадҳо ва қонунӣ кардани ҳифзи кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда нақши муҳим мебозанд, онҳо талаботи ягона барои ба роҳ мондани ислоҳоти фарогири адлияи ноболиғон нестанд. 22 Давлатҳо бояд онро таъмин намоянд, ки қисмҳои муштарак ва ба ҳам вобаста арзи вуҷуд дошта, дар мувофиқат бо доираи ҳуқуқи байналмилалии марбут бошанд. Масалан, муҳим аст, ки давлатҳо сиёсати соҳаи адлияи ноболиғонро бо як қатор чораҳои ба пешгирии ҷинояткории ноболиғон равонагардида таҳия ва татбиқ намоянд. Инчунин бениҳоят муҳим аст, ки чаҳорчӯбаи амиқ барои хизматрасониҳои бо манфиати кӯдак равона гардида ва тартиботи хизматрасонӣ аз ҷониби мутахассисони салоҳиятнок таъсис дода шавад ва захираҳои молии кофӣ ва захираҳои кадрии муносиб барои ҳифзи ҳуқуқҳо ва ҷавоб гардонидан ба ниёзҳои кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда мавҷуд бошанд. Меъёрҳои фарҳангӣ ва меъёрҳои ҷамъиятӣ ( ва дар ҷомеа қабул гардида) ба тартиботи (механизмҳои) татбиқи низоми адлияи ноболиғон таъсири назаррас мерасонанд. Бинобар ин, иртибот ва чораҳои пешбарӣ бо мақсади ҷалб намудани васоити ахбори омма ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди ҳифзи кӯдак дар амали кардани тағйироти мусбӣ нақши муҳимро мебозад.

Раванди ислоҳоти низоми адлияи ноболиғон бояд дар асоси бархурди ҳуқуқи инсон тартиб дода шавад, ки на танҳо ба беҳтар намудани малакаҳои нафарони салоҳиятнок дар иҷро намудани ӯҳдадории худ оид ба эҳтиром, ҳифз ва таъмини ҳуқуқҳои кӯдак равона гардидааст, балки инчунин барои мустаҳкам кардани иқтидори дорандагони ин ҳуқуқҳо дар самти талаб кардан ва татбиқ намудани ҳуқуқҳои худ пешбинӣ шудааст. Аз ин лиҳоз, кӯдакон бояд ҳамчун ҳомии калидии ҳифзи худ ба воситаи донишу огоҳӣ оид ба ҳуқуқҳои худ ва усулҳои самарабахши пешгирӣ ва баррасии хатарҳо дониста шаванд. Ҳамин тавр, бояд механизмҳои хоса барои иштироки кӯдакон дар таҳия ва татбиқи қонунҳо, саёсатҳо ва

---

22 Кумитаи ҳуқуқи кӯдак таъкид мекунад, ки давлатҳо ниёз ба бархурди фарогир барои адлияи ноболиғон ва барои гузаронидани ислоҳоти васеи адолати судии ҷиноятӣ ва чораҳои иҷтимоӣ нисбат ба кӯдакони бо қонун дар мухолифатбула доранд. Нигаред ба: Кумита оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, *Ҳуқуқҳои кӯдакон дар адлияи ноболигон,* 25 апрели соли 2007 (CRC/C/GC/10).

барномаҳои ба пешбарии ҳуқуқҳои онҳо равонагардида таъсис дода шаванд.

Гурӯҳи мақсадноки Қонуни намунавии мазкур васеъ (калон) аст. Он таваҷҷӯҳи хоса ба нақшбозони асосии ҷараёни адлияи ноболиғон, ба монанди қонунгузоронон, ки бо таҳия ва такмили қонунҳои адлияи ноболиғон машғуланд, зоҳир менамояд. Сиёсатмадорон низ ба гурӯҳи мақсадноки Қонуни намунавии мазкур дохил мешаванд, зеро онҳо нақши асосиро дар таъсис ва ислоҳоти низоми адлияи ноболиғон тавассути тарҳрезӣ намудани фаъолиятҳои гуногун мебозанд. Гурӯҳи сеюме, ки Қонуни намунавии мазкур ба он таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад аз кормандони амалӣ, ба мисоли судяҳо, прокуророн, кормандони муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, кормандони ташкилотҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ва вакилони дифоъ (ҳуқуқшиносон) иборат аст. Ин Қонуни намунавӣ барои такмил додани фаҳмиши он кормандони амалие, ки дар ҷараёни адлияи ноболиғон иштирок мекунанд, оид ба истифода ва татбиқи стандартҳо ва меъёрҳои байналмилалии адлияи ноболиғон дар чаҳорчӯбаи миллӣ мусоидат мекунад. Ниҳоят, Қонуни намунавии мазкур метавонад ба шахсоне, ки ёрии техникӣ мерасонанд ва донишҷӯёни соҳаи ҳуқуқшиносӣ саросари дунъё дар самти шиносоӣ бо чаҳорчӯбаи ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба адлияи ноболиғон ва ҷараёни истифода ва татбиқӣ он дар қонунгузории миллӣ муфид бошад.

# МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА (ғайриҳатмӣ) .......... 14

ФАСЛИ (САРЛАВҲАИ) I: МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ .......... 16

БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ АСОСӢ .......... 16

**Моддаи 1. Ном .......... 16**
**Моддаи 2. Ҳадаф .......... 16**
**Моддаи 3. Мафҳумҳо .......... 16**
**Моддаи 4. Доираи амали Қонуни мазкур .......... 17**

БОБИ 2. САЛОҲИЯТҲО .......... 17

**Моддаи 5. Суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] .......... 17**
**Моддаи 6. Прокуророни махсус оид ба кор бо кӯдакон [ноболиғон] .......... 18**
**Моддаи 7. Шуъбаҳои [идораҳои] махсуси полис .......... 18**
**Моддаи 8. Муассисаҳои таъминоти иҷтимоӣ .......... 18**

БОБИ 3. ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ .......... 18

**Моддаи 9. Синни ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ .......... 18**
**Моддаи 10. Манъ будани ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани кӯдак ҳангоми содир намудани ҳуқуқвайронкунии вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ 19**
**Моддаи 11. Муайян намудани синну сол .......... 19**
**Моддаи 12. Муайян намудани шахсият .......... 19**

ФАСЛИ (САРЛАВҲАИ) II : АДОЛАТИ СУДӢ НИСБАТИ НОБОЛИҒОН .......... 20

БОБИ 1. ПРИНСИПҲОИ АДОЛАТИ СУДӢ НИСБАТИ НОБОЛИҒОН .......... 20

**Моддаи 13. Принсипҳои умумӣ .......... 20**
**Моддаи 14. Татбиқи ҳуқуқҳои мурофиавӣ .......... 21**

БОБИ 2. ЧОРАҲОИ АЛТЕРНАТИВАИ МУРОФИАИ СУДӢ [ЧОРАҲОИ БАРТАРАФКУНӢ АЗ НИЗОМИ АДЛИЯ] .......... 21

**Моддаи 15. Ҳадафи чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои бартарафкунӣ аз низоми адлия] .......... 21**
**Моддаи 16. Татбиқи чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои бартарафкунӣ аз низоми адлия] .......... 22**

**Моддаи 17. Шартҳо барои чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои бартарафкунӣ аз низоми адлия] ............................................ 22**
**Моддаи 18. Чораҳои эҳтимолии алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои бартарафкунӣ аз низоми адлия] ............................................ 23**
**Моддаи 19. Иҷрои чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои бартарафкунӣ аз низоми адлия] ............................................ 23**
**Моддаи 20. Риояи накардани чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои бартарафкунӣ аз низоми адлия] ............................................ 24**

БОБИ 3. ИСТЕҲСОЛОТИ ПЕШ АЗ СУДӢ (ТАРТИБИ ПЕШБУРДИ АДОЛАТ ДАР МАРҲИЛАИ ПЕШ АЗ СУДӢ .......... 20

**Моддаи 21. Ҳуқуқ ба маълумот ҳангоми дастгир кардан ё ба ҳабс гирифтан ............................................ 24**
**Моддаи 22. Манъи истифодаи қувваи ҷисмонӣ ва воситаҳои мутеъкунӣ ............................................ 25**
**Моддаи 23. Ҳуқуқ ба ҳузури падару модар ё васии қонунӣ ............ 25**
**Моддаи 24. Ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ ............................................ 26**
**Моддаи 25. Ҳуқуқ ба тарҷумон ............................................ 26**
**Моддаи 26. Ҳуқуқ ба ёрии консулӣ ............................................ 27**
**Моддаи 27. Дар макони ҳабси пешакии полисполис таҳти назорат нигоҳ доштан [ҳабс пеш аз муқаррар намудани гуноҳ] .................... 27**
**Моддаи 28. Мавриди пурсиш қарор додан аз ҷониби полис [прокурор]27**
**Моддаи 29. Кофтукови номаҳрамонаи кӯдак..................................... 28**
**Моддаи 30. Кофтукови маҳрамонаи кӯдак ........................................ 28**
**Моддаи 31. Гирифтани намунаи номаҳрамона аз кӯдак ................... 29**
**Моддаи 32. Гирифтани намунаи маҳрамона аз кӯдак ........................ 29**
**Моддаи 33. Аз ҳабс озод намудани кӯдак .......................................... 30**
**Моддаи 34. Татбиқи чораҳои алтернативӣ дар ҳабси пешакӣ ........... 30**
**Моддаи 35. Ҳабси пешакӣ ..................................................................... 31**
**Моддаи 36. Шартҳои ҳабси пешакӣ ..................................................... 31**
**Моддаи 37. Аз нав баррасӣ намудани ҳабси пешакӣ ........................... 31**

БОБИ 4. МУРОФИАИ СУДӢ ............................................ 32

**Моддаи 38. Ҳуқуқ ба суди одилона ва босуръат................................. 32**
**Моддаи 39. Ҳуқуқ ба маълумот пеш аз суд ........................................ 32**
**Моддаи 40. Маҳдудият дар истифодаи дастбандҳо ва дигар воситаҳои техникии маҳдудкунандаи ҳаракат ............................................ 32**
**Моддаи 41. Ҳуқуқ барои иштироки падару модар ё васии қонунӣ дар суд ............................................ 33**
**Моддаи 42. Ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ ва консулӣ дар ҷараёни тафтишот ва мурофиаи судӣ ............................................ 33**
**Моддаи 43. Ҳуқуқ ба хизмати тарҷумон дар мурофиаи судӣ .............. 33**
**Моддаи 44. Ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ дар ҷараёни мурофиаи судӣ ............................................ 33**

**Моддаи 45. Ҳуқуқ ба иштирок дар мурофиаи судӣ** ............................ 34
**Моддаи 46. Ҳуқуқ барои шунидани далелҳо**......................................... 34
**Моддаи 47. Ҳуқуқ ба маҷбуран нишондод надодан ва ба гуноҳи худ иқрор нашудан**.................................................................................. 34
**Моддаи 48. Ҳуқуқ ба овардани эътироз** ............................................ 35
**Моддаи 49. Қатъ карда шудани парвандаи ҷиноятӣ (мурофиаи судӣ)**............................................................................ 35

БОБИ 5. БАРОВАРДАНИ ҲУКМ ........................................................ 35

**Моддаи 50. Ҳадафи баровардани ҳукм**............................................... 35
**Моддаи 51. Принсипҳои баровардани ҳукм**......................................... 35
**Моддаи 52. Гузориши тафтишоти иҷтимоӣ [гузориш оид ба шахсият ва вазъи зиндагии судшаванда]** ............................................................ 36
**Моддаи 53. Ҳукми айбдокунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ**.................... 36
**Моддаи 54. Татбиқи ҳукми айбдокунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ** ..... 37
**Моддаи 55. Ҳукми айбдоркунӣ бо маҳрум кардан аз озодӣ**.................. 38
**Моддаи 56. Ҳукмҳои манъ кардашуда** ................................................. 38
**Моддаи 57. Доғи судӣ** ........................................................................... 39

БОБИ 6. КӮДАКОН ЗЕРИ ҲУКМИ МАҲРУМ КАРДАН АЗ ОЗОДӢ ................................................................................................ 39

**Моддаи 58. Ҳадафи ҳабс кардан [маҳрум кардан аз озодӣ]** ................. 39
**Моддаи 59. Принсипҳои ҳабс кардан [маҳрум кардан аз озодӣ]** ......... 39
**Модда 60. Қабул гардидан ба ҷои маҳрумӣ аз озодӣ**............................ 39
**Моддаи 61. Ҷудо кардан ба гурӯҳҳо дар асоси синну сол ва намудҳои ҷиноят, ва аз шахсони болиғ** ................................................................. 40
**Модда 62. Ҳуқуқи духтарон ва кӯдакони эҳтиёҷоти махсусдошта**...... 40
**Моддаи 63. Ҳуқуқ ба дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ**...................... 40
**Моддаи 64. Муҳити ҷисмонӣ, ҷои истиқомат ва хӯрок**......................... 41
**Моддаи 65. Таҳсилот ва омӯзиши касб** ................................................. 42
**Моддаи 66. Имкониятҳо барои кор** ........................................................ 42
**Моддаи 67. Истироҳат ва барқароркунии саломатӣ** ............................ 43
**Моддаи 68. Озодии дин, виҷдон ва ифрози ақида** ................................. 43
**Моддаи 69. Робита бо оила ва ҷаҳони беруна** ....................................... 43
**Моддаи 70. Таъминоти кадрӣ** .................................................................. 44
**Моддаи 71. Чораҳои таъсиррасони интизомӣ** ....................................... 44
**Моддаи 72. Истифода аз қувваи ҷисмонӣ ва маҳдудкунии ҷисмонӣ** ... 45
**Моддаи 73. Кофтукови маҳрамона ва номаҳрамона дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ** ....................................................................................... 45
**Моддаи 74. Низоми тафтишоти мунтазам ва мустақил**....................... 45
**Моддаи 75. Шикоятҳо ва дархостҳо** ..................................................... 46
**Моддаи 76. Интиқоли кӯдаки маҳкумшуда ба муассисаи дигари иҷрои ҷазои ҷиноятӣ** ....................................................................................... 46

БОБИ 7. ЧОРАҲОИ ТАРБИЯВӢ, ИСЛОҲКУНАНДА ВА ҲАМГИРОӢ БАРОИ ШАХСОНИ АЗ ҲАБС ОЗОДШУДА ............ 47

**Моддаи 77. Омодагӣ ба озод кардан ...................................................... 47**
**Моддаи 78. Пеш аз мӯҳлат озод кардан ................................................ 47**
**Моддаи 79. Озодкунии шартӣ .................................................................. 48**
**Моддаи 80. Озод кардан дар асоси тараҳҳум ........................................ 49**
**Моддаи 81. Дастгирӣ ва назорат баъди озод кардан............................. 49**

# Қонуни намунавӣ оид ба адлияи ноболиғон ва тафсири он

## ҚОНУНИ НАМУНАВӢ

## МУҚАДДИМА (ғайриҳатмӣ)

БО НАЗАРДОШТИ чор принсипи асосии Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак: принсипи табъиз накардан, сарфи назар аз нажод, ранги пӯст, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, ақидаи сиёсӣ ва ақидаи дигар, асли миллӣ, этникӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молӣ, маҳдудияти саломатӣ ва таваллуди кӯдак, падару модар ё сарпарасти қонунии ӯ ё ягон ҳолатҳои дигар (Моддаи 2); манфиатҳои воҷиби кӯдак ҳамчун мулоҳизаи аввалиндараҷа дар тамоми амалҳое, ки нисбати кӯдак андешида мешавад (Моддаи 3); ҳуқуқи кӯдак ба зиндагӣ ва инкишоф (Моддаи 6); ҳуқуқи кӯдак ба иштирок дар қабули қарорҳои ба ӯ дахлдошта, ва хусусан, таъмин намудани имконият барои баён намудани ақидаи худ дар ҷараёни ҳама гуна тафтишоти судӣ ё маъмурие, ки ба кӯдак дахл доранд (Моддаи 12).

БО ЭЪТИРОФИ ОН, ки (номи кишвар) кишвари аъзои Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва санадҳои минтақавӣ, хоҳишманди татбиқи муқаррароти он ва таъсиси низоми адлияи ноболиғон мебошад.

БО ИНСТИНОД БА доираи байналмилалии асосҳои ҳуқуқии адолати судӣ нисбати ноболиғон, аз ҷумла Дастури Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҷинояткории ноболиғон (Дастури Ар-Риада), Қоидаҳои стандартии ақалии Созмони Милали Муттаҳид бар бораи ба роҳ мондани адлияи ноболиғон (Қоидаҳои Пекин), Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳифзи ноболиғони аз озодӣ маҳрумшуда (Қоидаҳои Гаванна) ва Дастур оид ба фаъолият дар самти кӯдакон дар низоми адолати ҷиноятӣ (Дастури Вена), ва инчунин Принсипҳои асосии Созмони Милали Муттаҳид оид ба истифода намудани барномаҳои адолати барқароркунанда дар корҳои ҷиноятӣ;

БО ЭЪТИРОФИ он, ки (номи кишвар) ӯҳдадор аст мушкилотҳои инкишофи кӯдакон ва эҳтиёҷоти кӯдаконро баррасӣ намояд;

БО ЭЪТИРОФИ он, ки низоми мавҷудаи адлия нисбати ноболиғон кӯдаконро ба куллӣ ҳифз наменамояд;

БО ТАМАННОИ он, ки муносибат бо кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда бояд бо эҳтироми шаъну шарафи онҳо ба роҳ монда шавад;

БО НАЗАРДОШТИ зарурати паст кардани дараҷаи аз ҳад зиёди истифодабарӣ аз ҳабс;

БО НАЗАРДОШТИ синну соли кӯдак ва иқтидори инкишофёбандаи ӯ;

БО НАЗАРДОШТИ зарурат барои баланд бардоштани сатҳи эҳтиром ба ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосии кӯдакон дар ҷомеа;

БО НАЗАРДОШТИ он, ки ҳадафи адлияи ноболиғон ҳамгироии кӯдак ва таъмини мавқеи қавии ӯ дар ҷомеа мебошад;

БО ИНСТИНОД БА зарурати ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, аз ҷумла ҳуқуқи ӯ ба ҳаёти шахсӣ;

ВА БО НАЗАРДОШТИ зарурат ба қонуни таъсирбахш, одилона ва шаффофе, ки эҳтиром ба ҳуқуқҳои кӯдакро муқаррар месозад, хушунатро нисбати кӯдакон манъ мекунад ва маҳрум сохтан аз озодиро ҳамчун чораи охирин ва барои мӯҳлати кӯтоҳтарини муносиб муқаррар мекунад;

(иборахои муқарракунандаро ворид кунед)

## ФАСЛИ (САРЛАВҲАИ) I: МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ АСОСӢ

**Моддаи 1. Ном**

Қонуни мазкур Қонун дар бораи адлияи ноболиғон номгузорӣ карда мешавад (таърихи рӯзро ворид кунед).

**Моддаи 2. Ҳадаф**

Ҳадафи Қонуни мазкур муқаррар намудани доираи муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба адлияи ноболиғон, дар мувофиқа бо Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва дигар стандартҳо ва меъёрҳои байналмилалие, ки ба таъмин намудани ҳуқуқҳои кӯдак, ҳамгироии кӯдак ва мавқеи қавӣ пайдо намудани вай дар ҷомеа равона шудаанд, мебошад.

**Моддаи 3. Мафҳумҳо**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- *“Айбдоршаванда”* – айбдоркунии кӯдак дар содир намудани ҷиноят, ҳангоме, ки кормандони полис, сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва прокуратура ӯро расман бо содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноӣ гунаҳгор мекунанд;
- *“Кӯдак”* – шахсе, ки аз синни фаорорасии ҷавобгарии ҷиноятӣ калонтар ва аз синни 18 хурдтар аст;
- *“Кӯдаки бо қонун дар мухолифатбуда”* – кӯдаке, ки барои содир кардани ҷиноят гумонбар ё айбдор ҳисобида ва ё содиркунандаи чунин ҳуқуқвайронкунӣ дониста мешавад;
- *“Мақомоти салоҳиятнок”* – мақомоти салоҳиятнок як қисми низоми адлия нисбати ноболиғон мебошанд, ки бо масъалаи баррасишаванда сару кор доранд;
- *“Маҳкумшуда”* – кӯдак дар он ҳолат маҳкумшуда дониста мешавад, ки бо қарори суд барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ гунаҳгор дониста шавад;
- “*Васӣ-намоянда дар кори судӣ” (“curator ad litem”)* – шахсе, ки аз ҷониби суд барои намояндагӣ намудани кӯдак ва манфиатҳои воҷиби ӯ дар мавриди набудани падару модар ва васии қонунии кӯдак таъин карда мешавад;
- *“Маҳрум сохтан аз озодӣ”* – ҳамаи намуди бо қарори мақомоти судӣ, маъмурӣ ё дигар мақомоти салоҳиятноки давлатӣ ба ҳабс гирифтан ё нигоҳдорӣ дар ҳудуди муайяни ташкилотҳои давлатӣ ё хусусӣ, ва ё муассисае, ки аз он ҷо бо ихтиёри худ рафтани кӯдак манъ карда шудааст;
- *“Ба ҳабс гирифтан”* - мафҳуми дигар (алтернативӣ) барои маҳрум сохтан аз озодӣ;
- *“Ёрии ҳуқуқӣ”* – барои ҳадафи Қонуни мазкур мафҳуми “ёрии ҳуқуқӣ” машварати ҳуқуқӣ, кӯмак ва намояндагӣ барои кӯдакони бо қонун дар мухолифат бударо дар бар мегирад;

- *“Васии қонунӣ”* – шахсе, ки мувофиқи қонун ё қарори суд ӯҳдадории падару модарро дар назди кӯдак ба ӯҳда дорад.

**Моддаи 4. Доираи амали Қонуни мазкур**

(1) Қонуни мазкур дар тамоми қаламравӣ (номи кишварро гузоред) амал мекунад.

(2) Амали қонуни мазкур нисбат ба ҳамаи кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда, ки аз синни фаворасии ҷавобгарии ҷиноятӣ калонтар ва аз синни 18 сола хурдтар мебошанд ва дар (номи кишвар) зиндагӣ мекунанд ё дар қаламрави (номи кишвар) қарор доранд татбиқ мегардад.

(3) Қонуни мазкур аз (сана) мавриди амал қарор дода мешавад.

**Ба тариқи дигар (варианти дигар)**

(4) Қонуни мазкур санаи аз ҷониби [номи мақомоти салоҳиятнок] [мувофиқи Қарори [номи мақомоти салоҳиятнок]] муқараршуда мавриди амал қарор дода мешавад.

(5) Муқаррароти қонуни асосии ҷиноятӣ танҳо дар он маврид татбиқ мегардад, ки бо Санади мазкур дар мухофилат набошад.

## БОБИ 2. САЛОҲИЯТҲО

**Моддаи 5. Суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон]**

(1) Суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] дар асоси қонун дар ҳар як ноҳия [минтақа] [минтақаи маъмурӣ] таъсис дода мешаванд.

(2) Суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] дорои ҳуқуқи ҳалли масъалаҳои юридикии фавқулода барои баррасии парвандаҳои кӯдакони бо ҳуқуқвайронкунии ҷоноятӣ айбдоршаванда мебошад.

(3) Танҳо судяҳои махсус [соҳибдиплом] [таъиншуда] [махсус дар ин самт омӯзонидашуда] оид ба кор бо ноболиғон дар суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] фаъолият мекунанд.

(4) Дар ҳолати содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ аз ҷониби кӯдак дар якҷоягӣ бо шахси болиғ, парвандаи кӯдак дар суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] баррасӣ мегардад ва ҳукми ӯ дар асоси Қонуни мазкур бароварда мешавад.

**(5)** Дар ҳолати содир кардани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ аз ҷониби кӯдак ва оғоз гардидани мурофиаи судӣ баъд аз ба синни 18 сола расидани ӯ, парвандаи ӯ дар суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] баррасӣ мегардад.

(6) Суди [палатаи] апелятсионӣ дар суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон], ки аз [шумораи судяҳо] судяҳои махсус [соҳибдиплом] [таъин гардида] оид ба кор бо ноболиғони дорои ҳуқуқи ҳалли масъалаҳои юридикии тамоми муроҷиатҳо ва шикоятҳои дар Қонуни мазкур пешбинишуда иборат аст, таъсис дода мешавад.

**Моддаи 6. Прокуророни махсус оид ба кор бо кӯдакон [ноболиғон]**

(1) Идораҳои прокуророни махсус барои кӯдакон [ноболиғон] дар асоси қонун дар ҳар як ноҳия [минтақа] [минтақаи маъмурӣ] таъсис дода мешаванд.

(2) Дар минтақае, ки идораи прокурор оид ба кор кӯдакон вуҷуд надорад, прокурори махсус барои кор бо кӯдакон таъин мегардад, ки танҳо ба баррасии парвандаҳои ҷинояткорони ноболиғ вазифадор мешавад.

**Моддаи 7. Шуъбаҳои [идораҳои] махсуси полис**

(1) Шуъбаҳои [идораҳои] махсуси полис дар ҳар як идораи полис таъсис дода мешаванд, ки дар он танҳо кормандони махсус [соҳибдиплом] [таъингардида] ва оид ба кор бо кӯдакон омӯзонидашудаи полис, кор мекунанд.

(2) Дар минтақае, ки шуъбаҳои [идораҳои] махсуси полис вуҷуд надорад, кормандони полиси махсус оид ба кор бо кӯдакон таъин мегарданд, ки танҳо ба баррасии корҳои ҷинояткории ноболиғон вазифадор мешаванд.

**Моддаи 8. Муассисаҳои таъминоти иҷтимоӣ**

Кормандони махсус омӯзонидашудаи муассисаҳои таъминоти иҷтимоӣ ба суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон], идораҳои прокуророни махсус оид ба кор бо кӯдакон ва шуъбаҳои махсуси полис кӯмак мерасонанд ва дар ягҷоягӣ барои кор бо кӯдакон фаъолият мекунанд.

## БОБИ 3. ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ

**Моддаи 9. Синни ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ**

Ягон кӯдаки аз синни [синни ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ] хурдтар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

**Ба тариқи дигар**

(1) Ба таври қатъӣ дар назар дошта мешавад, ки кӯдаки аз синни [синни ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ] хурдтар наметавонад ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ содир намояд.

**Ба тариқи дигар**

(1) Тасмими раднашаванда оид ба он гирифта мешавад, ки кӯдаки аз синни [синни ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ] хурдтар наметавонад ҳуқуқвайронкуниии ҷиноятӣ содир намояд.

(2) Кӯдаки аз синни [синни ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ] калонтар барои гумонбар шудан барои содир намудани қонунвайронкуние, ки вай дар давраи аз синни ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ хурдтар буданаш содир карда аст, суд карда намешавад.

**Моддаи 10. Манъ будани ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани кӯдак ҳангоми содир намудани ҳуқуқвайронкунии вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ**

Ягон кӯдак барои содир намудани амале ё рафторе, ки дар ҳолати аз ҷониби шахси болиғ содир шуданаш ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ ҳисобида намешавад [ҳуқуқвайронкунӣ вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ], наметавонад ба ҳабс гирифта шавад [зери тафтишот қарор дода шавад], ба мурофиаи судӣ кашида шавад ё ки барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ ҷавобгар дониста шавад.

**Моддаи 11. Муайян намудани синну сол**

(1) Дар ҳолате, ки номуайянӣ оид ба синни соли кӯдак ҷой дошта бошад, суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] дар бораи то ҳадди имкон зудтар муайян намудани синну соли кӯдак қарор қабул мекунад.

(2) Суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] синну солро тавассути санҷиши пурраи тамоми маълумоти мавҷуда, бо таваҷҷӯҳи махсус ба ҳуҷҷатҳои мавҷуда ба мисли шаҳодатномаи таваллуд, ҳуҷҷати қайд дар мактаб, ҳуҷҷатҳои тиббӣ, баёноти падару модар ё кӯдак оид ба синну сол ва бо назардошти мулоҳизаи корманди тиббии соҳибдиплом муайян месозад.

(3) Агар баъд аз муайян намудани синну сол шубҳа оид ба синни гумонбаршаванда ва пастар ё баландар будани синни ӯ аз синни ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ боқӣ монад, ӯ аз синни ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ хурдтар дониста мешавад. Дар ҳолате, ки номуайянӣ оид ба кӯдак ё шахси болиғ будани гумонбаршаванда ҷой дошта бошад, ӯ кӯдак дониста мешавад ва вазъи ӯ дар доираи амали Қонуни мазкур оид ба адлия нисбати ноболиғон баррасӣ мегардад.

**Моддаи 12. Муайян намудани шахсият**

**(1)** Суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] шахсият, вазъи оилавӣ, иҷтимоии кӯдак ва муҳити ӯро тавассути коршиносон [номи муассисаи дахлдори таъминоти иҷтимоӣ] муайян месозад, то ин ки пеш аз баровардани ҳукм нисбат ба кӯдак аз шахсияти ӯ ва андозаи ӯҳдадории ҷиноии ӯ воқиф бошад.

**(2)** Дар ҳолате, ки суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] баъд аз ба анҷом расонидани санҷиши шахсият муайян месозад, ки кӯдак дорои касалиҳои руҳӣ мебошад ва ин барои ҷавобгарии ҷиноятӣ доштани ӯ мушкилӣ эҷод мекунад, кӯдак озод карда мешавад ва дар мавриди зарурӣ ба муассисаи махсус ва мустақили тиббӣ интиқол мегардад.

# ФАСЛИ (САРЛАВҲАИ) II: АДОЛАТИ СУДӢ НИСБАТИ НОБОЛИҒОН

## БОБИ 1. ПРИНСИПҲОИ АДОЛАТИ СУДӢ НИСБАТИ НОБОЛИҒОН

### Моддаи 13. Принсипҳои умумӣ

Адолати судӣ нисбати ноболиғон дар асоси принсипҳои асосии зерин амалӣ карда мешавад:

**(1) Табъиз накардан**

Муносибат бо кӯдаки бо қонун дар мухолифат буда бояд бидуни ягон намуди табъиз, сарфи назар аз нажод, ранги пӯст, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, ақидаи сиёсӣ ва ақидаи дигар, асли миллӣ, этникӣ, иҷтимоӣ ё авлодӣ, вазъи молӣ, маҳдудияти саломатӣ, вазъи саломатӣ ва таваллуди кӯдак, падару модар ё сарпарасти қонунии ӯ ё ягон ҳолатҳои дигар, сурат гирад.

**(2) Манфиатҳои воҷиби кӯдак**

Дар тамоми амалҳо нисбати кӯдак ё қабули қарорҳо дар асоси Қонуни мазкур таваҷҷӯҳи аввалиндараҷа ба манфиатҳои воҷиби кӯдак зоҳир карда мешавад.

(3) **Мутаносибӣ**

Тамоми чораҳо нисбати кӯдаки бо қонун дар мухолифатбуда мутаносибан ба ҳолат ва вазнинии ҷиноят ва вазъу эҳтиёҷоти таҳсилотӣ, иҷтимоии кӯдак ва дигар эҳтиёҷоти ӯ андешида мешаванд.

**(4) Аввлавияти чораҳои алтернативӣ нисбат ба мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия]**

Дар тамоми ҳолатҳои муносиб чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия] нисбат ба кӯдаки бо қонун дар мухолифатбуда баррасӣ карда мешавад. Тамоми чораҳои ғайрисудӣ ё амалҳои ҳамчун чораи алтернативии мурофиа судӣ истифодашуда [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия] эҳтироми қатъии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи қонунии кӯдакро таъмин менамоянд.

**Ба тариқи дигар (4)**

Дар тамоми ҳолатҳои муносиб, чораҳо нисбат ба кӯдаки бо қонун дар мухолифат буда мурофиаи судиро дар бар намегиранд. Тамоми чораҳои ғайрисудӣ ё амалҳои ҳамчун чораи алтернативии мурофиа судӣ истифодашуда, эҳтироми қатъии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи қонунии кӯдакро таъмин менамоянд.

**(5) Иштирок намудан**

Ҳар як кӯдаки бо қонун дар мухолифатбуда ҳуқуқ дорад дар қабули қарорҳои ба ӯ дахлдор ширкат варзад, ва хусусан, бо имконияти ибрози ақида дар рафти муҳокимаҳои судӣ ё маъмурӣ таъмин гардад. Ӯ ҳуқуқ дорад, ки ақидаи худро бевосита ё тавассути намояндаи [ё идораи муносиби] қонунӣ [ё дигар] иброз намояд ва назари ӯ бо назардошти синну сол ва камолоти вай ба инобат гирифта шавад.

**(6) Мурофиаи судии бетаъхир**

Амалҳо нисбат ба кӯдаки бо қонун дар мухолифатбуда дар асоси Қонуни мазкур аз марҳилаи нахустин босуръат ва бидуни таъхири нолозим татбиқ мегарданд.

(7) **Эҳтимолияти бегуноҳӣ**

Ҳар як кӯдаки бо қонун дар мухолифат буда ҳуқуқ дорад то исбот шудани гуноҳ мувофиқи қонун бегуноҳ ҳисобида шавад.

**Ба тариқи дигар (7)**

Ҳар як кӯдаки бо қонун дар мухолифатбуда ҳуқуқ дорад то исбот шудани гуноҳ аз ҷониби суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] бегуноҳ ҳисобида шавад.

**(8) Ҳабс кардан ҳамчун чораи охирин**

Ҳабс кардан танҳо ҳамчун чораи охирин нисбат ба кӯдаки бо қонун дар мухолифатбуда истифода мешавад, барои ӯ мӯҳлати кӯтоҳтарини муносиб муқаррар мегардад ва таҳти тафтиши (аз нав дида баромадани) такрорӣ қарор мегирад.

**Моддаи 14. Татбиқи ҳуқуқҳои мурофиавӣ**

(1) Ҳуқуқҳои кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда на камтар аз ҳуқуқҳои барои шахсони болиғи ҷиноят содиркарда пешбинишуда, мебошанд. Онҳо ҳуқуқ ба ҳифзи ва мурофиаи махсус дар ҳамаи марҳилаи ҷараёни адолати судӣ нисбати ноболиғон доранд.

(2) Ҳуқуқҳои зерини кӯдак дар ҷараёни мурофиаи судӣ амалӣ мегарданд: (а) ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ; (б) ҳуқуқ ба иттилоот; (в) ҳуқуқ ба истифодаи хизмати тарҷумон; (г) ҳуқуқ ба ҳузури падару модар ва (д) ҳуқуқ ба ёрии консулӣ.

## БОБИ 2. ЧОРАҲОИ АЛТЕРНАТИВАИ МУРОФИАИ СУДӢ [ЧОРАҲОИ БАРАТАРАФКУНӢ АЗ НИЗОМИ АДЛИЯ]

**Моддаи 15. Ҳадафи чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои бaратарафкунӣ аз низоми адлия]**

Ҳадафи чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия] аз пешгирии таъин намудани мурофиаи судӣ нисбат ба кӯдаки бо қонун дар мухолифатбуда ё мавқуф гузоштани мурофиаи судӣ, таъсир расонидан ба инкишофи мунтазами кӯдак, баланд бардоштани ҳисси масъулиятнокии шахсии ӯ баҳри мусоидат ба ҳамгироии кӯдак ва нақши созандаи ӯ дар ҷомеа иборат аст.

**Моддаи 16. Татбиқи чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия]**

**(1)** Дар тамоми ҳолатҳои муносиб ва матлуб мақомоти салоҳиятноке [полис] [прокуратура] [суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон]], ки бо баррасии парвандаи ҷиноятии кӯдакон сару кор доранд, истифодаи чораҳои алтернативаи мурофиаи судиро [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия] аз нуқтаи назари манфиати он ба ҳамгироӣ ва ҳифзи кӯдак, ҳуқуқҳои ҷабрдида, пешгирии ҷинояткорӣ ё ҳифзи ҷомеа дар муқоиса ба мурофиаи судӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

(2) Мақомоти салоҳиятнок [полис] [прокуратура] [суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] дар мавриди муқаррар намудани чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия] вазнинии ҷиноят, синни кӯдак, вазъият ва ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунии қаблиро ба инобат мегиранд.

**Моддаи 17. Шартҳо барои чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия]**

(1) Чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия] нисбат ба кӯдак дар мавриди ҷой доштани ҳолатҳои зерин муқаррар мешаванд:

(а) далели эътимоднок оид ба содир намудани ҷиноятe, ки кӯдак барои содир кардани он гумонбар шудааст;
ва

(б) ихтиёран ва озодона иқрор шудани кӯдак ва ба худ гирифтани ҷавобгарӣ.

(2) Чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия] бидуни розигии қонунии кӯдак ва дар ҳолати муносиб, падару модар ё васии қонунии ӯ муқаррар намешавад.

(3) Дар ҳолати вуҷуд надоштани падару модар ва васии қонунии кӯдак, дастрас набудани падару модар ва васии қонунии кӯдак ва ё мавҷуд будани ихтилофи манфиатҳо байни падару модар ё васии қонунӣ ва кӯдак, суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] васи-намоянда дар мурофиаи судиро таъин манамояд, ки дар навбати худ метавонад розигӣ ба чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия] диҳад.

(4) Пеш аз додани розигӣ:

(а) Бояд маълумоти дахлдор ва мушаххас оид ба моҳият, мазмун ва давомнокии чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия] ва оқибатҳои иҷро накардани чораҳои бартарафкунӣ аз низоми адлия ба кӯдак ва падару модар ё васии қонунии ӯ пешниҳод гардад;

(б) Имконияти гирифтани ёрии ҳуқуқӣ, баррасии бамаврид ва матлуб будани чораҳои алтернативаи мурофиаи судии [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия] пешниҳодгардида ба кӯдак таъмин мегардад.

**Моддаи 18. Чораҳои эҳтимолии алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия]**

(1) Чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия] метавонад инҳоро дар бар гирад:
   (а) барномаҳои адолати истиқрорӣ ба мисли миёнаравӣ байни ҷабрдида ва ҷинояткор, муҳокимаи гуруҳии оилавӣ ва чораҳои кори иҷтимоӣ;
   (б) огоҳии шифоҳӣ;
   (в) огоҳии расмӣ ба тарзи хаттӣ;
   (г) Машварат бо кӯдак ва оила
(2) Мақомоти салоҳиятнок [полис] [прокуратура] [суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон]] ваколат доранд оид ба адолати истиқрорӣ қарор қабул намоянд. Ҳадафи чунин қарор таъмини имконият ба кӯдак барои додани товони зарари ҷинояти худ ба шахси алоҳида, ҷамъият ва ҷомеа мебошад.
   (а) Чунин қарор то иҷрои ҳолатҳои зерин қабул намегардад:
      (i) розигии озоди кӯдак ва падару модари ӯ барои қабул чунин қарор ва
      (ii) асоснок ва мутаносиб будани шартнома оид ба товони зарар, ки аз ҷониби кӯдак баста мешавад;
      (iii) дар ҳолати вуҷуд надоштани падару модар, ё мавҷуд будани ихтилофи манфиатҳо байни падару модар ва кӯдак васинамоянда дар мурофиаи судӣ метавонад чунин розигӣ диҳад;
   (б) Чунин қарор метавонад аз кӯдак талаб кунад, то ӯ:
      (i) ба содир намудани ҷиноят иқрор шавад ва оқибати ҷиноятро ба ҷабрдида дарк кунад;
      (ii) товони зарари ба ҷабрдида, ҷамъяият ва ҷомеа расонида шударо диҳад;
      (iii) аз ҷабрдида узр пурсад;
      (iv) амалҳои бо ҷабрдида ё ҷамъият мувофиқа шударо иҷро намояд.
(3) Чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия] асоснок ва мутаносиб ба ҷиноят мебошанд.

**Моддаи 19. Иҷрои чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия]**

(1) Нисбат ба ҳуқуқвайронкунии ҷиноятие, ки чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия] барои он муқаррар гардидааст ва аз ҷониби кӯдак иҷро шудааст, ҳукми дигаре бароварда намешавад.
(2) Кӯдаке, ки чораҳои алтернативаи мурофиаи судиро [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия] иҷро кардааст ҳамчун маҳкум кардашуда барои ҳуқуқвайронкунии ҷиноӣ ва шахси доғи судӣ дошта ҳисобида намешавад.

**Моддаи 20. Риояи накардани чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия]**

(1) Дар ҳолате, ки кӯдак шартҳои чораҳои алтернативаи мурофиаи судиро [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия] вайрон мекунад, мақомоти салоҳиятнок [полис] [прокуратура] [суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон]] метавонад мурофиаи судиро нисбат ба кӯдак таҷдид кунад, ва қисми чораҳои аз ҷониби кӯдак иҷрошударо дар баровандани ҳукм ба инобат гирад.

(2) Гирифтани ӯҳдадорӣ барои ҷинояти эҳтимолӣ бо мақсадаи татбиқи чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия] нисбат ба кӯдак дар суд истифода намешавад.

## БОБИ 3. ИСТЕҲСОЛОТИ ПЕШ АЗ СУДӢ (ТАРТИБИ ПЕШБУРДИ АДОЛАТ ДАР МАРҲИЛАИ ПЕШ АЗ СУДӢ)

**Моддаи 21. Ҳуқуқ ба маълумот ҳангоми дастгир кардан ё ба ҳабс гирифтан**

(1) Ҳар як кӯдаке, ки дастгир ё ҳабс карда мешавад, фавран оид ба сабабхои дастгир шудан ё ба ҳабс гирифта шуданаш ва ҳуқуқҳои ӯ бо тарзи ба синну соли кӯдак ва сатҳи фаҳмиши ӯ муносиб маълумот дода мешавад.

(2) Корманди полиси [корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ] [муфаттиш] дахлдор фавран падару модар ё васии қонунии кӯдакро оид ба дастгир ё ҳабс карда шудани кӯдак бо пешниҳоди маълумоти зерин хабардор мекунад:

a. Барои чӣ кӯдак дастгир шудааст; ва

b. Дар куҷо кӯдак қарор дорад.

**Ба тариқи дигар** *[ба кишварҳое таалуқ дорад, ки дар онҷо кӯдак бояд бевосита ба суд бурда шавад]*

(2) Корманди полиси [корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ] [муфаттиш] дахлдор фавран падару модар ё васии қонунии кӯдакро оид ба дастгир ё ҳабс кардани кӯдак бо пешниҳоди маълумот оид ба сабабҳои дастгир кардан ва макони ҷойгиршавии кӯдак хабардор мекунад. Дар ҳолате, ки чунин ахборот расонида нашавад, корманди судии пешниҳод [таъин] карда шуда фавран, ҳангоми ворид шудани кӯдак ба суд, падару модар ё васии қонунии кӯдакро бо пешниҳоди маълумоти зерин хабардор мекунад:

(а) Барои чӣ кӯдак дастгир шудааст; ва

(б) Дар куҷо кӯдак қарор дорад.

(3) Агар хабардор кардани падару модар ё васии қонунӣ ғайриимкон бошад, корманди дахлдори полис [корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ] [муфаттиш] аз кӯдак маълумот оид ба дигар шахсоне, ки метавон хабардор намуд, ва дигар маълумоте, ки барои хабардор намудани падару модар ё васии қонунӣ мусоидат мекунад, дастрас менамояд.

(4) Агар хабардор кардани чунин шахсон ғайриимкон бошад, корманди полиси [корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ] [муфаттиш] дахлдор

фавран [номи муассисаи таъминоти иҷтимоии дахлдор]-ро хабардор мекунад.

**Моддаи 22. Манъи истифодаи қувваи ҷисмонӣ ва воситаҳои мутеъкунӣ**

(1) Истифода аз қувваи ҷисмонӣ ва воситаҳои мутеъкунӣ аз ҷониби кормандони полис дар ҷараёни дастгир кардан ё ба ҳабс гирифтан ва ҳабси пешакӣ дар идораи полис, ба ғайр аз ҳолатҳои дар моддаи мазкур пешбинишуда, манъ аст.

(2) Истифода аз қувваи ҷисмонӣ ва воситаҳои мутеъкунӣ танҳо дар ҳолатҳои зерин аз ҷониби кормандони [кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ] [муфаттишон] метавонад ҷой дошта бошад:
   (а) дар мавридҳои махсус; ва
   (б) дар мавридҳое, ки ҳамаи усулҳои дигари назоратӣ истифода шуда, натиҷа надоданд.

(3) Дар доираи моддаи мазкур мавридҳои махсус ҳамчун ҳолатҳое, ки чорае барои пешгирӣ намудани кӯдак аз худмаҷруҳкунӣ, маҷруҳ кардани дигарон ё пешгирии кӯшиши фирор кардан талаб мекунанд, муқаррар карда мешавад.

(4) Истифода аз қувваи ҷисмонӣ ва воситаҳои мутеъкунӣ танҳо ба таври зерин сурат мегирад:
   (а) танҳо барои мӯҳлати кӯтоҳи муносиби вакт истифода мешавад;
   (б) мутаносибан ба вазъ; ва
   (в) ба тарзе, ки сабабгори таҳқир ва паст задани обрӯ мешавад, истифода намегардад

(5) Воситаҳои зерини мутеъкунӣ нисбат ба кӯдак истифода намешаванд:
   (а) силоҳ (аслиҳа) ва кордҳо;
   (б) дастбанд, , занҷирҳо, кишани даст_ва завлона;
   (в) куртаҳои дафъи ҷунун;
   (г) соскан ва дигар воситаҳои техникии амсоли он;
   (д) пошдиҳаки газӣ ва аэрозолӣ, маводҳо ва пошдиҳакҳои ба ин монанд;
   (е) истифода аз  усулхои расонидани дарди ҷисмонӣ

(6) Қувваи ҷисмонӣ ва воситаҳои мутеъкунӣ дар ягон маврид нисбат ба духтари ҳомиладор истифода намешаванд.

(7) Ҳама гуна истифодаи  қувваи ҷисмонӣ ва воситаҳои мутеъкунӣ дар китоби қайди расмӣ ба қайд гирифта мешавад ва барои тафтишот ба мақомоти ваколатдор дастрас мегардад.

(8) Бо худ гарифта гаштани силоҳ аз ҷониби кормандон дар ҷойҳои дастгир кардан ва ба ҳабс гирифтани кӯдак манъ аст.

**Моддаи 23. Ҳуқуқ ба ҳузури падару модар ё васии қонунӣ**

(1) Ҳар як кӯдаке, ки дастгир мегардад ё ба ҳабс гирифта мешавад:
   (а) ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки падару модар ё васии қонунии ӯ дар макони ҳабси ӯ ҳузур дошта бошанд;

(б) танҳо дар ҳузури падару модар ё васии қонунии ӯ оид ба гуноҳе, ки ба содир кардани он гумонбар шудааст, бозпурсӣ карда мешавад.

(2) Дар ҳолате, ки:

(а) бо падару модар ё васии қонунии кӯдак ба тамос баромадан дар муддати як соат [ду соат] баъд аз воридшавии кӯдак ба идораи полис имконнопазир аст; ё

(б) падару модар ва васии қонунии ӯ омадан ба идораи полисро рад мекунанд; ё

(в) кӯдак бо падару модар ё васии қонунии худ зиндагӣ намекунад ва намехоҳад, ки бо падару модар ё васии қонунии ӯ ба тамос бароянд; ё

(г) падару модар ё васии қонунии ӯ дар шарикӣ ба содир намудани ҷинояти мазкур гумонбар шудаанд;

корманди дахлдори полис [мақомоти ҳифзи ҳуқуқ] [муфаттиш] тадбире меандешад, ки [номи муассисаи муносиби таъминоти иҷтимоӣ] хабардор карда ва ба кӯдак дар идораи полис кӯмак расонида шавад.

**Моддаи 24. Ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ**

Кӯдаки дастгир карда шуда ё ба ҳабс гирифта шуда

(а) бо ёрии ҳуқуқии ройгон таъмин мегардад;

(б) то вақти аз ҷониби корманди полис [прократура] мавриди пурсиш қарор гирифтанаш метавонад бо намояндаи қонуниаш машварат кунад;

(в) танҳо дар ҳузури намояндаи қонунниаш оид ба ҷиноятe, ки барои содир кардани он гумонбар шудааст, бозпурсӣ карда мешавад.

**Ба тариқи дигар**

Кӯдаки дастгир кардашуда ё ба ҳабс гирифташуда бояд хабардор карда шавад, ки ӯ ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии ройгон дорад.

**Моддаи 25. Ҳуқуқ ба тарҷумон**

(1) Кӯдаки дастгир кардашуда ё ба ҳабс гирифташуда дар ҳолати нафаҳмидани забони муошират бо ёрии ройгони тарҷумон таъмин мегардад.

(2) Дар ҳолати лозим будани тарҷумон барои кӯдаки дастгир кардашуда ё ба ҳабс гирифташуда

(а) тарҷумон дар ҳамаи мавридҳои бозпурсии кӯдак бояд иштирок кунад ва

(б) ҳамаи далелҳои дар мавриди ҳузур надоштани тарҷумон ба даст овардашуда дар мурофиа судӣ ғайримақбул дониста мешаванд.

(3) Кӯдак ҳуқуқ дорад бо тарҷумон пеш аз бозпурсӣ бо мақсади муайян намудани он, ки ӯ тарҷумонро мефаҳмад ё не, мулоқот кунад.

**Моддаи 26. Ҳуқуқ ба ёрии консулӣ**

(1) Кӯдаке, ки шаҳрванди дигар кишвар аст ва дастгир карда ё ба ҳабс гирифта шудааст ҳуқуқ дорад фавран ва дар ҳар ҳолат пеш аз бозпурсӣ бо намояндагони дипломатӣ ва консулии кишвараш машварат кунад.

(2) Кӯдак агар шаҳванди кишваре бошад, ки намояндагии дипломатӣ ё консулӣ дар кишвари иқомат надорад, ба кӯдакони гуреза ва шахси бешаҳрванд иҷозат дода мешавад, то бо намояндаи дипломатии кишваре, ки манфиатҳои онҳоро намояндагӣ ва ҳимоя мекунад ё мақомоти давлатӣ ё байналмилалие, ки вазифадор аст кӯдаконро ҳифз намояд, мулоқот кунанд.

**Моддаи 27. Дар макони ҳабси пешакии полис таҳти назорат нигоҳ доштан [ҳабс пеш аз муқаррар намудани гунох]**

(1) Ҳангоме, ки кӯдак баъд аз дастгир шудан ё ба ҳабс гирифтан ба идораи полис оварда мешавад, ё ҳангоми ихтиёран ба идораи полис омаданаш дастгир ё ба ҳабс гирифта мешавад, маълумоти мушаххас оид ба кӯдак аз ҷониби корманди дахлдори полис [мақомоти ҳифзи ҳуқуқ] [муфаттиш] ба қайд гирифта мешавад.

(2) Кӯдак дар ҳуҷраи маҳкам кардашуда ё макони посбонишаванда ҷойгир карда намешавад, агар ӯ ба худаш ё ба дигарон хатар эҷод накунад.

**Моддаи 28. Мавриди пурсиш қарор додан аз ҷониби полис [прокурор]**

(1) Танҳо он кормандони полис [мақомоти ҳифзи ҳуқуқ] [муфаттишон], ки аз омӯзиши махсус оид ба кор бо кӯдакон гузаштаанд, кӯдакро дар бораи ҷинояте, ки барои содир намудани он ӯ гумонбар шудааст, пурсиш мегузаронанд.

(2) Ягон кӯдак наметавонад таҳти бозпурсӣ ё пурсиши маҷбурӣ қарор гирад.

(3) Ягон кӯдак маҷбур карда намешавад, то барои гунаҳгор буданаш икрор шавад ё гуноҳро эътироф кунад. Икроршавии бо чунин роҳ ба даст овардашуда аз ҷониби суди кӯдакон [суди ноболиғон] [суди ҷавонон] далели қобили қабул нисбат ба кӯдак дониста намешавад.

(4) Барои муайян намудани он, ки кӯдак барои икрор шудан ё гуноҳро эътироф кардан маҷбур карда шуд ё не, суд синну сол ва сатҳи камолоти кӯдак, мавридҳои истифода аз қувваи ҷисмонӣ, давомнокии пурсиш, ҳавасмандкунӣ ва чунин ҳолатҳои марбуте, ки суд зарур мешуморад, ба инобат мегирад.

(5) Ҳангоми пурсиш ва муайян намудани танаффусҳои муносиб дар давоми он кормандони полис [мақомоти ҳифзи ҳуқуқ] [муфаттиш] [прокурор] синну сол, сатҳи камолот ва ҳолатҳои шахсии кӯдакро ба инобат мегиранд.

(6) Кӯдак баъд аз соати 10-и шаб ва пеш аз соати 8-и субҳ мавриди пурсиш қарор дода намешавад.

(7) Кӯдак бо хӯрок ва нушокии муносиб бо назардошати вақти хӯрокхӯрӣ [ва на камтар аз ҳар 4 соат дар давоми рӯз] таъмин мегардад.
(8) Кӯдак бо ҳоҷатхона ва шароити дастурӯшӯӣ ва дигар ҳоҷату талаботи беҳдошт таъмин мегардад.

**Моддаи 29. Кофтукови номаҳрамонаи кӯдак**

(1) Кофтукови шахсии кӯдаки дастгир ё ба ҳабс гирифташуда танҳо аз ҷониби корманди полиси [мақомоти ҳифзи ҳуқуқ] [муфаттиши] бо кофтуковшаванда ҳамҷинс анҷом дода мешавад.
(2) Пеш аз кофтукови кӯдак, ӯ дар бораи -
(а) ҳадафи анҷом додани кофтукови шахсӣ; ва
(б) асосҳое, ки мувофиқи он ваколати дахлдор барои анҷом додани кофтуков дода шудааст, хабардор карда мешавад.
(3) Ҳамаи кофтуков ё тафтише, ки беш аз тафтиши қисми берунии бадани кӯдак, аз ҷумла даҳон ва мӯи кӯдак ё кашидани беш аз либоси рӯии кӯдакро дар бар мегирад, мувофиқи Моддаи 30 Қонуни мазкур анҷом дода мешавад.

**Моддаи 30. Кофтукови маҳрамонаи кӯдак**

(1) Дар ҳолати хоҳиши анҷом додани кофтукови маҳрамона кӯдак, чи тавре дар Моддаи 29 (3) муқаррар шудааст, корманди полис [мақомоти ҳифзи ҳуқуқ] [муфаттиш], бояд аз суди кӯдакон [суди ноболиғон] [суди ҷавонон] супоришнома (ордер) гирад. Супоришнома (ордер) маълумоти зеринро дар бар мегирад:
(а) номи суд ва имзои судяе, ки супоришнома (ордер) медиҳад;
(б) ном ва маълумот оид ба шахсе, ки нисбат ба ӯ супоришнома (ордер) дода шудааст ва вазифа ё рутбаи шахсе (шахсоне), ки барои анҷом додани кофтуков ваколатдор шудаанд;
(в) ҳадафи кофтуков;
(г) ҳуқуқвайронкунии ҷиноятие, ки барои содир кардани он шахс гумонбар шудааст;
(д) шарҳи далелҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ;
(е) мӯҳлати эътиборнокии супоришнома (ордер)
(2) Кофтукови маҳрамона танҳо дар мавридҳои зерин таъин мегардад:
(а) дар мавриде, ки тафтиш барои муайян намудани далели барои тафтишоти ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ муҳим бениҳоят зарур аст;
(б) ҳангоми муқаррар шудани он, ки далели хоса оид ба ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ метавонад дар бадани кӯдак пайдо шавад; ва
(в) ҳангоме, ки тафтиши тиббӣ ба саломатии кӯдак зарар намерасонад.

(3) Кофтукови маҳрамонаи кӯдак танҳо аз ҷониби корманди тиббии ё ҳамшираи тиббии соҳибдипломи бо кӯдак ҳамҷинс анҷом дода мешавад.
(4) Кофтукови маҳрамона танҳо дар ҷойҳои зерин анҷом дода мешавад:
   (а) ҷои махсуси барои ин мақсад дар идораи полис ҷудошуда;
   (б) беморхона;
   (в) ҳуҷраи корманди тиббии соҳибдиплом; ё
   (г) ҷои дигари бо сертификат тасдиқ кардашуда, ки барои корҳои тиббӣ истифода мешавад.
(5) Кофтукови маҳрамонаи кӯдак танҳо дар ҳузури падару модар ё васии қонунии ӯ анҷом дода мешавад.
(6) Дар ҳолате, ки кӯдак барои ҳузури падару модар ё васии қонуниаш розигӣ надиҳад, ё падару модар ё васии қонунии кӯдак ҳозир шуда натавонанд, намояндани [номи муассисаи муносиби таъминоти иҷтимоии] бо кӯдак ҳамчинс ширкат меварзад.

**Моддаи 31. Гирифтани намунаи номаҳрамона аз кӯдак**

Намунаи номаҳрамона аз кӯдак танҳо -
   (а) дар идораи полис ё ҷои дигаре, ки дар Дастурамал қайд гардидааст; ва
   (б) аз ҷониби корманди полиси [мақомоти ҳифзи ҳуқуқ] [муфаттиши] бо кӯдак ҳамҷинс гирифта мешавад.

**Моддаи 32. Гирифтани намунаи маҳрамона аз кӯдак**

(1) Намунаи маҳрамона аз кӯдак танҳо дар чунин ҳолатҳо гирифта мешавад:
   (а) дар мавриде, ки тафтиш барои муайян намудани далели барои тафтишоти ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ муҳим зарур аст;
   (б) ҳангоми муқаррар шудани он, ки далели хоса оид ба ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ метавонад дар бадани кӯдак пайдо шавад;
   (в) ҳангоме, ки тафтиши тиббӣ ба саломатии кӯдак зарар намерасонад.
(2) Супоришнома (ордер) барои гирифтани намуна бояд аз суди кӯдакон [суди ноболиғон] [суди ҷавонон] гирифта шавад.
(3) Намунаи маҳрамона аз кӯдак танҳо дар ҷойҳои зерин гирифта мешавад:
   (а) беморхона;
   (в) ҳуҷраи корманди тибии соҳибдиплом; ё
   (г) ҷои дигари бо сертификат тасдиқ кардашуда, ки барои корҳои тиббӣ истифода мешавад.
(4) Намунаи маҳрамона аз кӯдак танҳо аз ҷониби корманди тиббии ё ҳамшираи тиббии соҳибдипломи бо кӯдак ҳамҷинс гирифта мешавад.
(5) Намунаи маҳрамона аз кӯдак танҳо дар ҳузури падару модар ё васии қонунии ӯ гирифта мешавад, агар кӯдак худ талаб

накунад, ки падару модар ё васии қонунии ӯ ҳузур надошта бошанд.

(6) Дар ҳолати ҳозир шуда натавонистани падару модар ё васии қонунии кӯдак намояндани [номи муассисаи муносиби таъминоти иҷтимоии] бо кӯдак ҳамчинс ширкат меварзад.

**Моддаи 33. Аз ҳабс озод намудани кӯдак**

(1) Дар ҳолати бо ҷиноят айбдор карда шудани кӯдак аз ҷониби корманди полис [мақомоти ҳифзи ҳуқуқ] [муфаттиш] [прокурор], кӯдак бетаъхир озод карда шуда ба падару модар ё васии қонуниаш ба шарте супорида мешавад, ки ӯ бояд дар рӯзи муайянгардида ба идораи полис баргардад ё дар назди суд [-и салоҳиятдор] ҳозир шавад.

(2) Агар корманди полис [мақомоти ҳифзи ҳуқуқ] [муфаттиш] [прокурор] фикр кунад, ки кӯдак дар ҳолати озод шудан метавонад –

(а) ҷинояти вазнин содир кунад [ё ҷинояткори ислоҳнашаванда аст];

(б) барои худ ё дигарон хатар эҷод намояд;

(в) ба раванди иҷроиши адолати судӣ халал расонад ё ба шоҳидон дахолат кунад;

(г) аз раванди минбаъдаи мурофиаи судӣ раҳоӣ ёбад;

бояд дархост ба суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] бо хоҳиши қабул намудани қарор оид ба ҳабси пешакӣ [нигоҳ доштани дастгиршуда дар ҳабси пешакӣ] мувофиқи Моддаи 35 Қонуни мазкур, фиристода шавад.

(3) Кӯдаке, ки баъд аз дастгир ё ба ҳабс гирифта шудан дар идораи полис дар ҳабс нигоҳ дошта мешавад, мустақиман дар назди суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон], ки бо қонун барои иҷроиши ҳокимияти судӣ ваколатдор карда шудааст, на дертар аз 24 соат баъд аз дастгир ё ба ҳабс гирифта шуданаш ҳозир мегардад.

**Моддаи 34. Татбиқи чораҳои алтернативӣ дар ҳабси пешакӣ**

(1) Кӯдаки дар назди суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] ҳозиршуда, озод карда мешавад ва дар ҷараёни муқаррар намудани гуноҳ ва тафтишоти судӣ, дар доираи ҳолатҳои истисноии дар Моддаи 35 Қонуни мазкур муқарраргардида боқӣ мемонад.

(2) Пардохти маблағи муайян [супоридани гарав] ҳамчун шарти озод кардан аз кӯдак талаб карда намешавад.

(3) Суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] метавонад барои озод намудан шартҳо гузорад, ки аз –

(а) ҳозир шудан ба ҷои муайянгардида дар вақтҳои муайяни рӯз;

(б) давраи (соатҳои) комендантӣ;

(в) талабот оид ба сарукор надоштан ва алоқа накардани шахсони муайян;

(г) назорати қатъӣ;

(д) муоличаи ҷиддӣ; ё
(е) ҷойгир кардан бо оила ё оилаи фостерӣ метавонанд иборат бошанд.

(4) Дар ҳузури падару модар ё васии қонунӣ ва намояндаи қонунии ӯ ба кӯдак огоҳинома барои дар вақти муайянгардида ба суд баргаштан метавонад супорида шавад.

**Моддаи 35. Ҳабси пешакӣ**

(1) Дар ҳолатҳои истисноӣ суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] метавонад ҳукм оид ба ҳабси пешакӣ барорад, агар:
(а) кӯдак барои содир намудани ҷинояти вазнин тафтиш [айбдор] карда шавад [ё ҷинояткори ислоҳнашаванда бошад]; ва
(б) чунин ҳабс чораи охирин бошад; ва
(в) он зарур (ҳатмӣ) бошад:
(i) дар мавриде, ки кӯдак барои худ ё дигарон хатар эҷод намояд; ё
(ii) бо мақсади пешгирӣ намудани дахолат ба шоҳидон ё дигар роҳи халал расонидан ба раванди иҷроиши адолати судӣ;
(iii) барои таъмин намудани он, ки кӯдак аз раванди минбаъдаи мурофиаи судӣ раҳоӣ наёбад;

(2) Ҳабси пешакӣ барои мӯҳлати кӯтоҳтарини муносиб таъин карда мешавад.

(3) Ягон кӯдак барои давраи беш аз 3 моҳ дар ҳабси пешакӣ нигоҳ дошта намешавад. Ин давра танҳо як маротиба метавонад барои 3 моҳи дигар дароз карда шавад.

(4) Ҳабси пешакӣ наметавонад ба ивази чораҳои ҳифзи кӯдак, муоличаи руҳӣ ё хонаву дар надоштан таъин гардад.

(5) Ҳамаи давраи барои ҳабси пешакии кӯдак таъингардида дар доираи ҳукми баъдии аз озодӣ маҳрум кардан ҳисоб мегардад.

**Моддаи 36. Шартҳои ҳабси пешакӣ**

Кӯдак дар ҳабси пешакӣ-
(а) дорои ҳамаи ҳуқуқ ва кафолатҳои дар боби 6 Фасли [сарлавҳа] 11 муқарраршуда мебошад;
(б) ҳуқуқ дорад аз болои қарори суд оид ба ҳабси пешакӣ аризаи норизоӣ диҳад; ва
(в) бо дастрасии ройгон ба ҳимоятгар таъмин мегардад, то онҳо оид ба парванда омодагӣ бинанд ё аз болои қарор оид ба ҳабсӣ пешакӣ эътироз омода кунанд.

**Моддаи 37. Аз нав баррасӣ намудани ҳабси пешакӣ**

(1) Дар мавриди дар ҳабси пешакӣ будани кӯдак, суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] ҳар ду ҳафта чораи маҳрум кардан аз озодиро аз нав баррасӣ менамояд.

(2) Кӯдак дар давоми аз нав баррасӣ намудани ҳабси пешакӣ дар суд иштирок мекунад.

(3) Дар мавриди аз нав баррасӣ намудани ҳабси пешакӣ кӯдак бо ҳамроҳии намояндаи қонуниаш иштирок мекунад.
(4) Суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] танҳо дар он сурат қарор оид ба давомнокии ҳабси пешакӣ қабул мекунад, ки тарафи айбдоркунанда судро дар бораи вуҷуд доштани асоси кофӣ барои эътиборнок боқӣ мондани меъёрҳои Моддаи 35 Қонуни мазкур қонеъ кунонад.
(5) Суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] онро таъмин месозад, ки кӯдак якҷоя бо шахсони болиғ ва кӯдакони маҳкумшуда ҳабс нашудааст ва дар шароити муносиб муфовиқи Боби 8 дар поён зикргардида нигоҳ дошта мешавад. Агар шароити ҳабс муносиб набошад, кӯдак озод карда мешавад ё ба ҷои дигари алтернативии муносиб интиқол мегардад.

## БОБИ 4. МУРОФИАИ СУДӢ

### Моддаи 38. Ҳуқуқ ба суди одилона ва босуръат

(1) Ҳар як кӯдак ҳуқуқ ба суди одилона дар назди суди кӯдакон [ноболиғон][ҷавонон] дорад.
(2) Мурофиаи судӣ оид ба масъалаи ҳар як кӯдак бидуни таъхир ва дар ҳар ҳолат, на дертар аз 6 моҳ аз рӯзи айбдоршавӣ сурат мегирад.

### Моддаи 39. Ҳуқуқ ба маълумот пеш аз суд

Суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] пеш аз оғози мурофиа онро таъмин месозад, ки ба кӯдак ҳолатҳои зерин фаҳмонида шавад:

(а) хусусияти айбнома ва масъалаҳое, ки бояд пеш аз гунаҳгор эълон намудани кӯдак муайян карда шаванд;
(б) нақши судя;
(в) ҷараёни мурофиаи судӣ ва оқибати исбот шудани гуноҳ (гунаҳгор эълон намудани кӯдак);
(г) забони мурофиаи судӣ. Агар кӯдак забони мурофиаи судиро ба маънои дар Моддаи 42 (1) Қонуни мазкур муқарраргардида нафаҳмад, суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] тарҷумони ба талабот ва эҳтиёҷоти кӯдак ҷавобгӯро ба ӯ таъмин мекунад.

### Моддаи 40. Маҳдудият дар истифодаи дастбандҳо ва дигар воситаҳои техникии маҳдудкунандаи ҳаракат

Истифода аз дастбандҳо ва дигар воситаҳои техникии маҳдудкунандаи ҳаракат ҳангоми дар суд қарор доштани кӯдак ё интиқоли ӯ ба суд ё аз суд манъ аст, агар кӯдак барои худ ё дигарон хатар эҷод накунад.

**Моддаи 41. Ҳуқуқ барои иштироки падару модар ё васии қонунӣ дар суд**

(1) Падару модар ё васии қонунии кӯдак ҳуқуқ доранд дар суд [ҳамаи муҳокимаҳои он] ширкат варзанд, агар иштироки онҳо муқобили манфиатҳои воҷиби кӯдак ҳисоб нагардад.
(2) Агар падару модар ё васии қонунӣ дар суди [мурофиаи судӣ] [муҳокимаҳои судӣ] ба кӯдак тааллуқдошта ширкат наварзанд, суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] номзадии нозир-намоянда дар кори судиро [васи-намоянда дар кори судӣ] пешниҳод мекунад.

**Моддаи 42. Ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ ва консулӣ дар ҷараёни тафтишот ва мурофиаи судӣ**

(1) Ҳар як кӯдак ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии ройгон дар ҷараёни тафтишоти судӣ дорад.
(2) Агар кӯдак дар мавриди ба назди суд ҳозир шудан ва намояндаи қонунӣ надошта бошад, суд намояндаи қонуниро барои кӯдак ба таври ройгон таъин мекунад.
(3) Кӯдак ҳуқуқ дорад намояндаи қонунии худро озод кунад ва шахси дигарро бар ивази ӯ таъин намояд [таъин намудани шахси дигарро ба ҷои ӯ талаб кунад].
(4) Ҳар як кӯдак ҳуқуқ ба ёрии консулӣ дар ҷараёни тафтишоти судӣ дорад.

**Моддаи 43. Ҳуқуқ ба хизмати тарҷумон дар мурофиаи судӣ**

(1) Кӯдаке, ки забони дар мурофиаи судӣ истифодашавандаро намефаҳмад ва онро намедонад, ё кӯдаке ки гӯшаш кар аст, умуман гап зада наметавонад ё мушкилоти талаффуз ё маҳдудияти дигаре дорад, ки қобилияти муоширатии ӯро паст мекунад, ба хизмати тарҷумони дар кор бо кӯдакон маҳоратнок ба таври ройгон таъмин мегардад.
(2) Кӯдак ҳуқуқ дорад бо тарҷумон пеш аз мурофиаи судӣ вохурад ва боварӣ ҳосил кунад, ки ӯ тарҷумонро мефаҳмад.

**Моддаи 44. Ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ дар ҷараёни мурофиаи судӣ**

(1) Қоидаи умумӣ оид ба он, ки гузаронидани мурофиаи судӣ ба таври кушода бояд сурат гирад, ба мурофиаи судие, ки кӯдакро дар бар мегирад ва ба эътирозе муқобили ягон ҳукм ё қарори суд дар доираи мурофиа эътибор надорад.
(2) Ягон шахс дар мурофиаи суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] наметавонад ҳузур дошта бошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки иштироки ӯ бевосита дар доираи мурофиаи судӣ сурат гирад ё суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] барои иштироки ин шахс иҷозат дода бошад.
(3) Маълумоте, ки ба шахсияти кӯдак ишора мекунад, дар ягон намуди шифоҳӣ, хаттӣ, визуалӣ ё виртуалӣ чоп ва инъикос намегардад.

**Моддаи 45. Ҳуқуқ ба иштирок дар мурофиаи судӣ**

Суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон]:

(а) ба кӯдак иҷозат медиҳад, то бо ҳимоятгари худ дар ҳар лаҳзаи мурофиаи судӣ суҳбат кунад;

(б) онро таъмин месозад, ки забони дар суд истифодашаванда ба синну соли кӯдак ва фаҳмиши ӯ мувофиқ бошад;

(в) онро таъмин месозад, ки кӯдак дар ҷараёни мурофиа танаффуси ба синну сол, вазъи сломатӣ ва фаҳмишаш мувофиқ дошта бошад.

**Моддаи 46. Ҳуқуқ барои шунидани далелҳо**

(1) Ягон кӯдак ба таври ғоибона (бе ҳузури худаш) суд карда намешавад.

(2) Кӯдак ҳуқуқ дорад, то ҳамаи далелҳоро бишунавад ва дар тамоми давраи мурофиаи судӣ ҳузур дошта бошад, агар суд ба хулосае наояд, ки ҳузури ӯ ба зарари манфиати воҷиби кӯдак аст.

(3) Кӯдак ҳуқуқ дорад, то шоҳидони ба муқобили ӯ баромадкунандаро аз назар гузаронад ва инчунин талаб намояд, ки имконият барои ташриф ва азназаргузаронии шоҳидони аз номи ӯ баромадкунанда дар асоси шартҳои якхела бо шоҳидони ба муқобили ӯ баромадкунанда дода шавад.

**Моддаи 47. Ҳуқуқ ба маҷбуран нишондод надодан ва ба гуноҳи худ иқрор нашудан**

(1) Ҳар як кӯдак ҳуқуқ дорад, то дар ҷараёни мурофиаи судӣ:

(а) барои додани нишондод маҷбур карда нашавад;

(б) аз ҷавобгӯӣ ба саволҳои айбдоркунанда худдорӣ кунад.

**Ба тариқи дигар**

(1) Ҳар як кӯдак ҳуқуқ дорад дар ҷараёни мурофиаи судӣ хомӯш монад.

(2) Суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] хулосабарорӣ ба фоидаи тарафи муқобил намекунад ва кӯдак дар натиҷаи татбиқи ин ҳуқуқ [ҳуқуқҳо] гунаҳгор дониста намешавад.

(3) Ҳангоми хулосабарорӣ оид ба қабул намудани нишондоди кӯдак суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] синну соли кӯдак, сатҳи камолоти кӯдак, давомнокии пурсиш, сатҳи фаҳмиши кӯдак, тарс аз оқибатҳои номаълум ё эҳтимолияти аз озодӣ маҳрум шудан, ҳавасмандкунии пешниҳодгардида ҳузури падару модар ё васии қонунӣ [шахси болиғи муносиб ё ӯҳдадор] ва инчунин ширкат варзидан ё наварзидани намояндаи қонунии кӯдак дар мурофиаи судиро ба инобат мегирад.

**Моддаи 48. Ҳуқуқ ба овардани эътироз**

(1) Ҳар як маҳкумшуда ҳуқуқ дорад аз нав дида баромадани ҳукм ва чораҳои таъиншударо аз ҷониби суди [палатаи] апелятсионии суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] мувофиқи Моддаи 5 (6) Қонуни мазкур талаб намояд.

(2) Ҳар як кӯдак оид ба доштани ҳуқуқ барои овардани эътироз бо забони ба ӯ фаҳмо хабардор карда мешавад.

(3) Дар овардани эътироз ба ҳукми суд ҳар як кӯдак бо намояндаи қонунӣ ба таври ройгон таъмин мегардад.

**Моддаи 49. Қатъ карда шудани парвандаи ҷиноятӣ (мурофиаи судӣ)**

(1) Суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] ҳуқуқ дорад мурофиаи судиро ҳар лаҳза қатъ кунад ва пеш аз маҳкум кардан айбро аз кӯдак бардорад.

(2) Дар ҳолати бори аввал суд шудани кӯдак баъд аз айбдор карда шудан, суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] муайян мекунад, ки оё полис [прокурор] истифода аз чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлияро ба ҷои мурофиаи судӣ баррасӣ намуданд ё не.

(3) Агар суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] муайян созад, ки полис [прокурор] бо таваҷҷӯҳи кофӣ ва дақиқ имконияти истифода аз чораҳои алтернативаи мурофиаи судиро [чораҳои бартарафкунӣ аз низоми адлия] дар марҳилаи пеш аз мурофиаи судӣ баррасӣ накардаанд, суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] метавонад чунин чораро мувофиқи Боби 3 Фасли [сарлавҳа] II истифода кунад ва [парвандаро барои тафтишоти иловагӣ ба полис [прокурор] фиристонад].

(4) Суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] метавонад дар ҳар марҳилаи мурофиаи судӣ кӯдакро ба [номи муассисаи муносиби таъминоти иҷтимоӣ] барои ташхис бо мақсади муайян намудани эҳтиёҷоти кӯдак ба хизматрасонии ҳифзи иҷтимоии кӯдак фиристонад.

## БОБИ 5. БАРОВАРДАНИ ҲУКМ

**Моддаи 50. Ҳадафи баровардани ҳукм**

Ҳадафи баровардани ҳукм нисбат ба кӯдак аз ҷониби суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] мусодат ба офиятбахшӣ ва ҳамгироии кӯдак дар ҷомеа мебошад.

**Моддаи 51. Принсипҳои баровардани ҳукм**

Ҳар як суди кӯдаконе [суди ноболиғон] [суди ҷавонон], ки нисбат ба кӯдаки дар содир кардани ҳуқуқвайронкунии ҷоноятӣ гунаҳгор донисташуда ҳукм мебарорад, принсипҳои зеринро ба инобат мегирад:

(а) бо кӯдак бояд ба тарзе муносибат карда шавад, ки ба некӯаҳволии ӯ ҷавобгӯ бошад;

(б) ҳар як ҳукм нисбат ба кӯдак на танҳо мутаносибан ба ҳолат ва дараҷаи ҷиноят, балки инчунин ба ҳолати шахсӣ ва эҳтиёҷоти кӯдак баровarда шавад;

(в) ҳар як чора ба ҳамгироӣ ва нақши сазовор пайдо намудани кӯдак дар ҷомеа мусоидат намояд;
(г) ҳар як чора аз ҳама бештар барои кӯдак шароит фароҳам орад, ки ӯ рафтори ғайриқонунии худро дарк кунад;
(д) ҳар як чора ҳар чӣ камтар маҳдудкунанда бошад;
(е) аз озодӣ маҳрум кардан ҳамчун чораи охирин истифода шавад ва танҳо баъд аз баррасӣ намудани тамоми ҳукмҳои (чораҳои) дигар, ба ғайр аз ҳукми аз озодӣ маҳрум кардан ва аз ҷониби суд барои таъмини эҳтиёҷоти кӯдак ва бехатарии ҷомеа номуносиб муқаррар гардидани онҳо, таъин гардад;
(ё) баъд аз ҳар як маҳкумкунӣ нақшаи алоҳида барои ҳукми ҳар як нафар омода гардад.

**Моддаи 52. Гузориши тафтишоти иҷтимоӣ [гузориш оид ба шахсият ва вазъи зиндагии судшаванда]**

(1) Барои ҳамаи парвандаҳо, суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] пеш аз баровардани ҳукм [қабули қарор] нисбат ба кӯдак гузориши тафтишоти иҷтимоиро [гузориш оид ба шахсият ва вазъи зиндагии судшаванда] талаб мекунад.
(2) Гузориши тафтишоти иҷтимоӣ [гузориш оид ба шахсият ва вазъи зиндагии судшаванда] аз ҷониби [номи муассисаи муносиби таъминоти иҷтимоӣ] омода мегардад.
(3) Гузориши тафтишоти иҷтимоӣ [гузориш оид ба шахсият ва вазъи зиндагии судшаванда] алтернативаҳои эҳтимолии ҳукми ҷазоро нисбат ба кӯдак пешниҳод мекунад ва маълумот оид ба вазъи оилавии кӯдак, ҳолати кунунии кӯдак, аз ҷумла дар куҷо ва бо кӣ зиндагӣ кардани кӯдак, сатҳи таҳсилоти кӯдак ва вазъи саломатии ӯ, ҷиноятҳои қаблан содирнамудаи ӯ, ҳолатҳои содир намудани ҷиноят ва таъсири эҳтимолии ҳукм ба кӯдакро дар бар мегирад.

**Моддаи 53. Ҳукми айбдокунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ**

(1) Дар мавриди маҳкум кардани кӯдак барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] бо назардошти ҳолати парванда чораҳои алтернативиро ба ивази махрум кардан аз озодӣ дида мебарояд, ки аз ҷумла чораҳои зерин, вале ба инҳо маҳдуд карда нашударо дар бар мегирад: (намунаҳои интихобӣ (вариантҳо))
(а) иштирок дар барномаи сатҳи ҷомеа бо мақсади ба кӯдак кӯмак намудан дар дарки рафтори ғайриқонунии худ;
(б) таъин намудани муолиҷаи фосилавӣ ё муолиҷаҳои дигар;
(в) озод кардан таҳти назорати мақомоти дахлдор;
(г) қарор оид ба адолати барқароркунанда;
(д) таъин кардани муолиҷаи нашъамандӣ ва майпарастӣ;
(е) таъин намудани машварати ҳатмӣ (ҳозир шудан ба силсилаи машваратҳои махсуси ёрирасон)
(ё) таъин кардани кори ҷамъиятӣ
(ж) таъин намудани таҳсилот
(з) қарор оид ба маҳрум кардан аз ҳуқуқ

(к) қарор оид ба соати комендантӣ
(л) қарор оид ба манъ намудани амалҳои мушаххасшуда
(м) қарор оид ба амалӣ гардонидани назорат;
(н) таъин намудани тарбияи (тарбияи фостерии) кӯтоҳмуддат
(о) қарор оид ба зиндагонӣ кардани кӯдак бо шахси муайян
(п) қарор оид ба таҳти парастории давлат ҷойгир намудани кӯдак
(р) маҳкумкунии шартӣ

(2) Суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] ваколатдор аст беш аз як ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ барорад ва муқаррар созад, ки оё иҷроиши ин ҳукмҳо ҳамзамон ё пай дар ҳам сурат мегирад.

**Моддаи 54. Татбиқи ҳукми айбдокунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ**

(1) Дар доираи ҳар як ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ бояд намуди аз ҳама муносиби назорат ва муолиҷа барои ҳар як парвандаи алоҳида бо назардошти эҳтиёҷоти кӯдак муқаррар гардад. Ҳар як назорат ва муолиҷа бояд ҳар вақт аз нав дида баромада ва ба таври зарурӣ мутобиқ карда шавад.

(2) Ҳангоми муайян намудани шартҳои ба ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ тааллуқдошта суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] эҳтиёҷот ва ҳуқуқҳои кӯдаки маҳкумшуда, талаботи ҷабрдида ва эҳтиёҷоти ҷомеаро ба инобат мегирад.

(3) Дар оғози иҷрои ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ ба кӯдак шартҳои асосии татбиқи ин чора, аз ҷумла ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои кӯдак, бо забони ба кӯдак фаҳмо ва муносиб ба сатҳи фаҳмиши ӯ шарҳ дода мешавад.

(4) Суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] метавонад ҷомеа ва низоми ҳифзи иҷтимоиро ба иҷрои ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ ҷалб намояд.

(5) Дар ҳолати зарурӣ ба кӯдак ёрии рӯҳӣ, иҷтимоӣ ва моддӣ, инчунин имконият барои мустаҳкам кардани алоқаи ӯ бо ҷамъияти худ ва ҳамгироии ӯ дар оилаи худ ва/ё ҷомеа таъмин карда мешавад.

(6) Давонокии ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ мутаносибан муқаррар мегардад ва аз давраи аз ҷониби суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] дар асоси қонун муқаррар гардида зиёдтар намешавад.

(7) Муқаррарот дар бораи ба охир расидани иҷроиши ҳукм пеш аз мухлат метавонад дар он ҳолат қабул гардад, ки кӯдак нисбат ба он муносибати мусолиҳакорона нишон диҳад.

(8) Агар ҳукми айбдоркунии бе маҳрум кардан аз озодӣ назоратро дар бар гирад, ин чора аз ҷониби [номи мақомот ё идораи салоҳиятнок] дар асоси шартҳои дар Қонуни мазкур [ё санади қонунгузории ёридиҳандае, ки қабул мегардад] пешбинӣ шуда, татбиқ мегардад.

(9) Дар ҳолати қабул гардидани қарор оид ба зарурати муолиҷа, бояд саъю кӯшиш барои омӯхтани тарҷумаи ҳол, шахсият, қобилият, ақлу заковат, арзишҳо ва хусусан ҳолати ба содир намудани ҷиноят сабабшуда равона карда шавад.

(10) Муолиҷа бояд аз ҷониби мутахассисоне, ки маълумот ва таҷрибаи амалии муносиб доранд, дар асоси стандартҳо ва дастурамал анҷом дода шавад.
(11) Дар ҳолате, ки вайрон намудани шартҳои ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ сабаби тағйирёбӣ ё бекор кардани ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ мешавад, қарор оид ба он танҳо баъд аз тафтиши ҷиддии далелҳои ҳам аз ҷониби корманди назоратӣ (назораткунанда) [корманди мақомоти назоратӣ] ва ҳам аз ҷониби кӯдак овардашуда, қабул карда мешавад.
(12) Қонун ҳолатҳои дастгир кардан ва ба ҳабс гирифтани кӯдакро дар мавриди ҷой доштани вайронкунии шартҳои ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ муқаррар мекунад.
(13) Вайронкунии шартҳои ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ набояд бевосита (ба таври автоматӣ) ба таъин намудани ҳукми айбдоркунӣ бо маҳрум кардан аз озодӣ оварда расонад.
(14) Дар ҳолати тағйирёбӣ ё бекор карда шудани ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ, суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] кӯшиш ба харҷ медиҳад, то ҳукми алтернативии муносиби айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодиро муқаррар кунад.
(15) Ҳангоми тағйирёбӣ ё бекор карда шудани ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ, кӯдак ҳуқуқ дорад ба суди [табақаи (палатаи)] апелятсионии суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] мувофиқи Моддаи 5 (6) Қонуни мазкур эътироз орад

**Моддаи 55. Ҳукми айбдоркунӣ бо маҳрум кардан аз озодӣ**

(1) Маҳрум кардан аз озодӣ ҳамчун ҳукм танҳо баъд аз омӯзиши дақиқ, ҳамчун чораи охирин ва танҳо барои мӯҳлати кӯтоҳтарини муносиб таъин карда мешавад.
(2) Суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] ҳукми маҳрум кардан аз озодиро барои кӯдак танҳо дар ҳолати содир намудани ҷинояти вазнин [ҷинояткори ислоҳнашаванда будани кӯдак] ва мавҷуд набудани дигар чораи муносиб мебарорад.
(3) Кӯдак дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодии ба макони зисти падару модар ё васии қонунии ӯ наздик адои ҷазо мекунад.

**Моддаи 56. Ҳукмҳои манъ кардашуда**

(1) Ба ягон кӯдаки аз синни 18 сола хурд ҷазои қатл ё якумра аз озодӣ маҳрум кардан таъин карда намешавад.
(2) Нисбат ба ягон кӯдак шиканҷа ё муносибати бераҳмона, муносибат ё ҷазои ғайриинсонӣ ва таҳқиромез истифода ё таъин намешавад.
(3) Нисбат ба ягон кӯдак ҷазои ҷисмонӣ ҳамчун ҳукм таъин ва истифода намешавад.
(4) Нисбат ба ягон кӯдак меҳнати иҷборӣ ҳамчун ҳукм таъин намегардад.

**Моддаи 57. Доғи судӣ**

(1) Дар ҳолати маҳкум шудан доғи судии кӯдак барои шахсони сеюм қатъиян махфӣ ва пӯшида нигоҳ дошта мешавад.

(2) Доғи судии кӯдак дар рафти мурофиаи судии вай ҳамчун шахси болиғ, истифода намешавад.

## БОБИ 6. КӮДАКОН ЗЕРИ ҲУКМИ МАҲРУМ КАРДАН АЗ ОЗОДӢ

**Моддаи 58. Ҳадафи ҳабс кардан [маҳрум кардан аз озодӣ]**

Ҳадафи ҳабс кардан [маҳрум кардан аз озодӣ] аз офиатбахшӣ ва ҳамгироии кӯдак дар ҷомеа тавассути:

(а) таъмин намудани он, ки кӯдак ҷазои маҳрум кардан аз озодиро дар фазои боадолатӣ ва инсондӯстӣ, ки ба беҳдошти кӯдак мусоидат мекунад ва эҳтироми ҳуқуқҳо ва шаъну шарафи кӯдакро баҷо меорад, адо намояд; ва

(б) фароҳам овардани барномаҳо барои кӯдакони дар маҳбас буда, иборат аст.

**Моддаи 59. Принсипҳои ҳабс кардан [маҳрум кардан аз озодӣ]**

Бар иловаи принсипҳои дар Моддаи 13 Қонуни мазкур пешбинишуда, принсипҳои зерин барои тақвит бахшидани ҳифз, офиятбахшӣ ва ҳамгироии кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда амал мекунанд:

(а) Ба ҳар як кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда бо ҳиссӣ инсондӯстӣ ва эҳтироми шаъну шарафи инсонӣ муносибат карда мешавад;

(б) Ҳар як кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда бояд аз ҳамаи намудҳои таҳқир ва муносибати бад, аз ҷумла хунузназарӣ, таҳқири ҷисмонӣ, ҷинсӣ, эҳсосӣ ва истисмор ҳифз карда шавад;

(в) Ягон кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда аз ҳуқуқҳои худ маҳрум карда намешавад, ба истиснои ҳолатҳо ва андозае, ки онҳо бевосита барои татбиқи ҳукми маҳрум кардан аз озодӣ маҳдуд ё бекор карда шудаанд.

(г) Роҳҳои пеш аз муҳлат озод намудан то ҳадди имкон бештар истифода мешаванд ва ба офиятбахшии кӯдак марбут дониста мешаванд.

**Модда 60. Қабул гардидан ба ҷои маҳрумӣ аз озодӣ**

Кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда бе қарори суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] ба ҷои маҳрумӣ аз озодӣ қабул карда намешавад.

(1) Ҳангоми қабул:

- (а) маълумоти шахсии кӯдак фавран ба қайд гирифта мешавад;
- (б) кӯдак аз ташхиси тиббӣ ҳар чӣ зудтар мегузарад;
- (в) кӯдак бо –
  - (i) нусхаи қоидаҳои дар ҷои маҳрумӣ аз озодӣ амалкунанда;
  - (ii) ҳуҷҷате, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои кӯдакро ба тартиб ва забони ба ӯ фаҳмо муқаррар мекунад;

(iii) маълумот оид ба чӣ тавр шикоят намудан;
(iv) дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқии ройгон ва ёрии консулӣ таъмин карда мешавад.

(2) Падару модар ё васии қонунии кӯдак дар бораи қабул шудани ӯ ба ҷои маҳрумӣ аз озодӣ хабардор карда мешаванд.

**Моддаи 61. Ҷудо кардан ба гурӯҳҳо дар асоси синну сол ва намудҳои ҷиноят, ва аз шахсони болиғ**

(1) Кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда аз шахсони болиғ ҷудо [дар муассисаси алоҳида] нигоҳ дошта мешавад.

(2) Маҳкумшудае, ки дар давраи адои ҷазо ба синни 18-солагӣ мерасад, мӯҳлати боқимондаи ҷазоро, дар ҳолати тамом шудани муҳлати ҷазо пеш аз ба синни 21-солагӣ [25-солагӣ] расидани ӯ, дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ барои кӯдакон мегузаронад, агар ин хилофи манфиатҳои воҷиби ҳабсшуда ё кӯдакони дигари ҳабсшуда дониста нашавад.

(3) Қарор оид ба нигоҳ доштан ё интиқол кардани маҳкумшуда ба муассиса барои шахсони болиғ аз ҷониби [номи мақомоти салоҳиятнок] дар асоси санҷиши пурраи парванда қабул карда мешавад.

(4) Маҳкумшудае, ки ба синни 18-солагӣ расидааст ва дар муассиса барои ҳабси кӯдакон боқӣ мемонад, ҳамчун шахси болиғ ҳисобида намешавад ва аз ҳама ҳуқуқҳо ва имкониятҳои дар Боби 3 Фасли [Сарлавҳа] 11 Қонуни мазкур пешбинишуда, истифода мебарад.

(5) Маҳкумшуда ҳангоми расидан ба синни 21-солагӣ [25-солагӣ] дар муассиса барои ҳабси кӯдакон боқӣ намемонад, агар ин хилофи манфиатҳои воҷиби ӯ ҳисобида нашавад.

(6) Кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда танҳо дар якҷоягӣ бо кӯдакони як гурӯҳи синну солӣ ва ҷиноятҳои ҳамандоза нигоҳ ва дошта мешавад.

**Модда 62. Ҳуқуқи духтарон ва кӯдакони эҳтиёҷоти махсусдошта**

(1) Духтарони аз озодӣ маҳрумшуда аз писарон [ноболиғони ҷинси мард] ҷудо [дар муассисаи алоҳида] нигоҳ дошта мешаванд.

(2) Ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ барои таъмини эҳтиёҷоти духтарон (кӯдакони ҷинси зан) ва кӯдакони эҳтиёҷоти махсусдошта шароит фароҳам меоранд, то ки онҳоро аз ҳамаи намудҳои таҳқир ҳифз намоянд.

**Моддаи 63. Ҳуқуқ ба дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ**

(1) Кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда бо хизматрасонӣ ва муолиҷаи тиббӣ таъмин мегардад, ки хизматрасониҳои зерин ва на танҳо ба инҳо маҳдудшударо дар бар мегирад:
(а) хизматрасонии касалиҳои руҳӣ;
(б) муолиҷаи нашъамандӣ ва майпарастӣ;
(в) нигоҳубин ва муолиҷаи касалиҳои дандон ва чашм;

(г) хизматрасонии саломатии репродуктивӣ;
(д) муолиҷаи бемории ВНМО (ВИЧ/СПИД);
(е) Хизматрасонии пренаталӣ (пеш аз таваллуд) барои духтарони ҳомиладор;
(ё) ташхиси мунтазами тиббӣ.

(2) Агар имконияти расонидани ёрии тиббии зарурӣ дар ҷои маҳрумӣ аз озодӣ вуҷуд надошта бошад, ба кӯдак гирифтани рухсатии кӯтоҳмуддат [ва дар ҳолати фавқулода барои фавран тарк намудани муассиса] барои ташхиси тиббӣ ва гирифтани муолиҷаи зарурӣ иҷозат дода мешавад.

(3) Розигии кӯдак дар асоси маълумоти гирифташуда бояд барои ҳама намуди муолиҷаи тиббӣ гирифта шавад.

(4) Дар мавриди таҳти хатари зарари бартарафнашаванда ба саломатии ӯ ё марг қарор доштани кӯдак ва рад кардани ёрии тиббӣ, чунин розигӣ –
(а) аз падару модар ё васии қонунии ӯ; ё ки
(б) дар мавриди ҳузур надоштани падару модар ё васии қонунии ӯ, аз суд метавонад гирифта шавад.

(5) Агар корманди тиббии соҳибдиплом муайян созад, ки барои наҷот додани саломатӣ ё ҳаёти кӯдак ва саломатии дигарон муолиҷаи фаврӣ зарур аст, муолиҷа метавонад бидуни розигии кӯдак, падару модар ё васии қонунии ӯ шурӯъ гардад.

(6) Кӯдак ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки ӯ аз ҷониби духтури соҳибдипломи ҳамҷинс бо кӯдак ташхис ва муолиҷа гардад.

(7) Ҳар як давраи рухсатии муваққатӣ барои ёрӣ ва муолиҷаи тиббӣ ҳамчун як қисми мӯҳлати адои ҷазои кӯдак дар ҷои маҳрумӣ аз озодӣ ҳисобида мешавад.

(8) Агар ташхиси тиббӣ муайян созад, ки кӯдак таҳти истисмори ҷисмонӣ ё ҷинсӣ (шаҳвонӣ) пеш аз қабул шудан (ба муассиса) ё дар давраи дар ҳабс дар ҷои маҳрумӣ аз озодӣ будан, қарор дода шудааст –
(а) гузориш ба мақомотҳои салоҳиятнок дода мешавад; ва
(б) кӯдак бо машварати ҳуқуқии ройгон барои овардани шикояти муносиб таъмин мегардад.

(9) Гузориши тиббӣ ва маълумот оид ба ҳар муолиҷаи кӯдак ба қайд гирифта шуда, дар қатори ҳуҷҷатҳои кӯдак нигоҳ дошта мешавад. Чунин ҳуҷҷатҳо ба дигар муассисаҳои ҳабси кӯдакон ҳангоми ҷойгир намудани кӯдак дар он ҷо фиристода мешавад. Ҳангоми озод намудани кӯдак ин ҳуҷҷатҳо муҳр зада мешаванд ва дар вақти мувофиқ нобуд карда мешаванд.

**Моддаи 64. Муҳити ҷисмонӣ, ҷои истиқомат ва хӯрок**

(1) Кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда ба шароити мувофиқ ва хизматрасониҳои ба талаботи саломатӣ ва шаъну шарафи инсон ҷавобгӯ ҳуқуқ дорад. Шароит ва хизматрасониҳо ба таври зарурӣ пешниҳод мегарданд ва инҳоро дар бар мегиранд:
(а) ҷои хоб бо кати алоҳида дар ҳуҷраи хоби шахсӣ, ба истинои ҳолатҳое, ки қарор доштани кӯдак дар як ҳуҷраи хоб бо дигарон, ки бетакаллуф назорат карда мешавад, зарур дониста мешавад;

(б) курпаву болини кофӣ ва покизаи барои иқлим мутобиқ;
(в) ҷойи алоҳида барои нигоҳдории лавозимоти шахсӣ;
(г) шароити муносиби санитарие, ки гигиенӣ буда, ба дахлнопазирӣ ва талаботҳои гендерии кӯдак ҷавобгӯ аст;

(2) Ба кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда иҷозат дода мешавад, то дар ҳолати коршоям будани он либоси худашро пӯшад. Агар ба кӯдак барои тарк кардани ҷои маҳрумӣ аз озодӣ иҷозат дода шавад, ӯ ягон либосеро, ки вайро ҳамчун маҳбус муайян менамояд, намепӯшад.

(3) Кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда ҳуқуқ ба ғизои кофии сифати хуби хӯрокворӣ дошта ва дастрасӣ ба оби нӯшокии тоза дорад.

**Моддаи 65. Таҳсилот ва омӯзиши касб**

Кӯдаки аз озодӣ махрумшуда [-и синну сол таҳсилоти ҳатмӣ] бо таълим ва таҳсилоти касбӣ [мутобиқи талаботи барномаи таълимии миллӣ] дар давраи дар ҳабс будан таъмин мегардад.

**Ба тариқи дигар**

(1) Кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда [-и синну соли таҳсилоти ҳатмӣ] бо таҳсилоте таъмин мегардад, ки арзиши баробар бо таҳсилоти кӯдакони дигар дар ҷомеа дорад.

(2) Ба кӯдаки аз синну соли таҳсилоти ҳатмӣ калоне, ки хоҳиши идома додани таҳсили худро дорад, иҷозат дода мешавад таҳсилро идома диҳад ва дастрасӣ ба таҳсилоти муносиб ва имконияти таҳсилоти касбӣ-техникиро пайдо намояд.

(3) Барномаҳои таълимӣ ва таҳсилоти касбӣ-техникӣ [ба талабот мутобиқ буда] барои рушди малакаҳое, ки ба ҳамгироии кӯдак дар ҷомеа ва омода намудани ӯ барои бо кор таъмин шудан дар оянда лозиманд, мусоидат мекунанд.

(4) Барномаҳои таҳсилоти махсус барои кӯдакони дорои мушкилӣ дар омӯзиш ё идрок (фаҳмиш) ва кӯдакони аз мактаб берунмонда таъмин мегарданд.

(5) Аз озодӣ маҳрум шудани [дар маҳбас будани] кӯдак дар диплом ва шаҳодатномаҳои хатми барномаи таълимӣ қайд намегардад.

(6) Муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои фароҳам овардани [ва таъмини] имконияти таълим ва касбомӯзӣ (таҳсилоти касбӣ-техникӣ) барои кӯдак берун аз муасисае, ки дар он кӯдак аз озодӣ маҳрум шудааст [дар ҳабс аст], мусоидат мекунад.

**Моддаи 66. Имкониятҳо барои кор**

(1) Кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда имконият дорад бо кори музднок машғул шавад.

(2) Кор ба таълим ва касбомӯзии (таҳсилоти касбӣ-техникии) кӯдак халал намерасонад, иловаи муҳим ба касбомӯзӣ (таҳсилоти касбӣ-техникӣ) мегардад, имконияти пайдо намудани ҷои кори муносибро васеътар мекунад, ва ба кӯдак баъд озод намудани ӯ манфиатнок мешавад.

(3) Кор (фаъолият корӣ) бо музди муносиб ва боадолат таъмин мегардад.
(4) Кудак бо [қонунҳои миллии марбут ба шуғл ва меҳнат] аз ҳамаи намудҳои кори хафвнок, зиёновар ва истисморкуннда ҳифз карда мешавад.
(5) Муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои пайдо намудани имконияти кор кардан берун аз муассиса кӯмак мерасонад.
(6) Кӯдак барои анҷом додани кор дар намуди ҷазо маҷбур карда намешавад.
(7) Маблағи дар натиҷаи кори музднок дар давраи дар ҳабс будан ба даст овардаи кӯдак аз ҷониби [мақомоти салоҳиятнок] ба кӯдак дар давраи дар ҳабс буданаш ё баъд аз озод карда шуданаш супорида мешавад.

**Моддаи 67. Истироҳат ва барқароркунии саломатӣ**

(1) Ҳар як муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда вақт барои машқ берун аз бино, агар ҳаво мусоид бошад, ва истироҳату фароғати ҳаррӯза таъмин менамояд.
(2) Истироҳат ва машғулиятҳои ҷисмонии муносиб барои ҳамаи кӯдакон, инчунин кӯдакони эҳтиёҷоти махсусдошта, таъмин мегардад.
(3) Ҷои муносиб, дастгоҳҳо ва таҷҳизот дар дохили муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дастрас мегардад, то кӯдакон дар машғулиятҳои барқарорсозии саломатӣ ва ҷисмонӣ ширкат варзанд.
(4) Тарбияи ҷисмонии табобатӣ ва терапия ба кӯдакон дар асоси талабот таҳти назорати тиббӣ пешкаш мегардад.
(5) Ба кӯдакон вақти иловагӣ барои истироҳат ва имконияти дар машғулиятҳои санъати ороишиву амалӣ иштирок кардан таъмин мегардад.

**Моддаи 68. Озодии дин, виҷдон ва ибрози ақида**

(1) Ба кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда имконият дода мешавад, ки талаботи ҳаёти динӣ ва маънавии худро қонеъ гардонад ва аз ин лиҳоз, ӯ метавонад дар маъракаҳои динӣ иштирок намояд ё онҳоро ташкил кунад, ва бо китобу дигар маводҳои барои риояи талаботҳои динӣ зарурӣ таъмин гардад. Ба ходимони динӣ иҷозат дода мешавад расму русуми диниро гузаронанд ва ташрифҳо намоянд.
(2) Кӯдак ҳуқуқ дорад дар маъракаҳои динӣ иштирок накунад.
(3) Озодии виҷдон ва ибрози ақидаи кӯдак эҳтиром мегардад.

**Моддаи 69. Робита бо оила ва ҷаҳони беруна**

(1) Кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда хуқуқ дорад бо падару модари худ, намояндаи қонунӣ ва дигар шахсони муҳим робита дошта бошад.

(2) Ба кӯдак иҷозат дода мешавад, ки падару модари худ, намояндаи қонунӣ ва дигар шахсони муҳимро дар давоми 24 соат баъд аз қабул гардидан, интиқол ва ҷойгиршавӣ дар ҳар муассисае, ки дар он ҷо ӯ аз озодӣ маҳрум шудааст [ба ҳабс гирифта шудааст], хабардор кунад. Муассисае, ки дар он кӯдак ба ҳабс гирифта шудааст бояд ӯро бо телефон ё дигар воситаи алоқа таъмин намояд, то чунин иттило расонида шавад.

(3) Роҳбарияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо андешидани чораҳо барои таъмини робита байни кӯдакон ва хешовандони онҳо, намояндаи қонунӣ ва дигар шахсони муҳим, инчунин мукотиба ва ташрифҳо, мусоидат мекунад.

(4) Ба мукотиба ва ташрифҳои хешовандон, намояндаи қонунӣ ва дигар шахсои муҳим иҷозат дода намешавад, агар –
- (а) қарор суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] оид ба маҳдуд намудани робита бо шахсони алоҳида ва ташрифҳои онҳо мавҷуд бошад; ё, ки
- (б) роҳбарияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ муқаррар созад, ки тамос бо шахсони алоҳида ва ташрифҳои онҳо ба кӯдак таъсири ҷиддии зарарнок мерасонад.

(5) Тамоми қарорҳо оид ба маҳдуд кардани тамос ва ташрифҳо бояд сари мӯҳлати муайян аз нав дида баромада шавад ва бояд кӯдак барои эътироз овардан ба муқобили он имконият дошта бошад.

(6) Роҳбарияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба андешидани чораҳо барои таъмини робитаи кӯдак бо ҷомеа, ки додани рухсатии мувақаттиро дар бар мегирад, мусоидат мекунад.

**Моддаи 70. Таъминоти кадрӣ**

Бо мақсади мусоидат ба рушд, офиятбахшӣ ва ҳамгироии кӯдакон муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо шумораи лозимаи кормандони маҳораткон ва боихтисос таъмин мегарданд, ки духтури кӯдакон, духтурон, ҳамшираҳои тиббӣ, мутахассисон оид ба таълими кӯдакон, муаллимони касбомӯзӣ, равоншиносон, духтури касалиҳои рӯҳӣ (психиатр), кормандони иҷтимоӣ ва кормандони таъминоти иҷтимоиро дар бар мегиранд.

**Моддаи 71. Чораҳои таъсиррасони интизомӣ**

(1) Чораҳои таъсиррасони интизомӣ бояд дар мувофиқа бо ҳифзу эҳтироми шаъну шарафи кӯдак бошанд ва танҳо ҳамчун чораи охирин истифода шаванд. Чораҳои таъсиррасони интизомие, ки ба ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунанда баробар дониста мешавад, аз ҷумла, ва на танҳо –
- (а) ҷазои ҷисмонӣ
- (б) ҷойгиркунӣ дар тавқифгоҳҳои (изоляторҳои) интизомӣ ва камераҳои алоҳида нисбат ба кӯдаки аз озоди маҳрумшуда истифода намешаванд.

(2) Чораҳои таъсиррасони интизомие, ки ба саломатии ҷисмонӣ ва руҳии кӯдак метавонанд зараровар бошанд, аз ҷумла –
   (а) маҳрум кардан аз ғизо ё маҳдуд кардани ғизо
   (б) рад кардани таъминоти ёрии тиббии зарурӣ
   (в) рад кардани ташрифҳои оила ё робита бо оила - нисбат ба кӯдак истифода намешаванд.
(3) Кор ҳамчун чораи таъсиррасонии интизомӣ истифода намешавад.
(4) Ҳамаи чораҳои таъсиррасони интизомии барои кӯдакон муқаррар кардашуда дар китоби асосии бақайдгирӣ сабт карда мешаванд ва барои тафтишот аз ҷониби мақомоти ваколатдор дастрас мегарданд.
(5) Қоидаҳои интизом ва маълумот оид ба тартиботи муқаррар намудани ҷазоҳои пешбинишуда ба ҳамаи кӯдакони ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда бо забони ба онҳо фаҳмо дастрас карда мешаванд.

**Моддаи 72. Истифода аз қувваи ҷисмонӣ ва маҳдудкунии ҷисмонӣ**

Истифодаи қувваи ҷисмонӣ ва маҳдудкунии ҷисмонӣ дар муносибат бо кӯдакони ба маҳрум сохтан аз озодӣ дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ маҳкумшуда тибқи модда 22-и Қонуни мазкур ва тағйиру иловаҳои ба он воридгашта амал мекунад.

**Моддаи 73. Кофтукови маҳрамона ва номаҳрамона дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Кофтукови маҳрамона ва номаҳрамона дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар муносибат бо кӯдакони бо маҳрум сохтан аз озодӣ дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ маҳкумшуда тибқи моддаи 29 ва 30-юми Қонуни мазкур ва тағйиру иловаҳои ба он воридгашта амал мекунад.

**Моддаи 74. Низоми тафтишоти мунтазам ва мустақил**

(1) Бо мақсади таъмин намудани татбиқи пурраи муқаррарот оид ба шарту шароити муассиса ва муносибат бо кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда [номи мақомоти мустақили муносиб барои назорат (мониторинг) кардан] ҳамаи муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятии кӯдаконро назорат мекунад.
(2) Назоратчиён –
   (а) дар ҳамаи муассисаиҳои нигоҳдошти кӯдакон тафтишоти солона мегузаронанд ва ҳуқуқ доранд ташрифҳои ногаҳон (бидуни огоҳии қаблӣ) ба муассиса ё ҷои ба ҳабс гирифташудаи кӯдакон оваранд;
   (б) дар рафти ҳар як тафтишот бо кӯдакон, дар алоҳидагӣ ё бо гурӯҳи онҳо, бидуни ҳузури кормандони муассиса вохӯрӣ мекунанд, ва ягон тафтишот бе пурсиши кӯдакон ва шунидани ақидаи онҳо оид ба татбиқи стандартҳои муайянгардида мукаммал ҳисобида намешавад;

(в) дастрасии бемаҳдудият ба кӯдакон, кормандони муассиса ва бинову таҷҳизоти муассиса доранд;
(г) дастрасии бемаҳдудият ба сабтҳо, китоби қайди воқеаҳо (-и ногувор) ё китобҳои ба маъмурияти муассиса, шароити нигоҳубин, кормандон ва кӯдакон таллуқдоштаро, доранд.

(3) Дар рафти тафтишот кӯдакон ҳуқуқ доранд дар давоми вохуриҳои алоҳида бо назоратчӣ бевосита ба ӯ арзу шикоят ва изҳори дархост кунанд

**Моддаи 75. Шикоятҳо ва дархостҳо**

(1) Кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда ҳуқуқ дорад оид ба масъалаҳое, ки ба ӯ дахл доранд ба –
(а) роҳбарияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
(б) мақомоти назораткунанда
(с) мақомоти мустақили назораткунанда [номи мақомоти дахлдор] бо арзи шикоят ва дархост муроҷиат намояд.

(2) Шикоятҳо ва дархотсҳо боадолат ва босуръат баррасӣ мегарданд. Хусусан:
(а) кӯдакон метавонанд ба аъзоёни оила, намояндагони қонунӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилот ва нафарони дахлдор барои кӯмак дар пешниҳод намудани арзу шикоят ва/ё дархост муроҷиат кунанд;
(б) арзу шикоят ва/ё дархост пеш аз баррасии мақомоти дахлдор таҳти сензура қарор дода намешавад;
(в) кӯдакон оид ба натиҷаи баррасии арзу шикояти худ бо забони ба онҳо фаҳмо хабардор карда мешаванд;
(г) кӯдакон дар натиҷаи пешниҳод кардани арзу шикоят ба ягон оқибати манфӣ дучор намешаванд.

**Моддаи 76. Интиқоли кӯдаки маҳкумшуда ба муассисаи дигари иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

(1) Кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда ба муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятии дигар дар он ҳолат интиқол мегардад, ки омодагии ӯ барои ҳамгироӣ ва офият дар ҷомеа дар муассисаи дигар тавонад бештар тақвият ёбад ё хавфи ҷиддӣ ба бехатарии ӯ мавҷуд бошад.

(2) Ҳар як интиқоли кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда ба дигар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бояд бо қарори суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] сурат гирад.

(3) Тамоми маълумоти дахлдор ва маълумоти ба кӯдак робитадошта бо мақсади таъмин намудани давомнокии нигоҳубин интиқол мегардад.

(4) Шарту шароити интиқоли кӯдак ба талаботи инсондӯстӣ ва эҳтироми шаъну шарафи кӯдак бояд ҷавобгӯ бошанд.

## БОБИ 7. ЧОРАҲОИ ТАРБИЯВӢ, ИСЛОҲКУНАНДА ВА ҲАМГИРОӢ БАРОИ ШАХСОНИ АЗ ҲАБС ОЗОДШУДА

### Моддаи 77. Омодагӣ ба озод кардан

(1) Чорабиниҳои офиятбахшӣ дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба омодагӣ ба озод кардани кӯдак равона мегарданд.

(2) Ҳар чӣ зудтар, ҳадди ақал баъд аз ба анҷом расидани аз се ду ҳиссаи мӯҳлати адои ҷазо дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, вале ҳадди ақал се моҳ пеш аз озод кардани кӯдак, роҳбарияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ -
  (а) кӯдак, падару модари ӯ ва дигар шахсони муҳимро оид ба озод карда шудани кӯдак дар давраи дарпешистода огоҳ менамояд;
  (б) бо ташкилотҳои хизматрасон ва муассисаҳое, ки барои назорати кӯдак баъд аз озод шудани ӯ ӯҳдадоранд, ҳамкорӣ мекунад ва нақша оид ба ҳамгироӣ дар якҷоягӣ бо кӯдак ва оилаи ӯ омода месозад;
  (в) дарки пурраи нақшаи ҳамгироиро аз ҷониби кӯдак таъмин месозад;
  (г) ёрии таълимӣ ва равониро баҳри омода намудани кӯдак ба озодӣ таъмин мекунад;
  (д) имконияти ба кӯдак барои ташрифҳои кӯтоҳмуддат ба хона иҷозат доданро баррасӣ мекунад;
  (е) барои ҷойгир намудани кӯдак ба муассисаи нимкушода оид ба омодагӣ барои ба озодӣ баромадан иҷозат медиҳад; ва
  (ё) оид ба чӣ тавр пайдо намудани дастгирӣ ва кӯмак баъд аз озод шудан ба кӯдакон бо забони ба онҳо фаҳмо маълумот медиҳад.

(3) Роҳбарияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо [номи ташкилоти муносиби таъминоти иҷтимоӣ] дар ноҳияе [минтақаи мақомоти маҳаллӣ], ки кӯдак тасмим дорад ба он баргардад, нақшаи ҳамгироии кӯдакро ҳамоҳанг месозад. Нақша ҳар чӣ зудтар баъд аз муайян шудани рӯзи озод кардани кӯдак ва на дертар аз се моҳ пеш аз санаи тахминшудаи озод кардани кӯдак омода мешавад.

### Моддаи 78. Пеш аз мӯҳлат озод кардан

(1) Ҳукми аз озодӣ маҳрум сохтан [ҳукми адои ҷазо], ки нисбат ба кӯдак баровarда шудааст, на камтар як маротиба дар шаш моҳ аз тарафи [номи мақомоти салоҳиятнок дар мавриди тартиби озод кардани маҳбусшудагон] аз нав дида баромада мешавад, то муносиб будани озод карданро муайян созад.

(2) Аз нав дида баромадани даврагӣ -
  (а) санҷиши пурраи пешравии офияти кӯдак ва омодагии ӯ барои ба озодӣ баромаданро дар бар мегирад;
  (б) назари кӯдак ва шароити нигоҳдории кӯдакро мавриди баррасӣ қарор медиҳад;

(в) тавсияи хаттӣ оид ба озод кардан ё идома додани нигоҳдории кӯдак дар ҷои маҳрумӣ аз озодиро дар бар мегирад.

(3) Агар қарори [номи мақомоти салоҳиятнок дар мавриди тартиби озод кардани маҳбусшудагон] озод кардани кӯдакро муқаррар насозад, сабабҳо барои ин ва қорҳои навбатие, ки бояд аз ҷониби кӯдак ва муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои баррасӣ шудани имконияти озод кардани кӯдак бояд анҷом дода шаванд, муайян ва пешниҳод мегардад.

(4) Дар ҳолати мавҷуд будани далели асоснок оид ба он, ки нигоҳ доштани кӯдак дар ҳабс дигар зарурат надорад, роҳбарияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ метавонад, дар ҳама маврид, аз [номи мақомоти салоҳиятнок дар мавриди тартиби озод кардани маҳбусшудагон] талаб кунад, то ҳабси давомноки кӯдак аз нав дида баромада шавад.

(5) Кӯдак оид ба натиҷаи аз нав дида баромадани даврагӣ ва натиҷаи аз нав дида баромадани [номи мақомоти салоҳиятнок] то ҳадди имкон зудтар ва бо забони ба ӯ фаҳмо огоҳ карда мешавад.

**Моддаи 79. Озодкунии шартӣ**

(1) Дар ҳолати қабул намудани қарор оид ба пеш аз мӯҳлат озод кардани кӯдаки бо ҳукми аз озодӣ маҳрум сохтан маҳкумшуда [номи мақомоти салоҳиятнок дар мавриди тартиби озод кардани маҳбусшудагон] метавонад шартҳо муқаррар созад.

(2) Ҳадаф аз муқаррар намудани ҳар як шарт, пеш аз ҳама, дастгирӣ кардани кӯдак дар ҳамгироии ӯ дар ҷомеа баъд аз озод шудан мебошад.

(3) Дар риоя кардани шартҳои аз тарафи [номи мақомоти салоҳиятнок дар мавриди тартиби озод кардани маҳбусшудагон] муқаррар гардида ба кӯдак кӯмак расонида мешавад.

(4) Дар ҳолати вайрон кардани шарти [шартҳои] пеш аз мӯҳлат озод кардан аз ҷониби кӯдак, ин вайронкунӣ набояд сабаби қабули бевоситаи қарор аз тарафи [номи мақомоти салоҳиятнок дар мавриди тартиби озод кардани маҳбусшудагон] оид ба баргардонидани кӯдак (ҷойгир намудани кӯдак) ба муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ шавад. Қарор оид ба ҷойгир намудани (баргардонидани) кӯдак ба муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ танҳо дар ҳолати вайронкунии ҷузъии шарти [шартҳои] пеш аз муҳлат озод кардан аз ҷониби кӯдак ва баъд аз кардани талошҳо барои ба кӯдак дар риоя намудани шарти шартҳо кӯмак расонидан қабул карда мешавад.

(5) Дар ҳолати қабул намудани қарор оид ба ҷойгир намудани (баргардонидани) кӯдак ба муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ баъди вайрон кардани шарти [шартҳои] пеш аз муҳлат озод кардан аз ҷониби ӯ –

(а) кӯдак ҳуқуқ дорад оид ба аз нав дида баромадани қарор талош кунад;

(б) дар давраи чунин тафтишот кӯдак ҳуқуқ ба намояндаи ҳуқуқӣ (ҳимоятгар) дорад;
(в) [номи мақомоти салоҳиятнок дар мавриди тартиби озод кардани маҳбусшудагон] қарор оид ба ба ҷойгир намудани (баргардонидани) кӯдак ба муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар он ҳолат қабул мекунад, ки агар кӯдак шарти [шартҳои] пеш аз муҳлат озод карданро вайрон карда ва ҳамзамон:
(i) барои худ ё дигарон хатаре эҷод кунад, ки бартараф кардани он дар ҷамъаит ғайриимкон бошад; ё, ин ки
(ii) кӯдак барои содир намудани дигар ҷиноятҳо айбдор карда шавад.

**Моддаи 80. Озод кардан дар асоси тараҳҳум**

(1) [номи мақомоти салоҳиятнок дар мавриди тартиби озод кардани маҳбусшудагон] метавонад, дар ҳар маврид, кӯдакро озод кунад, агар мӯътақид бошад, ки ҳолатҳои махсусе мавҷуданд, ки барои озод кардани кӯдакро дар асоси тараҳҳум иҷозат медиҳанд
(2) Ҳангоми қабул кардани қарор оид ба чунин озод кардан [номи мақомоти салоҳиятнок дар мавриди тартиби озод кардани маҳбусшудагон], агар зарур шуморад, шартҳо барои озод кардан муқаррар месозад.

**Моддаи 81. Дастгирӣ ва назорат баъди озод кардан**

(1) Баъд аз озод кардан кӯдак ба падару модар ё васии қонунии ӯ супорида мешавад.
(2) Баъд аз озод шудан кӯдак ҳуқуқ дорад ба ёрии амалӣ ва психологӣ (равонӣ) дар [номи муассисаи таъминоти иҷтимоӣ], ки барои ҳамгироии бомуваффақи ӯ мусоидат мекунад, дастрасӣ дошта бошад.
(3) Ҳадди ақал кӯдак бояд бо:
(а) ҷои истиқомати муносиб, дар ҳолате, ки кӯдак наметавонад ба оила баргардад ё бозгашти ӯ ба оила ба манфиати воҷиби ӯ нест;
(б) кӯмак дар пайдо намудани дастрасӣ ба таҳсил ва таҳсилоти касбӣ ва/ё таъмини ҷои кор;
(в) сару либоси мувофиқ ва муносиби иқлим;
(г) ёрии психологӣ (равонӣ), бо мақсади ба кӯдак дар ҳамгироии ӯ дар оила ва ҷомеаи худ кӯмак расонидан;
(д) нақлиёт то хонаи ӯ ё ҷои дигари зисти ӯ;
(е) ёрии молӣ то ба охир расонидани таҳсил ё ҷои кор пайдо кардани ӯ, агар оилаи кӯдак ӯро аз ҷиҳати моливӣ дастгирӣ накунад таъмин мегардад.
(4) Барои ба раванди ҳамгироӣ мусоидат намудан,
(а) ҳокимияти маҳаллӣ [вилоятҳо/ноҳияҳо] макони зисти муносиб ва дигар хизматрасониҳоро бо мақсади ба кӯдак

дар ҳамгироии ӯ дар ҷомеа кӯмак расонидан, таъмин мекунад;

(б) [номи мақомоти муносиби ҳифзи кӯдак] татбиқи нақшаи ҳамгироӣ ва таъмини хизмати ёрирасон ба кӯдак ва оила ӯро, ҳадди ақал барои давраи 6 моҳ баъд аз озод кардани кӯдак, ҳамоҳангӣ (роҳбарӣ) мекунад.

**Муқаддима (**ғайриҳатмӣ**)**

Муқаддима, ки меъёр муқаррар намекунад, изҳороти муҳими Парлумон оид ба арзишҳое мебошад, ки дар асоси онҳо қонун тартиб дода шудааст. Ин изҳорот метавонад баҳри татбиқи қонун ва барои ба судҳо дар тафсири он кӯмак расонидан истифода шавад. Таҷрибаи истифодаи муқаддима дар қонунҳо дар ҳар кишвар ҳар хел аст. Муқаддима ин ҷо илова гардидааст, аммо мазмуни он ба намуди каме аз ин фарқкунанда дар қисми Принсипҳои адлияи ноболиғон дар Моддаи 13-и Қонуни мазкур ифода гардидааст.

## ФАСЛИ (САРЛАВҲА) I.
## МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### БОБИ 1.
### МУҚАРРАРОТИ АСОСӢ

#### Моддаи 1. Ном

Дар баъзе кишварҳо муқаррарот оид ба адлияи ноболиғон дар якчанд қонунҳои гуногун, аз ҷумла қонунҳои ҷиноятӣ, кодексҳои мурофиаи ҷиноятӣ, қонунҳо дар бораи ноболиғон, санадҳо дар бораи кӯдакон ё қонунҳо дар бораи таъминоти иҷтимоӣ, дида мешавад. Барои пешгирӣ намудани мушкилиҳо вобаста ба мавҷуд будани якчанд муқарароти (қонунии) алоҳида оид ба кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда дар қонунгузорӣ ва бо назардошти мавҷуд будани қонуни ягона дар бораи адлияи ноболиғон дар гӯшаҳои гуногуни дунё, қонуни мазкур намунаи модели форогири қонуни ягона дар бораи адлияи ноболиғон мебошад. Ин барои ҳамаи шахсони ба раванди адлияи ноболиғон дахлдор, ба мисли мақомоти полис, мақомоти прокуратура, судҳо, шахсоне, ки ёрии ҳуқуқӣ мерасонанд, мутахассисоне, ки бо кӯдакон кор мекунанд ва ҷомеа имконият медиҳад, то онҳо ба ҷои якчанд муқаррароти алоҳидаи дар қонунҳои гуногун дарҷгардида як санади фарогири қонуниро мутолиа кунанд ва бифаҳманд. Дар баъзе аз кишварҳо ин бо сабабҳои гуногун метавонад ғайриимкон бошад. Дар чунин маврид танҳо тағйиру иловаҳо ба қонунҳои мавҷуда метавонанд ворид гарданд. Агар кишварҳо танҳо ба қонуни мавҷуда тағйиру иловаҳо ворид кунанд, бо назардошти оне, ки номи қонун аллакай муайян гардидааст ин модда зиёдатӣ мешавад.

**Моддаи 2. Ҳадаф**

Мувофиқи Моддаи 40 (1)–и Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак (КҲК), ин муқаррарот ҳадафи қонун дар бораи адлияи ноболиғонро, ки мусоидат ба ҳамгироии кӯдак ва мавқеи қавӣ пайдо намудани вай дар ҷомеа мебошад, таъкид месозад ва шарҳ медиҳад. Аз ин лиҳоз, Қонун дар бораи адлияи ноболиғон бояд онро таъмин намояд, ки муносибат бо кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда дар асоси эҳтироми шаъну шарафи онҳо ба роҳ монда шавад. Ин ҳамчунин устувор намудани эҳтироми кӯдак нисбат ба ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосии дигаронро дар бар мегирад.

**Моддаи 3. Мафҳумҳо**

"Айбдоршаванда" – барои дарк намудани натиҷаҳои раванди баъд аз айбдоркунии мурофиа судии кӯдаки бо қонун дар мухолифатбуда, ба мисли истифода аз чораҳои алтернативаи мурофиа судӣ [чораҳои бартарафкунӣ аз низоми адлия] ё ҳабси пешакӣ, ба таври мушаххас муайян намудани он, ки аз кадом вақт сар карда кӯдак дар содир намудани ҷиноят айбдоршаванда дониста мешавад бениҳоят муҳим аст.

"Кӯдак" – мафҳуми "кӯдак", ки дар қонуни мазкур истифода мегардад, аз Моддаи 1 КҲК гирифта шудааст. Дар баъзе кишварҳо кӯдакони бо қонун дар мухолифатбудае, ки аз синни фарорасии ҷавобгарии ҷиноятӣ калонтар ва аз синни 18 хурдтар мебошанд, "ноболиғон" номида мешаванд. Аммо, ин мафҳум бо мурури замон дар зерматн маънии манфии бадномкунандаро пайдо намуд. Бо назардошти ин Қонуни мазкур мафҳумеро, ки аз ҷониби Кумита оид ба ҳуқуқҳои кӯдак (Кумита оид ба КҲҚ) авлотар дониста шудааст, яъне «кӯдак» ба ҷои ноболиғ, истифода мекунад. Барои таъмин намудани мураттабии баён ҳар як кишвар бояд яке аз ин мафҳумҳоро барои истифода дар санадҳои қонунгузории миллӣ интихоб кунад.

"Кӯдаки бо қонун дар мухолифатбуда" - Кумита оид ба КҲҚ дар Қайдҳои умумии № 10 муқаррар намудааст, ки дар асоси Моддаи 40-уми КҲК бо ҳар як шахси аз синии 18 хурдтар, ки барои содир кардани ҷиноят гумонбар дониста мешавад, муносибат бояд мувофиқи қоидаҳои адолати судӣ нисбати кӯдак (ё ноболиғ) ба роҳ монда шавад.[23]Дар баъзе кишварҳо қонун дар бораи адлияи ноболиғон танҳо нисбати кӯдакони аз синии 15, 16 ё 17 хурдтар амал мекунад.

"Мақомоти салоҳиятнок" - дар тамоми матни қонун мафҳуми "мақомоти салоҳиятнок" бо мақсади мусоидат ба амалӣ шудани қонунгузории миллӣ истифода шудааст. Саҳолияти мақомотҳои гуногунро дар ҳар марҳилаи раванди адолати судӣ нисбати ноболиғон давлатҳо худ муайян мекунанд.

"Маҳкумшуда" – танҳо нисбат ба кӯдаки барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ маҳкумшуда як қатор ҳукмҳо, бо кафолатҳо

[23]Кумита оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, *Ҳуқуқҳои кӯдакон дар адлияи ноболиғон,* 25 апрели соли 2007 (CRC/C/GC/10), банди 37.

тибқи муқаррароти дар Қонуни мазкур пешбинишуда, метавонанд бароварда шаванд.

“Васӣ-намоянда дар кори судӣ (*curator ad litem/guardian ad litem*)” - азбаски кӯдак ҳеҷ гоҳ бе намояндагии падару модар ё васии қонунӣ дар тафтишоти судӣ иштирок намекунад, дар мавриди набудани падару модар ва васии қонунии кӯдак суди дахлдор бояд нафареро таъин намояд, ки вазифаи намояндагии падару модар ё васии қонуниро иҷро кунад.[24]

“Маҳрум сохтан аз озодӣ/ҳабс кардан” – мафҳумҳое мебошанд, ки барои тавсиф кардани ҳамаи намудҳои маҳдудкунии ҷисмонии озодии кӯдак дар асоси станданртҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ истифода мешаванд.

“Намунаи маҳрамона” – Ҳарчанде мафҳуми алоҳида барои “намунаи маҳрамона” дар ҳуқуқи байналмилӣ вуҷуд надорад, муайян намудани намунаҳое, ки аз кӯдак метавонанд гирифта шаванд ва ҳолатҳои гирифтани чунин намунаҳо барои таъмин намудани эҳтироми шаъну шарафи кӯдак ва риояи ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсии ӯ дар тамоми ҷараёни адолати судӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

“Ёрии ҳуқуқӣ” – Мувофиқи Моддаи 37 (г) КҲК ҳар як кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда ҳуқуқ ба дастрасии фаврӣ ба ёрии ҳуқуқӣ ва дигар кӯмакҳои дахлдор дорад.[25] Ҳамчунин, Моддаи 14 Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ (минбаъд ПМҲГС) талаб мекунад, ки дар ҳолати барои пардохти музди ҳимоятгар имконият надоштани кӯдак ё падару модари ӯ, ёрии ҳуқуқии ройгон ба ӯ бояд таъмин гардад. Дар сатҳи минтақавӣ ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии ройгон инчунин дар Моддаи 17(2)(c)(iii) Оинномаи Африқоӣ оид ба ҳуқуқҳо ва некӯаҳволии кӯдак (ОАҲНК), Моддаи 18(2)(f) Оинномаи Африқоӣ оид ба ҷавонон (ОАҶ), Моддаи 7(1)(c) Оинномаи Африқоӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон ва одамон (Оинномаи Банҷул), Моддаи 6(3)(c) Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон (КАҲИ), Моддаи (8)(2)(d) Конвенсияи Амрико оид ба ҳуқуқи инсон (КАҲИ), ва Моддаи 13(1) Оинномаи давлатҳои араб оид ба ҳуқуқи инсон (Оинномаи давлатҳои араб) муқаррар шудааст. Бар иловаи ин, Принсипҳо ва қоидаҳои навқабулгардидаи Созмони Милали Мутаҳҳид оид ба дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ дар низоми мурофиаи судии ҷиноятӣ ёрии ҳуқуқиро барои кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда пешбинӣ мекунад.[26] Қоидаи 7-уми Қоидаҳои Пекин[27] “ҳуқуқи кӯдак ба машварат”-ро пешбинӣ мекунад ва қоидаи 93 Қоидаҳои стандартии ақалӣ оид ба

---

[24] Ҳамчунин Дастури IV.E.75, *Қоидаҳои Кумитаи Вазирони Шӯрои Аврупо оид ба адолати некхоҳона нисбат ба кӯдак ва эзоҳномаи он,* 17 ноябри соли 2010, намоянда-васӣ барои кори судиро ҳамчун намояндаи падару модар ва васии қонунии кӯдак эътироф мекунад.

[25] Инчунин нигаред ба: КҲИ, Қатъномаи 7/29, «*Ҳуқуқҳои кӯдак*», 28 марти соли 2008, банди муқ. 32

[26] Маҷмааи умумии СММ, *Принсипҳо ва қоидаҳои СММ оид ба дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқи дар низоми адолати судии ҷиноятӣ,* 28 марти соли 2013 (A/67/187), Қоидаи 10, банди 52 (d); инчунин Принсипи 3, банди 22, ки таъмини «шароити саҳлгирона»-ро барои кӯдакон таъкид месозад.

[27]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартии ақалии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ба роҳ мондани адлияи ноболигон* (Қоидаҳои Пекин), ки 29 ноябри соли 1985 (A/RES/40/33) аз ҷониби Маҷмааи умумӣ қабул гардидаанд.

муносибат бо маҳбусон[28] нисбат ба шахсони болиғ ва ҳам кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда талаб мекунад, ки "ба маҳбуси суднашуда (маҳкумнашуда) гирифтани ёрии ҳуқуқии ройгон, дар ҳолати мавҷуд будани он, ва мулоқот бо машваратчии ҳуқуқии ӯ дар робита ба ҳимояи ӯ, ва инчунин омода намудан ва супоридани дастурҳои махфӣ ба ӯ бояд иҷозат дода шавад ".[29]

"Васии қонунӣ" – Дар ҳолати надоштани падару модар ё дар иҷрои ӯҳдадории падару модарии худ маҳдуд шудани падару модари кӯдак, васии қонунӣ барои кӯдак дар асоси қонун ё бо қарори суд таъин мегардад ва ӯҳдадории падару модар дар асоси қонунгузории миллӣ ба зимаи ӯ гузошта мешавад.

**Моддаи 4. Доираи амали Қонуни мазкур**

**(1) М**уқаррароти мазкур доираи амали Қонунро бо назардошти вазъият ва ҷойи татбиқи он мушаххас мекунад.

**(2)** Бо ин муқаррарот Қонун доираи амали талаботи Қонуни мазкурро бо назардошти вазъи шахси дахлдор муқаррар мекунад. Амали қонуни мазкур нисбат ба ҳамаи кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда, ки аз синни фаворасии ҷавобгарии ҷиноятӣ калонтар ва аз синни 18 сола хурдтар мебошанд ва дар (номи кишвар) зиндагӣ мекунанд ё дар қаламрави (номи кишвар) қарор доранд татбиқ мегардад.

Бар иловаи ин, бояд қайд намуд, ки ба ягон тафовут байни кӯдакон бояд роҳ дода нашавад. Кӯдакони шаҳрванди кишварҳои хориҷӣ, кӯдакони паногоҳталабандагон ва кӯдаконе, ки мувақатан зери юриздиксия қарор доранд, бояд субъекти қонун оид ба адлияи ноболиғон бошанд. Ҳисобидани ягон гурӯҳи кӯдакон ҳамчун кӯдакони берун аз низоми адлияи ноболиғон табъиз ҳисобида мешавад, ки бар хилофи Моддаи 2 КҲК мебошад.

Давлатҳо бояд ба инобат гиранд, ки аксари кишварҳои аврупоӣ доираи амали қонуни адлияи ноболиғонро бо назардошти шахси дар маркази таваҷҷӯҳ буда дар кишвари худ, то ба синни 21 тамдид кардаанд, зеро далелҳои неврологӣ ва омӯзишҳои инкишофи мағзи сар муайян сохтаанд, ки дарёфти тафовут байни мағзи сари кӯдаки синнаш калонтар

---

[28]Қоидаҳои стандартии ақалӣ оид ба муносибат бо маҳбусон, Конгресси аввалини Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирии ҷиноят ва муносибат ба ҷинояткорон, Женева, 22 август – 3 сентябри соли 1955: ҳисоботи аз ҷониби Котибот (нашриёти Созмони Милали Муттаҳид, шумора барои фурӯш 1956 IV.4) омодашуда.

[29]Қоидаҳои стандартии ақалӣ оид ба муносибат бо маҳбусон, Конгресси аввалини Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирии ҷиноят ва муносибат ба ҷинояткорон, Женева, 22 август – 3 сентябри соли1955: ҳисоботи аз ҷониби Котибот (нашриёти Созмони Милали Муттаҳид, шумора барои фурӯш 1956 IV.4) омодашуда. Қоидаи 93. Бо чунин ишора Тавсияномаи 2 (CM/Rec (2006)) Кумитаи вазирони кишварҳои аъзои Қоидаиҳои маҳбас дар Аврупо, ки аз ҷониби Кумитаи Вазирон 11 январи соли 2009 дар нишасти 952-юми Муовинони вазирон қабул гардидааст, талаб мекунад, ки «дар ҳолати вуҷуд доштани нақшаи эътирофшуда оид ба расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон мақомоти давлатӣ онро ба иттилои ҳамаи маҳбусон расонанд» (банди 23.3).

ва мағзи сари ҷавони болиғ душвор аст.[30] Шӯрои Аврупо ин нуқтаи назарро дастгирӣ мекунад ва таъкид месозад, ки “ҷавонони болиғи ҷинояткор метавонанд дар ҳолати муносиб ноболиғ ҳисобида шаванд ва муносибат бо онҳо ба таври мувофиқ бояд ба роҳ монда шавад”.[31] Дар тавсияи қаблӣ Шӯрои Аврупо изҳор кардааст, ки “агар суд хулоса барорад, ки камолот ва ҳисси масъулиятнокии ҷавони болиғ барои амали содиркардааш ба дараҷаи камолоти одами комилан болиғ намерасад, бо назардошти гузариши давомдори кӯдак ба синни балоғат, бояд имконият дода шавад, то муносибат бо ҷавонони болиғи аз синни 21 хурдтар ба тарзи бо муносибат бо ноболиғон муқоисашаванда ба роҳ монда шавад ва чораҳои нисбат ба ноболиғон истифодашаванда нисбат ба онҳо истифода гардад”.[32]

Агар давлатҳо тарафдори истифодаи доираи васеъшудаи амали қонун бо назардошти шахси дар маркази таваҷҷӯҳ буда бошанд, муқарроти Моддаи 4(2) ба тариқи дигар чунин метавонад ифода шавад:

> *(2) Қонуни мазкур нисбат ба ҳамаи кӯдакони аз синни ҷавобгарии ҷиноятӣ калонтар ва аз синни 21 хурдтар, ки сокини [номи кишвар] мебошанд ё дар қаламрави [номи кишвар] қарор доранд ва бо қонун дар мухолифат ҳастанд, амал мекунад.*

Давлатҳо бояд огоҳ бошанд, ки дар мавриди интихоби муқарроти алтернативии дар боло ишорашуда, тамоми матни Қонуни намунавӣ бо назардошти мураттабии баён бояд мутобиқ гардонида шавад. Шахсони аз синни 18 калонтар ва аз синни 21 хурдтар дар КҲК дигар кӯдак ҳисобида намешаванд. Аз ин сабаб давлате, ки аз муқарроти алтернативӣ истифода мекунад, бояд мафҳуми “ҷавони болиғ”-ро (ҳамчун шахси аз синни 18 калонтар ва аз синни 21 хурдтар) дар Моддаи 3 муқаррар кунад ва дар тамоми матни қонун онро дар якҷоягӣ бо мафҳуми “кӯдак” мавриди истифода қарор диҳад.

**(3 ва тариқи дигари (пешниҳоди алтернативии) 3)**

Ҳардуи ин муқаррарот амали қонунро бо назардошти давраи муайян (*ratione temporis*) муқаррар месозанд. Бо ишора ба “мақомоти салоҳиятнок” дар пешниҳоди алтернативӣ, ин муқаррарот гуногунии раванди қонунгузориро дар давлатҳои мухталиф эътироф менамояд. Мақомоти салоҳиятнок бояд аз ҷониби ҳар як кишваре, ки ин қонунро қабул ва татбиқ менамояд, муайян гардад.

---

[30]Оид ба мавзӯи инкишофи мағзи сар ба ҳуҷҷати зерин нигаред: Кумита оид ба баҳодиҳии ислоҳоти адлияи ноболиғон, Бонни Р. Ҷонсон, Р., Чемерс, Б., Шук, Ҷ. (ҳайати таҳ.), *Ислоҳоти адлияи ноболигон: Бархурди рушд* (Нашриёти Нейшинал Академиз: Вашингтон 2012) (номи асли ба забони англисӣ: Bonnie, R., Johnson, R., Chemers, B., Schuck, J. (eds.), *ReformingJuvenileJustice: A Developmental Approach* (The National Academies Press:Washington D.C. 2012)), саҳ. 4-5.

[31]Тавсияномаи 2 (CM/Rec (2008)) Кумитаи вазирон ба кишварҳои аъзо оид ба баррасии ҷинояткорӣ байни ноболиғон ва нақши адлияи ноболиғон, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 4 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми Муовинони вазирон қабул гардидааст. Банди 17.

[32]Тавсияномаи 20 (CM/Rec (2003)) Кумитаи вазирон ба кишварҳои аъзо оид ба баррасии ҷинояткорӣ байни ноболиғон ва нақши адлияи ноболиғон, ки азҷониби Кумитаи вазирон 24 сентябри соли 2003 дар нишасти 853-уми Муовинони вазирон қабул гардидааст. Банди 11

**(4)** Ин муқаррарот мушаххас мекунад, ки Қонуни мазкур ҳамчун қонуни махсус (*lex specialis*) дар муносибат бо қонуни асосии ҷиноятии давлат амал мекунад. Ҳамин тариқ, қонуни асосии ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ танҳо дар он ҳолатҳое амал мекунанд, ки Қонуни мазкур барои онҳо муқаррот (талабот) пешбинӣ накардааст.[33]

## БОБИ 2.
## САЛОҲИЯТҲО

### Моддаи 5. Суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон]

(1-2) Ҳам Моддаи 40 (b)(iii) КҲК ва ҳам Моддаи 14 ПМҲГС муқаррар мекунанд, ки кӯдаке, ки ба содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ айбдор мешавад, бояд аз ҷониби мақомоти, суди фавқулъода (трибунал) ё ҳокимияти судии салоҳиятнок, мустақил ва бетараф суд карда шавад.[34] Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар Қайдҳои умумии № 32 талаб мекунад, ки мақомоти ваколатдор барои мурофиа судӣ бояд дар қонун муқаррар гардад, аз ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор вобаста набошад ё "дар ҳолатҳои алоҳида дорои мустақилияти судӣ дар баррассии

---

[33]Масалан, нигаред ба Моддаи 4-и Қонуни Сербия дар бораи ҳуқуқвайронкунии ҷиноятии ноболиғон ва ҳифзи ҷиноятии ноболиғон. Бо чунин ишора дар Қисми 4-и Қонуни Ҷумҳурии федеративии Олмон дар бораи судҳои ҷавонон омадааст «муқарроти қонуни асосии ҷиноятӣ танҳо дар ҷудо намудани амалҳои ғайриқонуни кӯдакон ба ҷинояти (ҳуқуқвайронкунии ҷиноятии) вазнин ё нисбатан вазнин ва муайян намудани мӯҳлати тафтишоти ҷиноят мувофиқи қонун амал мекунад».

[34] Дар миқёси Аврупо давлатҳои зерин судҳои кӯдакон, судяҳои махсус барои кӯдакон ё институтҳои монанд таъсис додаанд: Австрия, Белгия, Хорватия, Кипр, Чехия, Англия/Вейлс, Фаронса, Олмон, Юнон, Венгрия, Ирландия, Италия, Косово, Голандия, Ирландияи шимолӣ, Лаҳистон, Португалия, Шотландия, Сербия, Словения, Испания ваТуркия: Ҷенсинг, А., *Юриздикция ва хусусиятҳои мурофиаи судии ноболигон дар Аврупо* дар: Дункел, Ф., Жива, Ҷ., Ҳорсфилд, П., Пруйн, И., (маҷ.), *Низоми адлияи ноболигон дар Аврупо,* Боби. 4, чопи 2-юм., (нашрияи Форум Ферлаг Годесберг:Мӯнхенгладбах 2011), саҳ. 1614. (иқтибоси аслӣ ба забони англисӣ - Gensing, A., *Jurisdiction and characteristics of juvenile criminal procedure in Europe* in: Dünkel, F., Grzywa, J., Horsfield, P., Pruin, I. (eds.), *Juvenile Justice Systems in Europe*, Vol. 4, 2nd ed., (Forum VerlagGodesberg: Mönchengladbach 2011)) . Дар минтақаи Осиёи ҷанубӣ судҳои кӯдакон, судяҳои махсус барои кӯдакон ё институтҳои монанд аз ҷумла дар кишварҳо зерин мавҷуданд: Афғонистон [Кодекси ноболиғони Афғонистон аз соли 2005, Қисми 9], Ҳиндустон [Санад оид ба адлияи (нигоҳубин ва ҳифзи )ноболиғоон аз соли 2000, Қисми 4 ва 29], ҷазираҳои Малдив, [Қонун дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва мурофиа судӣ (№ 6) аз соли 2003, Қисмҳои 298(7), (10), (12)]: Гузориши ЮНИСЕФ, *Адлияи ноболигон дар Осиёси ҷанубӣ-шарқӣ; беҳтар намудани ҳифзи кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда тавассути қонун,* 2006, (иқтибоси аслӣ ба забони англисӣ – UNICEF Report, *Juvenile Justice in South Asia; Improving Protection for Children in Conflict with the Law*, 2006)саҳ. 8. Дар минтақаи Африқо судҳои кӯдакон, судяҳои махсус барои кӯдакон ё институтҳои монанд масалан дар Гана [Санад оид ба адлияи кӯдакон аз соли 2003 (№ 653), Қисми 2], Кения [Санад оид бакӯдакон аз соли 2001, № 8, Қисми IV], Африқои ҷанубӣ [Санад оид ба адлияи кӯдакон аз соли 2008, Фасли 9, Боби 63-67] мавҷуданд. Дар Канада, вилояти Квебек суди махсуси кӯдакон барои корҳои кӯдакон таъсис додааст: Бала, Н. Ва Робертс, Ҷ., *Низоми адлияи ноболигон дар Канада,* дар: Юнгер-Тас, Ҷ., Декер, С., (маҷ.) *Роҳнамои байналмилалӣ оид ба адлияи ноболигон,* (нашрияти Спрингер:Нью Йорк, 2008), (иқтибоси аслӣ ба забони англисӣ - Bala, N. and Roberts, J., *Canada's Juvenile Justice System,* in: Junger-Tas, J., Decker, S., (eds.) *International Handbook of Juvenile Justice*, (Springer: New York, 2008)) саҳ. 44.

масъалаҳои ҳуқуқӣ дар раванди мурофиаи судӣ бошад”.[35] Мувофиқаи Моддаи 14 ПМҲГС мақомоти маъмурии ҳокимияти иҷроия «суди фавқулъодаи (трибунал) мустақил ва бетараф» ба ҳисоб намеравад. Моддаи 40 (3) КҲК давлатҳои аъзои Ковентсияро вазифадор мекунад, ки баҳри таъсиси муассисаҳои мутобиқ хусусан ба кӯдакон “кӯшиш ба харҷ диҳад”. Аммо Кумита оид ба КҲК тавсия медиҳад, ки давлатҳои аъзо судҳои алоҳида барои мурофиаи судии кӯдаконе, ки ба содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ айбдор мешаванд, таъсис диҳанд.[36] Ҳанчанде баъзе аз давлатҳои аъзо судҳои алоҳида барои ноболиғон таъсис доданд, норасоии захираҳо барои таъсис ва рушди чунин судҳо дар як қатор кишварҳои дигар метавонад монеа шавад. Барои чунин ҳолат, Кумита оид ба КҲК тавсия медиҳад, ки суди ноболиғон дар доираи судҳои мавҷудаи сатҳи вилоятӣ ва ноҳиявӣ таъсис дода шавад.[37] Агар ин имконпазир набошад, яке аз толорҳои мурофиаи судӣ дар бинои суд метавонад ҷудо гардад ва ҳамчун суди ноболиғон истифода шавад. Дар Қайдҳои умумии № 10-и Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак инчунин омадааст, ки агар таъсиси судҳои ноболиғон ғайриимкон бошад, давлати аъзо бояд судяҳо ва магистратҳои махсусро барои баррасии парвандаҳои ноболиғон таъин намояд.[38] Ҳайати судҳои ноболиғон вобаста аз кишвар мухталиф аст.[39] Дар мавриди фазои суд, давлат бояд қоидаҳо оид ба муҳит ва фазои суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон]-ро муқаррар кунад. Чунин қоидаҳо намуди ашёи хона (мизу курси), тарз ва тартиби нишаст дар толорро мушаххас мекунад, ҳузури падару модар, васии қонунӣ ва дар ҳолати ҳозир набудани ҳардуи онҳо, намоянда дар кори судиро (*curator ad litem*) [васӣ дар кори судӣ (*guardian ad litem)*] таъмин менамояд, ба кӯдак иҷозат медиҳад, то ӯ дар рафти мурофиа бо намояндаи қонунии худ гуфтушунид кунад, муқаррар мекунад, ки судя бо кӯдак дар як сатҳ нишинад ва пӯшидани либоси расмии судиро, ки одатан судя (ҳо) ва дигар иштирокчиёни мурофиа, аз ҷумла прокурор ва ҳимоятгари айбдоршаванда дар тан доранд, манъ мекунад.

**(3)** Судҳои махсус оид ба ноболиғон бояд барои кор бо кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда таъин гарданд.[40] Дар мувофиқа бо Моддаи 40 (b)(iii) КҲК ва ҳам Моддаи 14 ПМҲГС онҳо бояд мустақил ва озод аз дахолати ҳокимияти иҷроия бошанд. Судяҳои ноболиғон бояд аз омӯзишҳои махсус оид ба КҲК, сабабҳои иҷтимоӣ ва дигар сабабҳои

---

[35]Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Қайдҳои умумии № 32, Моддаи 14, *Ҳуқуқ ба баробарҳуқуқӣ дар назди судҳо ва судҳои фавқулъода (трибунал), ва ҳуқуқ ба суди одил,* 23 августи соли 2007 (CCPR/C/GC/32), банди 18.

[36] Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 93.

[37] Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 93.

[38] Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 93.

[39] Масалан Моддаи 121 Қонуни граждании Мисри араб., № 126/2008 муқаррар мекунад: «Суди кӯдакон аз 3 магистрат иборат мешавад ва яз ҷониби ду коршинос, ки якеаш ҷинси зан аст, дастгирӣ карда мешавад. Ду коршинос баъд аз омӯзиши ҳамаҷонибаи вазъи кӯдак гузориши худро ба суд пеш аз қабули қарор месупоранд. Ду коршиноси дар боло қайдгардида бо фармони Вазири адлия дар мувофиқат бо Вазири корҳои иҷтимоӣ таъин мегарданд. Шартҳо барои номзад ба вазифаи коршинос бо фармони Вазири корҳои иҷтимоӣ муқаррар мегардад (....)».

[40]Нигаред ба Қарори 10/2 КҲИ СММ, *Ҳуқуқҳои инсон дар адолати судӣ, хусусан дар адолат исудӣ нисбати ноболиғон,* 24 марти 2009, банди муқ. 6.

ҷинояткории ноболиғон, "ҷиҳати психологӣ ва дигар хусусиятҳои камолоти кӯдак, бо таваҷҷӯҳи махсус ба духтарон ва кӯдакони ақалиятҳои миллӣ ва халқиятҳои муқимӣ, (...) ҷараёни фаъолияти гурӯҳӣ, ва чораҳои мавҷуда барои истифода нисбати кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда (...)" гузаранд.[41] Омӯзишҳо бояд инчунин омӯзиш оид ба масъалаҳои зидди нажодпарастӣ ва бисёрфарҳангиро дар бар гиранд.[42] Баъзе аз давлатҳо метавонанд дастурамал оид ба омӯзиши кормандони судҳои адлияи ноболиғон ва дигар мутахиссисоне [муносиб], ки дар доираи низоми адлияи ноболиғон кор мекунанд, омода ва қабул намоянд.

**(4)** Агар шахси болиғ дар якҷоягӣ бо кӯдак ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ содир карда бошад, парвандаи кӯдак дар якҷоягӣ бо парвандаи шахси болиғ баррасӣ нашуда, дар суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] баррасӣ мегардад. Ҳукми кӯдак на дар асоси қонуни ҷиноятии кишвар, балки танҳо дар асоси Қонуни мазкур бароварда мешавад.

**(5)** Дар ҳодати содир кардани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ аз ҷониби кӯдак ва оғоз гардидани мурофиаи судӣ баъд аз ба синни 18 сола расидани ӯ, парвандаи ӯ на дар суди шахсони болиғ, балки дар суди кӯдакон [ноболиғон] [ҷавонон] баррасӣ мегардад. Меъёри мазкур маънои онро дорад, ки агар ҳуқуқвайронкунӣ дар давраи кӯдак будани ҷинояткор содир шуда бошад, парвандаи ӯ бояд бо назардошти он ҳолат баррасӣ карда шавад.

**(6)** Бо мақсади ба таври самаранок татбиқ намудани ҳуқуқ ба эътироз овардан аз болои ҳукми суд (Моддаи 14 (5) ПМҲГС) дар доираи қонунгузорӣ бар бораи адлияи ноболиғон, қонуни Мазкур суд ё палатаи аппелятсионӣ таъсис медиҳад, ки салоҳияти аз нав дида баромадани қарорҳои судиро дорост.

### Моддаи 6. Прокуророни махсус оид ба кор бо кӯдакон [ноболиғон]

**(1)** Кумита оид ба КҲК бар он ақидааст, ки «низоми фарогири адлияи ноболиғон (...) талаб мекунад, ки [а][43] идораи прокурори махсус таъсис дода шавад»[44]. Мантиқи ин ақидаи Кумита оид ба КҲК дар Қайдҳои умумии № 10 чунин шарҳ дода шудааст: «Агар иштирокчиёни асосии адолати судӣ нисбати ноболиғон, ба мисли кормандони полис, прокуророн, судяҳо ва нозирони корҳои ислоҳотӣ ба пуррагӣ ин кафолатҳоро эҳтиром ва ҳифз нанамоянд, чӣ тавр онҳо метавонанд интизор шаванд, ки кӯдак бо дидани чунин намунаи манфӣ ҳуқуқи инсон

---

[41] Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 97.

[42]Қарори 10/2 КҲИ СММ, *Ҳуқуқҳои инсон дар адолати судӣ, хусусан дар адолати судӣ нисбати ноболиғон,* 24 марти 2009, банди муқ. 6. Дар ин маврид таваҷҷӯҳ кунед ба: Қатъномаи МУ 63/241, *Ҳуқуқҳои кӯдак,* 13 марти 2009, банди муқ. 45; Қатъномаи МУ A/RES/67/166, *Ҳуқуқҳои инсон дар адолати судӣ,* 20 декабри с. 2012, банди муқ. 22.

[43] На дар шакли матни аслӣ.

[44] Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 92.

ва азодиҳои асосии дигаронро эҳтиром кунад?».[45] Аз ин сабаб муҳим аст, ки идораи прокурори махсус оид ба кор бо кӯдакон дар ҳар ноҳияе, ки суд он ҷо қарор дорад, бо кормандони махсус омӯзонидашуда таъсис дода шавад.[46]

(2) Дар ҳолати имконпазир набудани таъсиси идораҳои прокурори махсус оид ба кор бо кӯдакон дар ҳар як ноҳия, прокуророни идораи прокурори ноҳияи мазкур, ки ба баррасии парвандаҳои шахсони болиғ машғуланд, барои кор бо парвандаҳои кӯдакон баъд аз гузаштан аз омӯзиши махсус пешниҳод мегарданд.

**Моддаи 7. Шуъбаҳои [идораҳои] махсуси полис**

**(1)** Кумита оид ба КҲК дар Қайдҳои умумии № 10 тавсия медиҳад, ки шӯъбаҳои махсуси полис оид ба кор бо кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда таъсис дода шаванд.[47] Бо чунин ишора Тавсияи 7 (85) – и гузориши муштараки Дафтари Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон, Дафтари СММ оид ба моводи мухаддир ва ҷиноят ва Намояндаи махсуси Дабири кулл оид ба хушунат нисбат ба кӯдакон бахшида ба пешгирӣ ва коҳиш додани хушунат нисбати кӯдакон дар доираи низоми адлияи ноболиғон барои ба роҳ мондани чунин «тахассус дар мақомоти полис» даъват мекунад.[48] Кормандони полисе, ки бо кӯдакон сару кор доранд, бояд аз омӯзиши махсус бахшида ба чӣ тавр бо кӯдак муносибат кардан ва усулҳои камолоти кӯдак гузаранд[49] ва аз ҷониби мақомоти салоҳиятнок дар асоси қонуни миллӣ дар бораи полис таъин гарданд.

(2) Дар ҳолати имконпазир набудани таъсиси шӯъбаҳои махсуси полис, ҳадди ақал бояд корманди полис барои кор бо ноболиғон аз қатори кормандони шӯъбаҳои дигар таъин гардад, то татбиқи тавсияҳои Кумита оид ба КҲК дар давлати аъзо таъмин карда шавад.

---

[45] Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 13, зербанди 2.

[46] Дар мавриди талаботи омӯзиш ба ҳуҷҷатҳое зерин нигаред: Қатъномаи МУ 63/241, *Ҳуқуқҳои кӯдак,* 13 марти 2009, банди муқ. 45; Қарори 10/2 КҲИ СММ, *Ҳуқуқҳои инсон дар адолати судӣ, хусусан дар адолати судӣ нисбати ноболиғон,* 24 марти 2009, банди муқ. 6; Қатъномаи МУ A/RES/67/166, *Ҳуқуқҳои инсон дар адолати судӣ,* 20 декабри с. 2012, банди муқ. 22.

[47] Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 92.

[48]Тавсияи 7 (85) – и гузориши муштараки Дафтари Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон, Дафтари СММ оид ба моводи мухаддир ва ҷиноят ва Намояндаи махсуси Дабири кулл оид ба хушунат нисбат ба кӯдакон бахшида ба пешгирӣ ва коҳиш додани хушунат нисбати кӯдакон дар доираи низоми адлияи ноболиғон, 27 июни с. 2012, (A/HRC/21/25), банди 85; инчунин Қатъномаи МУ 63/241, *Ҳуқуқҳои кӯдак,* 13 марти 2009, банди муқ. 27 (d).

[49] Ба ҳуҷҷатҳои зерин нигаред: Қатъномаи МУ 63/241, *Ҳуқуқҳои кӯдак,* 13 марти 2009, банди муқ. 45; Қарори 10/2 КҲИ СММ, *Ҳуқуқҳои инсон дар адолати судӣ, хусусан дар адолати судӣ нисбати ноболиғон,* 24 марти 2009, банди муқ. 6; Қатъномаи МУ A/RES/67/166, *Ҳуқуқҳои инсон дар адолати судӣ,* 20 декабри с. 2012, банди муқ. 22.

**Моддаи 8. Муассисаҳои таъминоти иҷтимоӣ**

Дар баррасии масъалаҳои марбут ба адлияи ноболиғон такя ба дастгирии муассисаҳои таъминоти/ёрии иҷтимоӣ дар тамоми марҳилаҳои адолати судӣ нисбати ноболиғон, махсусан дар мавриди дастрас намудани маълумот оид ба вазъи зиндагӣ ва вазъи иҷтимоии кӯдак, барои суд, идораи прокурор, полис ва ҳам худи кӯдак нақши муҳимро мебозанд.[50] Аз ин лиҳоз, давлат бояд таъсиси муассисаҳои таъминоти/ёрии иҷтимоиро дар назди ҷамъиятҳо (дар сатҳи маҳаллӣ) таъмин намояд ва барои кормандони онҳо омӯзишҳо ташкил кунад.[51] Аз сабаби хусусияти хосаи ҳар як низоми ҳуқуқӣ[52], дар ҳар кишвар мафҳуми "муассисаҳои таъминоти иҷтимоӣ" ба таври мухталиф истифода мешавад ва аз ин лиҳоз, Қонуни мазкур мафҳуми васеъи "муассисаҳои таъминоти иҷтимоӣ"-ро истифода мекунад.

## БОБИ 3.
## ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ

**Моддаи 9. Синни ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ**

(1) Синни ҷавобгарии ҷиноятӣ синни ақале мебошад, ки бо фарорасии он кӯдак ба содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ дар асоси қонун [де юре] қобилият пайдо мекунад. Синну сол метавонад инчунин ҳамчун синни ақале ҳисобида шавад, ки бо фарорасии он кӯдак метавонад барои содир намудани ҷиноят таҳти таъқиби ҷиноятӣ қарор дода шавад. Аммо ин ду синну сол метавонанд фарқ кунанд ва давлат метавонад синни калонтарро ҳамчун синне, ки бо фарорасии он кӯдак метавонад дар доираи низоми адлияи ноболиғон таҳти таъқиби ҷиноятӣ қарор дода шавад, муқаррар кунад. Чунин бархурд ҳамчунин ба синне, ки бо фарорасии он кӯдак метавонад бо ҳукми суд аз озодӣ маҳрум карда

---

[50] Барои таҳлили муқоисавӣ оид ба нақши муҳими муассисаҳои таъминоти иҷтимоӣ дар низоми адлияи ноболиғон ба маводи зерин назар афканед: Ҷенсинг, А., *Юрисдикция ва хусусиятҳои мурофиаи судии ноболиғон дар Аврупо* дар: Дункел, Ф., Жива, Ҷ., Ҳорсфилд, П., Пруйн, И., (маҷ.), *Низоми адлияи ноболиғон дар Аврупо,* Боби. 4, чопи 2-юм., (нашрияи Форум Ферлаг Годесберг:Мӯнхенгладбах 2011), саҳ. 1631. (иқтибоси аслӣ ба забони англисӣ - Gensing, A., *Jurisdiction and characteristics of juvenile criminal procedure in Europe* in: Dünkel, F., Grzywa, J., Horsfield, P., Pruin, I. (eds.), *Juvenile Justice Systems in Europe*, Vol. 4, 2nd ed., (Forum VerlagGodesberg: Mönchengladbach 2011))

[51] Дар мавриди талаботи омӯзиш ба ҳуҷҷатҳое зерин нигаред: Қарори 10/2 КҲИ СММ, *Ҳуқуқҳои инсон дар адолати судӣ, хусусан дар адолати судӣ нисбати ноболиғон,* 24 марти 2009, банди муқ. 6; Қатъномаи МУ A/RES/67/166, *Ҳуқуқҳои инсон дар адолати судӣ,* 20 декабри с. 2012, банди муқ. 22.

[52] Барои маълумоти иловагӣ оид ба мафҳумҳои гуногун барои «муассисаҳои таъминоти иҷтимоӣ» дар кишварҳои Аврупо ба маводи зерин нигаред: Ҷенсинг, А., *Юриздикция ва хусусиятҳои мурофиаи судии ноболигон дар Аврупо* дар: Дункел, Ф., Жива, Ҷ., Ҳорсфилд, П., Пруйн, И., (маҷ.), *Низоми адлияи ноболигон дар Аврупо,* Боби. 4, чопи 2-юм., (нашрияи Форум Ферлаг Годесберг:Мӯнхенгладбах 2011), саҳ. 1633. (иқтибоси аслӣ ба забони англисӣ - Gensing, A., *Jurisdiction and characteristics of juvenile criminal procedure in Europe* in: Dünkel, F., Grzywa, J., Horsfield, P., Pruin, I. (eds.), *Juvenile Justice Systems in Europe*, Vol. 4, 2nd ed., (Forum VerlagGodesberg: Mönchengladbach 2011))

шавад, тааллуқ дорад.[53] Дар асоси Моддаи 40 (3) КҲК, давлатҳои аъзо саъю кӯшиш мекунанд, то синни ақалеро муқаррар намоянд, ки дар сурати аз ин син хурд будан, кӯдакон ба вайрон кардани қонунгузории ҷиноятӣ қодир ҳисобида нашаванд. Қоидаи 4-и Қоидаҳои Пекин тавсия мекунад, ки ягон синни ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ, "бо назардошти камолоти эҳсосӣ, ақлӣ ва маънавӣ, набояд дар синни бениҳоят хурд" муқаррар гардад.[54] Дар Қайдҳои умумии № 10-и Кумита оид ба КҲК инчунин ҳамчун тавсия омадааст, ки "давлатҳои аъзо синни хурди ақали ҷавобгарии ҷиноятиро (САҶҶ) то ба синни дар сатҳи байналмилалӣ пазируфташуда баланд бардоранд " ва таъкид мешавад, ки "синни ақали ҷавобгарии ҷиноятии хурдтар аз синни 12 ба ақидаи Кумита синни дар сатҳи байналмилалӣ пазируфташуда ҳисобида намешавад".[55] Кумита давлатҳои аъзоро суботкорона даъват менамояд, то синни калонтари ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ, масалан синни 14 ё 16, муқаррар кунанд.[56] Кумита оид ба КҲК ҳамзамон қайд менамояд, ки тавсияи Қайдҳои умумӣ набояд бо мақсади паст кардани синни ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ дар кишварҳое, ки он аз синни 12 баландтар аст, истифода шавад[57]. Кумита инчунин "аз мавҷудияти таҷрибаи истифодаи ҳолатҳои истисноӣ дар робита бо синни ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ масалан дар мавридҳое, ки кӯдак барои содир намудани ҷинояти вазнин айдбор карда мешавад ё кӯдак ба дараҷаи кофӣ барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба камолот расида ҳисобида мешавад" изҳори нигаронӣ мекунад.[58] Доираи ҷиноятҳое, ки зери мафҳуми "ҷинояти вазнин" муқаррар шудаанд дар ҳар давлати мухталиф доираиҳои гуногуни ҷиноятҳоро дар бар мегиранд. Аммо бояд аз хотир набаровард, ки зери мафҳуми ҷинояти "вазнин" мо хавфи ҷиддии ҷинояти содиршударо дар назар дорем. Дар робита ба ин, Қоидаи 17.1 (с) Қоидаҳои Пекин истифодаи ҳабси пешакиро танҳо ба ҳолатҳои ҷой доштани "амали ҷиддӣ бо истифода аз хушанат нисбат ба шахси дигар" маҳдуд мекунад. Вобаста ба ин бояд қайд гардад, ки аксари давлатҳои Аврупо синни ақали ҷавобгарии ҷиноятиро синни 14 ё 15 муқаррар кардаанд.[59] Бо назардошти Қайдҳои умумии № 10 ва намунаи кишварҳои

[53]Масалан ба Ҷумҳурии Швейцария агар нигоҳ кунем, мувофиқи Қонуни федералӣ дар бораи ҳуқуқи ҷиноятии ноболиғон аз 20 июни с. 2003, синни ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ синни 10 муқаррар шудааст (Моддаи 3), вале ҳукми маҳрум сохтан аз озодӣ танҳо нисбат ба кӯдаки ба синии 15 расида метавонад бароварда шавад (Моддаи 25).

[54]Маҷмааи умумии СММ, Қоидаҳои стардартии ақали Созмони Милили Муттаҳид дар бораи ба роҳ мондани адлияи ноболиғон (Қоидаҳои Пекин), ки дар МУ таърихи 29 ноябри соли 1985 (A/RES/40/33) қабуд гардидааст, Қоидаи 4; Тавсияи CM/Rec (2008)11- и Кумитаи вазирони кишварҳои аъзо оид ба Қоидаҳои аврупоӣ оид ба ҷинояткорони ноболиғе, ки нисбат ба онхо ҷазо ва чораҳо метавонанд муқаррар гарданд, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 5 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми Муовинони вазирон қабул гардидааст, банди 4.

[55]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 32.

[56]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 33.

[57]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 33.

[58]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 34.

[59]Барои таҳлили мукаммал оид ба Аврупо ба маводи зерин нигаред: Дункел, Ф., Жива, Ҷ., Ҳорсфилд, П., Пруйн, И., (маҷ.), *Низоми адлияи ноболигон дар Аврупо,* Боби. 4, чопи 2-юм., (нашрияи Форум Ферлаг Годесберг:Мӯнхенгладбах 2011) (иқтибоси аслӣ ба забони англисӣ - Dünkel, F., Grzywa, J., Horsfield, P., Pruin, I. (eds.), *Juvenile Justice Systems in Europe*, Vol. 4, 2nd ed., (Forum Verlag Godesberg: Mönchengladbach 2011)); шарҳи

Аврупо давлатҳои аъзо суботкорона даъват карда мешаванд, то синни ақали ҷавобгарии ҷиноятиро балантар аз синни 12 муқаррар намоянд.

**Ба тариқи (варианти) дигар**

**(1)** Ҳарду тариқи (варианти) дар Қонуни намунвӣ пешниҳод гардида барои кишварҳое, ки анъанаи ҳуқуқи умумӣ (ҳуқуқи англо-саксонӣ) доранд пешбинӣ шудаааанд, то таъкид гардад, ки меъёри ба содир намудани ҷиноят қодир набудан (*doli incapax*) дар ин маврид амал мекунад. Дар ин маврид меъёри ҷой надоштани ҷавобгарии ҷиноятӣ, ки дар ягон сурат наметавонад аз ҷониби тарафи айбдоркунанда рад гардад, тахмин карда мешавад.

**(2)** Хангоме, ки банди (1) [тариқи (варианти) дигар барои банди (1)] муқаррар мекунад, ки кӯдаки аз синни аз ҷониби давлат муайянгардида хурдтар наметавонад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, банди (2) ба ҷавобгарӣ кашидани кӯдаки аз синни аз ҷониби давлат муайянгардида калонтарро барои ҷинояти дар синни хурдтар аз синни ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ содиркардашуда манъ мекунад.

**Моддаи 10. Манъ будани ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани кӯдак ҳангоми содир намудани ҳуқуқвайронкунии вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ**

Мафҳуми "ҳуқуқвайронкунӣ вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ" барои шарҳ додани амалҳо, рафтор ва беамалие, ки дар ҳолати содир намудани онҳо аз ҷониби шахси болиғ ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ ҳисобида намешавад, аммо ҳангоми аз тарафи кӯдак содир шудани онҳо ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣҳисобида мешавад, истифода шудааст. Масалан, қонуне, ки мактабгурезӣ ё бепарвоӣ нисбат ба мактабро ҳамчун ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ муқаррар мекунад, он ҳуқуқвайронкуние ҳисобида мешавад, ки танҳо кӯдак метавонад содир кунад ва аз ин сабаб, ҳуқуқвайронкунии вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ арзёбӣ мегардад. Дигар мисолҳои ҳуқуқвайронкунӣ вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ метавонад "вайрон кардани низоми давраи (соатҳои) комендантӣ, _мактабгурезӣ, ғайб задан (аз хона гурехтан), талбандагӣ, кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ, мансубият ба гурӯҳҳои ғоратгарон ва ҳатто саркашии оддӣ ва рафтори бад" бошад.[60] Дастури Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҷиноятикории ноболиғон ( Дастури Ар-

---

мукаммал оид ба синни ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ дар тамоми кишварҳои дунё дар: Сипрани, Д., *Ҳуқуқҳои кӯдакон ва синни ақали ҷавобгарии ҷӣноятӣ – пешомади глобалӣ,* (нашрияи Ашгейт: Назарсанҷиши соли 2009) (иқтибоси аслӣ ба забони англисӣ - Cipriani, D., Children's *Rights and the Minimum Age of Criminal Responsibility – A Global Perspective*,(Ashgate: Surrey 2009)) саҳ. 98. Як қатор давлатҳо ба мисли Чили, Хитой, Колумбия, Ҷумҳурии халқи-демократии Корея, Қазоқистон, Қирғизистон, Мӯғулистон, Бандивай, Уругвай, Перу, Ҷумҳурии Корея, Руанда, Сере Леон, Тоҷикистон ва Туркманистон синни ақали ҷавобгарии ҷиноятиро синни 14 муқаррар кардаанд. Синни ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ дар Исландия, Ҷумҳурии халқи-демократии Лао ва Филиппин синни 15 буде, дар Аргентина, Кабо-Верде, Гвинеям Экваторӣ, Гвинея-Бисау, ва Сан-Томе ва Принсипи синни 16 аст.

[60]*Гузориши глобалӣ оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ,* Шабакаи иттилооти оид ба ҳуқуқҳои кӯдак (нашри якум с. 2009, Шабакаи иттилооти оид ба ҳуқуқҳои кӯдак 2009), саҳ. 3. (номи аслии мавод ба забони англисӣ - *Global Report on Status Offenses*, Child Rights Information Network (first published 2009, Child Rights Information Network 2009),)

Риада)[61] талаб мекунад, ки «барои таъмин намудани он, ки ҳамаи рафторе, ки ҳангоми аз ҷониби шахси болиғ содир шуданаш ҳуқуқвайронкунӣ ҳисобида намешавад ё барои содир кардани он ӯ ба ҷавобгарӣ кашида намешавад, дар ҳолати содир шудани он аз ҷониби кӯдак ҳуқуқвайронкунӣ ҳисобида нашавад ва дар асоси қонун барои содир намудани он кӯдак ҷазо дода нашавад, бояд муқарроти қонунии дахлдор амал кунад».[62] Ин барои пешгирӣ намудани “бадномшавии кӯдак ва ҷинояткории таркорӣ” зарур дониста мешавад.[63] Кумита оид ба КҲК дар Қайдҳои умумии № 10 як қадам пештар гузошта, тавсия мекунад, ки баҳри таъмини муносибати баробар бо шахсони болиғ ва кӯдакон дар асоси қонун ҳамаи давлатҳои аъзо муқарраროти мавҷударо оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ бекор кунанд.[64]

### Моддаи 11. Муайян намудани синну сол

(1) Муайян намудани синни дурусти кӯдаки барои содир намудани ҷиноят гумонбаршаванда, махсусан дар давлатҳои сатҳи пасти таваллуднокӣ дошта, мушкилӣ барои тарафи айбдоркунанда ва суд эҷод мекунад. Аз ин сабаб, ворид намудани мӯкаррарот дар ин бобат дар қонуни адлияи ноболиғон хеле муҳим аст. Барои муайян намудани он, ки оё кӯдаки барои содир намудани ҷиноят гумонбаршаванда метавонад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, суд бояд донад, ки кӯдак ба синни ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ расидааст ё не. Ҳамин мулоҳиза инчунин ба ҳолати мавҷуд будани шубҳа дар бораи ба синни 18 расидан ё нарасидани кӯдаки гумонбаршаванда, ки дар ҳолати ба синни 18 расидани ӯ парванда бояд ба суди шахсони болиғ барои баррасӣ интиқол гардад, таалуқ дорад. Як қатор давлатҳо, ба монанди Ҳиндустон[65], Италия[66], Кения[67] ва Африқои Ҷанубӣ[68], ба қонуни адлияи ноболиғон муқаррот оид ба муайян намудани синну соли кӯдак ворид намудаанд.

(2) Вақти муайян намудани синну соли кӯдак, суд тамоми маълумоти мавҷударо ба инобат мегирад. Муайян намудани синну сол бояд ҳамчун чораи охирин ва дар ҳолати мавҷуд будани сабаб барои шубҳа кардани синни кӯдак, ва баъд аз бенатиҷа анҷом ёфтани бархурдҳои дигар, на танҳо ба монанди мусоҳибаҳо ва ҷамъоварии далелҳои ҳуҷҷатӣ, истифода

---

[61] МУ СММ, *Дастури Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҷинояткории ноболигон ( Дастури Ар-Риада),* ки аз ҷониби МУ 14 декабри соли 1990 (A/RES/45/112) қабул гардидааст.
[62] МУ СММ, *Дастури Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҷинояткории ноболигон ( Дастури Ар-Риада),* ки аз ҷониби МУ 14 декабри соли 1990 (A/RES/45/112) қабул гардидааст. Дастури 56.
[63] МУ СММ, *Дастури Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҷинояткории ноболигон ( Дастури Ар-Риада),* ки аз ҷониби МУ 14 декабри соли 1990 (A/RES/45/112) қабул гардидааст. Дастури 56.
[64] Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 8.
[65] Санади Ҳиндустон оид ба адлияи ноболиғон (нигоҳубин ва ҳифзи ноболиғон), аз соли 2000, Моддаи 49.
[66] Моддаи 8, D.R.P., № 448/1988
[67] Кения [Санад оид ба кӯдакон 2001, № 8 аз соли 2001], Моддаи 143
[68] Африкаи Ҷанубӣ [Санад оид ба адлияи кӯдакон 2008], Моддаҳои 12-16

шавад.[69] Шаъну шарафи кӯдак бояд дар ҳамаи ҳолат эҳтиром гардад[70] ва роҳи камташвишдиҳандатарини муайян намудани синну сол баҳри бо стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон, хусусан КҲК ва Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф (КЗШ)[71], мутобиқат кардан истифода шавад. Давлатҳои аъзо бояд ба инобат гиранд, ки муайянкунии синну сол бояд хусусияти мутобиқати гендарӣ ва бисёрсоҳавӣ дошта, аз ҷониби мутахассисе, ки дорои ихтисоси дахлдор ва шиносоӣ бо арзишҳои миллӣ ва фарҳангии кӯдак мебошад, гузаронида шавад.[72] Камолоти ҷисмонӣ, муҳити психологӣ ва омилҳои фарҳангӣ бояд инчунин ба назар гирифта шаванд.[73] "Бояд дарк намуд, ки муайян намудани синну сол ин илми дақик нест. Он раванде мебошад, ки дар рафти он ҳамеша эҳтимолияти хатогӣ вуҷуд дорад ва синни кӯдак наметавонад дар асоси ташхиси тиббӣ ё дигар ташхисе батаври дақиқ муайян гардад"[74]. Ҷараён, натиҷа ва оқибатҳои муайян намудани синну сол бояд ба кӯдак бо забони ба ӯ фаҳмо фаҳмонида шавад, ва сабти хаттии он тартиб дода шуда, як нусхаи он ба кӯдаки гумонбаршаванда дастрас гардад.[75]

(3) Агар баъд аз ташхиси муайян намудани синну сол шубҳа оид ба синни кӯдаки барои содир намудани ҷиноят гумонбаршаванда боқӣ монад, ӯ кӯдак дониста мешавад. Ин маънои онро дорад, ки агар аз синни ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ хурдтар ё калонтар будани кӯдаки гумонбаршаванда норавшан бошад, ӯ аз синни ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ хурдтар дониста мешавад. Дар ҳолати ҷой доштани шубҳа оид ба кӯдак ё шахси болиғ буданӣ ӯ – хурдтар ё калонтар аз синни 18 будани ӯ – ӯ кӯдак дониста шуда, вазъи ӯ дар доираи амали қонун дар бораи адлияи ноболиғон баррасӣ мегардад.

---

[69] Смит Т. ва Браунлис, Л., Мақолаи таҳлилии ЮНИСЕФ, *Муайян намудани синну сол: нуқтаи назари техникӣ,* (ЮНИСЕФ, Нью Йорк, 2012), саҳ. 10 (номи аслии мавод ба забони англисӣ - Smith, T. and Brownlees, L., *UNICEF working paper, Age assessment: A technical note*, (UNICEF: New York, 2012)).
[70]СмитТ. ваБраунлис, Л., МақолаитаҳлилииЮНИСЕФ, *Муайяннамуданисиннусол: нуқтаиназаритехникӣ,* (ЮНИСЕФ, НьюЙорк, 2012), саҳ. 12 (номи аслии мавод ба забони англисӣ - Smith, T. and Brownlees, L., *UNICEF working paper, Age assessment: A technical note*, (UNICEF: New York, 2012)).
[71]СмитТ. ваБраунлис, Л., МақолаитаҳлилииЮНИСЕФ, *Муайяннамуданисиннусол: нуқтаиназаритехникӣ,* (ЮНИСЕФ, НьюЙорк, 2012), саҳ. 11 (номи аслии мавод ба забони англисӣ - Smith, T. and Brownlees, L., *UNICEF working paper, Age assessment: A technical note*, (UNICEF: New York, 2012)).
[72]СмитТ. ва Браунлис, Л., Мақолаи таҳлилии ЮНИСЕФ, *Муайян намудани синну сол: нуқтаи назари техникӣ,* (ЮНИСЕФ, НьюЙорк, 2012), саҳ. 12 (номи аслии мавод ба забони англисӣ - Smith, T. and Brownlees, L., *UNICEF working paper, Age assessment: A technical note*, (UNICEF: New York, 2012)).
[73]СмитТ. ва Браунлис, Л., Мақолаи таҳлилии ЮНИСЕФ, *Муайян намудани синну сол: нуқтаи назари техникӣ,* (ЮНИСЕФ, НьюЙорк, 2012), саҳ. 12 (номи аслии мавод ба забони англисӣ - Smith, T. and Brownlees, L., *UNICEF working paper, Age assessment: A technical note*, (UNICEF: New York, 2012)).
[74]СмитТ. ва Браунлис, Л., Мақолаи таҳлилии ЮНИСЕФ, *Муайян намудани синну сол: нуқтаи назари техникӣ,* (ЮНИСЕФ, НьюЙорк, 2012), саҳ. 18 (номи аслии мавод ба забони англисӣ - Smith, T. and Brownlees, L., *UNICEF working paper, Age assessment: A technical note*, (UNICEF: New York, 2012)).
[75]СмитТ. ва Браунлис, Л., Мақолаи таҳлилии ЮНИСЕФ, *Муайян намудани синну сол: нуқтаи назари техникӣ,* (ЮНИСЕФ, НьюЙорк, 2012), саҳ. 32 (номи аслии мавод ба забони англисӣ - Smith, T. and Brownlees, L., *UNICEF working paper, Age assessment: A technical note*, (UNICEF: New York, 2012)).

**Моддаи 12. Муайян намудани шахсият**

(1) Пеш аз баровардани ҳукм шунидан ва ба инобат гирифтани ақидаи коршиносон оид ба шахсияти кӯдак барои суд ҳатмӣ аст. Ин ӯҳдадорӣ онро таъмин менамояд, ки ҳукми нисбат ба кӯдак баровардашуда одилона буда, ҳолатҳои истисноӣ, эҳтиёҷоти кӯдак ва талаботи камолоти ӯ ба инобат гирифта мешаванд. Дар ин ҳолат нақши асосиро муассисаи таъминоти иҷтимоӣ мебозад, ки дар муайян намудани шахсият метавонад ба суд кӯмак расонад. Зарурати машварат бо шахсони сеюм, ба монанди падару модар, васии қонунӣ, муаллимон ё ҳамсолон, бо мақсади муайян намудани шахсияти кӯдак аз ҷониби суд муайян карда мешавад.

(2) Кӯдакони дорои касалиҳои руҳӣ дар доираи низоми адлияи ноболиғон қарор дода намешаванд. Аз ин лиҳоз, суд ӯҳдадор аст, ки мурофиаи судиро нисбат ба кӯдаки аз нуқтаи назари рӯҳӣ носолим боздорад ва дар ҳолати зарурӣ ӯро ба муассисаҳои махсус равон кунад. Ин ба қоидаи 53-юми Қоидаҳои Гаванна, ки мувофиқи он «ноболиғи дорои касалиҳои рӯҳӣ бояд дар муассисаи махсус зери назорати роҳбарияти тиббии мустақил муолиҷа карда шавад» мутобиқат мекунад. «Барои таъмин намудани идомаи муолиҷаи саломатии рӯҳӣ баъд аз озод шудани кӯдак бояд чораҳо тавассути кор бо муассисаҳои дахлдор андешида шаванд».

# ФАСЛИ (САРЛАВҲАИ) II: АДЛОЛАТИ СУДӢ НИСБАТИ НОБОЛИҒОН

## БОБИ 1. ПРИНСИПҲОИ АДОЛАТИ СУДӢ НИСБАТИ НОБОЛИҒОН

### Моддаи 13. Принсипҳои умумӣ

**(1) Табъиз накардан**

Қонуни мазкур тавсияи Моддаи 2 КҲК-ро бо талаботи зерин ифода мекунад: «Давлатҳои аъзо тамоми ҳуқуқҳои дар ин Конвенсия пешбинӣ гардидаро нисбати ҳар як кӯдаке, ки дар доираи ҳуқуқии онҳо қарор дорад, бидуни ягон табъиз, сарфи назар аз нажод, ранги пӯст, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, ақидаи сиёсӣ ва ақидаи дигар, асли миллӣ, этникӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молӣ, вазъи саломатӣ ва таваллуди кӯдак, падару модар ё сарпарасти қонунии ӯ ё ягон ҳолатҳои дигар эҳтиром ва таъмин менамоянд».[76]

Кумита оид ба КҲК талаб мекунад, ки давлатҳои аъзо ҳамаи чораҳои заруриро барои таъмини муносибати баробар бо кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда андешанд.[77] Кӯдаконе, ки нисбат ба онҳо ҷой доштани эҳтимолияти табъиз вуҷуд дорад кӯдакони кӯчагард, кӯдакони ақалиятҳои миллӣ, динӣ ва забонӣ, кӯдакони имконияти маҳдуддошта, кӯдакони зери хариду фурӯш қарор додашуда, кӯдакони муҳоҷир ва кӯдакони такроран бо қонун дар мухолифатбударо (ҷинояткори ислоҳнашаванда) дар бар мегиранд. Кӯдаконе, ки хонаву дар надоранд, ба мушкилоти иҷтимоӣ рӯбарӯ мешаванд, камбизоатанд ё падару модари ҷинояткор доранд, худ аз маводи мухаддир ва машруботи спиртдор сӯистифода мекунанд ва кӯдаконе, ки ба таълиму таҳсил фаро гирифта нашудаанд ва касалиҳои рӯҳӣ доранд инчунин метавонанд зери муносибати дағалона дар доираи низоми адлияи ноболиғон қарор гиранд. Ин кӯдакон бо эҳтимолияти бештар метавонанд суд карда шаванд, ба ҳабси пешакӣ гирифта шаванд ва бо хукми маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда шаванд. Барои аз байн бурдани табъиз давлатҳои аъзо метавонанд ӯҳдадор шаванд ё дар баъзе ҳолатҳо ӯҳдадоранд, ки чораҳои махсус барои коҳиш додани омилҳое андешанд, ки сабаби ҷой доштани табъиз мебошанд. Чунин чораҳо дар он ҳолат қонунӣ ҳисобида мешаванд, ки дар амал барои аз байн бурдани табъиз воситаҳои асоснокшуда, объективӣ ва мутаносиб пешниҳод кунанд. Онҳо метавонанд баъди ба таври устувор барқарор шудани баробарӣ барҳам дода шаванд. Чунин чораҳои мусбӣ метавонанд чораҳои истисноӣ бошанд, аммо ба таври доимӣ амал кунанд/дастрас бошанд, аз ҷумла ба монанди хизматрасонии тарҷумон барои ақалиятҳои забонӣ ва

---

[76]Инчунин нигаред ба Қоидаи III Дастури I., Қоидаҳои Кумитаи Вазирони Шӯрои Аврупо оид ба адолати некхоҳона нисбат ба кӯдак ва эзоҳномаи он, 17 ноябри соли 2010.
[77]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 6.

шароити махсус барои аъзоёни гурӯҳҳои ақалиятҳои миллие, ки барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ гумонбар ё гунаҳгор карда мешаванд.[78]

## (2) Манфиатҳои воҷиби кӯдак

Моддаи 3 (1) КҲК муқаррар мекунад, ки «дар тамоми амалҳо нисбати кӯдак, сарфи назар аз он, ки онҳо аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ ё хусусии машғул ба масъалаҳои таъминотии ҷтимоӣ, суд, мақомоти маъмурӣ ё қонунгузорӣ андешида мешаванд, ба таъмини ҳарчи хубтари манфиатҳои кӯдак таваҷҷӯҳи аввалиндараҷа зоҳир карда мешавад»[79]. Мафҳуми манфиатҳои воҷиби кӯдак барои шартномаҳои минтақавӣ низ ҳатмӣ аст, ба мисли Моддаи 4 Оинномаи Африқоӣ оид ба ҳуқуқҳо ва таъминоти кӯдак (ОАҲТК).[80] Ин принсип дар низоми панамерикоии ҳуқуқи инсон низ эътироф гардидааст.[81] Аммо қонунҳои мавҷуда дар бораи адлияи ноболиғон на ҳама вақт чи маъно доштани татбиқи принсипи «манфиатҳои воҷиб»-ро дар шароити ҷараёни адолати судӣ нисбат ба ноболиғон муқаррар мекунанд. Кумита оид ба КҲК дар Қайдҳои умумии № 10 зимнан таъкид кардааст, ки манфиатҳои воҷиби кӯдак дар он ҳолат таъмин мегарданд, ки муносибат бо ӯ дар доираи низоми адлия ноболиғони мутобиқ бо муқарроти КҲК, стандартҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ оид ба адлияи ноболиғон сурат гирад.[82] Аз ин лиҳоз чун он ба назар мерасад, ки санҷиши татбиқи «манфиатҳои воҷиб» онро талаб мекунад, ки низоми адлияи ноболиғон чораҳои сабуктарини ҷазоро истифода кунад ва барои ҳамгироии кӯдакони маҳкумшуда мусоидат намояд.[83] Принсипи манфиати воҷиб ҳам барои гурӯҳи кӯдакон ва ҳам кӯдаки алоҳидае, ки дар мурофиаи судӣ дар доираи низоми адлияи ноболиғон ширкат меварзанд татбиқ мегардад. Ҳамин тавр, он ба

---

[78]Кумитаоидбаҳуқуқҳоииқтисодӣ, иҷтимоӣвафарҳангӣ, Қайдҳоиумумии № 20, *Ҳуқуқҳоикӯдакдарадлияиноболиғон,* 25 апрелисоли 2009, (E/C.12/GC/20), банди 9.

[79]Инчунин ба Қоидаи III.B, Қоидаҳои Кумитаи Вазирони Шӯрои Аврупо оид ба адолати некхоҳона нисбат ба кӯдак _ва эзоҳномаи он, 17 ноябрисоли 2010, нигоҳкунед.

[80]Созмони иттиҳоди Африқо, *Оинномаи Африқоӣ оид ба ҳуқуқҳо ва таъминоти кӯдак*, 11 июли соли 1990, CAB/LEG/24.9/49 (1990) (Оинномаи Африқоӣ оид ба ҳуқуқҳо ва таъминоти кӯдак)

[81]Принсипи манфиати воҷиби кӯдак аз ҷумла дар ҳуҷҷатҳои зерин ба назар мерасад: Суди панамерикоӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон, Шароит дар суд ва ҳуқуқҳои инсони кӯдак, Хулосаи машваратии OC-17/02 аз 28 августи 2002, Шумораи А № 17, банди 59; Суди панамерикоӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон, Эътирози пешакӣ, Хизмати шоиста, товондиҳӣ ва хароҷот, Ҳукми суд аз 8 сентябри 2005, Шумораи C № 130, банди 134; Суди панамерикоӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон, Шароит дар суд ва ҳуқуқҳои инсони кӯдак, Хулосаи машваратии OC-17/02 аз 28 августи 2002, Шумораи А № 17, бандҳои 53 ва 137; ваСуди панамерикоӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон, Гузориш оид ба ҷазои ҷисмонӣ ва ҳуқуқҳои кӯдакон ва наврасон, OEA/Ser.L/V/II.135, 5 августи 2009, банди 25.

[82]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 10.

[83]Қоидаи 5 *Қоидаҳои стандартии ҳадди ақали СММ оид ба адолати судӣ нисбати ноболиғон* (Қоидаҳои Пекин) МУ СММ инчунин муқаррар менамояд, ки адлияи ноболиғон бояд таваҷҷӯҳи хоса ба некӯаҳволии кӯдак зоҳир намояд. Вале, дар мувофиқат бо консепсияе, ки дар асоси он манфиати воҷиб ва некӯаҳваолии кӯдак ҳаммаъно (синоним) бо кӯдаке, ки бо ӯ муносибат дар низоми татбиққунандаи принсипҳои асосӣ ва муқарроти Конвентсия сурат мегирад, мебошанд, тафсири Қоидаҳо онро ҳамчун пешгирӣ намудани таъини чораҳои танҳо хусусияти ҷазодиҳӣ дошта маънидод мекунад.

баровардани ҳукм дар натиҷаи айддоркунии кӯдак ва инчунин дигар қарорҳо таалуқ дорад. Дар ин маврид, санҷиши риоя шудани принсипи манфиати воҷиб онро талаб мекунад, ки судя оид ба натиҷаи таъсири эҳтимолии ҳукм ба кӯдак мулоҳиза кунад ва ҳукмеро барорад, ки бар замми мутаносиб будан, таъсири камтари харобкунанда ба камолот ва некӯаҳволии кӯдак дошта бошад. Муайян намудани манфиати беҳтарини кӯдак дар ҳолатҳои алоҳида ҷараёни мушкилеро дар бар мегирад. Тавсия карда мешавад, ки давлатҳои аъзо Дастур (роҳнамо) ё санади зерқонунии дуюмдараҷа барои баррасии ин масъала қабул кунанд.[84]

(3) **Мутаносибӣ**

Принсипи мутносибӣ, ки дар Қонуни мазкур муқаррар гардидааст, дар бисёр шартномаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ омадааст. Қоидаи 5-и Қоидаҳои Пекин муқаррар менамояд, ки «ҳамаи аксуамал нисбат ба ҷинояткорони ноболиғ мутаносибан ба вазъияти ҳам ҷинояткор ва ҳам айбдоркунанда карда мешавад». Ба иловаи ин, дар Қоидаи 17.1 (а)-и Қоидаҳои Пекин таъкид мегардад, ки «аксуамал на танҳо мутаносиб ба вазъият ва вазнинии ҷиноят, балки вазъу эҳтиёҷоти ноболиғ ва эҳтиёҷоти ҷомеа муайян карда мешавад». Ин талаб мекунад, ки чора нисбат ба ҷинояткорони ҷавон на танҳо дар асоси вазнинии объективии ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ, балки ҳамчунин ҳолати шахсии кӯдак муқаррар гардад.

**(4) Аввлавияти чораҳои алтернативӣ нисбат ба мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия] (пешниҳоди варианти алтернативӣ)**

Моддаи 40 (3) – и КҲК талаб мекунад, ки давлатҳои аъзо барои нисбат ба кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда андешидани табдирҳо бидуни истифода аз мурофиаи судӣ, дар мавриди зарурат ва муносиб, саъю кӯшиш кунанд.[85] Ба ақидаи Кумита оид ба КҲК ӯҳдадории давлатҳои аъзо барои андешидани чораҳо нисбат ба кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда бидуни истифодаи мурофиаи судӣ набояд танҳо ба кӯдаконе, ки ҷинояти сабук, ба мисли дуздӣ дар фурӯшгоҳ ё дигар ҷинояти молумулкӣ бо зарари ночиз ё ба кӯдакони якумин маротиба ҷиноят содиркарда маҳдуд шавад.[86] Баръакс, мулоҳиза оид ба имконияти баррасии ҳама гуна ҷинояти кӯдак бидуни истифодаи мурофиаи судӣ бархурди муносибтар аз он аст. Ин дар навбати худ онро талаб мекунад,

---

[84]Барои маълумоти бештар ба маводи зерин нигаред: *Маълумотнома (роҳнамо) барои мутахассисон ва сиёсатмадорон оид ба адолат дар масъалаҳои марбут ба кӯдакони ҷабрдида ва шоҳид,* Дафтари СММ оид ба маводи мухадир ва ҷиноят (ДСМММҶ), Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), Силсилаи китобҳои адолати ҷиноятӣ, (СММ: НьюЙорк 2009)

[85]Инчунин нигаред ба: Тавсияномаи 3 гузориши муштараки Дафтари Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон, Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят ва Намояндаи махсуси Дабири кулл оид ба хушунат нисбат ба кӯдакон бахшида ба пешгирӣ ва коҳиш додани хушунат нисбати кӯдакон дар доираи низоми адлияи ноболиғон, 27 июни с. 2012, (A/HRC/21/25), банди 85; ҚатъномаиМУ 63/241, *Ҳуқуқҳоикӯдак,* 13 марти 2009, бандимуқ. 44.

[86]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 25.

ки як қатор барномаҳои сатҳи ҷомеа ва барномаҳои адолати барқароркунанда[87], ба монанди миёнаравӣ байни ҷабрадида ва ҷинояткор барои оштӣ кунонидани онҳо, ки кӯдакро ба он бо мақсади фаҳмонидани рафтори ғайриқонунии ӯ ҷалб кардан мумкин аст, дар низоми адлияи ноболиғон пешбинӣ шуда бошанд ва татбиқ гарданд.[88] Кумита оид ба КҲК бар он ақидааст, ки бархурдҳои ғайрисудӣ, ки бадномшавии кӯдакро пешгирӣ мекунанд, таъсири мусбӣ ба кӯдак ва ҷомеа мерасонанд ва дар амал камхароҷот ҳастанд.[89]

(5) **Иштирок намудан**

Моддаи 12-и КҲК муқаррар мекунад, ки кӯдаконе, ки қодиранд (ин мубоҳисаомезона ҳамаи кӯдакони аз синни ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ калонтарро дар бар мегирад) ақидаҳои шахсии худро баён кунанд, ҳуқуқ доранд ақидаи худро аз рӯи тамоми масъалаҳои ба онҳо дахлдошта изҳор намоянд ва ин ақидаҳо мутобиқи синну сол ва камолоти кӯдак ба инобат гирифта мешаванд.[90] Ба иловаи ин ҳуқуқи асосӣ, кӯдак дар мурофиаи судӣ ё маъмурӣ ҳуқуқ дорад бевосита ё таввасути намояндаи худ ё мақомоти дахлдор изҳори ақида кунад. Ҳар як давлат худаш тартиби изҳори ақида кардани кӯдакро муайян мекунад, ҳарчанде Кумита оид ба КҲҚ тавсия медиҳад, ки дар мавриди имконпазир, кӯдак бояд ҳуқуқи бевосита изҳори ақида карданро дошта бошад.[91]

**(6) Мурофиаи судии бетаъхир**

Ҳамаи парвандаҳои кӯдакон бояд бо тезӣ ва бе таъхири нолозим баррасӣ шаванд. Ин талабот дар Моддаи 40 (2)(b)(ii) - и КҲК, Моддаи 9(3) – и ПБҲГС, Моддаи 7(1)(d) – и Оинномаи Банҷул, Моддаи 8(1) – и КАҲИ, Моддаи 6 (1) – и КАҲИ (Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон) ва Моддаи 17 (2)(c)(iv) – и ОАҲТК ифода гардидааст. Ба ғайр аз ин, Моддаи 40 (2)(b)(iii) - и КҲК ҳуқуқи кӯдакро барои бетаъхир қабул намудани қарор аз рӯи масъалаи мавриди баррасӣ (аз ҷумла изҳорот ё айбдоркунӣ) аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор, мустақил ва беғараз ё суд таъмин менамояд.[92] Ҳар як давлат худ мӯҳлати иҷрои марҳилаҳои гуногуни мурофиаи судиро муқаррар мекунад, аммо аз нуқтаи

---

[87] Ба эзоҳ ба Моддаи 18 нигаред.

[88] Нигаред ба: Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 27. Тавсияномаи 20 (CM/Rec (2003)20) – и Кумитаи вазирони давлатҳои аъзо оид ба роҳҳои нави баррасии ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон ва нақши адлияи ноболиғон, ки аз ҷониби Кумитаи визирон 24 сентябри соли 2003 дар нишасти 853 – юми Муовинони вазирон, банди 8; Тавсияномаи 11 (CM/Rec (2008)11)- и Кумитаи вазирони кишварҳои аъзо оид ба Қоидаҳои аврупоӣ оид ба ҷинояткорони ноболиғе, ки нисбат ба онхо ҷазо ва чораҳо метавонанд муқаррар гарданд, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 5 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми Муовинони вазирон қабул гардидааст, банди 23.2.

[89] Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 25.

[90] Нигарде ба Қоидаи III.A., *Қоидаҳои Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо оид ба адлияи некхоҳона ба кӯдак ва эзоҳномаи он*, 17 ноябри соли 2010.

[91] Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 12, *Ҳуқуқи кӯдак ба шунида шудан,* 20 июли соли 2009 (CRC/C/C/CG/12), бандҳои 35-37

[92]Ба Моддаи 9 (3) – и ПБҲГС таваҷҷӯҳ кунед.

назари таҷрибаи мусбӣ чунин ҳисобида мешавад, ки ба таъхир гузоштанҳо бояд то ҳадди имкон маҳдуд карда шаванд то чораҳои саривақтӣ барои ҳалли масъалаи кирдори ҷинояткорона ва пешгирии ҷинояткории минбаъда андешида шаванд.

**(7) Эҳтимолияти бегуноҳӣ (тариқи (варианти) алтернативӣ)**

Принсипи ҳуқуқи кӯдаки бо қонун дар мухолифатбуда ба то исбот шудани гуноҳ бегуноҳ ҳисобида шудан, принсипи асосии адолати судии ҷиноятӣ буда, дар як қатор санадҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла дар Моддаи 11 (1) Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (ЭУҲБ), Моддаи 40 (2)(b)(i) - и КҲК, Моддаи 14 (2) - и ПБҲГС, Моддаи 8 (2) – и КАҲИ, Моддаи 6 (2) – и КАҲИ (Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон) ва Моддаи 7(1)(b) – и Оинномаи Банҷул, ифода гардидааст. Қисми муҳими эҳтимолияти бегуноҳӣ вазнинии исбот кардан аст. Дар Қайдҳои умумии № 10 Кумита оид ба КҲК шарҳ дода мешавад, ки "шубҳа ба манфиати кӯдаке мебошад, ки барои вайрон кардани қонуни ҷӣноятӣ гумонбар ё айбдор дониста мешавад, ва кӯдак танҳо дар мавриди бе шубҳаи асоснок исбот шудани гуноҳи ӯ гунаҳгор дониста машавад (....). Давлатҳои аъзо набояд тасмим гиранд, ки кӯдак бидуни бе шубҳаи асоснок исбот шудани гуноҳ метавонад гунаҳгор дониста шавад".[93]

**(8) Ҳабс кардан ҳамчун чораи охирин**

Қонуни мазкур ба Моддаи 37 (b) – и КҲК ва Қоидаи 17 (1) – и Қоидаҳои Пекинро, ки дар асоси онҳо маҳдудият ба озодии шахсии кӯдак танҳо баъд аз мулоҳизаи ботаваҷҷӯҳ гузошта шуда, ба мӯҳлати кӯтоҳтарини муносиб муқаррар мегардад, пайравӣ мекунад.[94] КҲК муддати кӯтоҳтарини муносибро мушаххас намекунад. Аммо, қонун бояд аз мақомоти судӣ талаб кунад, ки хулосаи бевосита оид ба чораи охирин будани (ё набудани) ҳукми айбдоркунӣ бо маҳрум кардан аз озодӣ барорад ва мӯҳлати зарурироо барои чораи нисбат ба кӯдак андешидашуда муайян кунад. Мӯҳлати ҳукми айбдоркунӣ бо маҳрум кардан аз озодӣ набояд аз ин давраи муайянгардида зиёд бошад.

**Моддаи 14. Татбиқи ҳуқуқҳои мурофиавӣ**

(1) Қисми якуми ин банд муқаррар месозад, ки кӯдаки бо қонун дар мухолифатбуда дорои ҳамаи ҳуқуқҳои асосии мурофиавие мебошад, ки

[93] Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 42.

[94] Бо ҳамин маъно - гузориши Комиссияи пан-америкоӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар бораи адолати судӣ ва ҳуқуқҳои инсон дар Амрико, Гузоришдиҳӣ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак. *Адлияи ноболиғон ва ҳуқуқҳои инсон дар Амрико,* OEA/Ser.L/V/II.Doc. 78, 13 июли соли 2011. Бандҳои 75-80 ва Қоидаи IV.A.6.19, *Қоидаҳои Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо оид ба адлияи некхоҳона ба кӯдак ва ёддошти шарҳдиҳандаи онҳо*, 17 ноябри соли 2010.

барои шахсони болиғи ҷиноят содиркарда пешбинӣ шуданд.[95] Ин давлатҳои аъзоро ӯҳдадор мекунад, ки ба кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда ҳуқуқҳои асосии мурофиавиро, чи тавре дар Моддаҳои 37 ва 40 КҲК пешбинӣ шудааст, таъмин намоянд. Ба ғайр аз муқаррароти КҲК қоидаҳои асосӣ ва ҳатмии ҷараёни мурофиаи судӣ аз ҷумла дар ПБҲГС, хусусан моддаи 14, ки ҳуқуқ ба мурофиаи одилонаро муқаррар мекунад, амадааст.[96] Кафолатҳои муҳиме, ки дар Моддаи 14 банди 1 то 3 муқаррар гардидаанд, инҳоянд: баробарӣ дар назди суд; мурофиаи одилона ва ошкорои парванда аз тарафи суди босалоҳият, мустақил ва беғаразе, ки дар асоси қонун таъсис дода шудааст; манъ кардани иштироки кормандони матбуот агар сабабҳои ахлоқӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти миллӣё манфиатҳои зиндагии шахсии тарафҳо инро тақозо намояд; эҳтимолияти бегуноҳӣ; огоҳ кардани кӯдак оид ба айбдоркунии ҷиноятӣ бо забони ба ӯ фаҳмо; доштани вақти муносиб барои омодагӣ ба ҳимояи худ бо машваратчии дилхоҳ; мурофиаи одилона ва бе таъхири нолозим бо иштироки кӯдак, ки дорои имконияти намояндагӣ кардани худро дорад; аз назар гузаронидан ва санҷиши чандтарафаи шоҳидон; дастрасии озод ба хизмати тарҷумон ва маҷбур накардан барои додани нишондод ва иқроршавӣ ба гуноҳи худ. Илова ба он, Моддаи 14 (5 то 7) ҳамчунин ҳуқуқ ба овардари арзу шикоят ба мақомоти судии болоӣ, ҳуқуқ ба подош дар мавриди вайрон кардани адолати судӣ, ҳуқуқ ба такроран барои як ҷиноят суд ва маҳкум нашуданро муқаррар мукунад. Моддаи 15-и ПБҲГС илова мекунад, ки ягон шахс барои ҷинояте, ки дар давраи содир шудани он дар қонун ҳамчун ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ муқаррар нагардида буд, ҷазо дода намешавад. Қисми дуюми банди (1) моддаи мазкур мушаххас мекунад, ки дар муносибат бо кӯдак кафолатҳо ва тартиботи махсус пешбинӣ шудааст. Моддаи 14 (4) – и ПБҲГС муқаррар мекунад, ки "дар мавриди ноболиғон мурофиа бояд бо назардошти синну соли онҳо ва мувофиқи матлаб будани мусоидат ба офиятбахшии онҳо сурат гирад". Дар бобати механизмҳои минтақавии ҳифзи ҳуқуқи инсон барои кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда, Суди панамерикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар қарори худ, ки чун таҷрибаки судӣ пазируфта шудааст, муқаррар намудааст, ки агар мурофиаи судӣ қарор дар бораи ҳуқуқҳои кӯдакон қабул кунад принсипҳо ва қоидаҳои мурофиаи судии мувофиқ бояд эҳтиром гардад. Ин аз ҷумла қоидаҳо оид ба судҳои салоҳиятнок, мустақил ва беғаразӣ дар асоси қонун таъсис додашуда, судҳои кассатсионӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ, иштироки ҳарду тараф дар раванди мурофиа, ҳуқуқ ба мурофиа ва ҳимоя, ба инобат гирифтани хусусиятҳои вазъи кӯдакон ва ҳолатҳои ба таври асоснок пешгӯӣ кардашаванда, дахолати шахсӣ дар рафти тартиботи қайдгардида ва чораҳои ҳифзеро, ки барои чунин мурофиа заруранд, дар бар мегирад.[97]

---

[95]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стардартии ақалии Созмони Милили Муттаҳид бар бораи адолати судӣ нисбати ноболигон* (Қоидаҳои Пекин), ки 29 ноябри соли 1985 (A/RES/40/33) аз ҷониби Маҷмааи умумӣқабул гардидааст. Эзоҳ ба Қоидаи 11.

[96]Дар сатҳи байналмилалӣ кафолатҳои мурофиаи одилона дар ҳуҷҷатҳои зерин муқаррар гардидаанд: Моддаи 6 ва 7 –и КАҲИ (Конвентсияи Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон), Моддаҳои 8 ва 25-и КАҲИ, Моддаи 13 – и Оинномаи давлатҳои араб, Моддаи 17-и КАҲТК, Моддаи 7-и Оинномаи Банҷул ва Моддаи 10-и ЭУҲБ

[97]: Суди панамерикоӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон, Шароити дар суд ва ҳуқуқҳои инсони кӯдак, Хулосаи машваратии OC-17/02 аз 28 августи с. 2002, Шумораи А № 17, хулосаи № 10

(2) Мувофиқи меъёр ва стандартҳои байналмилалӣ ҳуқуқҳои махсуси мурофиавие мавҷуданд, ки дар тамоми марҳилаи мурофиа бояд ба кӯдакон таъмин гарданд. Ҳамаи ҳуқуқҳое, ки дар Моддаи мазкур қайд гардидаанд, аз ҷумла ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ба иттилоот, ҳуқуқ ба хизмати тарҷумон, ҳуқуқ барои ҳузури падару модар дар мурофиа ва ҳуқуқ ба ёрии консулӣ дар тамом матни қонун омадаанд ва дар матни тафсири муқаррароти ба онҳо таалуқдоштаи қонун шарҳ дода шудаанд.

## БОБИ 2.
## ЧОРАҲОИ АЛТЕРНАТИВАИ МУРОФИАИ СУДӢ [ЧОРАҲОИ БАРАТАРАФКУНӢ АЗ НИЗОМИ АДЛИЯ]

### Моддаи 15. Ҳадафи чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия]

Моддаи 40 (3) – и КҲК аз давлатҳои аъзо талаб мекунад, то барои таъмини қонунҳо ва тартибот барои кӯдакони бо қонун дар мухолифбуда бе истифода аз мурофиаи судӣ саъю кӯшиш кунанд. Барои пешгирӣ кардани пайдоиши бадномшавӣ ва таъсири манфии мурофиаи ҷиноятие, ки метавонад бо айбдор кардани кӯдак хотима ёбад, Қоидаи Пекин дахолат накарданро дар бисёри ҳолатҳо ҳамчун “чораи беҳтарин”[98] медонад, ва махсусан дар мавриде, ки кирдори ҷиноятқорона ба қатори ҷиноятҳои “сабук дохил мешавад ва падару модари кӯдак, мактаб ё дигар муассисаи расмии назорати иҷтимоӣ аллакай чораи муносиб ва ба таври зарурӣ андешидаанд, ё эҳтимолан чунин чора хоҳад андешид”[99]. Ҳар як кишвар бо ихтиёри худ муайян мекунад, ки нисбат ба кадом ҷиноятҳо чораҳои алтернативаи мурофиа судӣ метавонанд истифода шаванд. Кумита оид ба КҲК дар Қайдҳои умумии № 10 муқаррар мекунад, ки чораҳои алтернативаи мурофиа судӣ дар мавриди ҷиноятҳои сабук бояд истифода шаванд, вале чораҳои алтернативӣ метавонанд барои ҷиноятҳои

[98]Маҷмааи умумии СММ, Қоидаҳои стардартии ақали Созмони Милили Муттаҳид дар бораи ба роҳ мондани адлияи ноболиғон (Қоидаҳои Пекин), ки дар МУ таърихи 29 ноябри соли 1985 (A/RES/40/33) қабуд гардидааст, эзоҳ ба қоидаи 11.

[99] Маҷмааи умумии СММ, Қоидаҳои стардартии ақали Созмони Милили Муттаҳид дар бораи ба роҳ мондани адлияи ноболиғон (Қоидаҳои Пекин), ки дар МУ таърихи 29 ноябри соли 1985 (A/RES/40/33) қабуд гардидааст, эзоҳ ба қоидаи 11. Дар ин бобат Санади Африқои Ҷанубӣ оид ба адлияи кӯдакон аз соли 2008 (Санади № 75, 2008) намунаи беҳтарин оид ба он, ки ба чӣ бояд чораиҳои алтернативаи мурофиаи судӣ бояд равона гарданд, мебошад: “Қисми 51. Вазифаҳои (ва ҳадафи) бартарафкунӣ аз низоми адлия аз – *(a)* баррасӣ намудани вазъи кӯдак берун аз доираи низоми расмии адолати ҷиноятӣ дар мавридҳои муносиб; *(b)* даъват намудани кӯдак ба ӯҳдадорӣ аз болои зарари расонидаи худ; *(c)* ба инобат гирифтани эҳтиёҷоти махсуси ҳар як кӯдак; *(d)* мусоидат намудан ба ҳамгироии кӯдак ба оила ва ҷамъияти худ; *(e)* таъмин намудани имконият ба онҳое, ки зарар дидаанд барои ибрози назар оид ба таъсири зарари расонидашуда ба онҳо; *(f)* ҳавасманд кардани барои пешниҳоди фоидаи рамзӣ ё додани баъзе маводҳо ба ҷабрдида ҳамчун подош барои зарари расонида шуда; *(g)* мусоидат ба оштӣ кунонидани кӯдак бо шахс ё ҷамъияте, ки дар натиҷаи кирдори ӯ зарар дидааст; *(h)* пешгирӣ намудани пайдоиши бадномӣ дар кӯдак ва пешгирӣ намудани оқибатҳои нохуби зери низоми мурофиаи судии ҷиноятӣ қарор гирифтани кӯдак; *(i)* паст кардани эҳтимолияти аз нав ҷиноят содир кардан; *(j)* пешгирӣ кардани доғи судӣ пайдо намудани кӯдак; ва *(k)* мусоидат кардан ба эҳтироми шаъну шараф ва некӯаҳволии кӯдак, ва рушди ҳисси худэҳтиромкунӣ ва қобилияти саҳм гузоштан ба рушди ҷомеа – иборат аст.

нисбатан вазнин низ истифода шаванд.[100] Давлатҳои гуногун чораҳои алтернативаи мурофиаи судиро барои пешгирӣ кардани истифодаи мурофиаи судии ҷиноятӣ нисбат ба кӯдакон истифода мекунанд.[101]

**Моддаи 16. Татбиқи чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия]**

(1) Ин модда аз ду қисм иборат аст. Якум, он муқаррар мекунад, ки дар кадом ҳолат чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ метавонанд истифода шаванд, ва дуюм, кадом мақомот мақомоти салоҳиятнок барои он дониста мешавад. Дар бобати ҳолати татбиқи чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ, он муқаррар мекунад, ки чунин чораҳо метавонанд "дар ҳар мавриди муносиб ва мувофиқи матлаб" татбиқ гарданд. Бо чунин ишора Қоидаҳои стандартии ҳади ақали СММ оид ба чораҳои ғайриҳабсӣ (Қоидаҳои Токиё)[102] муқаррар мекунанд, ки дар ҳар мавриди муносиб мақомотҳои назоратии татбиқи қонун бояд имконияти боздоштани мурофиа ба муқобили кӯдакро дошта бошанд, агар онҳо онро нолозим барои ин парванда дар таъмини "ҳифзи ҷомеа, пешгирии ҷинояткорӣ ё мусоидат ба риоя намудани қонун ва ҳуқуқҳои ҷабрдида" шуморанд.[103]

---

[100]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 24.

[101] Масалан дар Аврупо: Австрия, Бельгия, Булғористон, Хорватия, Кипр, Чехия, Дания, Англия/Вейлс, Эстония, Финляндия, Фаронса, Олмон, Юнон, Венгрия, Ирландия, Италия, Косово, Латвия, Литва, Голландия, Ирландияи Шимолӣ, Лаҳистон, Португалия, Руминия, Русия, Шотландия, Сербия, Словакия, Словения, Испания, Шветсия, Шветсария, Туркия ва Украина: Ҷенсинг, А., *Юриздикция ва хусусиятҳои мурофиаи судии ноболиғон дар Аврупо* дар: Дункел, Ф., Жива, Ҷ., Ҳорсфилд, П., Пруйн, И., (мач.), *Низоми адлияи ноболиғон дар Аврупо,* Боби. 4, чопи 2-юм., (нашрияи Форум Ферлаг Годесберг:Мӯнхенгладбах 2011), саҳ. 1622. (иқтибосиаслӣбазабонианглисӣ - Gensing, A., *Jurisdiction and characteristics of juvenile criminal procedure in Europe* in: Dünkel, F., Grzywa, J., Horsfield, P., Pruin, I. (eds.), *Juvenile Justice Systems in Europe*, Vol. 4, 2nd ed., (Forum Verlag Godesberg: Mönchengladbach 2011)) .Дар минтақаи Осиёи Ҷанубӣ, консепсияи бартарафкунӣ аз низоми адлия пурра танҳо дар ҷазираҳои Малдив қабул шудааст ва Афғонистон, Непал ва Бангладеш мавридҳои ҷиноятҳои сабукро ғайрирасмӣ баррасӣ ва чора андешӣ мекунанд: Гузориши ЮНИСЕФ, *Адлияи ноболиғон дар Осиёи Ҷанубӣ: Беҳтар намудани ҳифзи кӯдакони бо қонун дар мухлифатбуда,* с. 2006, саҳ. 17. Дар Капе-Верде прокурор метавонад парвандаро аз низоми адлия бартараф кунад [Санади қонуни Капе-Верде таҳти № 2/2006, Моддаҳои 54, 60 ва 63]. Дар Африқои Ҷанубӣ чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ дар Боби 6-и Санад оид ба адлияи кӯдакон аз соли 2008 муқаррар гардидаанд. Дар минтақаи Амрико, Белиз ва Барбадос чораҳои бартарафкунӣ аз низоми адлияиро мавриди амал қарор доданд, ва давлатҳои дигар мисли Ел-Салвадор ва Гватемала созишнома байни кӯдаки бо қонун дар мухолифатбуда ва чабрдидаро шарти истифодаи чораҳои бартарафкунӣ аз низоми адлия муқаррар карданд: Комиссияи пан-америкоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, Гузоришдиҳӣ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак. *Адлияи ноболиғон ва ҳуқуқҳои инсон дар Амрико,* OEA/Ser.L/V/II.Doc. 78, 13 июли соли 2011, банди 243. Ба ғайр аз ин Канада консепсияи "бартарафкунӣ пеш аз суд: чораҳои берун аз доираи судиро истифода мебарад, дар: : Бала, Н. Ва Робертс, Ҷ., *Низоми адлияи ноболиғон дар Канада,* дар: Юнгер-Тас, Ҷ., Декер, С., (мач.) *Роҳнамои байналмилалӣ оид ба адлияи ноболиғон,* (нашрияти Спрингер: Нью Йорк, 2008), (иқтибоси аслӣ ба забони англисӣ - Bala, N. and Roberts, J., *Canada's Juvenile Justice System,* in: Junger-Tas, J., Decker, S., (eds.) *International Handbook of Juvenile Justice*, (Springer: New York, 2008)) саҳ. 46.

[102] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартии ҳадиақали СММ оид ба чораҳои ғайриҳбсӣ Қоидаҳои Токиё),* ки аз ҷониби Маҷмааи умумӣ 14 декабри соли 1990 қабул гардидааст, (A/RES/45/110)

[103]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартии ҳадиақали СММ оид ба чораҳои ғайриҳбсӣ (Қоидаҳои Токиё),* ки аз ҷониби Маҷмааи умумӣ 14 декабри соли 1990 қабул гардидааст, (A/RES/45/110), Қоидаи 5.

Гарчанде қоидаи 11 (1) – и Қоидаҳои Пекин муқаррар мекунад, ки «имконияти баррасии вазъи (парвандаи) кӯдак бе истифода аз мурофиаи расмӣ дар ҳар мавриди муносиб бояд таъмин гардад», ин меъёр вазъияти бисёр давлатҳоеро, ки дар онҳо суд метавонад дар ҳар марҳила қарор оид ба бартараф кардани парванда аз низоми адлия қабул кунад, ба инобат мегирад. Ба ин маъно, маҳдуд нашудани татбиқи чораҳои бартарафкунӣ аз низоми адлия танҳо ба марҳилаи пеш аз судӣ кафолати иловагиро барои кӯдак таъмин мекунад. Мақомоти салоҳиятнок дорои ваколати ихтиёротӣ барои боздоштан, ё сар накардани мурофиа ва тафтишоти судӣ, ҳатто дар ҳолати мавҷуд будани далели кофӣ барои маҳкумкунӣ мебошад. Қоидаҳои тафтишоти судӣ бояд шартҳо барои айбдор накардан ва ба ҷои он бартараф кардани кӯдаки бо қонун дар мухолифатбуда аз низоми адлияро дар бар гирад. Агар қарор карда шавад, ки чораҳои алтернативӣ чораи муносиб нестанд, мақомоти салоҳиятнок сабабҳои қабули қарори дигарро ба таври хаттӣ сабт мекунад. Ҳамчунин қоидаҳо дар бораи таъсис додан ва истифодаи барномаҳои бартарафкунӣ дар сатҳи ҷомеа дар ҳудуди минтақаҳои ҳокимияти маҳаллӣ [ноҳияҳо], низоми равона кардани кӯдакон ба чунин барномаҳо ва назорати пешравии кӯдак ҳангоми дар чунин барномаҳо қарор доштан низ бояд қабул гарданд. Барномаҳои бартарфкунӣ аз низоми адлия метавонанд якчанд намуд бошанд, вале асосан миёнаравӣ байни ҷабрдида ва ҷинояткор, барномаҳои ба оила равонашуда, назорат, барномаҳои адлияи барқароркунанда ва дигарҳоро дар бар мегиранд.[104] Дар бисёри кишварҳо санадҳои зерқонунӣ барои муайян намудани тартиби равона кардан (ба дигар муаасиса, машварат ва ғ.), талаботи барномаҳои пешбинишуда, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва хусусият ва мазмуни чунин барномаҳо заруранд. Мақомоти салоҳиятнок барои қабул намудани қарор оид ба чораҳои бартарафкунӣ аз низоми адлия вобаста аз низоми ҳуқуқи фарққунандаанд. Агар дар баъзе давлатҳо корманди полис қарор оид ба чораҳои бартарфкунӣ аз низоми адлия қабул кунад, дар дигар давлатҳо ин ваколат ба прокурор ва/ё суд дода шудааст.[105] Аз ин лиҳоз, худи давлат метавонад муайян кунад, ки кадом роҳ (/роҳҳо) барои қонуни миллӣ дар бораи адлияи ноболиғон беҳтар /мебошанд ва Қонуни мазкур якчанд иштирокчиёни низоми адлияи ноболиғонро пешниҳол менамояд, ки метавонанд ҳамчун мақомоти салоҳиятнок ба ин мақсад муқаррар гарданд. Истифодаи чораҳои бартарафкунӣ аз низоми адлия аз ҷониби полис ва мақомоти прокурорӣ бояд ба таври мунтазам ва хусусан бо мақсади таъмини истифодаи самаранок ва бе табъизи чораҳои алтернативӣ[чораҳои бартарафкунӣ аз низоми адлия] аз назар гузаронида шаванд.

---

[104]Нигаред ба *Китобча оид ба барномаҳои адлияи барқароркунанда,* Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят, Силсилаи китобҳо оид ба адолати судии ҷиноятӣ (СММ: Нью Йорк, 2006) ва Ҳамилтон, С., *Роҳнамо барои ислоҳоти қонунгузорӣ дар бораи адлияи ноболигон,* Маркази ҳуқуқҳои кӯдак ва Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), Шӯъбаи ҳифзи кӯдак, Нью Йорк, с. 2011.

[105]Барои таҳлили фарогир оид ба ваколати татбиқи чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ дар Аврупо нигаред ба: Ҷенсинг, А., *Юрисдикция ва хусусиятҳои мурофиаи судии ноболигон дар Аврупо* дар: Дункел, Ф., Жива, Ҷ., Ҳорсфилд, П., Пруйн, И., (маҷ.), *Низоми адлияи ноболигон дар Аврупо,* Боби. 4, чопи 2-юм., (нашрияи Форум Ферлаг Годесберг:Мӯнхенгладбах 2011), саҳ. 1622. (иқтибоси аслӣ ба забони англисӣ - Gensing, A., *Jurisdiction and characteristics of juvenile criminal procedure in Europe* in: Dünkel, F., Grzywa, J., Horsfield, P., Pruin, I. (eds.), *Juvenile Justice Systems in Europe*, Vol. 4, 2nd ed., (Forum Verlag Godesberg: Mönchengladbach 2011))

(2) Моддаи 43 (3) (b) – и КҲК талаб мекунад, ки ҳангоми истифодаи чораҳои ғайрисудӣ, ба монанди бартарафкунӣ аз низоми адлия, ҳуқуқҳои инсон ва кафолатҳои қонунии онҳо бояд ба пуррагӣ эҳтиром карда шаванд. Барои ҳамин, дар рафти мулоҳиза оид ба татбиқи чораҳои алтернативӣ мақомоти салоҳиятнок бояд ҳамаҷониба тамоми ҷабҳаҳое, ки ба кӯдак ва ҷинояти содиршуда тааллуқ доранд ба инобат гирад, то ки чораи алтернативии одилона қабул намояд. Чунин омилҳо ба мисли синни кӯдак, табиати ӯ, вазъияти содиршавии ҷиноят , оё суд ҷазои рамзӣ муайян мекунад ва оё мурофиаи судӣ ба манфиати ҷамъият аст  бояд ба инобат гирифта шаванд.

**Моддаи 17. Шартҳо барои чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия]**

(1) Кумита оид ба КҲК дар Қайдҳои умумии № 10 тавсия медиҳад, ки чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ бояд имконпазир бошанд ва дар мавридҳое, истифода шаванд, ки далели асоснок оид ба ҷиноят содир намудани кӯдак мавҷуд бошад, кӯдак барои содир намудани ҷиноят худро ҷавобгар ҳисоб кунад,  худро ҷавобгар ҳисобидан озодона ва ихтиёрӣ бошад ва он ба муқобили кӯдак дар марҳилаҳои минбаъдаи мурофиа истифода нашавад.[106]

(2) Дар Қайдҳои умумии № 10 Кумита оид ба КҲК зарурат барои розигии кӯдак ба чораи бартарафкунӣ аз низоми адлияро таъкид месозад.[107] Розигии кӯдак бояд дар асоси маълумоти ба ӯ пешниҳодшуда, озод ва ихтиёрӣ ва аз ҷониби кӯдак бе таъсири мақомоти дахлдор ё шахси сеюм дода шавад. Дар ин ҳолат "дар ҳар мавриди муносиб" маънии онро дорад, ки кӯдак аз синни 16 хурдтар аст.[108]

(3) Чи тавре дар боло дар Моддаи 3 [Мафҳумҳо] қайд гардид, кӯдак ҳеҷ гоҳ бе намояндагии падару модар дар мурофиа судӣ ширкат наметварзад. Аз ин сабаб, дар ҳолати имконпазир набудани иштироки падару модар ва васии қонунӣ дар мурофиаи судӣ муқобили кӯдак, суди дахлдор ӯҳдадор аст як нафарро таъин намояд, ки ҳуқуқи намояндагии падару модариро дошта, онро иҷро кунад. Ин нафар метавонад корманди ботаҷрибаи муассисаи далхдори таъминоти иҷтимоӣ бошад. Агар низоми ҳуқуқӣ институти "шахси болиғи муносиб [шахси масъул]"[109] – ро пешбинӣ

---

[106] Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 27.

[107]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 27.

[108]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 27.

[109]"Шахси болиғи муносиб [шахси масъул]" мафҳуми ҳуқуқие мебошад, ки дар баъзе кишварҳо истифода мешавад ва ба шахси соҳибдипломе (омӯзонидашудае), ки дар ҳолати дастрас набудани (мавҷуд набудани) падару модар ё васии қонунӣ ё ин, ки бо сабабе ҳузур надоштанти онҳо дар мурофиа барои ҳифзи кӯдак, ба кӯдаки бо қонун дар мухолифатбударо дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи судӣ дастгирӣ мекунад ва ба ӯ кӯмак мерсаонад. Инчунин дар мавриди мавҷуд будани ихтилофи манфиатҳо байни кӯдак ва падару модар ё фишор аз ҷониби падару модар барои ба гуноҳи худ иқрор шудани кӯдак чунин шахсон метавонанд муфид бошанд. Дар Санади Африқои Ҷанубӣ оид ба адлияи кӯдакон аз соли 2008 "шахси болиғи муносиб" дар Боби 1-и Қонун ҳамчун "ягон аъзои

кунад, суд метавонад ӯро ҳамчун сарпараст дар суд (*curator ad litem*) [васӣ-намоянда дар суд (*guardian ad litem*)] ҳисобад.

(4) Маълумоти комил ва мушаххас оид ба хусусият, мазмун ва мӯҳлати чора, ва оқибатҳои ҳамкорӣ накардан, риоя ва иҷро накардани талаботи чора бояд ба кӯдак пешниҳод гардад, то ин, ки розигии ӯ ҳам дар асоси маълумоти кофӣ ва ҳам ба таври озод дода шавад.[110] Давлатҳо худашон бояд муайян кунанд, ки оё розигии падару модар ва васии қонунии кӯдак гирифта шавад ё не, хусусан агар кӯдак аз синни 16 хурдтар бошад.[111] Бидуни ин кафолатҳо кӯдакон метавонанд барои розигӣ додан ба барномаҳои бартарафкунӣ аз низоми адлия, ҳатто дар ҳолати набудани далели кофӣ барои исбот кардани гуноҳ, фишор ҳис кунанд.[112] Кӯдак инчунин ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ пеш аз додани розигӣ ба ягон чораи баратарафкунӣ аз низоми адлия дорад.

## Моддаи 18. Чораҳои эҳтимолии алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия]

(1) Моддаи мазкур аз номгӯи нопурраи чораҳои бартарфкунӣ аз низоми адлияе, ки метавонанд татбиқ карда шаванд, иборат аст. Баъзе аз ин чораҳо дар қоидаи 11.4 – и Қоидаҳои Пекин пешбинӣ шудаанд ва қисми дигари онҳо аз таҳқиқоти муқоисавӣ оид ба қонунҳои адлияи ноболиғон бармеоянд. Афзалият бояд ба барномаҳои адлияи барқароркунанда дода шавад.[113] Давлатҳо метавонанд инчунин чораи қадам ба қадамро нисбат

---

оилаи кӯдак, ҳамчунин хоҳару додаре, ки дар синни 16 ё аз он калонтар ҳастанд ё шахси нигоҳубинкунанда" муқаррар мегардад. Дар Англия ва Вейлс муфовиқи қисми C 1.7 – и Муқаррарот оид ба ба ҳабс гирифтан, муомила ва пурсиши одамон аз ҷониби кормандони полис дар Санад дар бораи далелҳои ҷиноят аз соли 1984 (номи санад ба забони аслии он: Code C 1.7 of the Code of Practice for the detention, treatment and questioning of persons by police officers of the Police and Criminal Evidence Act 1984)"шахси болиғи муносиб" ба маънои (i) волидайн, васӣ ё, дар ҳолати зери парастории мақомоти маҳаллӣ ё ташкилоти ихтиёрӣ қарор доштани кӯдак, шахсе, ки ин мақомот ё ташкилотро намояндагӣ мекунад; (ii) корманди иҷтимоии мақомоти маҳаллӣ; (iii) агар ин нафарҳо дастрас набошанд, шахси дигари масъулиятшиносе, ки дар синни 18 ё калонтар аст ва корманди полис ё дар мақомоти полис кор намекунад" омадааст.

[110] Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 27.

[111] Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 27.

[112] Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 27; инчунин нигаред ба - Маҷмааи умумии СММ, Қоидаҳои стандартии ақали Созмони Милили Муттаҳид дар бораи ба роҳ мондани адлияи ноболиғон (Қоидаҳои Пекин), ки дар МУ таърихи 29 ноябри соли 1985 (A/RES/40/33) қабуд гардидааст, эзоҳ ба қоидаи 11.

[113] Барои мисол нигаред ба - Санади Африқои Ҷанубӣ оид ба адлияи кӯдакон аз соли 2008 (№ 75, 2008), ки ба таври зерин муқаррар мекунад: "Қисми 55 (2) – Барномаҳои бартарафкунӣ аз низоми адлия бояд, то ҳадди имкон – *(a)* малакаҳои лозимиро рушд диҳанд"; *(b)* ҷузъиёти адлияи барқароркунанда, ки ба барқарор намудани муносибатҳо, аз ҷумла муносибат бо ҷабрдида, равона шудааст, дар бар гиранд; *(c)* қисмеро дар бар гиранд, то ба он мусоидат кунад, ки кӯдак оқибати кирдори худро нисбат ба дигарон, аз ҷумла ҷабрдидагони ҷиноят, дарк кунад, ва (ин қисм) подошдиҳӣ ва барқарокунии зарарро тавонад имконпазир кунад; *(d)* дар макони ба кӯдак нисбатан наздик пешниҳод гарданд; *(e)* чунон тарҳрезӣ шаванд, ки барои истифода дар ҳолатҳои гуногун ва нисбат ба ҷиноятҳои гуногун муносиб бошанд; *(f)* чунон тарҳрезӣ шаванд, ки самараи онҳо қобили андоза бошад; (*g*) бо мақсади татбиқ ва дастрас гардидани онҳо дар тамоми

ба кӯдаконе, ки ҷиноят содир намудаанд, мулоҳиза кунанд. Ин метавонад огоҳии такрорӣ ва кафолатдиҳиро дар бар гирад, ки ба мақомоти салоҳиятнок имконият медиҳад аз мурофиаи судӣ истифода накунад. Масалан дар Англия ва Вейлс мутобиқи Санади соли 1998[114] оид ба ҷиноят ва бетартибӣ мақомоти полис метавонад ба кӯдакон танбеҳ ва огоҳии охирин диҳад. Амсоли ин, мувофиқи Санади Канада оид ба адолати судии ҷиноятии ҷавонон аз соли 2002[115] пеш аз мурофиаи судӣ мақомоти полис бояд оид ба он мулоҳиза кунад, ки оё чораи дигар наандешидан, ба ҷавон огоҳӣ додан ва зери кафолати шахси дигар озод кардан, метавонад кифоя бошад. Бисёри кӯдаконе, ки барои кирдори ҷиноятkорона огоҳ мегарданд бо эҳтимолияти баланд дуюм маротиба ҷиноят содир намекунанд.

(2) Банди 1.3 – и Принсипҳои асосии СММ оид ба истифодаи барномаҳои адлияи барқароркунанда дар ҷодаи масъалаҳои ҷиноятӣ[116] адлияи барқароркунандаро ҳамчун раванде маънидод мекунад, ки "дар он ҷабрдида ва ҷинояткор ва дар мавриди зарурӣ дигар шахсони алоҳида ва аъзои ҷомеаи дар натиҷаи ҷиноят зарардида дар якҷоягӣ дар ҳалли масъалаҳои аз ҷиноят баромеомада асосан бо кӯмаки миёнарав ширкат меварзанд."[117] Татбиқи барномаи адлияи барқароркунанда барои кӯдакон дар кам кардани гаронии низоми адолати судии ҷиноятӣ[118] тавассути алтернативаҳои амалӣ ва самаранок ба чораҳои расмӣ ва аксари вақт барои аз бадномшавӣ эмин нигоҳ доштан адлияи ноболиғон кӯмак мекунад ва ба офиятбахшӣ ва ҳамгироии кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда саҳми назаррас мегузорад.[119] Барои кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда дарк кардани таъсири ин амалҳо ва зарурати мувофиқи қонун амал кардан баъзан душвор аст.[120] Барномаҳои адлияи барқароркунанда метавонанд дар ҳалли ин мушкилӣ тавассути баланд бардоштани қобилияти кӯдакон барои дарк намудани он, ки то чӣ дараҷа кирдори онҳо ба ҷабрдида ва ҷомеа дар маҷмӯъ зарар расонид, кӯмак кунад.[121] Тавассути барномаҳои адлияи барқароркунанда кӯдакони бо

қаламрави кишвар, ва бо назардошти эҳтиёҷоти махсус ва вазъи хосаи кӯдакони деҳот ва гурӯҳҳои осебпазир таҳия ва татбиқ гарданд; ва *(h)* дар мавридҳои зарурӣ, падару модар, шахсони болиғи муносиб ё парасторонро ҷалб намоянд.

[114]*Санад оид ба ҷиноят ва бетартибӣ, соли 1998* [Иттиҳоди шоҳигарии Британия Кабир ва Ирландияи Шимолӣ], Боби 37, 31 июли соли 1998, 31 июли соли 1998.

[115]Санад оид ба адолати судии ҷиноятии ҷавонон аз соли 2002, [Канада], Боби 1, 19 феврали соли 2002 қабул шудааст.

[116]Шӯрои иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ СММ, *Принсипҳои асосии СММ оид ба истифодаи барномаҳои адлияи барқароркунанда дар ҷодаи масъалаҳои ҷиноятӣ*, 24 июли с. 2002 (Қатъномаи ШИҶ (ЭКОСОС) 2002/12).

[117]Шӯрои иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ СММ, *Принсипҳои асосии СММ оид ба истифодаи барномаҳои адлияи барқароркунанда дар ҷодаи масъалаҳои ҷиноятӣ*, 24 июли с. 2002 (Қатъномаи ШИҶ (ЭКОСОС) 2002/12).банди 2.

[118]*Дастурамал оид ба барномаҳои адлияи барқароркунанда,* Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят, Силсилаи китобҳо оид ба адолати судии ҷиноятӣ (СММ: Нью Йорк, 2006), саҳ.2

[119]*Дастурамал оид ба барномаҳои адлияи барқароркунанда,* Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят, Силсилаи китобҳо оид ба адолати судии ҷиноятӣ (СММ: Нью Йорк, 2006), саҳ.26

[120]Vasquez Bermejo, O., *Que es la justicia juvenil restaurativa?*Дастрас зери суроғаи электрониизерин: Justicia Restaurativa en Linea:http://www.justiciarestaurativa.org/news/bfque-es-la-justicia-juvenil-restaurativa.

[121]Vasquez Bermejo, O., *Que es la justicia juvenil restaurativa?*Дастрас зери суроғаи электрониизерин: Justicia Restaurativa en Linea:http://www.justiciarestaurativa.org/news/bfque-es-la-justicia-juvenil-restaurativa.

қонун дар мухолифатбуда имконият пайдо мекунанд, ки аъзои масъулиятшиноси ҷомеа ва субъекти қонуну қоидаҳои он ҳисобида шаванд.[122] Дар робита ба ин, барномаҳои адлияи барқароркунанда барои кӯдакон нақши муфиди ҷабрдидаи ҷиноятро эътироф мекунад, осоиши иҷтимоиро дар ҷомеа барқарор менамояд ва ҷинояткорро барои гирифтани ӯҳдадорӣ аз болои кирдори худ ва ҷуброн кардани зарари расонидашуда даъват менамояд.[123] Онҳо инчунин хавфи такроран содир кардани ҷиноятро тавассути ҳамгироӣ дар ҷомеа ва муайян намудани омилҳои хатаре, ки сабаби содир намудани ҷиноят гардиданд, паст мекунанд.[124] Ин барномаҳо бо мақсади коҳиш додани зарурат барои чораҳои расмии мурофиаи судӣ тарҳрезӣ шуда, фарҳанги волоияти қонун ва адолатро пойдор мекунанд.[125] Вақте сухан оид ба татбиқи барномаҳои адлияи барқароркунанда меравад, афзалият ба миёнаравӣ байни ҷабрдида ва ҷинояткор, ки намуди муҳимтарини адлияи барқароркунанда аст, дода мешавад. Миёнаравӣ байни ҷабрдида ва ҷинояткор "ба баррасӣ намудани эҳтиёҷоти ҷабрдидагони ҷиноят ва ҳамзамон таъмини намудани он, ки ҷинояткор барои ҷинояти худ ҷавоб диҳал, равона шудааст".[126] Ҳангоми истифода намудани усулҳои миёнаравӣ байни ҷабрдида ва ҷинояткор натиҷаи он бояд ба таваҷҷӯҳи айбдоркунанда ё суди салоҳиятнок барои баррасӣ расонида шавад.[127] Дигар барномаҳои адлияи барқароркунанда метавонанд ҷазои шартии барқароркунанда ва давраҳои сулҳофарӣ[128], ва дигар ташаббусҳои адлияи барқароркунанда, ба мисли ҳамроҳшавии истиқрорӣ, ки ҷомеаи аз кирдори ҷинояткор ҷабрдидаро ҷалб мекунад, машварату сӯҳбатҳои оилавӣ ва ҷамъиятӣ, ва инчунин усуле бо номи давраҳои маҳкумкунӣ (баровардани ҳукм), ки дар он "ҳамаи иштирокчиён, аз ҷумла суд, ҳимоятгар, прокурор, корманди полис бо ҳамдигар дар як давра ҷамъ меоянд. (...)" Муҳокима байни онҳое, ки дар ин давра нишастаанд ба ёфтани консенсус оид ба роҳи беҳтарини ҳалли низоъ ва

---

[122]Vasquez Bermejo, O., *Que es la justicia juvenil restaurativa?*Дастрас зери суроғаи электрониизерин: Justicia Restaurativa en Linea:http://www.justiciarestaurativa.org/news/bfque-es-la-justicia-juvenil-restaurativa.

[123]Tiffer Sotomayor, C., *La desjudicializacion penal juvenil como un camino hacia la justicia restaurativa*,
in: Tiffer Sotomayor, C. and Deniel, Ann-Julie, *Justicia Penal Juvenil: entre la justicia retributiva y la*
*justicia restaurativa*, (ILANUD: San Jose, Costa Rica 2012), pp. 53.

[124]Tiffer Sotomayor, C., *La desjudicializacion penal juvenil como un camino hacia la justicia restaurativa*,
in: Tiffer Sotomayor, C. and Deniel, Ann-Julie, *Justicia Penal Juvenil: entre la justicia retributiva y la*
*justicia restaurativa*, (ILANUD: San Jose, Costa Rica 2012), pp. 53.

[125]Tiffer Sotomayor, C., *La desjudicializacion penal juvenil como un camino hacia la justicia restaurativa*,
in: Tiffer Sotomayor, C. and Deniel, Ann-Julie, *Justicia Penal Juvenil: entre la justicia retributiva y la*
*justicia restaurativa*, (ILANUD: San Jose, Costa Rica 2012), pp. 53.

[126]*Дастурамал оид ба барномаҳои адлияи барқароркунанда,* Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят, Силсилаи китобҳо оид ба адолати судии ҷиноятӣ (СММ: Нью Йорк, 2006), саҳ.17

[127]*Дастурамал оид ба барномаҳои адлияи барқароркунанда,* Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят, Силсилаи китобҳо оид ба адолати судии ҷиноятӣ (СММ: Нью Йорк, 2006), саҳ.17

[128]*Дастурамал оид ба барномаҳои адлияи барқароркунанда,* Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят, Силсилаи китобҳо оид ба адолати судии ҷиноятӣ (СММ: Нью Йорк, 2006), саҳ.14

парванда бо назардошти заруррати ҳифзи ҷомеа, эҳтиёҷоти ҷабрдида ва офиатбахшӣ дар ҷазои ҷинояткор равона гардидааст. Ҷараёни давраи маҳкумкунӣ ба таври ба худ хос дар доираи раванди мурофиаи судии ҷиноятӣ мегузарад, коршиносони сохторҳои адлияро дар бар мегирад ва ба ҷараёни баровардани ҳукм кӯмак мерасонад."[129] Банди 2 – и Принсипҳои асосии СММ оид ба истифодаи барномаҳои адлияи барқароркунанда дар ҷодаи масъалаҳои ҷиноятӣ инчунин илова мекунад, ки маънои натиҷаи барқароркунанда расидан ба созиш дар натиҷаи ҷараёни барқароркунанда мебошад. Мисолҳои натиҷаи барқароркунанда дар банди 2 – и Принсипҳои асосии СММ оид ба истифодаи барномаҳои адлияи барқароркунанда дар ҷодаи масъалаҳои ҷиноятӣ омадааст ва товондиҳӣ, кори ҷамъиятӣ ва дигар барнома ё аксуламале, ки бо мақсади додани товони зарари ба ҷабрдида ва ҷамъият расодинашуда ва ҳамгироии ҷабрдида ва / ё ҷинояткор иҷро мешавад, дар бар мегирад.[130] Муҳим аст, ки ҷараёни барқароркунанда танҳо бо розигии озод ва ихтиёрии тарафҳо сурат гирад.[131] Тарафҳо бояд имконият дошта бошанд, ки иштироки худро дар ҳар марҳилаи ҷараёни муҳокима қатъ кунанд ва розигиии худро бозхонанд.[132] "Созишҳо (хулосаҳо) бояд дар асоси ихтиёрӣ аз ҷониби тарафҳо карда шаванд ва танҳо ӯҳдадориҳои асоснокшуда ва мутаносибиро бояд дар бар гиранд".[133] Барномаҳои адлияи барқароркунанда метавонанд аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ, ба монанди муаасисаҳои таъминоти иҷтимоии дахлдор ё ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар ин самт нақши муҳим доранд, ташкил ва роҳбарӣ шаванд. Мақомоти салоҳиятноке, ки ба он парванда барои барномаи адлияи барқароркунанда равона мегардад, метавонад мақомоти полис, прокуратура ё суд бошад ва дар қонунгузории миллӣ муқаррар гардад.

(3) Дар татбиқи чораҳои бартарфкунӣ аз низоми адлия низ принсипи асосии мутаносибӣ амал мекунад. Мисли тамоми дигар чораҳо чораҳои бартарафкунӣ аз низоми адлия бояд асоснок шуда бошанд.

**Моддаи 19. Иҷрои чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия]**

(1) Дар ҳолати аз ҷониби кӯдак бомуваффақият адо намудани мӯҳлати барои чораи бартарафкунӣ аз низоми адлия ҷудогардида, ягон

---

[129]Нигаред ба: *Дастурамал оид ба барномаҳои адлияи барқароркунанда,* Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят, Силсилаи китобҳо оид ба адолати судии ҷиноятӣ (СММ: Нью Йорк, 2006), саҳ.22

[130]Маълумоти муфассал оид ба адлияи барқароркунанда ва дигар намудҳои барномаҳои барқароркунанда дар маводи зерин мавҷуд аст: *Дастурамал оид ба барномаҳои адлияи барқароркунанда,* Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят, Силсилаи китобҳо оид ба адолати судии ҷиноятӣ (СММ: Нью Йорк, 2006)

[131]Шӯрои иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ СММ, *Принсипҳои асосии СММ оид ба истифодаи барномаҳои адлияи барқароркунанда дар ҷодаи масъалаҳои ҷиноятӣ*, 24 июли с. 2002 (Қатъномаи ШИҶ (ЭКОСОС) 2002/12), банди 7.

[132]Шӯрои иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ СММ, *Принсипҳои асосии СММ оид ба истифодаи барномаҳои адлияи барқароркунанда дар ҷодаи масъалаҳои ҷиноятӣ*, 24 июли с. 2002 (Қатъномаи ШИҶ (ЭКОСОС) 2002/12), банди 7.

[133]Шӯрои иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ СММ, *Принсипҳои асосии СММ оид ба истифодаи барномаҳои адлияи барқароркунанда дар ҷодаи масъалаҳои ҷиноятӣ*, 24 июли с. 2002 (Қатъномаи ШИҶ (ЭКОСОС) 2002/12), банди 7.

айбномаи дигар наметавонад барои ӯ бароварда шавад. Дар ин бобат Кумита оид ба КҲК дар Қайдҳои умумии № 10 талаб мекунад, ки "адо намудани мӯҳлати чораи бартарафкунӣ аз низоми адлия аз ҷониби кӯдак бояд тибқи ба таври қатъӣ ва пурра баста шудани парванда анҷом ёбад."[134]

(2) Бояд кафолат дода шавад, ки баъд аз бомуваффақият адо намудани мӯҳлати чораи бартарафкунӣ аз низоми адлия кӯдак доғи судӣ намегирад ва маҳкумшуда ҳисобида намешавад. Дар бобати ҳифзи маълумот Кумита оид ба КҲК мушаххас месозад, ки "ҳарчанде маълумоти махфӣ оид ба бартарафкунӣ аз низоми адлия метавонад барои мақсадҳои маъмурӣ ва аз нав дида баромадан нигоҳ дошта шавад, он набояд ҳамчун 'доғи судӣ' арзёбӣ гардад ва кӯдаке, ки қаблан аз низоми адлия бартараф карда шуда буд, набояд ҳамчун қаблан маҳкумшуда дониста шавад. Агар чунин ҳодиса ба қайд гирифта шавад, дастрасӣ ба ин маълумот бояд барои давраи маҳдуд, масалан барои 1 сол, ва танҳо ба мақомоти салоҳиятноки ваколатдор барои кор бо кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда пешниҳод гардад".[135]

**Моддаи 20. Риояи накардани чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ [чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия]**

(1) Агар кӯдак чораи баратарафкунӣ аз низоми адлияро иҷро накунад, он метавонад сабаби қонунӣ барои аз нав кушодани парвандаи ӯ аз ҷониби мақомоти салоҳиятнок гардад. Аммо ҳангоми баровардани ҳукм мақомоти муқарраркунанда бояд қисми иҷрошудаи чораро ба назар гирад, ки дар навбати худ ба ҳукми сабуктар назар ба ҳукми қаблан пешбинишуда оварда мерасонад.

(2) Агар кӯдак бо мақсади ба ӯ муқаррар шудани чораҳои баратарафкунӣ аз низоми адлия ҷавобгарие барои содир намудани ҷиноят гирифта бошад, он наметвонад дар марҳилаҳои минбаъдаи мурофиаи судӣ муқобили кӯдак истифода шавад.

## БОБИ 3.
## ИСТЕҲСОЛОТИ ПЕШ АЗ СУДӢ (ТАРТИБИ ПЕШБУРДИ АДОЛАТ ДАР МАРҲИЛАИ ПЕШ АЗ СУДӢ

**Моддаи 21. Ҳуқуқ ба маълумот ҳангоми дастгир кардан ё ба ҳабс гирифтан**

(1) Мувофиқи Моддаи 9 – и ЭУҲБ, Моддаҳои 9 ва 11-и ПБҲГС, Моддаи 37()с – и КҲК, Моддаи 5(1) – и КАҲИ (Конвенсияи Аврупоӣ),

---

[134]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 27

[135]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 27

Моддаи 7(30 – и КАҲИ (Конвенсияи Амрикоӣ), Моддаи 4(1) – и Оинномаи давлатҳои араб ва Моддаи 6-и Оинномаи Банҷул ягон шахс наметавонад беасос ҳабс ё аз озодӣ маҳрум карда шавад. Принсипи 2-и Маҷмӯаи принсипҳои ҳифзи ҳамаи шахсони ба ҳабс ё маҳрум сохтан аз озодӣ гирифторшуда[136], инчунин муқаррар месозад, ки ба ҳабс гирифтан, ҳабс кардан ё аз озодӣ маҳрум сохтан танҳо дар асоси муқарраротиқонун ва аз ҷониби кормандон ё шахсони барои ин кор ваколатдор сурат мегиранд. Мафҳуми "ба ҳабс гирифтан" дар давлатҳои гуногун ва низомҳои гуногуни ҳуқуқ якхела истифода нашудааст. Дар баъзе давлатҳо он ба кӯдаке таалуқ дорад, ки муваққатан ба ҳабс гирифта шудааст ва дар гурӯҳи дигари давлатҳо нисбат ба кӯдаке истифода мешавад, ки муқобили ӯ далели кофӣ барои айбдор кардани ӯ ба содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ мавҷуд аст, ё ин, ки ба кӯдаке, ки барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ айбдор шудааст. Аз сабаби ба якчанд маънии гуногун истифода шудани ин мафҳум, Қонуни мазкур ҳам мафҳуми "дастгир кардан" ва ҳам "ба ҳабс гирифтан" – ро барои шарҳ додани кӯдаке, ки ҳатто барои муддати бениҳоят кӯтоҳ аз ҷониби мақомоти полис ё дигар мақомоти маъмурӣ аз озодӣ маҳрум карда шудааст (ё ҳабс карда шудааст) истифода мекунад (ба ҳамон тавре, ки дар Қоидаҳои Пекин истифода мешаванд). КҲК ба таври мушаххас ҳуқуқ ба огоҳ шудан дар бораи сабабҳои дастгир кардан ё ба ҳабс гирифта шуданро муқаррар намекунад. Ҳамзамон Моддаи 9(2) ПБҲГС, ки дар баробари шахсони болиғ нисбат ба кӯдакон низ амал мекунад, муқаррар месозад, ки ба ҳар касе, ки ҳабс карда мешавад, сабабҳои ҳабси ӯ ҳангоми ба ҳабс гирифтан хабар дода мешавад.[137] Суди панамарикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар ин бобат муқаррар кардааст, ки ҳуқуқ ба огоҳ карда шудан дар бораи сабабҳои дастгир ё ҳабс кардан "механизми пешгирии ҳабси ғайриқонунӣ ва беасос аз марҳилаи аввали ҳабс кардан буда, ҳамзамон ҳуқуқи шахсро ба ҳимоя таъмин мекунад".[138] Азбаски шахси дастгир ё ҳабсшаванда кӯдак аст мақомоти дастгир ё ҳабскунанда бояд сабабҳои дастгиршавӣ ва ҳабсро ба кӯдак бо тарзи некхоҳона фаҳмонанд. Дар робита ба ин бояд бори дигар таъкид кард, ки кормандони мақомоти полис ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд оид ба масъалаҳои марбут ба адлияи ноболиғон омӯзонида шаванд.

(2) Дар аксари ҳолатҳо падару модар ё васии қонунии кӯдак ҳангоми дастгир шудан ё ба ҳабс гирифта шудани кӯдак ҳузур надоранд. Қоидаи 10.1 –и Қоидаҳои Пекин муқаррар мекунад, ки хангоми дастгир кардани кӯдак падару модар ё васии қонунии ӯ бояд фавран хабардор карда

[136]Маҷмааи умумии СММ, *Маҷмӯаи принсипҳои ҳифзи ҳамаи шахсони ба ҳабс ё маҳрум сохтан аз озодӣ гирифторшуда,* ки аз ҷониби Маҷмааи умумӣ 9 декабри соли 1988 (A/RES/43/173) қабул гардида аст.

[137]Инчунин нагаред ба – Моддаи 5(2) - и КАҲИ (Конвентсияи Аврупоӣ), Моддаи 7(4) – и КАҲИ (Конвентсияи Амрикоӣ), Моддаи 17(2)(c)(ii) – и КАҲТК; CM (2003)20 –и Кумитаи вазирон ба давлатҳои аъзо оид ба роҳҳои нави кор дар самти ҷинояткории ноболиғон ва нақши адлияи ноболиғон, ки аз ҷониби Кумитаи Вазирон 24 сентябри соли 2003 дар нишасти 853-и Муовинони вазирон қабул гардидааст. Банди 15 пешниҳод мекунад, ки кӯдакони ҳабсшуда "бояд фавран оид ба ҳуқуқҳо ва кафолатҳои худ бо забони ба онҳо пурра фаҳмо хабардор карда шаванд".

[138]Суди панамарикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, Қарори № 99 (Ser.C) аз июни 7 соли 2003, банди 82.

шаванд.[139] Кумита оид ба КҲК дар Қайдҳои умумии № 10 тавсия медиҳад, ки "давлатҳои аъзо бевосита дар қонун то ҳадди имкон бештар ҷалб шудани падару модар ё васии қонуниро дар мурофиа бар зидди кӯдак муқаррар кунанд. Чунин ҷалб шудан метавонад дар маҷмӯъ барои додани ҷавоби фоидабахш нисбати ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ аз ҷониби кӯдак мусоидат кунад." Барои таъмин намудани иштироки падару модар, онҳо бояд ҳар чи зудтар оид ба дастгир шудани кӯдак хабардор карда шаванд"[140]. Суди панамарикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар парвандае, ки дар натиҷаи он кӯдак ҳабс карда шуда буд, муқаррар кардааст, ки "агар ҳабсшуда хусусан ноболиғ бошад, "ҳуқуқ ба тамос бо хешовандон хеле муҳим аст. Дар ин ҳолат, мақомоти ваколатдори ҳабскунанда ва муаасисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бояд фавран хеши наздиктарини кӯдакро хабардор кунанд ё, ки намояндаи онҳоро огоҳ намоянд, то ба кӯдак ёрии саривақтӣ аз тарафи шахси огоҳгардида расонида шавад."[141]

**Ба тариқи (/варианти) дигар**

(2) Тафсири Моддаи 21 (2) дар ҳолати дар варианти (2) пешбинишуда бо назардошти таъғироти вазъи дахлдор (*mutatis mutandis*) амал мекунад.

(3) Дар баъзе ҳолатҳо фавран ёфтани падару модар ё васии қонунии кӯдак душвор аст. Дар ин маврид кормандони ваколатдор бояд кӯдак ё дигар шахсони ҷалбшударо бипурсанд, ки киро онҳо метавонанд ба ҷои падару модар хабардор кунанд ё ин, ки чӣ тавр метавон падару модар ё васии қонунии ӯро пайдо кард. Дар давлатҳое, ки муқаррот оид ба "шахси болиғи муносиб" [шахси болиғи масъул] вуҷуд дорад, ӯ метавонад хабардор карда шавад.

(4) Дар мавриде, ки тамос гирифтан ба ягон нафари шахсони дар боло қайдгардида ғайриимкон аст, корманди масъул ӯҳдадор аст, ки муассисаи таъминоти иҷтимоии дахлдорро ҷалб намояд. Ин метавонад муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, "шахси болиғи муносиб " [шахси болиғи масъул] дар давлатҳое, ки ин институт вуҷуд дорад, барномаҳои адвокати навбатдор, иттиҳодия (коллегияи) адвокатҳо ва дигарҳо бошад, ки барои танҳо нагузоштани кӯдак мусоидат кунад.

**Моддаи 22. Манъи истифодаи қувваи ҷисмонӣ ва воситаҳои мутеъкунӣ**

(1) Стандартҳои байналмилалӣ ба мисли Қоидаҳои Гаванна[142] ва ҚСА (Қоидаҳои стандартии ҳадди ақал дар бораи муомила бо маҳбусон)[143] истифодаи воситаҳои маҳдудкунии ҷисмонӣ ва қувваи

---

[139] Инчунин нигаред ба: Қоидаи IV.C.29, Қоидаҳои Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо оид ба адлияи некхоҳона ба кӯдак ва ёддошти эзоҳдиҳандаи он, 17 ноябри соли 2010

[140]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 54

[141]Суди панамарикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, Қарори № 100 (Ser.C) аз 18 сентябри соли 2003, банди 130.

[142] Хусусан қоидаи 62-и Қоидаҳои Гаванна

[143]Қоидаҳои стардартии ақалӣ оид ба муносибат бо маҳбусон, Когреси аввалини Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирии ҷиноят ва муносибат ба ҷинояткорон, Женева, 22

ҷисмониро дар тамоми намудҳои ҳабс кардан маҳдуд мекунанд.[144] Ин муқаррарот оид ба ҳабс кардан на танҳо ба нигоҳ доштани кӯдак дар тавқифгоҳҳо, ҳабси пешакӣ ё баъд аз ба ҳукми айбдоркунӣ бо маҳрум кардан аз озодӣ маҳкум шудани кӯдак тааллуқ дорад, балки инчунин дар марҳилаи дастгиркунӣ ё ба ҳабс гирифтан низ амал мекунад, зеро мақомотти дастгиркунанда бо кӯдак, ки ба зӯроварӣ осебпазир аст, сару кор доранд.

(2-3) Қоидаҳои Гаванна "ҳолатҳои истисноӣ"-ро ба таври зерин муқаррар мекунад: "пешгирӣ кардани ноболиғ аз худмаҷрӯҳкунӣ, маҷрӯҳ кардани дигарон ё расонидани зиёни ҷиддии молу мулк".[145] Ба иловаи ин, дар Қайдҳои умумии № 10 Кумита оид ба КҲК ҳолатҳои истифода кардани воситаҳои маҳдудкунии ҷисмонӣ ва қувваи ҷисмониро "танҳо ба ҳолатҳое, ки кӯдак ҳатари бевоситаи маҷрӯҳ кардани худ ё дигаронро эҷод мекунад " маҳдуд менамояд[146] ва бо ин истифода аз воситаҳои маҳдудкунии ҷисмонӣ ҳангоми расонидани зиёни ҷиддии молу мулкро бартараф менамояд. Кумита оид ба КҲК ба таври мушаххас муқаррар кардааст, ки "[истифодаи воситаҳои маҳдудкунии ҷисмонӣ ва қувваи ҷисмонӣ][147] набояд ҳеҷ гоҳ ҳамчун воситаи ҷазо сурат гирад".[148] Ба ғайр аз ин, "ҳолатҳои истисноие", ки ҳангоми онҳо қувваи ҷисмонӣ ва маҳдудкунии ҷисмонӣ метавонанд истифода шаванд, набояд ҳолатҳои зарурати истифодаи чораҳои таъсиррасонии интизомиро дар бар гиранд.[149] Қоидаҳои Гаванна муқаррар мекунанд, ки чораҳои маҳдудкунӣ ва истифодаи қувваи ҷисмонӣ ба ғайр аз ҳолатҳои истисноӣ дар ҳамаи дигар ҳолатҳо бояд манъ гардад[150] ва чораҳои маҳдудкунӣ ва истифодаи қувваи ҷисмонӣ танҳо "баъд аз истифода ва бенатиҷа дониста шудани ҳамаи воситаҳои дигар"[151] истифода шавад. Кумита оид ба КҲК пешниҳод менамояд, ки бояд омӯзиш барои кормандон оид ба қоидаву стандартҳои истифодаи қувваи ҷисмонӣ ва чораҳои маҳдудкунӣ гузаронида шавад. Дар ҳолате, ки кормандон ин қоидаҳоро вайрон

---

август – 3 сентябри соли 1955: ҳисоботи Котиботи СММ (нашриёти Созмони Милали Муттаҳид, шумора барои фурӯш 1956 IV.4). Қоидаи 33.

[144]Барои минтақаи Аврупо нигаред ба: Тавсияномаи 2 (CM/Rec (2006)2) - и Кумитаи вазирони кишварҳои аъзои Қоидаиҳои маҳбас дар Аврупо, ки аз ҷониби Кумитаи Вазирон 11 январи соли 2009 дар нишасти 952-юми Муовинони вазирон қабул гардидааст. Бандҳои 64.1 – 70.7

[145]*Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ (Res. 45/113), 14 декабри с. 1990, қоидаи 64

[146]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 89

[147]На ба шакли иқтибоси аслӣ.

[148]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 89

[149]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 89

[150]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ (Res. 45/113), 14 декабри с. 1990, қоидаҳои 63-65

[151]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ (Res. 45/113), 14 декабри с. 1990, қоидаи 64; ва Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 89

мекунанд, нисбат ба онҳо бояд чораҳои таъсиррасонии интизомӣ истифода шаванд.[152]

(4) Чораи маҳдудкунии ҷисмонӣ танҳо бо шартҳои дар Моддаи мазкур муқаррар гардида метавонад истифода шавад. Мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ истифода аз маҳдудкунии ҷисмонӣ, намудани чораҳои ба маҳдудкунии ҷисмонӣ равона гардида, ҳолатҳо ва шартҳои истифодаи он ва ғ. бояд мушаххасан дар қонунҳо ва дастурҳо муқаррар карда шаванд.[153] Ҳамин тариқ банди (4) имконияти истифода аз қувваи ҷисмонӣ нисбат ба кӯдакро маҳдуд мекунад ва бо ин барои солимии ҷисмонӣ ва равонии кӯдак кафолат медиҳад.

(5) ҚСА муқаррар мекунанд, ки "воситаҳои мутеъкунӣ, ба мисли дастбанд, занҷирҳо, кишани даст ва куртаи дафъи ҷунун" ҳеҷ гоҳ барои ҷазодиҳӣ истифода намешаванд"[154]. Қонуни мазкур ин муқаррароти байналмилалиро дар бар мегирад ва ба он бо ворид намудани дигар чораҳои маҳдудкунии ҷисмоние, ки бояд ҳеҷ гоҳ истифода нашаванд, илова ворид мекунад. Бо назардошти он, ки ҚСА соли 1955 қабул гардидааст ва дар ин муддат воситаҳои нави мутеъкунӣ аз ҷониби полис муаррифӣ ва истифода гардиданд, чунин иловаҳо муфовиқи мақсад шуморида мешавад.

(6) Агар мақомоти полис маълумоти дақиқ оид ба ҳомиладор будани кӯдаки ҷинси зан дошта бошад ё тахмин кунад, ки кӯдаки ҷинси зан метавонад ҳомиладор бошад, бо мақсади зери хатар нагузоштани сиҳатии тифли таволлуднаёфта исифодаи қувваи ҷисмонӣ ё ягон чораи маҳдудкунии ҷисмонӣ нисбат ба зани ҳомиладор қатъиян манъ карда мешавад.

(7) Кафолати муҳим барои ҳифзи кӯдак аз истифодаи қувваи ҷисмонӣ ва маҳдудкунии ҷисмонӣ ба қайд гирифтани ҳолатҳом истифодаи он мебошад. Ин барои кӯдак имконият медиҳад, ки оид ба сӯистифодаи қувваи ҷисмонӣ ва маҳдудкунии ҷисмонӣ арзу шикоят кунад ва мақомоти ваколатдор барои дастгир кардан ё ба ҳабс гирифтанро ба ҷавобгарӣ кашад. Аз баски сабти хаттӣ истифодаи қувваи ҷисмонӣ ва маҳдудкунии ҷисмониро расман қайд менамояд, он ба кам кардани истифода аз қувваи ҷисмонӣ оварда мерасонад, зеро корманди полис дар ин ҳолат аз оқибатҳои ҷиддии сӯистифода дар асоси қонун ҳарос мекунад.

---

[152]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 89

[153] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ (Res. 45/113), 14 декабри с. 1990, қоидаи 64; *Қоидаҳои стардартии ақалӣ оид ба муносибат бо маҳбусон, Когреси аввалини Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирии ҷиноят ва муомила ба ҷинояткорон, Женева, 22 август – 3 сентябри соли 1955*: ҳисоботи Котиботи СММ (нашриёти Созмони Милали Муттаҳид, шумора барои фурӯш 1956 IV.4). Қоидаи 34.

[154] *Қоидаҳои стардартии ақалӣ оид ба муносибат бо маҳбусон, Когреси аввалини Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирии ҷиноят ва муомила ба ҷинояткорон, Женева, 22 август – 3 сентябри соли 1955*: ҳисоботи Котиботи СММ (нашриёти Созмони Милали Муттаҳид, шумора барои фурӯш 1956 IV.4). Қоидаи 33; Инчунин нигарад ба: Тавсияномаи 2 (CM/Rec (2006)2) - и Кумитаи вазирони кишварҳои аъзои Қоидаиҳои маҳбас дар Аврупо, ки аз ҷониби Кумитаи Вазирон 11 январи соли 2009 дар нишасти 952-юми Муовинони вазирон қабул гардидааст, банди 60.6.

(8) Бо худ гарифта гаштани силоҳ аз ҷониби кормандон дар ҷойҳои дастгир кардан ва ба ҳабс гирифтани кӯдак ва инчунин истифодаи он дар ҳамаи ҳолатҳое, ки кӯдакро дар бар мегирад, бояд манъ карда шавад.[155]

### Моддаи 23. Ҳуқуқ ба ҳузури падару модар ё васии қонунӣ

(1) Қоидаи 15.2 –и Қоидаҳои Пекин муқаррар месозад, ки падару модар ё васии қонунӣ ҳуқуқ доранд дар ҷараёни мурофиа иштирок кунанд[156] ва метавонанд аз ҷониби мақомоти салоҳиятнок талаб карда шаванд, ки дар мурофиаиҳои судӣ барои манфиати кӯдак иштирок намоянд. Тавсияи 7(86) – и гузориши муштараки Дафтари Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон, Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят ва Намояндаи махсуси Дабири кулл оид ба хушунат нисбат ба кӯдакон дар бораи пешгирӣ ва коҳиш додани хушунат нисбати кӯдакон дар доираи низоми адлияи ноболиғон баёни амиқтарро истифода мекунад ва таъкид месозад, ки "мусоҳибаҳои кормандони полис бо кӯдак бояд дар ҳузури падару модар ва васии қонунӣ сурат гиранд (...)."[157] Ҳадаф аз ҳузури падару модар ё васии қонунӣ хусусан дар вақти пурсиш таъмин намудани имконияте мебошад, ки тавассути он кӯдак чизе ки ба ӯ гуфта мешавад дақиқ фаҳмад, наҳаросад, худро зери таҳдид ҳис накунад ва ақидаи худро ба пуррагӣ иброз карда тавонад. Ҳузури падару модар ё васии қонунӣ ба кӯдак дастгирии маънавӣ (эҳсосотӣ) мебошад.

(2) Барои расида омадани падару модар ё васии қонунӣ ба идораи полис, ки макони гузаронидани пурсиш аст, бояд вақти муносиб дода шавад. Иштироки падар ё модар ё васии қонунӣ метавонад аз ҷониби мақомоти салоҳиятнок рад карда шавад, агар он ба манфиати воҷиби кӯдак бошад. Талабот оид ба ҳузури падару модар ё васии қонунӣ дар ҷараёни пурсиш танҳо он вақт маънӣ дорад, ки падару модар ё васии қонунӣ оид аз ҳодисаи боздошти кӯдак хабардор карда шаванд ва ба онҳо мӯҳлати кофӣ барои ба ҷои баргузории пурсиш расида омадан дода шавад. Агар падару модар ё васии қонунӣ дар вақти муносиби ҷудошуда расида наоянд, барои тамос дастрас набошанд, иштирок дар ҷараёни мурофиаро рад кунанд, бо содир намудани ҳамин ҷиноят айбдор карда шаванд ё бо сабаби дигаре иштироки падару модар ё васии қонунӣ қобили

---

[155] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ (Res. 45/113), 14 декабри с. 1990, қоидаи 65.

[156] Дар қоидаи IV.C.30-и *Қоидаҳои Кумитаи Вазирони Шӯрои Аврупо оид ба адолати хайрхоҳона ба кӯдак ва эзоҳномаи он* (17 ноябри соли 2010) пешбинӣ шудааст, ки "ба истиснои ҳолатҳои ҳузур доштани падару модари кӯдак, ё агар падару модар дастрас набошад, шахси дигаре, ки кӯдак ба ӯ боварӣ дорад кӯдаки ба ҳабс гирифташуда набояд мавриди пурсиш оид ба кирдори ҷиноятӣ қарор дода шавад ё талаб карда шавад, ки ба нишондод оид ба чунин кирдор имзо гузорад."

[157]Тавсияи 7 –и гузориши муштараки Дафтари Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон, ДафтариСММоид ба маводи мухаддир ва ҷиноят ва Намояндаи махсуси Дабири кулл оид ба хушунат нисбат ба кӯдакон дар бораи пешгирӣ ва коҳиш додани хушунат нисбати кӯдакон дар доираи низоми адлияи ноболиғон, 27 июни с. 2012, (A/HRC/21/25), банди 86; дар ин бобат инчунин нигаред ба: Тавсияномаи 20 (CM/Rec (2003)20) -и Кумитаи вазирон ба давлатҳои аъзо оид ба баррасии ҷинояткорӣ байни ноболиғон ва нақши адлияи ноболиғон, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 24 сентябри соли 2003 дар нишасти 853-уми Муовинони вазирон қабул гардид, банди 11.

қабул набошад, намояндаи муассисаи таъминоти иҷтимоии дахлдор барои дастгирӣ намудани кӯдак ба идораи полис ҳозир мешавад. Муассисаҳои таъминоти иҷтимоии дахлдор вобаста аз давлат метавонанд фарқ кунанд. Дар баъзе мавридҳо ҳатто ташкилотҳои ҷамъиятӣ метавонанд як миқдор мутахассисони омӯзонидашударо, ки барои иҷрои ин вазифа хоҳишманданд, пешниҳод намоянд. Ин дар мавридест, ки дар дигар давлатҳо кормандони иҷтимоӣ ё муаллимон ин вазифаро иҷро мекунанд. Дар давлатҳое, ки институти “шахси болиғи муносиб” [шахси болиғи масъул] амал мекунад, ин шахсон бояд пеш аз пурсиш бо кӯдак вохӯрӣ кунанд то тавонанд худро муаррифӣ намоянд ва нақши худро ба кӯдак фаҳмонанд.

### Моддаи 24. Ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ

Чи тавре дар Моддаи 3 [Мафҳумҳо] қайд гардид кӯдаки бо қонун дар мухолифатбуда дар тамоми ҷараёни адолати судӣ нисбати ноболиғон[158] сар карда аз марҳилаи дастгир кардан ё ба ҳабс гирифтан бояд бо ёрии ҳуқуқӣ таъмин гардад. Хусусан дар ҳамин марҳилаи аввали ҷараёни адолати судӣ нисбати ноболиғон, ки кӯдакон зери хавфи муомилаи бад ва ҳабси беасос қарор доранд.[159] Кӯдакони дастгиршуда ё ба ҳабс гирифташуда метавонанд инчунин маҷбур карда шаванд, ки ба гуноҳ иқрор шаванд ё барои озод шудан пора диҳанд. Агар кӯдак намояндаи қонунии [шахсе, ки ёрии ҳуқуқӣ мерасонад] алоҳидаро худ интихоб накунад, корманди дахлдори полис [мақомоти ҳифзи ҳуқуқ] [муфаттиш] [прокурор] расонидани ёрии ҳуқуқиро ба кӯдак таъмин мекунад. Корманди дахлдори полис [мақомоти ҳифзи ҳуқуқ] [муфаттиш] [прокурор] бояд дар ин ҳолат бо идораи ё мақомоти дахлдор [шӯро оид ба ёрии ҳуқуқӣ] [барномаи ] [барномаҳои адвокати навбатдор] [колегияи адвокатҳо] ба тамос бароярд, то ин, ки намоядаи қонунии муносибтаринро пайдо кунад. Идора ё мақомоте, ки ёрии ҳуқуқӣ мерасонад, бояд дар қонун ба таври мушаххас муқаррар карда шавад. Барои пурра таъмин намудани ҳуқуқҳои кӯдак дар ҷараёни адолатти судӣ нисбати ноболиғон, хусусан тавсия мегардад, ки “онҳое, ки ёрии ҳуқуқӣ мерасонанд махсус омӯзонида шаванд ва кори онҳо ба таври мунтазам баҳо дода шавад, то коршоямии онҳо барои ин кор таъмин гардад. Ба ҳамин монанд намояндагони ёрии ҳуқуқӣ, ки бо кӯдак кор мекунанд бояд дар ҳамкории зич бо дигар мутахассисон, ба мисли кормандони иҷтимоӣ ва кормандони хадамоти бартарафкунӣ фаъолият кунанд ”.[160] Мақоми назораткунандаи ПБҲГС,

---

[158]Инчунин нигаред ба: Тавсияномаи 20 (CM/Rec (2003)20) -и Кумитаи вазирон ба давлатҳои аъзо оид ба баррасии ҷинояткорӣ байни ноболиғон ва нақши адлияи ноболиғон, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 24 сентябри соли 2003 дар нишасти 853-уми Муовинони вазирон қабул гардид, банди 15; Қоидаи IV.D.2-и *Қоидаҳои Кумитаи Вазирони Шӯрои Аврупо оид ба адолати хайрхоҳона ба кӯдак ва эзоҳномаи он*, 17 ноябри соли 2010.

[159]Нигаред ба: Хазинаи Ҷомеа Кушода, *Ҳабси пешакӣ ва шиканҷа: Барои чӣ шахси дар ҳабси пешакибуда ба хавфи калонтарин дучор мешавад?* (Хазинаи Ҷомеа Кушода: Нью Йорк, 2011), саҳ. 5 ва 11.

[160]Тавсияи 8 –и гузориши муштараки Дафтари Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқҳоиинсон, ДафтариСММоидбамаводи мухаддир ва ҷиноят ва Намояндаи махсуси Дабири кулл оид ба хушунат нисбат ба кӯдакон дар бораи пешгирӣ ва коҳиш додани хушунат нисбати кӯдакон дар доираи низоми адлияи ноболиғон, 27 июни с. 2012, (A/HRC/21/25); нигаред ба - Қатъномаи МУ 63/241, *Ҳуқуқҳои кӯдак,* 13 марти 2009, банди

Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон, мавриди бе таъмини “ёрии муносиб дар омодагӣ ва муаррифии ҳимояи худ” ба ҳабс гирифтани кӯдакро поймолшавии Паймон медонад.[161] Суди аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар як парвандаи кӯдаки ба ҳабс гирифташуда муқаррар кардааст, ки “набудани ҳимоятгар дар давраи ба ҳабс гирифтани кӯдак ба ҳуқуқи ӯ ба ҳимоя бебозгашт таъсир кард ” ва бо ин ба поймолшавии Моддаи 6-и Конвенсия оварда расонид.[162]

То пайдо кардани имконияти гирифтани машварати ҳуқуқӣ кӯдак набояд мавриди пурсиш қарор дода шавад.[163] Тибқи Қайдҳои умумии № 10-и Кумита оид ба КХК мақсади ёрии ҳуқуқӣ ҳангоми пурсиши якуми кӯдак аз ҷониби корманди полис ё прокурор санҷиши мустақили усулҳои бозпурсии истифодагардида ва таъмини ихтиёрӣ будан ва маҷбурӣ (ботакаллуф) набудани далелҳо мебошад.[164] Ба кӯдак ва намояндаи қонунии ӯ бояд вақт барои сӯҳбати алоҳида дода шавад, то намояндаи қонунӣ бо кӯдак айбномаро баррасӣ намояд ва кӯдак барои пурсидани саволҳо ва умуман фаҳмидани вазъи худ пеш аз сар шудани ягон пурсиш имконият пайдо кунад. КСҲ муқаррар мекунанд, ки “мусоҳибаи маҳбус (шахси ҳабсшуда) ва мушовири ҳуқуқии ӯ метавонад дар маконе сурат гирад, ки дар ҳудуди айнӣ бо корманди полис ё муассиса бошад, аммо гӯшкуниро истисно намояд”.[165]

### Моддаи 25. Ҳуқуқ ба тарҷумон

(1) Моддаи 40 (2) (vi) – и КҲК муқаррар мекунад, ки давлатҳои аъзо бояд барои кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда хизмати ройгони тарҷумонро таъмин кунанд, агар кӯдак забони истифодашударо нафаҳмад ё ба ин забон гап зада натавонад. Қайдҳои умумии № 10-и Кумита оид ба КХК тавсия мекунад, ки ин ёрӣ набояд танҳо ба ҷараёни суд маҳдуд шавад, балки дар тамоми марҳилаҳои ҷараёни адолати судӣ нисбат ба кӯдак[166], инчунин пурсиш аз ҷониби корманди полис, расонида шавад. Ба

---

муқ. 45; Қарори 10/2 КҲИ СММ, *Ҳуқуқҳои инсон дар адолати судӣ, хусусан дар адолати судӣ нисбати ноболиғон,* 24 марти 2009, банди муқ. 6.

[161]Ҳуҷҷати СММ CCPR/C/92/D/1209,1231/2003& 1241/2004, банди 6.6.

[162]Ҳукми САҲИ, (Гузориши № 36391/02), банди 62.

[163]Инчуни нигаред ба: Тавсияи 7 –и гузориши муштараки Дафтари Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон, Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят ва Намояндаи махсуси Дабири кулл оид ба хушунат нисбат ба кӯдакон дар бораи пешгирӣ ва коҳиш додани хушунат нисбати кӯдакон дар доираи низоми адлияи ноболиғон, 27 июни с. 2012, (A/HRC/21/25), банди 86.

[164]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 58.

[165]*Қоидаҳои стардартии ақалӣ оид ба муносибат бо маҳбусон, Когреси аввалини Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирии ҷиноят ва муомила ба ҷинояткорон, Женева, 22 август – 3 сентябри соли 1955*: ҳисоботи Котиботи СММ (нашриёти Созмони Милали Муттаҳид, шумора барои фурӯш 1956 IV.4). Қоидаи 93; инчунин нигаред ба Тавсияномаи 2 (CM/Rec (2006)2) - и Кумитаи вазирони кишварҳои аъзои Қоидаиҳои маҳбас дар Аврупо, ки аз ҷониби Кумитаи Вазирон 11 январи соли 2009 дар нишасти 952-юми Муовинони вазирон қабул гардидааст, банди 23.4, муқаррар мекунад, ки “”машваратҳо ва робитаҳои дигар,ҳамчунин мукотиба оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ байни шахси маҳбусшуда ва машваратчии ҳуқуқии ӯ махфӣ мебошад”.

[166]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 62.

иловаи ин Кумита оид ба КҲК таъкид мекунад, ки "барои кор бо кӯдакон омӯзонида шудани тарҷумон аҳамияти калон дорад, зеро фаҳмидани забони модарии худ барои кӯдак нисбат ба шахси болиғ метавонад фарқ кунад."[167] Кумита оид ба КҲК шарҳ медиҳад, ки набудани дониш ва/ё таҷриба дар ин ҷода (кор бо кӯдакон) метавонад мушкилот барои фаҳмиши пурраи саволҳои пурсидашуда эҷод кунад.[168] Бояд қайд намуд, ки ибораи "забони истифодашударо нафаҳмад ё ба ин забон гап зада натавонад" на танҳо ба кӯдакони давлатҳои хориҷӣ ва ақалиятҳои миллӣ дахл дорад, балки ҳамчунин кӯдакони имконияташон маҳдудро, ба монанди кӯдакони ношунаво ва гунг, кӯдакони дорои мушкилоти баён ва кӯдакони дорои норасоиҳои рӯҳиро дар бар мегирад. Кумита оид ба КҲК дар Қайдҳои умумии № 10 таъкид мекунад, ки тибқи талаботи Моддаи 40 (2) (vi) – и КҲК ва мутобиқи чораҳои махсуси муҳофизатие, ки барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Моддаи 23-и КҲК пешбинӣ шудаанд, давлатҳои аъзо бояд табдирҳо андешанд, то ки кӯдакон бо кӯмаки дахлдор ва таъсирбахш аз ҷониби мутахассиси хуб омӯзонидашуда таъмин гарданд.[169]

(2) Агар кӯдак ба тарҷумон эҳтиёҷ дошта бошад, ҳузури тарҷумон барои ҳар як пурсиши кӯдак аз ҷониби корманди полис ё прокурор таъмин карда мешавад. Бояд таъкид кард, ки иштироки тарҷумон ҳатмӣ аст ва ҳозир нашудани ӯ ҳангоми мавриди пурсиш қарор дода шудани кӯдак ба норавоии далелҳо дар робита ба ҷавобҳои кӯдак, ки бе иштироки тарҷумони ӯ дода шудаанд, оварда мерасонанд.

(3) Барои таъмин намудани он, ки тарҷумон забони кӯдакро фаҳмад ва ба кӯдак низ забони тарҷумон фаҳмо бошад / кӯдак бо ӯ мулоқот карда тавонад, зарур аст, ки ҳардуи онҳо пеш аз мавриди ягон пурсиш қарор дода шудани кӯдак бо ҳамдигар вохӯрӣ кунанд.

### Моддаи 26. Ҳуқуқ ба ёрии консулӣ

(1) Тибқи Моддаи 36 – и Конвенсияи Вена оид ба робитаҳои консулӣ[170] ва қоидаи 38 –и ҚСА шахси маҳбусшудае, ки шаҳрвандии кишвари ҳориҷиро дорад, ҳуқуқ ба ёрии консулӣ ҳангоми ба ҳабс гирифта

---

[167]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 62.

[168]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 62.

[169]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 63.

[170]Конвентсияи мазкур аз ҷониби беш аз 170 давлати дунё ба тасвиб расонида шудааст. Дар робита ба он, ки оё Моддаи 36-и Конвентсия ба шахсони ҳабсшуда ҳуқуқи индивидуалӣ пешбинӣ мекунад ё не, Суди байналмилалии СММ дар қарори (ҳукми) худ аз 27 июни соли 2001 (*Judgement, I.C.J. Reports 2001, p. 466, par. 77*) таъкид менамояд, ки "Моддаи 36, банди 1(b) ӯҳдадориҳои кишвари қабулкунандаро (иқоматро) дар назди шахси ҳабсшуда ва кишваре, ки аз он ҷо омадааст, мушаххас мекунад. Он муқаррар менамояд,ки кишвари қабулкунанда (иқомат) бо хоҳиши шахси ҳабсшуда бояд кишваре, ки ӯ аз он ҷо омадааст, оид ба ҳабси ин шахс "бетаъхир" хабардор кунад". (...) Аниқии ин муқаррарот дар ҳолати муайян гардида бе шубҳа аст. Дар асоси матни ин муқаррарот Суд ба хулоса меояд, ки банди 1-и Моддаи 36 ҳуқуқи индивидуалиро муқаррар мекунад, ки тавассути Протоколи иловагӣ метавонад аз ҷониби кишвари шахси маҳбусшуда дар ин Суд талаби ӯ татбиқ карда шавад.".

шудан дорад. Ин меъёр нақши муҳимро инчунин барои кӯдакони шаҳрвандии давлати хориҷидошта мебозад. Хусусан кӯдаконе, ки аз сабаби ҷанг, гуруснагӣ (норасоии фавқулодаи ғизо дар натиҷаи офати табиӣ ё хушксолӣ) ё офати табиӣ муҳоҷир шудаанд, бояд бо ҳуқуқи консулӣ ҳифз шаванд. Суди панамерикоии ҳуқуқи кӯдак дар робита ба ин қайд менамояд, ки консул "метавонад ба шахси ҳабсшуда дар татбиқи якчанд чораҳои марбут ба ҳимояи ӯ, ба монанди таъмин намудан ва дастгирии намояндаи қонунӣ, дастрас кардани далелҳо дар кишвари аслӣ ва санҷиши шароити шахси ҳабсшуда дар маҳбас, кӯмак расонад."[171]

(2) Ҳамчунин банди (2) –и муқарроти мазкур ба кӯдакони гуреза ва бешаҳрванд, инчунин кӯдаконе, ки шаҳрванди кишварҳои дигаре ҳастанд, ки дар давлати истиқомати онҳо намояндагӣ надоранд, таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад. Ин кӯдакон дорои ҳуқуқҳои якхелаи консулӣ дар робита ба намояндагии дипломатии кишваре, ки барои ҳимояи манфиатҳои онҳо вазифадор аст, доранд. Ҳамчунин сохторҳои миллӣ ва байналмилалие, ки вазифаи ҳифзи кӯдакро ба ӯҳда доранд, метавонанд дар мавриди аз ҷониби кӯдак талаб карда шудани он ёрии консулӣ расонанд. Дар робита ба ин, сохторҳои байналмилалии зерин метавонанд номбар шаванд – Кумитаи байналмилаии Салиби Сурх, Раёсати комиссариати олии СММ оид ба гурезагон (РКОСММГ) ва Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ).

**Моддаи 27. Дар макони ҳабси пешакии полис таҳти назорат нигоҳ доштан [ҳабс пеш аз муқаррар намудани гуноҳ]**

(1) Чизе, ки дар мадди аввал муқаррароти ташкилӣ менамояд, аслан кафолат барои ҳифзи кӯдак аз ғайб задан бо маънои аслии ин ибора мебошад, зеро ин муқаррарот ба мақомот ва инчунин падару модар ё васии қонунии кӯдак имконият медиҳад, то онҳо дар бораи макони ҷойгиршавии ҷисмонии кӯдак воқиф бошанд. Суди панамерикоӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак дар ин бобат муқаррар менамояд, ки ба қайд гирифтан "ба китоби бақайдгирӣ ворид кардани маълумот, аз ҷумла оид ба шахсияти шахси ҳабсшуда, сабаби ба ҳабс гирифтан, огоҳкунии мақомотҳои салоҳиятнок ва онҳое, ки онро намояндагӣ мекунанд, кӯдакро дар ҳабс нигоҳ медоранд ё ба ҳайси ҳимоятгар дар мавриди лозимӣ фаъолият мекунанд ва инчунин ташрифҳои онҳо ба назди шахси ҳабсшуда, рӯз ва вақти ба ҳабс гирифтан ва озод шудан, маълумоте, ки ба кӯдак ва дигар шахсон оид ба ҳуқуқҳо ва кафолатҳои шахси ҳабсшуда пешниҳод мегардад, сабти аломатҳои таҳти зӯроварӣ қарор гирифтани кӯдак ё касалиҳои рӯҳӣ, интиқолёбии шахси ҳабсшуда ва ҷадвали таомхӯриро дар бар мегирад. Шахси ҳабсшуда бояд инчунин ба ҳуҷҷат имзо гузорад ва агар ӯ имзои худро дар ҳуҷҷат нагузорад бояд шарҳи сабабҳои он пешниҳод гардад. Ҳимоятгар бояд ба маводҳои парванда ва умуман тамоми амалҳои марбут ба айбдоркунӣ ва ҳабс дастрасӣ дошта бошад."[172] Дар мавриди бақайдгирии маълумот мақомотҳои дахлдор бояд байни худ

[171]Суди панамерикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон. Ҳуқуқ ба маълумот оид ба ёрии консулӣ дар доираи кафолатҳои ҷараёни мувофиқи қонунӣ. Хулосаи машваратии ОС-16/99, аз 1 октябри соли 1999, Шумораи А No. 16, банди 86.

[172]Суди панамарикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, Қарори № 100 (Ser.C) аз 18 сентябри соли 2003, банди 132.

маълумотро мубодила кунанд, аммо чунин мубодила бояд танҳо "ҳамеша дар асоси талаботи қонунгузорӣ оид ба ҳифзи маълумот сурат гирад."[173]

(2) Ҳангоми дар макони ҳабси пешакии полис таҳти назорат нигоҳ доштан кӯдакон набояд худро ваҳшатзада ҳис кунанд. Барои пешгирӣ кардани зарбаи рӯҳӣ кӯдак набояд дар ҷои маҳкамкардашудаи ҳабс ё посбонишавнда ҷойгир карда шавад. Танҳо дар ҳолатҳои ками истисноӣ, агар кӯдак барои худаш хатар эҷод кунад ва рафтори бебокона намояд, ӯ метавонад дар ҷои маҳкамкардашудаи ҳабс ҷойгир карда шавад. Аммо ҳатто дар ин ҳолат ҳам назорат ва нигоҳубинӣ мунтазам бояд кафолат дода шавад.

### Моддаи 28. Мавриди пурсиш қарор додан аз ҷониби полис [прокурор]

(1) Кӯдакон ҳамчун нафароне, ки дар муқоиса бо шахсони болиғ таъсирпазирии бештари услубҳои гузаронидани пурсишдошта эътироф гардидаанд, мӯҳтоҷи сатҳи баландтари муҳофизат аз пурсиши бераҳмона ва ноодилона мебошанд. Чунин муҳифизат метавонад бо роҳҳои гуногун пешниҳод гардад. Ҷалб намудани пурсишкунандагони омӯзонидашуда, новобаста аз он, ки онҳо кормандони полис, дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё прокуратура ҳастанд, бениҳоят муҳим ҳисобида мешавад, зеро ин барои аксари кӯдакон якумин нуктаи алоқа бо низоми адлияи кӯдакон мебошад. Омӯзиш дар робита ба ин бояд масъалаҳои рушди ҷисмонӣ, маънавӣ ва иҷтимоии кӯдакон ва инчунин эҳтиёҷоти махсуси аксари кӯдакони осебпазир, ба монанди кӯдакони имконияташон маҳдуд, кӯдакони оворагард, кӯдакони ақалаиятҳои динӣ, забонӣ ва дигар ақалиятҳо ва кӯдакони ҷинси занро бояд дар бар гирад.[174]

(2) Ҳангоми пурсиш муомила бо кӯдак бояд дар асоси эҳтироми шаъну шарафи ӯ мувофиқи стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон сурат гирад.[175] Корманддони полис ва прокуратураи дахлдор набояд ҳеҷ гоҳ ба кӯдак дод зананд ё дуғу пӯписа кунанд, ӯро ба таври ҷисмонӣ ё психологӣ таҳдид намоянд. Мақомотҳои пурсишкунанда забони некхоҳона ба кӯдакро дар вақти пурсиш бояд истифода кунанд.

(3-4) Дар Қайдҳои умумии № 10 Кумита оид ба КҲК талаб карда мешавад, ки "санҷиши мустақили усулҳои пурсиш бояд гузаронида шаванд, то ин ки ихтиёрӣ ва маҷбурӣ набудани изҳороти далелҳо, хусусан бо назардошти ҳамаи ҳолатҳо, ва боэътимод будани далелҳои дар натиҷаи пурсиш ба даст овардашуда таъмин гардад."[176] Агар иқроршавӣ ба гунаҳгор будан маҷбуран сурат гирифта бошад, тибқи Моддаи 15-и КЗШ

---

[173]Тавсияномаи 20 (CM/Rec (2003)20) -и Кумитаи вазирон ба давлатҳ аъзо оид ба баррасии ҷинояткорӣ байни ноболиғон ва нақши адлияи ноболиғон, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 24 сентябри соли 2003 дар нишасти 853-уми Муовинони вазирон қабул гардид. Банди 13

[174]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 40.

[175]Нигаред ба Қатъномаи МУ A/RES/67/166, *Ҳуқуқҳои инсон дар татбиқи адолати судӣ,* 20 декабри с. 2012, банди муқ. 14

[176]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 58.

(Конвенсия бар зидди шиканҷа) қонун бояд муқаррароти мушаххас оид ба он дошта бошад, ки ин иқроршавӣ ҳамчун далел дар ягон мурофиа истифода нашавад. Кумита оид ба КҲК дар Қайдҳои умумии № 10 талаб мекунад, ки “мафҳуми маҷбур кардан” бояд ба маънои васеъи он фаҳмида шавад ва танҳо ба қувваи ҷисмонӣ ё дигар поймолшавии баръалои ҳуқуқи инсон маҳдуд гардад. Синну соли кӯдак, сатҳи камолоти кӯдак, давомнокии пурсиш, нофаҳмии кӯдак, ҳарос аз оқибатҳои номаълум ё аз эҳтимолияти мавҷуда барои ҳабс шудан метавонанд ба он оварда расонанд, ки кӯдак иқрори бардурӯғ кунад. Эҳтимолият барои ин метавонад ҳатто зиёдтар гардад, агар ба кӯдак чунин ҳавасмандкунӣ ба мисли “агар ба мо асли корро гӯи ҳамон замон метавони ба хона равӣ” пешниҳод гардад ё ҷазои сабуктар ё озод кардан ваъда дода шавад.”[177] Кумита оид ба КҲК тавсия мекунад, ки ҳангоми баррасии хусусияти ихтиёрӣ доштан ва эътимоднок будани эътироф ва иқроршавии кӯдак, суд ё мақомоти судӣ бояд синну соли кӯдак, давомнокии дар макони ҳабси пешакии полис таҳти назорат нигоҳ доштани кӯдак ва давомнокии пурсиш, иштироки ҳимоятгар ва дигар машваратчиён, падару модар ё намояндаи мустақили кӯдакро ба инобат гирад.[178]

(5) Дар мавриди пурсиши кӯдаки дастгир гардида ё ба ҳабс гирифташуда кафолатҳои муайян ҳадди ақал барои ҷараёни пурсиш бояд аз ҷониби мақомоти пурсишкунанда риоя карда шаванд. Бениҳоят муҳим аст, ки бо назардошти синну соли кӯдак, сатҳи камолот ва ҳолатҳои махсуси ӯ, ба мисли саломатӣ, инкишофи эҳсосӣ ва муҳити ҷамъитие, ки ӯ дар он ба камол расидааст, дар рафти пурсиш барои ӯ танаффусҳои муносиб таъмин гардад. Ҷинс ва нажоди кӯдак, арзишҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, қавмӣ ва забонии ба ӯ меросмонда ва муҳити ӯ бояд ба таври зарурӣ эҳтиром гарданд. То ба ин андоза банди (5) ҳамин модда тамоми принсипҳои дар Моддаи 13-и Қонуни мазкур муқарраршударо ифода мекунад.

(6) Бо мақсади таъмин кардани он, ки кӯдак дар давоми пурсиш роҳат ва осуда аст ва ҳеҷ гоҳ беасос аз хоб маҳрум карда намешавад, ӯ баъд аз соати 10-и шаб мавриди пурсиш қарор дода намешавад. Вале, агар кӯдак баъд аз соти 10-и шаб дастгир карда шавад ӯ бояд огоҳ карда шавад, ки ҳузури ӯ баъд аз соати 8-и субҳи рӯзи навбатӣ барои пурсиши нахустин зарур аст. Танҳо дар мавриди ба содир кардани ҷинояти вазнин гумонбар шудани кӯдак ва вуҷуд доштани эҳтимолияти аз адолати судӣ пинҳон шудани ӯ дар идораи полиси барои на зиёдтар аз 24 соат пеш аз дар назди суд ҳозир шудан таҳти назорат гирифта мешавад.

(7-8) Азбаски кӯдакон дар ҷараёни ба камолот расидан қарор доранд ва хӯрок талаботи муҳим барои ботаваҷҷӯх шудан аст, муҳим аст, ки кӯдак бо хӯрок ва нушокии муносиб дар давоми пурсиш оид ба ҷиноятe, ки ба содир намудани он кӯдак гумонбар мешавад, таъмин гардад. Ба ғайр аз ин, бо мақсади таъмин намудани бароҳатии кӯдак дар давоми пурсиш

---

[177]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 57.
[178]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 58.

дастрасии мунтазам ба ҳоҷатхона ва ҷои дастурӯшӯӣ ба кӯдак бояд дар ҳар лаҳзаи ҷараёни пурсиш таъмин гардад.

**Моддаи 29. Кофтукови номаҳрамонаи кӯдак**

(1) Кӯдакон нисбат ба шахсони болиғ осебпазиртаранд ва аз кофтуков ваҳшатзада мешаванд. Аз ин лиҳоз, дахлнопазирии шахсӣ ва шаъну шарафи онҳо бояд дар давоми кофтукови номаҳрамона хусусан хифз гардад.[179] Барои паст кардани хатарҳои вобаста ба кофтуков ва ҳифз кардани сиҳатии кӯдак, кофтукови номаҳрамонаи кӯдак бояд аз ҷониби корманди полис ё дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи бо кофтуковшаванда ҳамҷинс анҷом дода шавад. Сабабҳо ва асосҳо барои анҷом додани кофтуков бояд бо забони ба кӯдак фаҳмо пеш аз оғози кофтуков ба ӯ фаҳмонида шавад. Кӯдаконе, ки бо ҷинси ғайрибиологии худ муайян мешаванд (трансгендер) бояд ба онҳо имкон дода шавад, то ҷинси кофтуковкунандаи худро интихоб намоянд.[180]

(2) Кӯдак бояд аз ҷониби корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ [корманди полис] оид ба сабабҳои кофтуков шуданаш хабардор карда шавад. Корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ [корманди полис] ҳамчунин вазифадор аст, ки ба кӯдак оид ба асосҳои қонунии кофтуков ва шахсе, ки барои кофтуков супоришнома (ордер) додааст, иттило диҳад.

(3) Банди мазкур таъкид месозад, ки ин муқаррарот танҳо барои кофтукови номаҳрамона ифода гардидааст ва бояд бо назардошти муқарроти минбаъда истифода шавад. Дар ҳолате, ки корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ [корманди полис] мехоҳад кофтукове анҷом диҳад, ки берун аз доираи санҷиши қисми берунии бадан мебошад, нисбат ба он шартҳо ва кафолатҳои дар Моддаи 30 муқарраргардида амал мекунанд.

**Моддаи 30. Кофтукови маҳрамонаи кӯдак**

(1) Кофтукови маҳрамона аз санҷиши ҷисмонии сурохиҳои бадани кӯдак ба ғайр аз даҳон иборат аст. Аз сабаби хусусияти эҳсосотӣ ва ногувор доштани чунин кофтуков, он бояд танҳо дар ҳолатҳои камшумор ва дар мавриди мавҷуд будани кафолатҳои ҳифзи кӯдак анҷом дода шавад. Тибқи Моддаи 40 (1) бо ҳар як кӯдаки ба вайрон кардани ҳуқуқи ҷиноятӣ гумонбаршуда, айбдоршаванда ё гунаҳгор донисташуда бояд чунон муносибат карда шавад, ки он ба инкишофи ҳиссиёт ва шаъну шарафи ӯ мусоидат намояд. Қоидаи 10.3-и Қоидаҳои Пекин инчунин муқаррар мекунад, ки алоқа байни мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва кӯдак ба тарзе ба роҳ

---

[179]Тавсияномаи 7 – и гузориши муштараки Дафтари Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон, Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят ва Намояндаи махсуси Дабири кулл оид ба хушунат нисбат ба кӯдакон бахшида ба пешгирӣ ва коҳиш додани хушунат нисбати кӯдакон дар доираи низоми адлияи ноболиғон, 27 июни с. 2012, (A/HRC/21/25), банди 86

[180]Нигаред ба *Дастурамал оид ба маҳбусон бо эҳтиёҷоти махсус,* Дафтари СММ оид ба маводи мухадир ва ҷиноят (ДСМММҶ), Силсилаи китобҳо оид ба адолати судии ҷиноятӣ, (СММ: Нью Йорк 2009), саҳ. 118

монда мешаванд, ки вазъи ҳуқукии кудак эҳтиром гардад, ба некӯаҳволии кӯдак мусоидат карда шавад ва расонидани зарар ба ӯ бо таваҷҷӯҳи лозимӣ ба ҳолати парванда пешгирӣ карда шавад. Кофтукови маҳрамона бе қарори суди салоҳиятнок бояд анҷом дода нашавад. Суди ваколатдиҳанда пеш аз додани ваколат барои анҷом додани кофтукови маҳрамона бояд ҳамаи омилҳои дахлдорро бодиққат аз назар гузаронад, махсусан, суд бояд хулоса барорад, ки оё асоси зарурӣ барои тахмин кардан, ки чизе метавонад пинҳон шуда бошад, мавҷуд аст ё не. Дар робита ба ин, бояд таъкид кард, ки муқаррароти умумӣ дар баъзе кишварҳо оид ба он, ки корманди калони_мақомоти полис ё прокурори калон ҳуқуқ доранд чунин кофтуковро таъин кунанд ва барои он ордер диҳанд, барои Қонуни мазкур кофӣ нест ва аз ин сабаб набояд дар мавриди кофтукови маҳрамонаи кӯдакон истифода шавад. Мантиқи чунин мулоҳиза дар он аст, ки кӯдакон дар низоми адлияи ноболиғон хусусан осебпазиранд ва нисбат ба шахсони болиғ бештар зери таъсири хушунат метавонанд қарор гиранд. Ваколати таъин кардани кофтукови маҳрамонаи кӯдак метавонад ба осонӣ аз ҷониби кормандони полис ё дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сӯистифода шавад ва ин сабаби зарурати қарори суд, ки барои таъмини ҳуқуқҳои кӯдак дар татбиқи адолати судӣ лозим аст, мебошад. Дар ордер барои анҷом додани кофтуков бояд номи суди ваколтдиҳанда ва шахсе, ки ба ӯ он таалуқ дорад қайд карда шавад. Он бояд сабаби мавриди кофтукови маҳрамона қарор дода шудани кӯдак ва ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятие, ки ба содир кардани онҳо кӯдак гумонбар карда мешавад, ва ҳамчунин меъёрҳои дахлдори қонуни ҷиноятиро баён кунад. Ба ғайр аз ин, он бояд маълумот оид ба далелҳо ба муқобили кӯдак ва таърихи ниҳояти эътибори ордерро дошта бошад.

(2) Танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ кофтукови маҳрамона метавонад анҷом дода шавад. Ибораи “бениҳоят зарур”дар банди 2(а) маънои онро дорад, ки дигар воситаҳои алтернативӣ барои муайян намудани далелҳои барои тафтишоти ҳуқуқвайнронкунии ҷиноятӣ зарурӣ, мавҷуд нестанд. Ҳамчуни, асосҳои ҷиддӣ барои ба чунин хулоса омадан, ки моводи тахминшуда бидуни кофтукови маҳрамона ёфт намешавад, бояд вуҷуд дошта бошад. Дар ҳар сурат таваҷҷӯҳи аввалиндараҷа бояд ба саломатии кӯдак карда шавад. Ин маънои онро дорад, ки ҳамаи амалҳое, ки саломатии кудакро зери хатар мегузоранд, ба мисоли маҷбур кардани кӯдак барои фурӯбарии доруҳои исҳоловар ё ворид кардани доруи қайовар бо мақсади исбот намудани он, ки кӯдак моводи мухаддир ё дигар маводҳои дахлдор ба ҷиноятe, ки барои содир намудани он кӯдак гумонбар мешавад, фурӯ бурдааст, қатъиян манъ аст.[181]

[181]Суди аврупоӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон дар ҳукми худ аз 11 июли с. 2006 (гузориши № 54810/00, банди 83) муқаррар менамояд, ки ворид намудани доруҳои қайовар ба кӯдаки ба ҷинояткорӣ гумонбаршуда бо мақсади ба даст овардани далел вайронкунии Моддаи 3-и Конвентсияи аврупои оид ба ҳуқуқҳои инсон, ки шиканҷа ва муносибат ё ҷазои бераҳмона ё ғайриинсониро манъ мекунад, мебошад. Ба замми он, Суд дар банди 75 мушаххас менамояд, ки “ҳама гуна дахолат ба сиҳативу саломатии шахс, ки бо мақсади ба даст овардани далел карда мешавад бояд аз санчиши ҷиддӣ бо таваҷҷӯҳи хоса ба ҷабҳаҳои зерин гузарад: дараҷаи зарурати чораи маҷбурии тиббӣ барои ба даст овардани далел, хатарҳо ба саломатии гумонбаршаванда, тарзе, ки дахолати тибби сурат гирифт ва дарди ҷисмониву азоби руҳие, ки расонида шуд, дараҷаи дастрасии назорати тиббӣ ва таассур ба саломатии гумонбаршаванда”.

(3-6) Бо мақсади паст кардани ҳисси хиҷолати кӯдак, таъмин намудани он, ки кӯдак худро ногувор ҳис накунад ва ҳифзи сиҳативу саломатии кӯдак, кофтукови маҳрамона бояд танҳо аз ҷониби корманди тиббии соҳибдиплом ё ҳамшираи тиббии соҳибдиплом ва ҳамҷинс бо кофтуковшаванда ва дар ҳузури падару модар ё васии қонунӣ ё корманди муассисаи таъминоти иҷтимоии дахлдор ё "шахси болиғи муносиб [шахси масъул] анҷом дода шавад. Кӯдаконе, ки бо ҷинси ғайрибиологии худ муайян мешаванд (трансгендер) бояд бо имконияти интихоб намудани ҷинси шахсе, ки кофтукови маҳрамонаро анҷом медиҳад, таъмин гарданд.[182] Кофтукови маҳрамона ба ғайр аз дар беморхона ё маркази ҷарроҳии духтури соҳибдиплом, ё ҷои дигари бо сертификат тасдиқ кардашуда, ки барои корҳои тиббӣ истифода мешавад, дар дигар ҷой гузаронида намешавад.

**Моддаи 31. Гирифтани намунаи номаҳрамона аз кӯдак**

Намунаҳои номаҳрамона намунаҳое мебошанд, ки ба қисмҳои маҳрамонаи бадани кӯдак тааллуқ надоранд. Ин мӯй, аммо на мӯи бадан, нақши ангуштон, оби даҳон, баҳодиҳии пусти бадан, намунае, ки аз даҳон гирифта мешавад, намунаҳо аз нохун ё аз зери нохун ё, ки намунаҳо аз қисмҳои бадани кӯдак, ки маҳрамона ҳисобида намешаванд. Пеш аз гирифтани намунаҳои номаҳрамона шахс дар бораи сабабҳои гирифтани ин намуна хабардор карда мешавад. Дастурҳо мушаххас мекунанд, ки намунаҳо чи тавр номгузорӣ ва дар ҷои муайян нигоҳ дошта шаванд.

**Моддаи 32. Гирифтани намунаи маҳрамонаи аз кӯдак**

(1) Намунаи маҳрамона асосан паи дандон ва намунаи хун, ҳар гуна моеъи дар матоъ буда, пешоб ё мӯйи бадан, ё ин, ки намуна аз ҳар қисми узвҳои таносули шахс ё сурохиҳои бадан, ба ғайр аз даҳони шахсро дар бар мегирад. Ба мисли кофтукови маҳрамона, аз сабаби хусусияти эҳсосотӣ ва ногувор будани чунин намунаҳо, он бояд танҳо дар ҳолатҳои камшумор ва дар мавриди мавҷуд будани кафолатҳои ҳифзи кӯдак анҷом дода шавад. Тафсири Моддаи 30 (2) ба ин банд бо назардошти тағйиру дигаргуниҳои зарурӣ (*mutatis mutandis*) амал мекунад.

(2) Намунаҳо бояд танҳо дар мавриди дар назди суди салоҳиятнок мавҷуд будани асосҳои ҷиддӣ оид ба он, ки гирифтани намуна метавонад дахлдории кӯдакро дар ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ мувофиқи қонун исбот ё инкор мекунад, гирифта шаванд. Чунин бархӯрд бояд онро таъмин кунад, ки нисбат ба кӯдакон чораҳои маҷбурӣ бидуни зарурият истифода нашаванд.

(3-4) Агар ваколат барои гирифтани намунаи маҳрамона дода шавад, намуна танҳо аз ҷониби кормандии тиббии соҳибдиплом ё ҳамшираи тиббии соҳибдимломи ҳамҷинс бо ташхисшаванда дар беморхона ё

[182]Нигаред ба *Дастурамал оид ба маҳбусон бо эҳтиёҷоти махсус,* Дафтари СММ оид ба маводи мухадир ва ҷиноят (ДСМММҶ), Силсилаи китобҳо оид ба адолати судии ҷиноятӣ, (СММ: Нью Йорк 2009), саҳ. 118

маркази ҷарроҳии духтури соҳибдиплом, ё ҷои дигари бо сертификат тасдиқ кардашуда, ки барои корҳои тиббӣ истифода мешавад, бояд гирифта шавад. Агар намунаи маҳрамона аз кӯдаконе, ки бо ҷинси ғайрибиологии худ муайян мешаванд (трансгендер), гирифта шавад, кӯдак бояд бо имконияти интихоб намудани ҷинси шахси ташхискунанда таъмин гардад.[183]

(5) Падару модари кӯдак бояд ҳангоми гирифтани намуна ҳузур дошта бошанд, то ин ки сиҳатии кӯдакро таъмин кунанд ва ба ӯ ёрии маънавӣ расонанд.

(6) Барои кафолат додани дахлнопазии кӯдак ва ҳимоя намудани ӯ аз зиёне, ки метавонад аз ҷониби кормандони давлатӣ расонида шавад, Қонуни мазкур пешбинӣ мекунад, ки дар ҳолатти ҳузур надоштани падару модар ё васии қонунии кӯдак, корманди дахлдори муассисаи таъминоти иҷтимоӣ бояд ҳангоми гирифтани намуна ҳузур дошта бошад. Ҳамчунин дар давлатҳое, ки ин институт вуҷуд дорад "шахси болиғи муносиб [шахси масъул]" метавонад ба ҷои падару модар ё васии қонунӣ иштирок кунад.

### Моддаи 33. Аз ҳабс озод намудани кӯдак

(1) Ҳоҷат ба гуфтан нест, ки кӯдаки дастгир ё ҳабс карда шудае, ки ба идораи полис оварда шудааст ва бе айбдоршавӣ (айбнома) онҷо қарор дорад, бояд озод карда шавад ва ба падару модари худ фавран супорида шавад. Ҳатто дар ҳолате, ки кӯдак бо гуноҳе айбдор мешавад, баъд аз машварати корманди полис бо прокурори салоҳиятнок ӯ бояд ҳамчунин бо тартиби озодкунӣ баъд аз айбдоршавӣ озод карда шавад. Дар ҳар маврид кӯдак ба шарте, ки ӯ бояд ба идораи полис дар ҳолати зарурӣ баргардад ё дар ҳолати оғоз шудани раванди расмии баррасӣ мустақиман дар назди суд ҳозир шавад, бояд ба падару модари худ супорида шавад. Дар мавриде, ки чораи (ҳои) пеш аз судии бартарафкунӣ аз низоми адлия нисбат ба кӯдак истифода шавад (шаванд), кӯдак метавонад дигар дар ҷое ҳозир нашавад. Мазмуни банди мазкур дар он аст, ки аксари ҷиноятҳое, ки аз ҷониби кӯдакон содир шудаанд, ҷиноятҳои хурди молу мулкӣ мебошанд. Чунин ҷиноятҳо одатан хатаре ба ҷамъият эҷод намекунанд ва аз ин лиҳоз, сабаби ҷиддӣ барои ба ҳабс гирифтани кӯдакон ба муддати 24 соат вуҷуд надорад. Агар зарурат барои пурсиши иловагӣ ҷой дошта бошад, ба ҷои кӯдакро ба ҳабс гирифтан ба ӯ бояд огоҳнома барои ҳозир шудан ба идораи полис бо ишораи макон, таърихи рӯз ва вақту соат дода шавад. Давлатҳои аъзо бояд муайян кунанд, ки кадом намудҳои ҷазо дар ҳолати ҳозир нашудани кӯдак дар вақти зикргардида бояд нисбат ба ӯ истифода шаванд.

(2) Моддаи 37 (b) –и КҲК муқаррар мекунад, ки давлатҳои аъзо бояд маҳрум сохтан аз озодиро нисбат ба кӯдак танҳо ҳамчун чораи охирин ва барои мӯҳлати кӯтоҳтарини муносиб истифода кунанд. Танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ ва танҳо ҳангоми ҷавобгӯ будан ба шартҳои номгӯи

---

[183]*Дастурамал оид ба маҳбусон бо эҳтиёҷоти махсус,* Дафтари СММ оид ба маводи мухадир ва ҷиноят (ДСМММҶ), Силсилаи китобҳо оид ба адолати судии ҷиноятӣ, (СММ: Нью Йорк 2009), саҳ. 118

пурраи ин банд, корманди дахлдори полис метавонад аз мақомоти салоҳиятнок ҳабси пешакӣ талаб кунад. Дар ягон ҳолат корманди дахлдори полис салоҳияти муқаррар намудани ҳабси пешакиро надорад, зеро тартиботи мазкур мувофиқи қонун талаб мекунад, ки мақомоти мустақил ва беғаразі судӣ бояд оид ба маҳрум сохтан аз озодӣ қарор барорад.

(3) Гузориши муштараки Дафтари Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон, Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят ва Намояндаи махсуси Дабири кулл оид ба хушунат нисбат ба кӯдакон оид ба пешгирӣ ва коҳиш додани хушунат нисбати кӯдакон дар доираи низоми адлияи ноболиғон ишора мекунад, ки "ба ҳабс гирифтани кӯдак дар ҳуҷраи (камераи) идораи полис ҳатто ба муддати якчанд соат хатари зӯроварӣ эҷод мекунад. Агар қонуне мавҷуд набошад, ки дар давоми муддати кӯтоҳ мустақиман ба назди суд ё дигар мақомоот оварда шудани ӯро талаб кунад, ё агар чунин қонун ба инобат гирифта нашавад (иҷро нашавад), кӯдакон зери хатари ҷиддӣ қарор доранд, зеро судҳо дар бораи ҳабси кӯдак воқиф нестанд. Кӯдаконе, ки падару модар ё оилае надоранд, ки нигаронӣ кунанд, метавонанд дар чунин ҳолатҳо дар система "бе ному нишон" (гум) шаванд."[184] Аз ин сабаб, ҳар як кӯдаки бо сабаби айбдоршавӣ ба содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ аз озоди маҳрумшуда фавран ба назди суд оварда мешавад то ҳокимияти судӣ татбиқ гардад ва ба ӯ ҳуқуқ ба мурофиаи судӣ дар давоми мӯҳлати муносиб ё ба озод карда шудан таъмин карда шавад. [185] Қоидаи 10.2 – и Қоидаҳои Пекин дар ин бобат муқаррар мекунад, ки "суд ё дигар мансабдори ё мақомоти салоҳиятнок масъалаи озод карданро бетаъхир баррасӣ мекунад." Моддаи 9-и ПБҲГС инчунин таъкид мекунад, ки (дар идораи полис) ба ҳабс гирифта шудани шахсоне, ки мунтазири мурофиаи судӣ ҳастанд набояд қоидаи асосӣ шавад. Тафсир ба қоидаи 10.2 –и Қоидаҳои Пекин инчунин таъкид мекунад, ки "масъалаи озод кардан (...) бе ягон таъхир аз ҷониби суд ё дигар мансабдори салоҳиятнок баррасӣ мешавад".[186] Бо ҳамин мазмун Моддаи 40 (2)(b)(iii) муқаррар мекунад, ки ҳар як кӯдаки ба содир кардани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ гумонбар ва айбдоршаванда ҳуқуқ дорад, ки масъала бе таъхир барасӣ гардад.[187] Кумита оид ба КҲК тавсия мекунад, ки мӯҳлати дарозтарин барои дар ҳабси пеш аз айбдркунӣ дар идораи полис нигоҳ доштани кӯдак пеш аз дар назди суд ҳозир шудани ӯ бояд 24 соят бошад.[188]

---

[184]*Гузориши муштараки Дафтари Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон, Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят ва Намояндаи махсуси Дабири кулл оид ба хушунат нисбат ба кӯдакон бахшида ба пешгирӣ ва коҳиш додани хушунат нисбати кӯдакон дар доираи низоми адлияи ноболиғон*, 27 июни с. 2012, (A/HRC/21/25), банди 29.

[185]Ин бар мувофиқа бо санадҳои байналмилалии ҳуқуқи инсони дар тафсир ба Моддаи 13(6)-и Қонуни мазкур номабаршуда мебошад.

[186]Суди панамарикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, Қарори № 100 (Ser.C) аз 18 сентябри соли 2003, банди 129

[187]Маҷмааиумумии СММ, Қоидаҳои стардартии ақалии Созмони Милили Муттаҳид бар бораи адолати судӣ нисбати ноболиғон (Қоидаҳои Пекин), ки 29 ноябри соли 1985 (A/RES/40/33) аз ҷониби Маҷмааи умумӣқабул гардидааст, қоидаи 10.

[188]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 83.

**Моддаи 34. Татбиқи чораҳои алтернативӣ дар ҳабси пешакӣ**

(1) Ҳам КҲК ва ҳам Қоидаҳои Пекин таъкид месозанд, ки маҳрум кардан аз озодӣ бояд ҳамчун чораи охирин ва ба мӯҳлати кӯтоҳтарини муносиб истифода шавад.[189] Қоидаҳои Пекин аз суд талаб мекунад, ки пеш аз маҳдуд кардани озодии кӯдак бояд "мулоҳизаи ботаваҷҷӯҳ" анҷом диҳад[190], ва қоидаи 2-и Қоидаҳои Гаванна муқарар мекунад, ки ҳолатҳои аз озодӣ маҳрум кардан бояд ба "ҳолатҳои истисноӣ маҳдуд карда шавад". Ҳабси пешакӣ набояд ҳамчун ҷазо истифода гардад, зеро дар ин ҳолат он принсипи эҳтимолияти бенугоҳиро вайрон мекунад.[191] Қоидаҳои Пекин ҳамчунин тавсия мекунанд, ки чораҳои алтернативӣ барои маҳрум сохтан аз озодӣ истифода шаванд[192], аммо ҳамзамон эътироф мекунад, ки мавридҳое мешаванд, ки маҳрум сохтан аз озодӣ зарур мешавад.

(2) Талаб кардани пардохти гарав ба кӯдакони бениҳоят осебпазире, ки падару модарашон имконияти моддии пардохти гаравро надоранд, ё онҳое, ки аз сабаби ҷудошавӣ дар оила намехоҳанд маблағи гаравро пардохт намоянд ва кӯдаконе, ки ёфтани падару модарашон ғайриимкон аст, бештар таъсири бетаносуб мерасонад. Аз эҳтимол дур аст, ки кӯдакон худашон даромад ё захираи кофӣ барои пардохт намудани гарав дошта бошанд. Таҷрибаи талаб намудани пардохти ҳақ ё маблағи муайян ба суд ҳамчун суғурта бисёртар муқобили манфиатҳои кӯдакони камбизоат мешавад ва дар натиҷа барои бе ягон зарурат маҳрум сохтани онҳо аз озодӣ оварда мерасонад. Барои пешгирӣ кардани табъиз талаб кардани пардохти чунин маблағҳо манъ карда шудааст.

(3) Суд метавонад барои озод намудани кӯдак шартҳо, аз қабили ҳозир шудан ба ҷои муайянгардида дар давоми рӯз, ки метавонад ҳозир шудан ба мактабро дар бар гирад, ва соатҳои комендантӣ, ки аз кӯдак талаб мекунад то байни соатҳои муайян дар хона қарор гирад, гузорад. Ҳамчун чораи сахттар суд инчунин метавонад назорати ҷиддии кӯдак, нигоҳубинӣ ҷиддӣ ё ҷойгиркунӣ дар оилаҳои фостериро бо мақсади пешгирӣ кардани ҳамаи намудҳои ҳабси пешакӣ таъин кунад.

(4) Дар мавриди озод карда шудани кӯдак суд метавонад аз кӯдак талаб кунад, ки барои ҷараёни минбаъда, ба монанди мурофиаи судӣ ё нишаст барои қабули қарор оид ба чораҳои бартарафкунӣ аз низоми адлияи пешазсудӣ, ба суд баргардад. Барои пешгирӣ кардани нофаҳмӣ, ки метавонад ба оқибатҳои ҷиддии ҳуқуқӣ барои кӯдак оварда расонад, огоҳнома барои ба суд баргаштан ба таври хаттӣ дода мешавад.

---

[189]Моддаи 37(b) – и КҲК ва Маҷмааи умумии СММ, Қоидаҳои стардартии ақалии Созмони Милили Муттаҳид бар бораи адолати судӣ нисбати ноболиғон (Қоидаҳои Пекин), ки 29 ноябри соли 1985 (A/RES/40/33) аз ҷониби Маҷмааи умумӣқабул гардидааст, қоидаи 17.1 (b).

[190]Маҷмааи умумии СММ, Қоидаҳои стардартии ақалии Созмони Милили Муттаҳид бар бораи адолати судӣ нисбати ноболиғон (Қоидаҳои Пекин), ки 29 ноябри соли 1985 (A/RES/40/33) аз ҷониби Маҷмааи умумӣқабул гардидааст, қоидаи 17.1 (b).

[191]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 80.

[192]Маҷмааи умумии СММ, Қоидаҳои стардартии ақалии Созмони Милили Муттаҳид бар бораи адолати судӣ нисбати ноболиғон (Қоидаҳои Пекин), ки 29 ноябри соли 1985 (A/RES/40/33) аз ҷониби Маҷмааи умумӣқабул гардидааст, қоидаи 13.2

**Моддаи 35. Ҳабси пешакӣ**

(1) Принсипи роҳбарикунандаи Қонуни мазкур принсипи чораи охирин будани ҳабс мебошад, ки мувофиқи стандартҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ аст.[193] Аз ин лиҳоз, қарор оид ба ҳабси пешакӣ танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ метавонад қабул гардад. Чунин ҳолатҳои истисноӣ ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки кӯдак ба содир кардани ҷинояти вазнин гумонбар мешавад [ё ҷинояткори гузаро аст], ӯ барои худ ва дигарон хатар эҷод мекунад, ӯ бо шоҳид метавонад сохтакорӣ кунад ё барои татбиқи адолат монеъ шавад, ё вақте тахмин карда мешавад, ки кӯдак метавонад бо ҷисман ғайб задан аз мурофиаи судӣ раҳо ёбад. Моддаҳои 35 (1) ва 33 (2) –и Қонуни мазкур ин меъёрро ифода мекунад.

(2-3) Ҳамаи намуди ҳабс кардан бояд ба мӯҳлати кӯтоҳтарини муносиб таъин гардад. Қоидаи байналмилалие вуҷуд надорад, ки давомнокии ҳабси пешакиро муайян кунад. Вале, Кумита оид ба КҲК дар Қайдҳои умумии № 10 тавсия мекунад, ки мӯҳлати ҳабси пешакӣ аз 30 рӯз бештар набошад.[194] Барои ба мутобиқат овардани қонунгузории миллӣ бо кафолатҳои ҳуқуқи кудакони аз озодӣ маҳрумшуда, Қонуни мазкур давраи ҳабси пешакиро ба 3 моҳ маҳдуд мекунад.[195] Баъд аз ин муддат кӯдак бояд озод карда шавад. Ин дар мувофиқа бо Қайдҳои умумии № 10 –и Кумита оид ба КҲК мебошад, ки талаб мекунад, то қарори ниҳоӣ оид ба айбдоркунӣ “на дертар аз 6 моҳ баъд аз пешниҳод шудани айбнома”[196] бояд қабул гардад. Ин тавсия дар таҷрибаи баъзе кишварҳо таъсири назаррас расонидааст.

(4) Ин банд давлатҳоро ӯҳдадор мекунад, ки бо мақсади пешгирӣ намудани ҳабси пешакии кӯдаконе, ки набояд дар доираи низоми адлияи ноболиғон қарор дошта бошанд, тартиботи мувофиқи ҳифзи кӯдакро ҷорӣ намоянд. Ҳабси пешакӣ набояд ҳеҷ гоҳ ҳамчун чора барои баррасии вазъи кӯдакони дорои касалиҳои рӯҳӣ ва/ё бехона истифода шавад.

(5) Бо назардошти принсипи асосӣ оид ба он, ки ҳабс кардан чораи охирин буда, барои мӯҳлати кӯтоҳтарини муносиб таъин мегардад, аз суд талаб карда мешавад то чораҳо барои он андешад, ки давраи барои ҳабси пешакии кӯдак таъин гардида дар доираи ҳукми ниҳоӣ нисбат ба кӯдак, агар он маҳрум кардан аз озодиро дар бар гирад, ба ҳисоб гирифта шавад.

---

[193]Моддаи 37(6) – и КҲК ва Маҷмааи умумии СММ, Қоидаҳои стардартии ақалии Созмони Милили Муттаҳид бар бораи адолати судӣ нисбати ноболиғон (Қоидаҳои Пекин), ки 29 ноябри соли 1985 (A/RES/40/33) аз ҷониби Маҷмааи умумӣқабул гардидааст, қоидаи 17.1 (c). Инчунин нигаред ба Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 79.

[194]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 83.

[195]Дар банди 16 – и Тавсияномаи 20 (CM/Rec (2003)20) -и Кумитаи вазирон ба давлатҳ аъзо оид ба баррасии ҷинояткорӣ байни ноболиғон ва нақши адлияи ноболиғон, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 24 сентябри соли 2003 дар нишасти 853-уми Муовинони вазирон қабул гардид, омадааст, ки “агар ҳамчун чораи охирин гумонбаршавандагони ноболиғ ба ҳабси пешаки гирифта шаванд, он набояд ба мӯҳлати беш аз 6 моҳ пеш аз оғози мурофиаи судӣ бошад.”

[196] Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 83.

**Моддаи 36. Шартҳои ҳабси пешакӣ**

Ҳамаи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда соҳиби ҳамаи ҳуқуқҳое мебошанд, ки кӯдакони аллакай маҳкумшуда дорои онҳо мебошанд. Барои ҳамин, ҳамаи ҳуқуқҳо ва кафолатҳое, ки Фасли [Сарлавҳаи] 11, Боби 6 –и_ Қонуни мазкур пешбинӣ мекунад, татбиқ мегарданд. Махсусан, кӯдакони дар ҳабси пешакӣ буда бояд ҳамеша аз шахсони болиғ ҷудо нигоҳ дошта шаванд,[197] чун «далелҳои зиёд вуҷуд доранд, ки гузоштани кӯдакон дар маҳбасҳои калонсолон бехатарӣ ва некуаҳволии оддитарини онҳоро дар зери хатар гузошта, имконияти дар оянда аз ҷинояткорӣ даст кашидан ва ба ҷомеа ҳамгиро шуданашонро мушкил месозад».[198] Бар замми ин, Қоидаи 13.5-и Қоидаҳои Пекин талаб мекунад, ки кӯдакон бо «ғамхорӣ, ҳимоят ва ҳама гуна дигар ёрмандиҳои зарурии иҷтимоӣ, таълимӣ, касбӣ, психологӣ, тиббӣ ва ҷисмонӣ (...), вобаста ба синну сол, ҷинс ва шахсият» таъмин карда шаванд. Шаклҳои гуногуни дастгирӣ, ки барои ҳалли ниёзҳои маҳбусони ноболиғ лозиманд, бояд бо назардошти эҳтиёҷоти гендерӣ, саломатии онҳое, ки нашъаманд ҳастанд ва дигар зарарҳои ҷисмонӣ ва равоние, ки онҳо дар рафти иҷрои адолати судӣ, чунончи баҳабсгирӣ, мегиранд, расонда шаванд. Тибқи Моддаи 5 (6)-и Қонуни мазкур кӯдак метавонад аз болои ҳама гуна қарор дар робита ба ҳабси пешакӣ ва шартҳои ба ҳабси пешакӣ дахлдор ба суди кӯдакон [суди ноболиғон] [суди ҷавонон] шикоят барад. Дар ин сурат, принсипи намояндагӣ (ҳимоя)-и ҳуқуқӣ дар тамоми ҷараёни судӣ татбиқ мешавад, то ки кӯдак ҳуқуқи машварати ройгон бо вакили дифоъ дошта бошад.

**Моддаи 37. Аз нав дида баромадани намудани ҳабси пешакӣ**

**(1)** Аз нав баррасӣ намудани чораи маҳрум кардан аз озодӣ аз тарафи суде, ки парвандаи кӯдаки пешакӣ ҳабсшударо дар ихтиёр дорад, барои он лозим аст, ки санҷида шавад, то ки ҳабси пешакии кӯдак чун чораи охирин ва танҳо барои мӯҳлати кӯтоҳтарин истифода бурда шудааст ё не. Кумитаи оид ба КҲК тавсия медиҳад, ки қонунӣ будани ҳама гуна ҳабси пешакӣ бояд ба таври мунтазам, беҳтараш ҳар ду ҳафта як бор бознигарӣ шавад.[199]

**(2-3)** Барои мақсаднок будани аз нав дида баромадан талаботе таъмин карда мешавад, ки аз он ҷумла ҳузури кӯдак ва намояндагии қонунии ӯ кафолат медиҳад.

**(4)** Чуноне ки дар боло дар Моддаи 35 муқаррар гардидааст, ҳабси пешакӣ бояд танҳо чун чораи охирон ва бо шартҳои муайяни дар он ҷо нишондодашуда сурат гирад. Масъулияти иҷозат додан барои ҳабси пешакии давомдор ба дӯши прокуратура вогузошта мешавад.

---

[197]Моддаи 37(c) КҲК, Моддаи 10(2)(b) ва (3) ICCPR ва Қоидаи 13.4-и Қоидаҳои Пекин. Ҳамчунин нигаред: Дастур IV.A.6.20, *Дастури Кумитаи Вазирони Шӯрои Аврупо оид ба адолати хайрхоҳона ба кӯдак ва эзоҳномаи он*, 17 ноябри 2010.

[198]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, *Ҳуқуқҳои кӯдакон дар адлияи ноболигон*, 25 апрели 2007 (CRC/C/GC/10), банди 85.

[199]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, *Ҳуқуқҳои кӯдакон дар адлияи ноболигон*, 25 апрели 2007 (CRC/C/GC/10), банди 83

**(5)** Суди ваколатдор вазифадор аст, ки ба таври мунтазам аз назар гузаронад, ки кӯдак дар ҳақиқат якҷоя бо калонсолон нигоҳ дошта намешавад ва ҳамчунин шартҳои ҳабси пешакӣ бо Қонун мазкур дар мутобиқат мебошанд ё не. Агар суд бо шартҳои муассисаи ҳабси пешакӣ қонеъ нагардад, он бояд қарор қабул кунад, ки кӯдак озод карда шавад ва ё ба муассисаи дигари ҳабси пешакӣ интиқол дода шавад.

## БОБИ 4.
## МУРОФИАИ СУДӢ

### Моддаи 38. Ҳуқуқ ба суди одилона ва босуръат

**(1)** Дар сатҳи байналмилалӣ, ҳуқуқ ба суди одилона дар Моддаи 50-и КҲК, Моддаи 14 ПБҲГС, Моддаи 10 ЭУҲБ, Моддаи 6 ва 7 КАҲИ (Конвенсияи аврупоӣ), Моддаи 8 ва 25 КАҲИ (Конвенсияи амрикоӣ), Моддаи 13 Оинномаи давлатҳои араб, Моддаи 7 Оинномаи Банҷул ва Моддаи 17 КАҲНК пешбинӣ гардидааст. Ҳуқуқ ба суди одилона ва босуръат яке аз пояҳои асосии принсипи ҳуқуқбунёдии давлатҳои демократӣ ва конститутсионӣ мебошад.[200] Моддаи 5-и ин Қонун муқаррар мекунад, ки фақат суди ваколатдор, мустақил ва беғараз метавонад дар мавриди парвандаи кӯдак ҳукм барорад.

**(2)** Моддаи 40(2)(b)(iii)-и КҲК таъмин мекунад, ки ҳар як кӯдаке, ки хилофи қонун рафтор кардааст, ҳуқуқ дорад, ки парвандааш бидуни таъхир баррасӣ шавад.[201] Дар сурати таъхир эҳтимолияти таъсири манфӣ ба некуаҳволӣ ва таҳсилоти кӯдак зиёд мешавад. Дар айни замон, мӯҳлати кӯтоҳи ҷараёни ҳукм дар заминаи эҳтироми ҳуқуқи кӯдак ва таъмини кафолатноки он сурат мегирад. Сарфи назар аз он ки муайян кардани талаботи таъхири ғайримақбул ва ё мӯҳлати ҷараёни омӯхтани парванда ва ҳукми охирин мушкил аст, Кумитаи КҲК дар Қайдҳои умумии № 10 таъкид мекунад, ки барои кӯдаконе, ки хилофи қонун амал кардаанд, давраи айбдоркунӣ то қарори охирини суд бояд то ҳадди имкон кӯтоҳ бошад.[202] Кумитаи КҲК баъдан тавсия медиҳад, ки Давлатҳо вақти муайянеро муқаррар намоянд ва ба иҷро дароранд, ки аз қарори прокурор (ва ё дигар мақомоти ваколатдор) дар бораи айбдоркунии кӯдак то қарори охирини судро фаро гирад.[203] Ин вақти муайянгардида барои кӯдакон бояд хеле кӯтоҳтар аз вақти муайянгардида барои калонсолон бошад, бо назардошти он ки вақт барои кӯдак дигар маъно дораду барои одамони

---

[200]Барои минтақаи Амрико ва масъулияти татбиқи принсипи қонуният дар Конвентсияи америкоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, нигаред ба: Комиссияи байни-амрикоии ҳуқуқи инсон, Гузоришгар барои ҳуқуқҳои кӯдак, *Адолати ноболиғон дар минтақаи Амрико*, OEA/Ser.L/V/II. Doc. 78, 13 июли 2011, банди 61-74. Нигаред инчунин ба Дастури IV.D.4-и *Дастури Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо оид ба муомилаи одилона ба кӯдакон ва эзоҳномаи он*, 17 ноябри 2010.

[201]Ҳамчунин нигаред ба Моддаи 14(3)(c)-и ПБҲГС , ки муқаррар мекунад, ки «ҳар як кас ба мурофиаи судии бидуни таъхири бемавкеъ ҳақ дорад (...)».

[202]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, *Ҳуқуқҳои кӯдакон дар адлияи ноболиғон*, 25 апрели 2007 (CRC/C/GC/10), банди 84

[203]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, *Ҳуқуқҳои кӯдакон дар адлияи ноболиғон*, 25 апрели 2007 (CRC/C/GC/10), банди 83

калонсол дигар. Барои ҳамин, Кумитаи КҲК тавсия медиҳад, ки қарори охир дар бораи айбдоркунӣ набояд аз шаш моҳ бештар тӯл кашад.[204]

**Моддаи 39. Ҳуқуқ ба маълумот пеш аз суд**

Пеш аз баровардани ҳукми суд нисбати кӯдак, суд вазифадор аст, ки бо роҳи хайрхоҳона ба кӯдак фаҳмонад, ки барои чӣ нисбати ӯ ҳукм содир мегардад. Суд инчунин ба кӯдак мефаҳмонад, ки нақши ӯ дар мурофиаи судӣ аз чӣ иборат аст ва дигар иштирокчиёни мурофиаро низ ба ӯ шинос мекунад. Ба кӯдак дар бораи муқаррароти мурофиаи судӣ ва дар сурати гунаҳкор дониста шудани ӯ оқибатҳои қонунии он низ маълумот дода мешаванд.

**Моддаи 40. Маҳдудият дар истифодаи дастбандҳо ва дигар воситаҳои техникии маҳдудкунандаи ҳаракат**

Шарҳи Моддаи 22-и Қонуни мазкур дар ҳолати меъёри мазкур бо назардошти тағйири вазъи дахлдор (*mutatis mutandis*) амал мекунад. Тибқи Қоидаи 63-и Қоидаҳои Гаванна, истифодаи дастбандҳо ва дигар воситаҳои техникии маҳдудкунандаи ҳаракат нисбат ба кӯдакон манъ аст. Қоидаи 64-и Қоидаҳои Гаванна дар идома муқаррар мекунад, ки «воситаҳои ҷазои ҷисмонӣ ва қувваи ҷисмонӣ фақат дар ҳолатҳои истисноие мувофиқи муқаррароти қонунҳо ва меъёрҳои ҷорӣ истифода бурда мешаванд, ки дигар роҳҳои мутеъкунӣ боқӣ намонанд. Онҳо набояд сабаби таҳқир ва паст задани шаъну шарафи инсонии кӯдак шаванд ва бояд ба таври бисёр маҳдуд ва дар мӯҳлати кӯтоҳтарини вақт истифода бурда шаванд».

**Моддаи 41. Ҳуқуқ барои иштироки падару модар ё васии қонунӣ дар суд**

**(1)** Моддаи 40(2)(b)(iii)-и КҲК муқаррар мекунад, ки кӯдакон ҳуқуқ доранд, то падару модар ва ё васии қонунии онҳо дар суд ширкат варзанд, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки иштироки онҳо ба манфиати кӯдак набошад. Қоидаҳои Пекин ин муқарраротро такмил дода, таъкид мекунад, ки иштироки падару модар ва ё васии қонунӣ дар мурофиаҳо метавонад аз ҷониби мақомоти ваколатдор талаб карда шавад.[205] Ба таври куллӣ эътироф гардидааст, ки ҳузури падару модари кӯдак ва ё васии қонунии ӯ дар ҷараёни мурофиаи судӣ метавонад барои ҳолати кӯдак мусбат бошад ва ӯ аз ин дастгирии равонӣ эҳсос кунад.

**(2)** Дар баъзе ҳолатҳо ғайриимкон аст, ки падару модар ва ё васии қонунӣ дар рафти мурофиаи судӣ иштирок кунанд ва дар дигар ҳолатҳо онҳо худашон намехоҳанд дар мурофиа иштирок кунанд. Ҳамчунин, баъзан ҳузури падару модар ва ё васии қонуниаш дар мурофиаи судӣ

[204]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, *Ҳуқуқҳои кӯдакон дар адлияи ноболигон*, 25 апрели 2007 (CRC/C/GC/10), банди 83

[205]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стардартии ақаллии Созмони Милили Муттаҳид бар бораи ба роҳ мондани адлияи ноболигон* (Қоидаҳои Пекин), қабулшуда аз тарафи Маҷмааи умумӣ, 29 ноябри 1985, (A/RES/40/33), Қоидаи 15.2.

метавонад ба манфиати худи кӯдакон набошад. Кумитаи КҲК ягон намунаеро мисол намеорад, ки дар кадом мавридҳо ҳузури падару модар ва ё васии қонунӣ ба манфиати кӯдак нест. Аммо дар ҳолатҳое, ки падару модар кӯдаки худро ба ҷиноят айбдор мекунанд, ё имкон вуҷуд дорад, ки падару модар дар рафти мурофиа ва ё дар натиҷаи қарори суд нисбати кӯдак рафтори ноҷо ва нораво мекунанд, иштироки онҳо дар суд ба манфиати кӯдак нахоҳад буд. Бо назардошти он ки кӯдак суд шуда истодааст, ягон нафаре бояд манфиатҳои ӯро ҳимоя намояд ва масъулияти падару модарро иҷро намояд. Барои ҳамин, суд бояд нафареро чун васӣ-намояндаи қонунӣ дар кори судӣ *(curator ad litem [guardian ad litem])* таъйин кунад, ки падару модарро иваз мекунад ва дар рафти мурофиа пурра иштирок карда, аз манфиати ҳуқуқии кӯдак ҳимоя мекунад. Васӣ-намояндаи қонунӣ дар кори судӣ бояд як нафар «шахси болиғи муносиб» [«шахси болиғи муносиб»] аз ҳисоби хешовандон, дӯстони оилавӣ ва ё як нафар «шахси болиғи муносиб» [«шахси болиғи муносиб»] -и касбӣ аз ҳисоби кормандони ниҳодҳо ва мақомоти марбутаи ҳимояи ҳуқуқи кӯдакон бошад.

### Моддаи 42. Ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ ва консулӣ дар чараёни тафтишот ва мурофиаи судӣ

**(1)** Ҳуқуқи кӯдак барои ёрии ҳуқуқӣ ва дигар гуна дастгирӣ ва ҳимоят дар рафти мурофиаи судӣ ҳуқуқи муҳими эътирофшуда мебошад.[206] Моддаи 40(2)(b)(ii)-и КҲК ин гуна «ёрии ҳуқуқӣ ва ё марбутаро барои омодагӣ ба ҳимояи кӯдак дар рафти мурофиа» муқаррар мекунад.[207] Бо назардошти дигар намуди дастгирӣ (масалан, аз тарафи кормандони иҷтимоӣ), Кумитаи КҲК тавсия мекунад, ки «давлатҳо ба қадри имкон мутахассисони ҳуқуқшинос, чунончи вакилони дифои соҳаҳои алоҳида ва ҳуқуқшиносони соҳаҳои гуногунро таъмин намоянд».[208] Кумитаи КҲК тавсия мекунад, ки ёрӣ ва намояндагии ҳуқуқӣ ба кӯдак бояд ройгон расонида шавад,[209] дар ҳоле ки ин тавсияро Шӯрои Аврупо низ тақвият медиҳад.[210] Нарасонидани чунин ёрӣ ва намояндагии ҳуқуқӣ ба кӯдаке, ки дар зери мурофиаи судӣ қарор дорад, ба он маъност, ки кӯдак аз дастрасӣ ба муқаррароти адолати судӣ маҳрум гардидааст ва аз ин рӯ, имкон надорад, ки дар рафти мурофиаи судӣ иштирок ва аз ҳуқуқҳои худ ҳимоя кунад.

**(2)** Ҳар як кӯдаке, ки шомили мурофиаи судӣ мешавад, бояд намояндаи қонунӣ дар тамоми рафти мурофиа дошта бошад. Вобаста ба системаи қонунгузории дахлдори ҳар як давлат, намояндагии қонунӣ бояд танҳо ба ӯҳдаи шахсони ваколатдор ва мутахассис вогузор карда шавад.

---

[206]Нигаред дар боло дар Моддаи 3 [Мафхумҳо].
[207]Инчунин нигаред ба Моддаи 14(3)(d) ПБҲГС.
[208]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, *Ҳуқуқҳои кӯдакон дар адлияи ноболиғон*, 25 апрели 2007 (CRC/C/GC/10), банди 49
[209]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, *Ҳуқуқҳои кӯдакон дар адлияи ноболиғон*, 25 апрели 2007 (CRC/C/GC/10), банди 49.
[210]Нигаред ба Дастури VI.D.2.38-и *Дастури Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо оид ба муомилаи одилона ба кӯдакон ва эзоҳномаи он*, 17 ноябри 2010.

**(3)** Дар сурате ки кӯдак эҳсоси ҳимояти қонунӣ аз тарафи намоянда накунад, ӯ ҳуқуқ дорад, ки ин намояндаро – бар асоси системаи қонунгузории давлат – ба намояндаи нави қонунӣ иваз намояд ва ё аз суд дархост намояд, ки намояндаи дигареро барои ӯ таъин кунад. Агар кӯдак худаш қобилияти баҳодиҳии сифати кори намояндаи қонуниашро надошта бошад, ин гуна ҳуқуқи иваз кардани намояндаро падару модар низ доранд. Ин махсусан дар ҳолатҳое сурат мегирад, ки кӯдак бисёр ҷавон аст.

**(4)** Эзоҳи Моддаи 26-и Қонуни мазкур дар ҳолати меъёри мазкур бо назардошти тағйири вазъи дахлдор (*mutatis mutandis*) амал мекунад.

### Моддаи 43. Ҳуқуқ ба хизмати тарҷумон дар мурофиаи судӣ

**(1-2)** Дар ҳолате ки кӯдак забони мурофиаи судиро намедонад ва намефаҳмад, суд вазифадор аст, ки тарҷумонеро барои ӯ таъмин намояд. Суд бояд кафолат диҳад, ки тарҷумонҳои босалоҳият вуҷуд доранд, ки ба ниёзҳои кӯдакро, ки забони мурофиаи судиро намедонад, ҷавобгӯ мебошанд. Суд бояд кафолат диҳад, ки бозомӯзии ройгон барои тарҷумонҳое таъмин карда мешавад, ки барои кӯдак мурофиаро тарҷума мекунанд. Барои мусоидати дастрасӣ ва иштирок дар ҷараёни мурофиаи судӣ, давлатҳо бояд иловатан кафолат диҳанд, ки бозомӯзии кормандони соҳаи адлияи ноболиғон ба таври даркорӣ таъмин карда шавад. Давлатҳо ҳамчунин бояд ниёзҳои кӯдаконеро ба ҳисоб гиранд, ки маҷрӯҳ мебошанд, аз он ҷумла мушкилоти шунавоӣ ва забонӣ доранд. Дар ниҳоят, бояд бозомӯзӣ ва махсусан бозомӯзии ройгон таъмин карда шавад, то ки шумораи лозимаи мутахассисони бозомӯзидида, аз қабили тарҷумонҳо барои кӯдакони гунг, кӯдаконро дар рафти мурофиа дастгирӣ кунанд.

### Моддаи 44. Ҳукуқ ба дахлнопазирии шахсӣ дар ҷараёни мурофиаи судӣ

**(1-2)** Моддаи 40(2)(b)(vii) Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак пешбинӣ мекунад, ки кӯдак ҳуқуқи "эҳтироми пурраи дахлнопазириро дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи судӣ" доро мебошад.[211] Кумита оид ба КҲК дар Қайдҳои умумии №10, банди 64 таъкид мекунад, ки "тамоми марҳилаҳои мурофиа" аз муомилаи аввалин бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шурӯъ шуда, то қарори ниҳоии мақоми ваколатдор ё озод шудан аз назорат ё ҳабс идома меёбад.[212] Новобаста аз он, ки ба таври кушода баргузор гаштани мурофиа қоидаи умумӣ мебошад, ҳам ПБҲГС ва ҳам КҲК истисноро барои парвандаҳои кӯдакон пешбинӣ менамоянд.[213] ПБҲГС бараъло

---

[211]Нигаред инчунин ба Моддаи 10-и КАҲНК, Моддаи 7-и КАҶ ва Тавсияи 7-и *Гузориши муштараки Дафтари Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон, Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят ва Намояндаи махсуси Дабири кулл оид ба хушунат нисбат ба кӯдакон бахшида ба пешгирӣ ва коҳиш додани хушунат нисбати кӯдакон дар доираи низоми адлияи ноболиғон*, 27 июни с. 2012, (A/HRC/21/25), банди 87.

[212]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумӣи № 10, Ҳуқуқи кӯдакон дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CRC/C/GC/10), банди. 64.

[213]Барои шиносоӣ бо дурнамои таносубии аврупоӣ дар ин масъала нигаред ба Ҷенсинг, А., *Юриздикция ва хусусиятҳои мурофиаи судии ноболиғон дар Аврупо* дар: Дункел, Ф.,

иҷозат медиҳад, то дар ҳолате, ки ҳаёти шахсии тарафҳо чунин тақозо мекунад, парвандаҳо паси дарҳои пӯшида дар суд муҳокима карда шаванд ва намояндагони васоити ахбори омма ва ҷомеа ба чунин мурофиаи судӣ роҳ дода нашаванд.[214]

(3) Барои таъмини дахолатнопазирӣ, ки кӯдакон ба он тибқи КҲК ҳуқуқ доранд[215], мавҷудияти мамнуияти махсуси нашри ҳама гуна маълумот, ки ба муайян намудани шахсияти кӯдак оварда мерасонад, аҳамияти хоса дорад. Чунин мамнуият метавонад то ҳадде васеъ бошад ва шахсонеро, ки ба кӯдак наздик мебошанд, дар бар гирад; масалан: гирифтани номи падару модар метавонад ба ошкор намудани шахсияти кӯдак оварда расонад ва ё ном бурдани мактаби кӯдак низ метавонад мисоли он бошад. Ҷиҳати тақвият бахшидан ба муқаррароти марбут ба дахолатнопазирӣ бояд ҷавобгарии назаррас нисбати шахсон ва ё ташкилотҳое, ки чунин муқарраротро вайрон мекунанд, пешбинӣ карда шавад. Ҳама гуна фошсозие, ки талаботи банди 1-и дар боло зикршударо вайрон мекунад, ҳамчун таҳқири суд бояд баррасӣ карда шавад (ҳамчун ҷиноят аз ҷониби ҳар як давлат муайян карда шавад).

**Моддаи 45. Ҳуқуқ ба иштирок дар мурофиаи судӣ**

Моддаи мазкур Қоидаи 14.2-и Пекинро инъикос мекунад. Ҷиҳати таъмини иштироки пурраи кӯдакон дар мурофиаҳо, онҳо бояд бо забоне сурат гиранд, ки барои кӯдак фаҳмо бошад. Забоне, ки дар мурофиаи судӣ истифода мешавад, метавонад барои кӯдакон мураккаб ва ғафлатдиҳанда бошад. Суд, айбдоркунанда ва намояндаи қонунии кӯдак бояд аз истифодаи шеваву калимаҳои душворфаҳми ҳуқуқӣ худдорӣ кунанд. Иштироки муассир ва маънидор инчуни тақозо мекунад, то мурофиаи судӣ барои кӯдакон фаҳмо бошад ва онҳо имкони иштироки фаъол дар ҳимояи худро дошта бошанд. Дар Қайдҳои умумии № 10 омадааст "моҳияти айбнома ва пайомадҳои эҳтимолӣ ва ҷаримаҳоро дарк кунад, то намояндаи қонуниро фиристад, бозпурсии чандкасаи шоҳидонро гузаронад ва қарори дахлдорро доир ба далелу исбот, баёноти шоҳидон ва чораҳои мавриди андеша қабул кунад. Тибқи қоидаи 14-и Қоидаҳои Пекин мурофиаҳо бояд дар фазои тафоҳум гузаронида шаванд, то кӯдак тавонад озодона иштирок кунад ва фикри худро баён намояд. Бо назардошти синну сол ва инкишофи кӯдак шояд эҳтиёҷ ба толори махсуси мурофиа ва таҷрибаи хоса вуҷуд дошта бошад."[216] Гумон аст, ки кӯдак ва ё ҳатто шахси болиғ ба фаҳми ҳамаи нозукиҳо ва муомилоте, ки дар толори мурофиаи судӣ сурат мегиранд, равад. Ҳамзамон, кӯдак бояд фаҳмиши умумии моҳияти мурофиа ва он чизе, ки ӯро интизор аст, дошта бошад. Қонунгузорӣ бояд иҷозат диҳад, ки дар ҳолати ба ақидаи суд қобилияти

---

Жива, Ҷ., Ҳорсфилд, П., Пруйн, И., (маҷ.), *Низоми адлияи ноболигон дар Аврупо,* Боби. 4, чопи 2-юм., (нашрияи Форум Ферлаг Годесберг:Мӯнхенгладбах 2011), саҳ. 1640. (иқтибосиаслӣбазабонианглисӣ - Gensing, A., *Jurisdiction and characteristics of juvenile criminal procedure in Europe* in: Dünkel, F., Grzywa, J., Horsfield, P., Pruin, I. (eds.), *Juvenile Justice Systems in Europe*, Vol. 4, 2nd ed., (Forum Verlag Godesberg: Mönchengladbach 2011))

[214] Нигаред ба моддаи 149(1)-и ПБҲГС ва Моддаи 40(2)(b)(vii) КҲК.

[215] Моддаи 40(2)(b)(vii) КҲК

[216] Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак. Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқи кӯдакон дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (КҲК/С/GC/10), банди. 46.

фаҳмиши айбнома, оқибатҳои эҳтимоли ва маънии ҷазоро набошдати кӯдак, суд ваколати қатъ кардани мурофиаи судиро дошта бошад. Ҳамчунин бояд дар назар дошт, ки таваҷҷуҳи кӯдак ба мисли таваҷҷуҳи калонсолон нест ва дар натиҷа кӯдак ба танаффусҳое, ки фосилаи миёнашон кӯтоҳтар аст, эҳтиёҷ дорад. Ин нукта инчунин ба кӯдаконе дахл дорад, ки аз вазъи бади саломатӣ азият мекашанд.

**Моддаи 46. Ҳуқуқ барои шунидани далелҳо**

(1) Тибқи Моддаи 14 (3)(d) ПБҲГС айбдоршаванда ҳуқуқ дорад, то "мурофиа дар ҳузури ӯ баргузор гардад."[217] Ин ҳуқуқ яке аз ҳуқуқҳои мурофиавии камтаринест, ки дар КҲК такрор намеёбад.

(2) Ҳуқуқи кӯдак ба иштирок дар мурофиа, донистани далелҳои зидди ӯ ва ҳуқуқи ҳимояи худ принсипҳои асосии суди одилона мебошанд. Суд ваколати берун кардани кӯдакро аз толори суд дар ҳолате, ки ҳузури кӯдак ба манфиати ӯ нест, бояд дошта бошад. Агар кӯдак иҷозати иштирок дар мурофиа ва шунидани далелҳоро надошта бошад, тавоноии ӯ дар ҳимоя ва роҳнамоии намояндаи қонунии ӯ ба таври назаррас камтар хоҳад буд ва чунин мурофиа гумон аст, ки одилона бошад.

(3) Вобаста аз низоми қонунгузории давлати дахлдор, ки метавонад мунозиравӣ, инквизитсионӣ ё гибридӣ бошад, кӯдак бояд ҳуқуқ дошта бошад, то шоҳидонро аз назар гузаронад (ки одатан дар кишварҳои дорои қонунгузории маъмулӣ ва низоми гибридӣ ("бозпурсии чандкаса") сурат мегирад) ё талаб кунад, ки шоҳидон (-и ғайримақбул)[218] мавриди пурсиш (одатан дар кишварҳои дорои анъанаи ҳуқуқи шаҳрвандӣ аз ҷониби суд ё айбдоркунанда) қарор дода шаванд (ва иштирок ва бозпурсии шоҳидони аз номи ӯ баромадкунандаро таъмин шавад)[219], ки ҳуқуқи асосии кӯдак дар ҷараёни мурофиаи судӣ ба ҳисоб меравад.[220]

**Моддаи 47. Ҳуқуқ ба маҷбуран нишондод надодан ва ба гуноҳи худ иқрор нашудан**

**(1 ва тариқи дигари (варианти) 1)**

Ҷиҳати таъмини баргузории суди (мурофиаи) одилона байни ҳавасмандгардонии кӯдак ба иштирок ва фишор наовардан болои ӯ ба мақсади нишондод ё иқрори гуноҳ бояд як тавозуне нигоҳ дощта шавад. Тибқи моддаи 14(3)(g) ПБҲГС ва моддаи 40(3)(iv) КҲК айбдоршаванда

---

[217] Инчунин нигаред ба Моддаи 6(3)(c) КАҲИ, Моддаи 8(2)(d) КАҲИ ва Моддаи 16(3) Конвентсияи давлатҳои араб. Ҳуқуқи мазкур дар КҲК такрор наёфтааст. Дар баъзе кишварҳо таҷрибае ҳаст, ки тибқи он агар ба боварии суд он ба манфиати кӯдак бошад, аз кӯдак хоҳиш карда мешавад, то ӯ толори судро тарк кунад.

[218] Ин тарзи баён дар Моддаи 40(2)(b)(iv) КҲК мебошад. Ҳамзамон, дар низоми инквизитсионӣ танҳо шоҳидон вуҷуд доранд ва на шоҳидони ғайримақбул, зеро мурофиа на дар шакли мунозира мегузарад.

[219] Ин тарзи баён дар Моддаи 40(2)(b)(iv) КҲК мебошад. Ҳамзамон суд ихтиёр дорад то тибқи дархости ҳимоятгар ё айбдоркунанда нишондоди шоҳидро шунавад ё не.

[220]Моддаи 14(3)(e) ПБҲГС, Моддаи 40(2)(b)(iv) КҲК, Моддаи 6(3)(d) КАҲИ and Моддаи 8(2)(f) КАҲИ.

набояд маҷбуран зидди худ нишондод диҳад ва ба содир намудани ҷиноят тахти фишор иқрор шавад.[221] Бинобар ин кӯдак бояд ҳуқуқ дошта бошад, то тибқи ихтиёри худ дар ҷараёни мурофиа комилан зидди худ шоҳидӣ надиҳад. Дар Қайдҳои умумии № 10 Кумитаи КҲК ин ҳуқуқро ба тавре маънидод мекунад, ки тибқи он иқроршавие, ки дар натиҷаи шиканҷа ё муомилаи бераҳмона, ғайриинсонӣ ё дағал ба даст омадааст, бараъло ҳуқуқи иҷборан нишондод надоданро поймол намуда, инчунин поймолкунии дағалонаи ҳуқуқи кӯдак мебошад ва комилан ғайри қобили қабул аст.[222] Кумита инчунин эътироф менамояд, ки василаҳои сершумори дигаре низ вуҷуд доранд, ки бо зуроварии камтар роҳандозӣ мешаванд ва мақсади онҳо оварда расонидани кӯдак ба додани нишондод бар зидди худ ё иқрори содиркунии ҷиноят мебошад.

(2) Дар ҳолате, ки кӯдак истифода аз ҳуқуқи худ барои хомӯш истоданро дар ҷараёни мурофиа интихоб мекунад, он набояд аз ҷониби суд ҳамчун иқрори гуноҳ баррасӣ карда шавад.

(3) Ба мақсади мутмаин шудан, ки кӯдак нишондодро ба таври ихтиёрӣ додааст, Кумитаи КҲК тавсия медиҳад, то суд ба масъалаҳое чун "синну соли кӯдак, камолоти кӯдак, давомнокии савол, мушкилӣ дар фаҳмиш аз ҷониби кӯдак ва тарс аз пайомадҳои номаълум ё эҳтимоли ҳабс, ки метавонад кӯдакро ба додани нишондодҳои дурӯғ водор кунад" таваҷҷӯҳ зоҳир намояд.[223]

### Моддаи 48. Ҳуқуқ ба овардани эътироз

(1) Тибқи моддаи 14(5)-и ПБҲГС ҳар шахсе, ки барои содир намудани ҷиноят маҳкум шудааст, ҳуқуқ дорад, аз нав дида баромадани ҳукм ва ҷазои баровардашударо дар суди зинаи болоӣ талаб намояд.[224] Ин ҳуқуқ бидуни ягон истисно ба кӯдакон низ дахл дорад. Моддаи 40(2)(b)(c)-и КҲК ҳуқуқи овардани эътироз барои кӯдаконро пешбинӣ мекунад, аммо онро то ба ҳадде васеъ гардонидааст, ки тамоми кӯдаконеро, ки чун содиркунандаи ҷиноят арзёбӣ мегарданд, дар бар мегирад ва ҳамин тариқ вай ҳам ба кӯдаконе, ки нисбати онҳо айбдоркунӣ бекор шудааст ва ҳам кӯдаконе, ки маҳкум шудаанд, дахл дорад. Кумита оид ба ҳуқуқи инсон дар Қайдҳои умумии № 32 ба таври возеҳ дарҷ кардааст, ки ҳуқуқи мазкур танҳо барои ҷиноятҳои вазнин набуда, барои ҳамаи ҷиноятҳо дахл

[221]Инчунин нигаред ба Моддаи 8(2)(g) КАҲИ ва Моддаи 16(6) Хартияи давлатҳои араб. Иловатан Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон дар як мурофиа [(App.19187/91), 17 декабри соли 1996, (1997) 23 EHRR 313, САҲИ 1996-VI] қарор намуд, ки ҳуқуқи иқрор нашудан ба гуноҳ ё ҷиноят яке аз унсурҳои асосии ҳуқуқ ба суди одилона мебошад ва ин нукта дар Моддаи 6(1) КАҲИ дарҷ гардидааст. Иловатан нигаред ба: Якобс Ф., Уайт, Р., ва Овий, С., (Jacobs, F., White, R., and Ovey, C.), Конвенсияи Аврупо оид баҳуқуқи инсон, чопи 5, (Нашриёти Донишгоҳи Оксфорд 2009 (Oxford University Press: Oxford, 2009)), саҳифаи 281.

[222] Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак. Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқи кӯдакон дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007, (CRC/C/GC/10), банди. 56. Чунин нишондодҳо ё иқрор наметавонанд чун далел қабул карда шаванд; нигаред ба Моддаи 15-и КЗШ.

[223] Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқи кудакон дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007, (CRC/C/GC/10), банди. 57.

[224] Моддаи 16(7) Хартияи арабӣ, моддаи 7(а) Хартияи Банҷул, моддаи 17(2)(c)(iv) КАҲНК ва моддаи 8(2)(h) КАҲИ; Моддаи 2 Протоколи №7 ба КАҲИ.

дорад.[225] Он инчунин ҳамчун ҳуқуқи васеъ ба овардани эътироз низ тафсир карда мешавад. Кумита оид ба ҳуқуқи инсон онро ба тавре тафсир кардааст, ки ҳуқуқ ба овардани эътироз пуррагии далел, қонун ва худи айбномаро низ дар бар мегирад. Ҳама гуна эътироз бояд имкони баррасии моҳияти парвандаро дошта бошад ва набояд бо паҳлуҳои формалӣ ё ҳуқуқии айбнома бидуни баррасии далелҳои мавҷуда маҳдуд карда шавад.[226]

Дар мутобиқат ба ҳамин қонун кӯдак ҳуқуқ дорад, то дар муқобили қарори баровардашуда ба суди аппелятсионӣ, суди кӯдакон, ки тибқи Моддаи 5(2) Қонуни мазкур таъсис дода шудааст, эътироз оварад. Агар пас аз истифодаи пурраи василаҳои дохили кишвар итминон ба вуҷуд ояд, ки қарори ниҳоии мақоми олии суди кишвар ва ё қонунҳо/сиёсатҳои кишвар бо уҳдадориҳои шартномавии ин кишвар мухолифат доранд, эътироз метавонад ба мақоми минтақавии дахлдоре, ки ҷавобгӯ ба меъёрҳои қобили қабул аст, оварда шавад. Барои кӯдакон дар кишварҳои узви Шӯрои Аврупо ва ба таври васеъ барои кишварҳои ҷониби Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, эътироз метавонад ба Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон оварда шавад. Барои кишварҳои узви Созмони кишварҳои Амрико[227] ва кишварҳои ҷониби КАҲИ эътироз метавонад ба Комиссияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон оварда шавад ва агар қобили қабул бошад, ба Суди байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон фиристода мешавад. Барои кишварҳои узви Созмони иттиҳоди Африқо ва ҳамин тариқ барои кишварҳои ҷониби Хартияи Банҷул эътироз метавонад ба Комиссияи африқоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва халқҳо оварда шавад.

(2) Ҳуқуқ ба овардани эътироз танҳо дар он ҳолат метавонад маъно дошта бошад, ки агар кӯдакон аз доштани чунин ҳуқуқ бо забони ба онҳо фаҳмо огоҳ карда шуда бошанд ва барои кӯдак кӯмаки ҳуқуқӣ барои тайёрӣ ба овардани эътироз расонида шавад ва овардани чунин эътироз аз болои хулосаи аслии суд ройгон бошад. Гумон аст, ки кӯдак маблағи пардохти намояндагии ҳуқуқиро дошта бошад ва талаб кардани маблағ аз падару модари кӯдак метавонад маҳдудкунии ҳуқуқи оилаҳои камбизоат бошад. Илова ба он, Кумита оид ба ҳуқуқи инсон дар Қайдҳои умумии № 32[228] эътироф мекунад, ки ҳуқуқ барои овардани эътироз метавонад танҳо дар ҳолате муассир истифода шавад, ки дастрасӣ ба ҳукмномаи ба таври бояду шояд асоснок кардашуда ва хаттӣ ва ё дигар санаде мисли протоколҳои ҷаласаи судӣ фароҳам бошанд. Санадҳои зерқонунӣ ё Регламенти суд бояд ҳуҷҷатҳоеро, аз ҷумла санадҳои мавриди паҳни ҳамагон, маълумоти марбут ба мӯҳлати овардани эътирозро дар бар гирад ва ҳама гуна маълумот чун тарзи пешкаши далелҳо дар ҷараёни мурофиаи судӣ ва дигар протоколҳои мурофиаи судӣ бояд аз ҷониби суд барои мӯҳлати дахлдор ҳифз карда шаванд.

[225] Кумита оид ба ҳуқуқи инсон, Қайдҳои умумии № 32, Моддаи 14; Баробарҳуқуқӣ дар назди суд ва суди одилона. 23 августи соли 2007, (CCPR/C/GC/32), банди. 45.
[226]Кумита оид ба ҳуқуқи инсон, Қайдҳои умумии № 32, Моддаи 14; Баробарҳуқуқӣ дар назди суд ва суди одилона. 23 августи соли 2007, (CCPR/C/GC/32), банди. 48.
[227] Ба истисно аз Штатҳои Муттаҳидаи Амрико.
[228] Кумита оид ба ҳуқуқи инсон, Қайдҳои умумии № 32, Моддаи 14; Баробарҳуқуқӣ дар назди суд ва суди одилона. 23 августи соли 2007, (CCPR/C/GC/32), банди. 49.

(3) Барои таъмини овардани эътирози муассир инчунин зарур аст, то кӯдак ба таври қонунӣ намояндагӣ дошта бошад. Шарҳи Моддаи 24 ҳамин тариқ бо назардошти тағйиротҳои дахлдор истифода мешавад.

**Моддаи 49. Қатъ карда шудани парвандаи ҷиноятӣ (мурофиаи судӣ)**

(1) Суд бояд ҳуқуқи қатъ намудани мурофиаи судиро дар ҳар марҳилае дошта бошад ва тавонад айбномаро нисбати кӯдак бекор намояд, агар чунин шуморад, ки давом додани мурофиа барои ҳимояи ҷамъият, пешгирии ҷиноят ё тавсеаи эҳтироми қонун ва ҳуқуқҳои ҷабрдида зарур нест,[229] ва ё ҷавобгӯи манфиатҳои кӯдак нест. Агар далели азият кашидани кӯдак аз бемориҳои руҳӣ вуҷуд дошта бошад ё давом додани мурофиа барои вазъи кӯдак таъсири амиқ расонад иҷрои талаботи ин банд ҳатмӣ мебошад. Суд инчунин бояд ҳуқуқи шартан катъ намудани мурофиаро дошта бошад. Ин имкон медиҳад, ки кӯдак аз ҳукм эмин бошад, аммо ба шарте, ки дигар чунин як ҷиноятеро дар мӯҳлати муайян, ки бояд асоснок бошад, содир накунад. Агар кӯдак бори дигар дар он мӯҳлат ҷиноят содир кунад, мурофиаи қаблии ӯ аз сар гирифта мешавад.

(2) Қабл аз оғози мурофиа зидди кӯдак суд бояд мутмаин гардад, ки оё чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ аз ҷониби полис ё прокуратура пурра баррасӣ карда шудаанд ё не.

(3) Дар ҳолате, ки полис ё прокуратура аз чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ пурра истифода набурдаст, суд бояд ҳуқуқ дошта бошад, то вобаста аз низоми дахлдори қонунгузории давлат қарор оид ба дархости чораҳои алтернативаи мурофиаи судӣ қабул кунад ё парвандаро бозпас гардонад ва талаб кунад, ки мақоми дахлдор қарори фиристодани парвандаро ба суд аз нав дида барояд.

(4) Хадамоти ҳифзи дахлдор тибқи қонунгузории миллии марбута метавонад хадамоти иҷтимоӣ, хадамоти кӯдакон, хадамоти ҳифзи кӯдак ва ғайра бошад.

## БОБИ 5:
## БАРОВАРДАНИ ҲУКМ

**Моддаи 50. Ҳадафи баровардани ҳукм**

Ин мақаррарот аҳамияти офиятбахшӣ ва ҳамгироии кӯдак ба ҷомеаро ҳамчун ҳадафи ҳама гуна мурофиаи судии кӯдакон ва аз ҷумла бо назардошти ҳукми барои кӯдак баровардашуда таъкид мекунад. Такрори мақсади баровардани ҳукм дар оғози боб сатҳи огоҳии тамоми ҷонибҳои марбут ба раванди адолати судиро бо назардошти ҳифзи кӯдак ва

[229] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартии ақали СММ оид ба чораҳои ғайриҳабсӣ (Қоидаҳои Токиё)*, ки аз ҷониби Маҷмааи умумии СММ қабул карда шудаанд., 14 декабри соли 1990, (A/RES/45/110), Қоидаи 5.

манфиатҳои ӯ қабл аз ҳама ва пеш аз баровардани ҳукм тибқи принсипҳои дар моддаи 51 Қонуни мазкур зикршуда боло мебарад.

### Моддаи 51. Принсипҳои баровардани ҳукм

Муомила бо кӯдакон бояд ҷавобгӯ ба ҳифзи онҳо ва баробарвазн ба вазъият ва ҷинояти онҳо бошад, синну соли онҳоро ба назар гирад ва ҳадафаш бештар ташвиқи ҳамгироии онҳо ва мавқеи созандаи кӯдак дар ҷомеа бошад, на ин ки кӯшиши ҷазо додани кӯдак.[230] Принсипҳои зикргардидаи моддаи мазкур бояд дуруст фаҳмида шаванд, ки ҳукми аз озодӣ маҳрум кардан танҳо он гоҳ бароварда мешавад, ки агар ягон чораи иловагии ба ғайр аз озодӣ маҳрум кардан мавҷуд набошад.[231] Ин аз судҳо талаб мекунад, ки ҳамаи алтернативаҳои имконпазири ғайриҳабсиро ба назар гиранд. Дар ҳолати айбдоркунӣ, нақшаи мушаххаси баровардани ҳукм лозим мегардад, то ин ки таъмин карда шавад, ки кӯдак баъди аз сар гузаронидани мӯҳлати ҳукми худ ба ташкили қисми пурарзиши ҷомеа омода бошад. Суд бояд дар раванди тартибдиҳии нақшаи иҷрои ҳукм ҳамаи тарафҳои дахлдорро, хусусан мақомоти салоҳиятноки таъминоти иҷтимоиро ҷалб менамояд. Нақшаи индивидуалии иҷрои ҳукм ҳангоми баровардани ҳукми ҳабс аҳамияти махсус дорад, зеро ки он давраи дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ қарор доштани кӯдакро тавассути фаъолиятҳои амалӣ ба тарзи раванди барқароркунӣ ба тартиб медаророрад.

### Моддаи 52. Гузориши тафтишоти иҷтимоӣ [гузориш оид ба шахсият ва вазъи зиндагии судшаванда]

(1) Дар ҳамаи ҳолатҳо пеш аз баровардани ҳукм ба кӯдак гузориши назорати иҷтимоӣ бояд мавҷуд бошад. Масъулияти пешниҳод кардани чунин гузоришҳо дар байни давлатҳо тағйир меёбад, ва баъзан ба хадамоти назоратӣ, агар он мавҷуд бошад, ё ин ки муассисаи муносибити таъминоти иҷтимоӣ гузошта мешавад. Дар баъзе давлатҳо, ба монанди Шоҳигарии Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, масъулият ба Гурӯҳи Гуноҳҳои Наврасӣ гузошта шудааст. Ин гурӯҳ гурӯҳи мутахассисони ботаҷрибае мебошад, ки ҳадафҳои он фаъолияти пешгирикунанда ва ҳамчунин ёрирасонӣ ба суд тавассути пешниҳод кардани гузориш оид ба шахсият ва вазъи зиндагии судшаванда мебошанд.

(2) Муассисаи муносиби таъминоти иҷтимоӣ, ки метавонад дар ҳар кишвар мухталиф бошад, барои навиштани гузориши назорати иҷтимоӣ масъул аст. Дар ин ҳолат, он бояд мутмаин бошад, ки ӯ мансабдори таҳқиқкунанда нест, вагарна ихтилофи манфиатҳо ба вуҷуд меояд. Муаллифи гузоришҳо бояд дар системаи адолати ҷиноятӣ таҷриба ва оид

---

[230] Моддаи 40(4) КҲК. Инчунин нигаред ба Маҷмааи умумии СММ, Қоидаҳои стандартии ақалии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ба роҳ мондани адлияи ноболиғон (Қоидаҳои Пекин), ки бо Маҷмааи умумӣ тасдиқ шудаанд, 29 ноябри соли 1985, (A/RES/40/33), Қоидаҳои 5 ва 17.1 ва Қайдҳои иловашуда ба ҳар ду қоидаҳо.

[231] Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, Ҳуқуқҳои кӯдак дар адлияи ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CCPR/C/GC/10), банди 28.

ба инкишофи кӯдакон низ маърифат дошта бошад. Давлат бояд дастурҳое қабул намояд, ки талаботи таълим ва малакаи нозирони корҳои ислоҳотии кӯдаконро [ноболиғон] [кормандони иҷтимоӣ] ва мӯҳтавои гузоришҳои тафтишоти иҷтимоиро [гузоришҳо оид ба шахсият ва вазъи зиндагии судшавандаро] мушаххас кунанд.

(3) Ҳадафи гузориши назорати иҷтимоӣ ё гузориш оид ба шахсият ва вазъи зиндагии судшаванда аз он иборат аст, ки ба суд ҳангоми муайян кардани ҳукми аз ҳама таъсирбахш ёрӣ диҳад, то ин ки офиятбахшӣ ва ҳамгироии кӯдак дар ҷомеа амалӣ гардад. Он бояд нажоди оилавии кӯдак, шароитҳои ҷории кӯдак, аз он ҷумла дар куҷо ва бо кӣ зиндагӣ кардани кӯдак, асли фарҳангӣ ва вазъияти саломатии кӯдак, гуноҳҳои қаблӣ, инчунин шароитҳои содиршавии гуноҳ ва таъсири эҳтимолии ягон ҳукмро ба кӯдак дар бар гирад. Инчунин муҳим аст, ки гузориш дорои пешниҳод оид ба қарори суд нисбати кӯдак бошад, то ин ки ба суд имкон дода шавад, ки ба ҷойи маҳкум кардани кӯдак татбиқи чораҳои ба тарафи дигар кашидани диққатро пеш аз суд муайян кунад.

### Моддаи 53. Ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ

(1) Моддаи 40(3)(b) CRC ва Қоидаҳои 17 ва 18-и Қоидаҳои Пекин ба давлатҳо ӯҳдадории махсусро мегузоранд, ки як қатори чораҳои айбдоркунии бе маҳрум кардан аз озодиро, аз он ҷумла чораҳои иҷтимоӣ ва/ё таълимиро инкишоф диҳанд.[232] Ин Қоидаҳо мисолҳои намудҳои чораҳои айбдоркунии бе маҳрум кардан аз озодиро меорад, ки метавонанд ба қонунгузории адолати кӯдакон илова карда шаванд, ба ҷойи пешниҳод кардани рӯйхати ниҳоии имконоти айбдоркунии бе маҳрум кардан аз озодӣ ё амр кардани шакли мушаххаси ҳукме, ки бояд ба кӯдак бароварда шаванд, истифода гарданд. Имконоти айбдоркунии бе маҳрум кардан аз озодие, ки дар Қонуни мазкур дода мешаванд, ба таври фавқулодда рӯйхати дар Қоидаи 18-и Қоидаҳои Пекинро пешниҳодшударо пайгирӣ мекунанд, аммо ҳамчунин баъзе шаклҳои ба наздики рушдёфтаи айбдоркунии дар сатҳи ҷомеаро дар бар мегиранд. Ин имконот шаклҳои ҳукмбарориеро инъикос мекунад, ки дар якчанд давлат бомуваффақият ба амал бароварда шудаанд. Баъзе имконот бо ҳамдигар қисман баробар меоянд, аммо бо мақсади ба давлатҳо пешниҳод кардани имконоти бештар илова шудаанд.

Давлатҳо бояд як қатор чораҳои алтернативаи ҳабсро пешниҳод намоянд, ки ба кӯдак барои дарки рафтори ҷинояткоронаи ӯ кӯмак мерасонанд. Чунин чораҳо (ки дар Қоидаҳои Пекин ҳамчун дастурҳои муолиҷаи миёнамуддат ва дигар муолиҷаҳо истинод шудаанд) метавонанд ба амалҳои оилаи кӯдак равона гарданд ва аз маҷлисҳои гурӯҳии оилавӣ истифода баранд, ё ки, ба ҷойи ин ба кӯдак дар таълими вай кӯмак расонан ва ба ӯ имконияти бозгашт ба мактабро дастрас намуда, таълими

[232]Инчунин нигаред: GA Res. 63/241, *Ҳуқуқҳои кӯдак*, 13 марти соли 2009, оп. банди. 47 (а); HRC Res. 10/2, *Ҳуқуқҳои инсон дар идоракунии адолат, хусусан адолати судӣ нисбати ноболиғон*, 27 марти 2009, оп. банди. 13; CM (2003)20-и Кумитаи Вазирони давлатҳои иштироккунанда нисбати роҳҳои нави рафтор бо ҷинояткории ноболиғон ва нақши адолати судӣ нисбати ноболиғон, тасдиқшуда бо Кумитаи Вазирон дар 24 сентябри 2003 ҳангоми маҷлиси 853-и Вакилони Вазирон, банди. 17.

маҳорати иҷтимоӣ, таълими идоракунии ғазаб, фаъолиятҳои гуногун барои кӯдакон, миёнаравӣ байни ҷабрдида ва ҷинояткор ва ғайраро пешниҳод кунанд. Ҳадафи умумии дастур ва чораҳои пешниҳодшуда дар он аст, ки ба кӯдакони содиркунандаи ҳуқуқвайронӣ, тарзҳои рафтори бунёдкорӣ омӯзонида шавад, то ин ки эҳтимолияти рафтори ғайриқонунии аз байн бурда шаванд. Фаъолияте, ки дар доираи дастур пешниҳод мешаванд, бояд ба ниёзҳои кӯдак мутобиқ карда шаванд ва ба кӯдак имкон диҳанд, ки дар фаъолияти дилкаш ва шавқовар ширкат варзад. Ин гуна фаъолият боиси он мегардад, ки кӯдак ҳаёти худро беҳтар идора карда метавонад ва ҳамгироии кӯдак дар ҷомеа хубтар ба вуқӯъ мепайвандад. Ин дастурҳо дар аксари давлатҳо истифода мешаванд ва аксари вақт ба амалҳои кӯдак дар оила, таълим ва фаъолияти иҷтимоии вай ва ҳавасмандгардонии кӯдак ба истифодаи беҳтари вақти холӣ равона мешаванд. Дар хусуси барномаҳо бо асоси иҷтимоӣ, дастурҳо барои иштирок дар маслиҳатҳои гурӯҳӣ ва фаъолияти ба он монанд, ба кӯдаконе, ки бо қонун дар ихтилоф мебошанд, имконияти хуби омӯхтани тарзҳои рафтори мусбатро пешниҳод мекунанд. Маслиҳатҳои гурӯҳӣ ба кӯдакон имкон медиҳанд, ки дар ҷомеа ҳамгиро шаванд ва ба ҳамсолони худ ёрӣ расонанд.

Дар аксари ҳолатҳо мушлилиҳои аслие, ки ба ҷинояткории кӯдак сабабгор мешаванд бояд баррасӣ гарданд. Қисми зиёди қонунвайронкунандагони давлатҳои ғарб бо мушкилиҳои моводи мухаддир ва машруботи спиртӣ дучор мешаванд. Аз ин лиҳоз, имконияти таъин намудани машварат барои онҳо бояд мавҷуд бошанд. Судҳо бояд чунин машваратҳоро танҳо дар он ҳолат таъин кунанд, ки гузориши назорати иҷтимоӣ мушкилоти истифодабарии моводи мухаддир ё машруботи спиртӣ аз ҷониби кӯдакро ҳамчун омили воқеии рафтори ғайриқонунии ӯ муайян кунад, ва чунин машваратро талаботи зарурӣ барои ҳал кардани чунин мушкилиҳо арзёбӣ кунад.

Таъин намудани корҳои ислоҳӣ ҳамчун алтернативаи ҳабскунӣ барои кӯдакон дар як қатор давлатҳо истифода мешавад, аз он ҷумла Канада дар Санади Адлияи ҷавонон (2002),[233] ва Филиппин дар Қонуни оид ба корҳои ислоҳотӣ 1972.[234] Умуман, ҳукми корҳои ислоҳӣ дар маҷмӯъ шартҳоро, ба монанди ӯҳдадории оид ба гузориш додан ба шахси муайян, одатан нозири корҳои ислоҳӣ, ё ки ҳозиршавӣ ба макони мушаххас, ба монанди мактабро дар бар мегирад. Агар кӯдак шартро вайрон кунад, вай ба суд баргардонида мешавад. Ҳамаи ҳукмҳо оид ба таъин намудани корҳои ислоҳӣ бояд дорои шартҳои ҳақиқӣ ва муносиб бошанд, ки кӯдакро ба нокомӣ равона накунанд. Масалан, аз кӯдак талаб кардани он, ки мунтазам барои вохӯрӣ бо нозири корҳои ислоҳӣ ба роҳи дур сафар намояд, бе мутмаин шудани он, ки кӯдак барои ин сафарҳо маблағ дорад ё не, метавонад боиси он гардад, ки кӯдак эҳтимолан қарорро вайрон намояд.

---

[233]Санади Адолати судии ҷиноятии ҷавонон 2002, [Канада], Қисми 1, 19 феврали соли 2002.
[234]Қонуни Филиппин оид ба корҳои ислоҳотӣ 1972, Қарори Президент № 968, бо тағйиру иловаҳои соли 1972.

Ҳукмҳои таъин намудани корҳои ҷамъиятӣ аз кӯдакон талаб мекунанд, ки ба миқдори муайяни соатҳо кори бемузд, одатан ба фоидаи ҷомеа, иҷро намояд. Ҳукми оид ба таъин намудани корҳои ҷамъиятӣ бояд аз кӯдакон талаб кунад, ки ӯ фаъолияти бунёдкорӣ ва шавқоварро иҷро намояд, на ин ки меҳнати душворро. Исбот карда шудааст, ки ҳукмҳои таъин намудани корҳои ҷамъиятӣ он гоҳ самарабахш мегарданд, ки агар кӯдакон маҳорати навро омӯзанд ва эҳсос намоянд, ки онҳо ба ҷомеаи худ саҳмгузор ва фоидаовар мебошанд. Ҳукмҳо оид ба таъин намудани корҳои ҷамъиятӣ метавонанд бо равандҳои адлияи барқароркунанда пайваст шаванд, чунки қарор метавонад бо ҷабрдидаи ҷиноят ё бо ҷомеа баҳс гардад ва бо табиати гуноҳ ба таври мушаххас алоқаманд карда шавад; ё ин ки он метавонад танҳо шакли ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ бошад, ки ҳадафи ҳамгироиро дорад.

Чораҳои таълимӣ барои кӯдаконе, ки ҷиноят содир кардаанд, аксари вақт якҷоя бо қарори дигар оид ба таъин намудани корҳои ҷамъиятӣ истифода мешаванд. Азбаски кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда бисёр вақт ба мактаб намераванд ё ки мушкилиҳои омӯзиш доранд, чораҳои таълимӣ метавонанд дар маҷмӯъ муфид бошанд ва метавонанд аз кӯдак талаб кунанд, ки вай дар ҳудуди раванди ҳамгироии худ ба дарсҳо ҳозир шавад (“шартнома оид ба мактаб рафтан ва/ё адо намудани омӯзиши касб (касби-техникӣ).[235] Чораҳои мазкур он гоҳ пурра манфиатбахш мегарданд, ки агар онҳо ба ниёзҳои мушаххаси кӯдак муносиб карда шаванд ва ба кӯдак барои ба даст овардани сатҳи дониши баробар ба сатҳи ҳамсолони вай кӯмак намоянд, то ин ки кӯдак тавонад аз нав ба мактаб дохил шавад. Ҳар як дастур бояд ниёзҳои кӯдакро ба назар гирад, ва бояд ба кӯдак барои ба даст овардани маҳорате, ки ба вай дар оянда фоидаовар мешавад, кӯмак расонад.

Гурӯҳи дигари ҳукмҳо, ба монанди ҳукми маҳрум кардан аз ҳуқуқҳо, ҳукмҳои манъ кардани амалҳои мушаххас, ҳукмҳои таъин намудани соатҳои комендантӣ (вақти мамнӯъ) ва ҳукмҳои пайгирӣ намудан тавассути маводи махсуси электронӣ ба он равона гардидаанд, ки кӯдакро аз вазъитяҳо ва одамоне, ки метавонанд сабаби содир намудани ҷинояти дигар гарданд, эмин доранд. Чунин ҳукмҳо дар он ҳолат муносиб ҳисобида мешаванд, ки агар ҷинояти содир намудаи кӯдак ба фаъолияти мушаххас ё ба одамони мушаххас алоқаманд бошад. Манъ кардани амалҳо метавонад манъкунии гирифтани тамос бо одамони мушаххасе, ки кӯдак дар якҷоягӣ бо онҳо ҷиноят содир кардааст, ё одамоне, ки умуман ҳамчун ба рафтори ғайриқонунии кӯдак саҳмгузор ҳисобида мешаванд, дар бар гирад. Чунин ҳукм хусусан он вақт самарабахш аст, ки агар кӯдак аъзои дастаи роҳзанон бошад.

Ҳукми таъин намудани соатҳои комендантӣ (вақти мамнӯъ) бояд он гоҳ қабул гардад, ки агар вобастагии рафтори ғайриқонунии кӯдак аз вақт ё давраи муайяни вақт тасдиқ шавад, ва агар таъин намудани соатҳои комендантӣ (вақти мамнӯъ) ҳуқуқвайронкуниҳои минбаъдаро тавонад пешгирӣ намояд. Соатҳои комендантӣ (вақтҳои мамнӯъ) набояд аз ҳад дароз бошанд ё ба ҳабси хонагӣ баробар гарданд. Ҳамчунин соатҳои

[235] Маводи таълимии ЮНИСЕФ оид ба бартарафкунӣ аз низоми адлия ва чораҳои алтернативаи ҳабскунӣ: http://www.unicef.org/tdad/index_56368.html.

комендантӣ (вақтҳои мамнӯъ) набояд барои ҳозиршавии кӯдакон дар мактаб ё иштироки онҳо дар фаъолиятҳои мунтазами дигар монеа гарданд, балки бояд вақти мушаххаси рӯз ё шом ва шабро дар бар гиранд, ки дар муддати он вақт кӯдак метавонад эҳтимолан амалҳои ғайриқонуниро иҷро намояд. Ҳамчунин соатҳои комендантӣ (вақтҳои мамнӯъ) метавонанд эҳтимолан давраи аз соати 7-и шои то соати 7-и субҳро дар бар гиранд. Ҳукми маҳрум кардан аз ҳуқуқҳо ба таври истисноӣ аз кӯдак талаб мекунад, ки вай ба макон ё қитъаи муайян наздик нашавад, ва он гоҳ метавонад самарабахш бошад, ки дар макони ҷуғрофии муайян ба вуқӯъ пайвастани рафтори ғайриқонунии ӯ тасдиқ гардад.

Пайгирии электронӣ чораи ба наздикӣ тақдимшуда мебошад, ва метавонад барои мусоидат ба иҷрои талаботи дигар ҳукмҳо, ба монанди соатҳои комендантӣ (вақти мамнӯъ) истифода гардад. Пайгирии электронӣ онро таъмин менамояд, ки кӯдак дар макони муайяншуда дар вақти муайянгардида қарор гирад. Хатчӯби пайгирии электронӣ дар банди даст ё буҷули пой пайваст карда мешавад. Аммо истифодаи ин чора эҳтимолан маҳдуд карда мешавад, зеро ки барои он харҷҳои зиёди технологӣ ва инсонӣ лозим аст. Истифода аз пайгирии электронӣ инчунин хатари бадномкунии кӯдакро дар бар мегирад.

Ҳукмҳои назорат аз болои кӯдак ба кӯдакон имкон медиҳанд, ки онҳо бо оилаи худ истиқомат кунанд, ҳамчун қисми ҷомеаи худ боқӣ монанд, ва таълиму кори худро идома диҳанд. Ҳукми назорат одатан дорои шартҳое мебошад, ки кӯдак бояд ба онҳо мувофиқат намояд, ва аксари вақт ин шартҳо вохӯрӣ бо назораткунанда дар вақти муайяншуда, ё ки иштирок дар фаъолияти муайяншуда, аз он ҷумла иштирок дар барномаҳои офиятбахшии истифодабарандагони маводи мухаддирро дар бар мегиранд. Шарте метавонад қабул карда шавад, ки ба мактаб ҳозир шудан, ё ки аз вохӯриҳо бо шахсони мушаххас, ё аз рафтан ба ҷойҳои мушаххас худро канора гирифтани кӯдакро талаб мекунад. Одатан, бо мақсади ба кӯдак дар иҷро кардани дастур ёрӣ расонидан, таъин кардани корманди мушаххаси соҳаи иҷтимоӣ ё нозири корҳои ислоҳӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Ҳукмҳои парастории кӯтоҳмуддат, ҳукми таъин намудани ҷои истиқомат ва ҳукми тарбия/нигоҳубини кӯдак (зери нигоҳубини махсус қарор додани кӯдак) ба дур кардани кӯдакон аз хона ва парастории волидон равона гардидаанд. Кӯдак бояд аз волидон ё оилаи худ танҳо он гоҳ дур карда шавад, ки агар ин воқеан бо мақсади офиятбахшӣ ва ҳамгироии кӯдак ва дарк кардани рафтори ғайриқонунии ӯ ҷавобгӯ бошад.[236] Шарти дур кардани кӯдак одатан на танҳо бо ноқобилии падару модарон дар пешгирӣ намудани рафтори ғайриқонунӣ ва амалҳои ҷиноятии кӯдаки худ, ё ин ки дараҷаи ҳуқуқвайронкунӣ, ки худ барои иҷозати дур кардани кӯдак аз оила кофӣ аст, муқаррар мегардад. Инчунин муҳим аст, ки ҳар як суд ё мақомоти таъминоти иҷтимоие, ки ҳукм ва қарор оид ба нигоҳубини кӯдак, парасторӣ ё таъин намудани ҷои

[236]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стардартии ақалии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ба роҳ мондани адлияи ноболиғон (Қоидаҳои Пекин),* ки аз ҷониби Маҷмааи умумӣ қабул гардидааст; 29 ноябри 1985, (A/RES/40/33), Қоидаи 18.2.

истиқомати махсус қабул мекунад, онро таъмин намояд, ки кафолатҳои мурофиавии дар КҲК муқаррар гардида риоя шаванд ва кӯдак бо намояндаи қонунӣ дар ин раванд намояндагӣ шавад. Ҳукмҳои парастории кӯтоҳмуддат дар як қатор давлатҳо бомуваффақият истифода мешаванд, аммо барои онҳо оилаҳои фостерӣ ва парасторони хуб тайёркардашуда ва пуртаҷриба лозиманд, ки тавонанд диққати худро ба баррасии рафтори ғайриқонунии кӯдак равона созанд. Чунин оилаҳои фостерӣ дар ҳолатҳое мувофиқ меоянд, ки агар падару модарон дар идора кардани кӯдаки худ мушкилӣ кашанд, ё ки агар падару модарон худ мушкилие ба монанди сӯистеъмоли моводи мухаддир ё машруботи спиртӣ дошта бошанд, ки ҳалли онҳо барои ба таври самаранок иҷро намудани вазифаи падариву модарии онҳо зарур аст. Парастории кӯтоҳмуддат метавонад хусусан он гоҳ самарбахш бошад, ки агар он ҳамчунин кор бо оиларо бо мақсади аз байн бурдани сабабҳои дарназардошта дар бар гирад.

Ҳукми таъин намудани истиқомат дар ҷои мушаххас (ё ин ки ҳукми ҷойи истиқомат) метавонад барои таъмини он истифода шавад, ки кӯдак дар ҷойи мушаххас дар муддати муайян қарор гирад. Чунин ҳукм дар ҳолатҳое мувофиқ меояд, ки агар муайян карда шавад, ки макони истиқоматии кӯдак ба рафтори ғайриқонунии вай мусоидат намудааст. Давраи иҷрои чунин ҳукм бояд кӯтоҳмуддат бошад, ва аз мӯҳлати 6 моҳ дарозтар набошад, зеро ки мӯҳлати дарозтар метавонад ба ҳамгироии кӯдак дар оила ё ҷомеа халал расонад. Чунин ҳукм метавонад хусусан он гоҳ самарбахш гардад, ки агар кӯдак аз падару модар дур карда шавад ва бе парастории волидайн зиндагӣ кунад. Ҳукми ҷои истиқомат метавонад дар якҷоягӣ бо ҳукми муолиҷаи вобастагӣ аз моводи мухаддир ва касалиҳои руҳӣ таъин карда шавад.

Ҳукмҳо оид ба таъин намудани тарбия/нигоҳубини махсус ба суд иҷозат медиҳанд, ки кӯдаки дар содир намудани ҷиноят айбдоршударо аз падару модари вай ба тарбияи шахси дигар гузаронад. Одатан, ин аъзои дигари оила, ё ки оилаҳои фостерӣ мебошанд; ё ин ки муассиса ба монанди муассисаҳои статсионарӣ барои кӯдакон метавонанд бошанд.

Дигар чораи алтернативаи маҳрум кардан аз озодӣ ҷазои шартӣ ё ҳукми ҷазо бо таъхир андохтани иҷрои ҳукм мебошад. Ин ҳукми ҷазо бо маҳрум кардан аз озодӣ мебошад, ки иҷрои он барои давраи муайян ба таъхир гузошта мешавад. Агар кӯдак ҳамаи шартҳои ҳукми ҷазои шартиро иҷро намояд, қисми маҳрум сохтан аз озодии ҳукм иҷро намегардад. Аммо, агар кӯдак шартҳоро вайрон кунад, ё ки ҷинояти дигар содир намояд, қисми маҳрум кардан аз озодии ҳукм иҷро мешавад. Шартҳое, ки ба ҳукми шартӣ замима мешаванд, метавонанд талаб кунанд, ки кӯдак соатҳои комендантиро (вақти мамнӯъро) риоя кунад ё ки дар фаъолияти муайяншуда ширкат варзад. Ҳамаи шартҳои пешниҳодшуда бояд мутаносиб бошанд. Азбаски иҷро накардани шартҳои ҳукми шартӣ аз ҷониби кӯдак метавонад ба иҷроиши қисми маҳрум кардан аз озодии ҳукми ҷазо оварда расонад, судҳо бояд ба ҷойи он то ҳадди имкон ҳукми ҷазо дар сатҳи ҷомеа таъин кунанд.

(2) Баровардани танҳо як ҳукми адолати барқароркунанда барои як парванда талаботи ҳатмӣ намебошад. Агар суд лозим донад, он бояд беш

аз як ҳукми адолати барқароркунандаро барорад, то ин ки офиятбахшӣ ва ҳамгироии кӯдак дар ҷомеа пурра таъмин гардад.

### Моддаи 54. Татбиқи ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ

(1) Қонуни мазкур қоидаҳоеро пайгирӣ мекунад, ки дар Қисми V-и Қоидаҳои Токио муқаррар шудаанд, ва иҷроиши чораҳои ғайриҳабсиро пешбинӣ менамоянд. Мақсади ҳамаи чораҳои ғайриҳабсие, ки нисбат ба кӯдак татбиқ карда мешаванд, бояд ҳамгироии кӯдак дар ҷомеа, ба тарзе, ки имконияти аз ҷониби кӯдак содир кардани ҳуқуқвайронкунии минбаъдаро ҳадди ақал камтар месозад, бошад.

Иҷроиши ҳама гуна чораи ғайриҳабсӣ бояд ҳамеша бо ин қоида мутобиқ бошад, шартҳои умумии Моддаи 40-и КҲК-ро пайгирӣ намояд ва ба қонуни миллии давлати аъзо мувофиқат кунад. Мулоҳизаи аввалиндараҷаи ҳамаи чораҳои ғайриҳабсӣ бояд эҳтиёҷоти кӯдак бошад. Ин мулоҳиза баҳодиҳии мукаммали ҳар як мавриди мушаххасро талаб мекунад. Барои ҳамин, азназаргузаронии мунтазами чораи таъингардида ва ба таври муносиб танзим кардани он дар ҳолати пайваста набудани чора бо ниёзҳои кӯдак лозим аст. Азназаргузаронии чора бояд аз ҷонии суди салоҳиятдор ба ӯҳда гирифта шавад.

(2) Ҳангоми баровардани ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ, мулоҳизаи суд бояд аз се қисм иборат бошад. Он бояд на танҳо ҳуқуқҳо ва эҳтиёҷоти кӯдаки маҳкумшуда, балки инчунин талаботи ҷабрдида ва эҳтиёҷоти ҷамъиятро, ба монанди ҳифзи ҷомеа аз ҷинояткорӣ, ба назар гирад. Ҳамаи ҷанбаҳои дар боло зикршуда қисмҳои бархурди фарогири адолати барқароркунанда мебошанд.

(3) Дар мавриди татбиқ кардани чораи адолати барқароркунанда, донистани тартиби татбиқи чораи муносиби ғайриҳабсӣ ба кӯдак ва ҳамаи ҷонибҳои алоқаманд, ба мисли суд ва маъмурияти салоҳиятдор ё мақомоти мувофиқ, инчунин ҷабрдида зарур мебошад. Шартҳое, ки ба чораи ғайриҳабсӣ замима мешаванд, бояд ба кӯдак ба таври шифоҳӣ ва баъдан ба таври хаттӣ маънидод карда шаванд, ва инчунин ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои кӯдакро ифода намоянд.

(4) Барои татбиққунии бомуваффақияти ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ, ҷалбкунии ҷомеа ва системаҳои дастгирии иҷтимоӣ лозим мебошад. Ин, хусусан, барои дастурҳои адолати барқароркунанда ба монанди "иштирок дар ҷомеа ва сохтори ҷомеа – ин ду аз ҳадафҳои лозимии банақшагирифташудаи адолати барқароркунанда - мебошанд."[237] Ин ҷалбкунӣ қобилияти зист ва устувории дарозмуддати чунин барномаҳоро таъмин мекунад.[238]

---

[237]*Маълумотнома оид ба Барномаҳои Адолати Барқароркунанда,* Идораи Созмони Милали Муттаҳид оид ба Маводи Мухаддир ва Ҷинояткорӣ (ДСМММЧ), Маҷмӯи Маълумотномаҳои Адолати Ҷиноятӣ, (Созмони Милали Муттаҳид: Ню-Йорк, 2006), саҳ. 56.

[238]Маълумотномаи UNODC оид ба Адолати Барқароркунанда, 2006, саҳ. 56.

(5) Агар лозим шавад, ба кӯдак барои дастгирии иҷроиши бомуваффақияти чораи ғайриҳабсӣ бо мақсади пурра паҳн кардани офиятбахшӣ ва ҳамгироии кӯдак дар ҷомеа ягон намуди ёрӣ бояд пешниҳод карда шавад.

(6) Усули муттаносибӣ дар қисми (6)-и моддаи мазкур инъикос ёфтааст. Он инчунин талаб мекунад, ки барои иҷроиши ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ аз тарафи суд маҳдудияти вақт муқаррар карда шавад.

(7) Агар кӯдак барои иҷро кардани ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ кӯшиши ҷиддиро нишон дода бошад, пеш аз мӯҳлат ба анҷом расидани чораи ғайриҳабсӣ имконпазир аст. Чунин хотимаи барвақт бояд аз ҷониби суди салоҳиятдор муқаррар карда шавад.

(8) Агар ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ бо чалбкунии назорат татбиқ карда шавад, ин назорат бояд аз тарафи мақоми салоҳиятдори дар қисми (8)-и моддаи 54 Қонуни мазкур зикршуда амалӣ карда шавад. Қонуни намунавӣ муайян кардани мақоми назораткунандаро ба салоҳияти худи Давлатҳо вомегузорад. Аслан, ин бояд агентии дахлдор оид ба некӯаҳволӣ ё мақоми дигари бо қонун барои иҷрои чунин амалҳо ваколатдоршуда бошад.

(9) Дар ҳолати қабул шудани қарор оид ба зарурати муолиҷаи кӯдак ҳамчун чораи ғайриҳабсӣ, мувофиқи талаботи Моддаи 12-и Қонуни мазкур, баҳодиҳии пурраи эҳтиёҷоти шахсии кӯдак бояд иҷро шавад. Илова бар он, ҳолатҳои барои аз тарафи кӯдак содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ сабабшуда бояд ба назар гирифта шаванд.

(10) Дар ҳолати қабул гардидани қарор оид ба зарурати муолиҷа, суд вазифадор аст, ки барои назорат ва ёрӣ ба кӯдак танҳо мутахассисонеро ҷалб намояд, ки маълумот ва таҷрибаи амалии муносиб доранд. Дар мавриди қабул гардидани қарор оид ба муолиҷаи кӯдак аз вобастагӣ аз моводи мухаддир ё алкогол, бахусус табибон ва мутахассисони таҷрибаи амалидошта ҷалб карда мешаванд.

**(11-13)** Моддаҳое, ки вайронкунии талаботи ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодиро танзим мекунанд, махсусан муҳим мебошанд, зеро вайронкунии шартҳои ба чораи ғайриҳабсӣ замимашуда метавонад сабаби баровардани ҳукми айбдоркунӣ бо маҳрум кардан аз озодӣ гардад. Давлатҳо бояд Қоидаҳои Токиоро ба назар гиранд, ва мутмаин шаванд, ки ҳангоми тағйирдиҳӣ ё бекор кардани ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ ҳифозатҳои ҳуқуқие, ки ҳангоми баровардани ҳукми аввалин ба кӯдак кафолат дода шудаанд, дар ин низ мавриди татбиқ гарданд.

**(14-15)** Дар ҳолати тағйирёбӣ ё бекор карда шудани ҳукми айбдоркунӣ бе маҳрум кардан аз озодӣ, суд бояд шакли мувофиқтари чораи ғайриҳабсиро барои кӯдаки ҷалбшуда пайдо намояд. Бекоркунӣ ё тағйирдиҳии чунин чораи ғайриҳабсӣ метавонад аз ҷониби кӯдак эътироз оварда шавад.

**Моддаи 55. Ҳукми айбдоркунӣ бо маҳрум кардан аз озодӣ**

(1) Моддаи 37(b)-и КҲК изҳор мекунад, ки боздоштани кӯдак бояд бо қонун мувофиқ бошад, ва бояд танҳо ҳамчун чораи паноҳгоҳи ниҳоӣ истифода шавад. Илова бар ин, Қоидаҳои Пекин талаб мекунанд, ки пеш аз баровардани ҳукме, ки озодии шахсии кӯдакро маҳдуд мекунад, бояд "мурофиаи мукаммал" гузаронида шавад, ва чунин ҳукм бояд танҳо агар кӯдак амали ҷиддиеро, ки дорои зулм тарафи шахси дигар мебошад, иҷро карда бошад, ё ки ҳуқуқвайронкуниҳои дигари ҷиддиро ба ҷо оварда бошад, ва агар ягон чораи мувофиқи дигар мавҷуд набошад, баровардa шавад.[239] Ин дар Қоидаҳои Гавана низ инъикос меёбад – дар он ҷо зикр гардидааст, ки ҳукми дорои маҳрумкунии озодӣ бояд ба мавридҳои истисноӣ маҳдуд карда шавад.[240]

(2) Иборaи "ягон чораи мувофиқи дигар" маънои онро надорад, ки ҳукми айбдоркунӣ бо маҳрум кардан аз озодӣ бояд ба кӯдак танҳо дар мавҷуд набудани ягон роҳи дигар баровардa шавад, балки он ҳолатҳоро дар назар дорад, ки агар чораҳои дигар мувофиқ наоянд, ё ки қарор бо назардошти манфиатҳои воҷиби кӯдак гирифта шавад. Судҳо бояд паноҳгоҳи ниҳоӣ будани ҳукми айбдоркунӣ бо маҳрум кардан аз озодӣ ва муайян кардани муддати вақти лозимшуда барои пешниҳод кардани кӯдак бо мудохилаи лозимиро бевосита муҳокима намоянд. Тӯли ҳукм набояд аз ин муддати вақт зиёд бошад.

(3) Кумитаи КҲК тавсия додааст, ки бо мақсади паҳн кардани ташрифҳо бо оилаи кӯдак, кӯдак бояд ба муассисае ҷойгир карда шавад, ки ба ҷойи истиқоматии оилаи вай то ҳадди имкон наздик бошад.[241] Барои таъмин кардани ҷойгиркунии кӯдакон дар наздикии оилаҳои худ, Қоидаҳои Гавана ба Давлатҳо тавсия медиҳанд, ки муассисаҳоро ғайримарказӣ намоянд. Агар ин имконпазир набошад, ба Давлатҳо тавсия дода мешавад, ки забонхатҳо ё пардохтҳои сайёҳиро пешниҳод намоянд, то ин ки оилаҳо ба муассисаи нигоҳдорӣ сафар карда тавонанд, хусусан дар мавқеъҳое, ки муассисаҳо марказӣ шудаанд ва кӯдакон дар марказҳои нигоҳдорӣ дур аз оилаҳои худ ҷойгир карда мешаванд. Хешони наздик бояд падару модарон, васиёни қонунӣ ва одамони дигари дар ҳаёти кӯдак муҳимро дар бар гиранд. Бидуни кӯмак барои сафарҳо, ҳуқуқи тамос бо оила метавонад барои кӯдак моҳияти худро гум мекунад, зеро ки падару модарон дар аксар ҳолат барои ташриф овардан имкон надоранд. Иҷозат барои ба хона рафтан ва бо оилаи худ дидорбинӣ кардани кӯдакон пеш аз

---

[239]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стардартии ақалии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ба роҳ мондани адлияи ноболигон (Қоидаҳои Пекин),* ки бо Маҷмааи умумӣ тасдиқ шудаанд, 29 ноябри 1985, (A/RES/40/33), Қоидаҳои 17.1(b) ва (c).

[240]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳифзи ноболигони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гавана), ки бо Маҷмааи умумӣ тасдиқ шудаанд, 14 декабри соли 1990, (A/RES/45/113), Қоидаи 2.

[241]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, СММ, Қайдҳои умумии № 10, CRC/C/GC/10, 25 апрели соли 2007, банди.87; инчунин нигаред ба Тавсияномаи 11 (CM/Rec (2008)11) - и Кумитаи Вазирони давлатҳои аъзоёни Қоидаҳои аврупоии ҷинояткорони ноболиғ, ки нисбати онҳо ҷазоҳо чораҳо бояд дида шаванд, қабулшуда бо Кумитаи Вазирон дар 5 ноябри соли 2008 дар вохӯрии 1040-и Муовинҳои Вазирон, банди. 55.

озодкунии онҳо бояд барои онҳо ва оилаҳои онҳо як қисми таркибии омодасозиҳо барои тарк кардани муассиса бошад.[242]

**Моддаи 56. Ҳукмҳои манъ кардашуда**

(1) Дар Моддаи 37(а)-и КҲК, истифодаи ҷазодиҳии ҳукми қатл[243] ва якумра аз озодӣ маҳрум кардан барои кӯдакон бе имконияти озодшавӣ ҳамчун истифодаи муомила ё ҷазодиҳии сангдилона, бераҳмона ё таҳқиромез ҳисобида мешавад.[244] Моддаи 6(5) ICCPR инчунин истифодаи ҳукми қатлро барои ҷиноятҳое, ки бо одамони синну солашон аз 18 сола поён иҷро шудаанд, манъ мекунад. Кумитаи КҲК, дар Қайдҳои умумии №10, параграфи 75, муайян мекунад, ки "меъёри равшан ва ҳалкунанда – ин синну сол дар вақти иҷрои ҳуқуқвайронкунӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки ҳукми қатл наметавонад ба ҷинояте, ки бо шахси синну солаш аз 18 поён иҷро шудааст, новобаста аз синну соли вай ҳангоми раванди судӣ, ҳукмбарорӣ ё иҷрои ҷазо, татбиқ карда шавад." Татбиқ кардани ҳукми қатл инчунин ҳуқуқ ба ҳаётро мувофиқи Моддаи 6-и КҲК, Моддаи 2-и КАҲИ, Моддаи 6(1)-и ПБҲГС, Моддаи 4(1)-и КАҲИ (Африқоӣ), Моддаи 5(1)-и Низомномаи Арабӣ, Моддаи 4-и Низомномаи Банҷул ва Моддаи 3-и ЭУҲБ вайрон мекунад.

(2) Моддаи 37(а)-и КҲК ба таври саҳеҳ зикр мекунад, ки "ягон кӯдак набояд ба шиканҷа ё муомила ё ҷазодиҳии дигари ғайриинсонӣ,

---

[242] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳифзи ноболигони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гавана), ки бо Маҷмааи умумӣ тасдиқ шудаанд, 14 декабри соли 1990, (A/RES/45/113), Қоидаи 59.

[243] Қоидаи қатъии байналмилалӣ, ки ҳукми қатлро манъ мекунад, Қарордоди ихтиёрии 2-и ПБҲСШ, Қарордоди №6-и КАҲИ ва Қарордоди А-53-и КАҲИ.

[244] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стардартии ақалии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ба роҳ мондани адлияи ноболигон (Қоидаҳои Пекин),* ки бо Маҷмааи умумӣ тасдиқ шудаанд, 29 ноябри 1985, (A/RES/40/33), Қоидаи 17.2 инчунин қайд мекунад, ки ҳукми қатл набояд ба ягон ҷинояти бо кӯдакон содиршуда бароварда шавад; инчунин нигаред ба GA Res. A/RES/67/166, Ҳуқуқҳои инсон дар идоракунии адолат, 20 декабри соли 2012, оп. банди. 18, ки дар он гуфта шудааст: "Давлатҳо бояд мутмаин шаванд, ки дар қонунгузорӣ ва амалияи онҳо барои ҷиноятҳое, ки бо шахсони синну солашон аз 18 пасттар содир шудаанд, на ҳукми қатл ва на ҳабси абадӣ бе имконияти озодшавӣ (...) бояд бароварда нашавад". Қатъномаии КҲК 7/29, *Ҳуқуқҳои кӯдак,* 28 марти соли 2008, оп. банди. 30 (а) ва Қатъномаи Маҷмаи Умами 63/241, *Ҳуқуқҳои кӯдак*, 13 марти соли 2009, оп банди. 43 (а) инчунин оиди барҳам додани ҳукми қатл ва ҳабси абадӣ бе имконияти озодшавӣ даъват мекунанд. Илова бар ин, Қатъномаии КҲК 10/2, Ҳуқуқҳои инсон дар идоракунии адолат, хусусан адлияи ноболиғон, 24 марти соли 2009, оп банди. 11 изҳор мекунад, ки "Давлатҳо бояд мутмаин шаванд, ки дар қонунгузорӣ ва амалияи онҳо барои ҷиноятҳое, ки бо шахсони синну солашон аз 18 пасттар содир шудаанд, на ҳукми қатл ва на ҳабси абадӣ бе имконияти озодшавӣ бояд бароварда нашавад". Дар ин маврид, инчунин нигаред ба қарорҳои *Graham v. Florida*, 130 S. Ct. 2011, 2018, 2030 (2011) ва *Sullivan v. Florida*, *130 S. Ct. 2059 (2010),* ки дар он ҷо гуфта шудааст, ки ҳукми ҳабси абадӣ бе озодкунии шартии пеш аз мӯҳлат барои ҷиноятҳои ғайриодамкуш, ки бо шахсони синну солашон аз 18 поён содир шудаанд, ҳамчун қонуншикании конститутсионалӣ ҳисоб мегардад, дар: Гузориши муштараки Идораи Комиссари олӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон, Идораи Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ ва Намояндаи Махсуси Котиби генералии зулм бар зидди кӯдакон дар пешгирӣ ва ҷавобдиҳӣ ба зулм бар зидди кӯдакон дар доираи системаи адлияи ноболиғон, 27 июни соли 2012, (A/HRC/21/25), банди. 60.

бераҳмона ё таҳқиромез супорида шавад,”[245], ва Моддаи 2(1)-и Конвенсия бар зидди шиканҷа ва муомила ё ҷазодиҳии дигари ғайриинсонӣ, бераҳмона ё таҳқиромез (КЗШ), аҳд мекунад, ки “ҳар Давлати аъзо бояд барои пешгирӣ кардан аз амалҳои шиканҷа дар ҳудудҳои қаламрави худ чораҳои самарбахши қонунбарор, маъмурӣ, қонунӣ ё дигарро бинад.”[246] Инчунин, мувофиқи Моддаи 7-и ПБҲГС, “ба ягон шахс муомила ё ҷазодиҳии ғайриинсонӣ, бераҳмона ё таҳқиромез набояд таъин карда шавад”. Банди и 2-и Қайдҳои Умумии №20-и Кумитаи Ҳуқуқҳои Инсон[247] зикр мекунад, ки мақсади Моддаи 7 “аз муҳофизати ҳам қадру қимат ва яклухтии ҷисмонӣ ва зеҳнии шахсият иборат аст”. Мувофиқи Кумитаи Ҳуқуқҳои Инсон, “матни Моддаи 7 ягон нодида гирифтанро иҷозат намедиҳад.” Инчунин, дар параграфи 3 Кумита аз нав тасдиқ менамояд, ки “ҳатто дар ҳолатҳои ногаҳонии иҷтимоӣ (...) ягон нодидагирӣ аз шартҳои Моддаи 7 иҷозат дода намешавад, ва шартҳои он бояд амал намоянд.” Суди Аврупоии Ҳуқуқҳои Инсон нисбати ин масъала тасдиқ кард, ки новобаста аз табиати ношоями рафтори шахси баррасишаванда, кафолатҳои Моддаи 3 татбиқ мешаванд.[248]

(3) Ҳангоме  ки ягон шарти мушаххасе, ки ҷазои ҷисмониро ҳамчун баробар ба ҷазодиҳии бераҳмона ё таҳқиромез муайян мекунад, дар КҲК мавҷуд нест, Кумитаи КҲК дар Қайдҳои умумии №10, зикр мекунад: “Кумита аз нав такрор мекунад, ки ҷазодиҳии ҷисмонӣ ҳамчун ҷазо вайронкунии (...) Моддаи 37 мебошад, ки ин модда ҳамаи намудҳои муомила ё ҷазодиҳии ғайриинсонӣ, бераҳмона ё таҳқиромезро манъ мекунад.”[249] Кумитаи КҲК зикр кардааст, ки истифодаи ягон шакли ҷазодиҳии ҷисмонӣ ҳамчун ҳукм ба Моддаи 37 КҲК мухолиф мегардад, ва бояд дар Давлатҳо ба таври ҷиддӣ манъ карда шавад.

(4) Ин шарт ба назар мегирад, ки амалияи ба кӯдакон баровардани ҳукм ба меҳнати иҷборӣ дар Давлатҳои мушаххас истифода мешавад. Лекин, бояд қайд карда шавад, ки Маҷмааи умумии СММ, инчунин Шӯрои Ҳуқуқҳои Инсон “аз Давлатҳо талаб кардаанд, , ки ба ягон кӯдак меҳнати иҷборӣ ҳамчун ҳукм таъин карда нашавад (...)”.[250]

---

[245]Инчунин нигаред ба Қатъномаии КҲК 7/29, Ҳуқуқҳои кӯдак, 28 марти соли 2008, оп. банди. 32; Қатъномаии Маҷмааи умумӣ  63/241, Ҳуқуқҳои кӯдак, 13 марти соли 2009, оп. банди. 46.

[246]Нигаред ба Моддаи 5-и ЭУҲБ, Моддаи 7-и ПБҲГС, Моддаи 3-и КАҲИ, Моддаи 5-и Низомномаи Банҷул, Моддаи 16-и ҚАҲНК ва Моддаи 13-и Низомномаи Арабӣ.

[247]Кумитаи Ҳуқуқҳои Инсони СММ, Қайдҳои умумии № 20: Моддаи 7 (Манъкунии шиканҷа ва муомила ё ҷазодиҳии дигари ғайриинсонӣ, бераҳмона ё таҳқиромез), 10 марти соли 1992.

[248]Қазовати КАҲИ, (Замимаи № 30240/96), банди. 47.

[249]Қайдҳои умумии № 10, Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, *Ҳуқуқҳои кӯдакон дар адолати судӣ нисбати ноболигон*, 25 апрели соли 2007 (CRC/C/GC/10), банди. 71. Инчунин, Қатъномаи КҲК 7/29, Ҳуқуқҳои кӯдак, 28 марти соли 2008, оп. банди. 32 “аз ҳамаи Давлатҳо *металабад*, ки (...) таъмин кунанд, ки (...) ба ягон кӯдаки нигоҳдоришуда ҳукми ҷазои ҷисмонӣ бароварда нашавад”.

[250]Қатъномаи Маҷмааи умумӣ  63/241, *Ҳуқуқҳои кӯдак*, 13 марти соли 2009, оп. банди. 46; Қатъномаи КҲК 7/29, *Ҳуқуқҳои кӯдак*, 28 марти соли 2008, оп. банди. 32.

**Моддаи 57. Доғи судӣ**

(1) Ҳуқуқи кӯдакро ба махфият ва муҳофизати иттилоот дар хотир нигоҳ дошта, инчунин бо мақсади офиятбахшӣ ва ҳамгироии пурра, Қоидаи 21.1-и Пекин нисбати сабти ҷинояти кӯдак махфияти ҷиддиро пешбинӣ менамояд, то ин ки кӯдак тавонад ҳаёти болиғи худро бо қайди тозаи ҷиноятӣ оғоз диҳад.[251] Ба тарафҳои сеюм, ба монанди корфармоёни оянда, ё мақомоти дигар, ки кӯдак билохир бо онҳо муносибат мекунад, барои фаҳмидани мавҷудияти чунин сабтҳо набояд иҷозат дода шавад.

(2) Вақте ки шахс ҳуқуқвайронкунии ҷиноятиро баъд аз ноил шудан ба синну соли 18 содир мекунад, на полис, на прокурори ҷалбшуда ва на суди салоҳиятдор ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятии сабтшударо, ки ҳангоми кӯдак будани он шахс содир карда шудаанд, наметавонад истифода кунанд. Ин мутобиқи Қоидаи 21.2-и Пекин мебошад.

## БОБИ 6:
## КӮДАКОН ЗЕРИ ҲУКМИ МАҲРУМ КАРДАН АЗ ОЗОДӢ

**Моддаи 58. Ҳадафи ҳабс кардан [маҳрум кардан аз озодӣ]**

Муқаррот оид ба ҳадафи ҳабс кардан стандартҳои байналмилалиеро ифода мекунад, ки мувофиқи онҳо ҳадафи асосии ҳамаи чораҳое, ки нисбат ба кӯдаки бо қонун дар мухолифатбуда андешида мешаванд, инчунин ҳукми маҳрум кардан аз озодӣ, бояд на ҷазодиҳӣ ва ҳифзи ҷомеа, балки офиятбахшӣ ва ҳамгироии кӯдак бошад.[252] Стандартҳои байналмилалӣ бархурди ҳамаҷонибаеро оид ба офиятбахшӣ ва ҳамгироӣ пешбарӣ мекунанд, ки ҳам ба ниёзҳои амалӣ (моддӣ) ва ҳам ниёзҳои маънавии (эҳсосотии) кӯдак ҷавобгӯ мебошад.

Бо дарназардошати қоидаи 12-и Қоидаҳои Гаванна, ки мувофиқи он "ба кӯдакони дар муассиса ҷойгир кардашуда манфиати фаъолиятҳо ва барномаҳои мақсадноке, ки ба ҳифз ва нигоҳдошти саломатӣ ва баланд бардоштани ҳисси худэҳтиромии кӯдакон, баланд бардоштани ҳисси масъулиятнокии онҳо ва тарбияи хислату малакаҳое, ки барои такмили истеъдоду иқтидори онҳо ҳамчун аъзои ҷомеа мусоидат мерасонанд, равона гардидаанд, бояд кафолат дода шавад", роҳбарияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бояд ҷомеа, ҷамъиятҳои маҳаллӣ ва ташкилотҳои ҷамъяиятие (СҒД), ки метавонанд ба офиятбахшӣ ва ҳамгироии кӯдаконе,

---

[251]Дар ин маврид инчунин нигаред ба CM (2003)20 Кумитаи Вазирони давлатҳои аъзо оид ба роҳҳои нави муносибат бо ҷинояткории ноболиғон ва нақши адолати судӣ нисбати ноболиғон, ки бо Кумитаи Вазирон дар 24 сентябри соли 2003 ҳангоми вохӯрии 853-и Муовинони Вазирон қабул шудааст, банди. 12.

[252]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стардартии ақалии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ба роҳ мондани адлияи ноболиғон (Қоидаҳои Пекин),* ки бо Маҷмааи умумӣ тасдиқ шудаанд, 29 ноябри 1985, (A/RES/40/33), Қоидаи 26: "Ҳадафи таълим ва муомила бо ноболиғони дар муассисаҳо ҷойгиркардашуда аз таъмини парасторӣ, муҳофизат, маҳорати таълимӣ ва касбӣ, ҳамзамон бо мададрасонӣ дар ба зиммаи худ гирифтани нақшҳои иҷтимоии созанда ва самарбахш дар ҷомеа иборат аст."

ки ҳукми айбдокунӣ бо маҳрум кардан аз озодиро (ҳукми ҳабсро) иҷро мекунанд, саҳм гузоранд, ҷалб намояд.

**Моддаи 59. Принсипҳои ҳабс кардан [маҳрум кардан аз озодӣ]**

(а) Моддаи 37(с) КҲК талаб мекунад, ки "ба ҳар як кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда бояд бо ҳиссӣ инсондӯстӣ ва эҳтироми шаъну шарафи инсонӣ муносибат карда шавад"[253] Инчунин, Қоидаи 12-и Қоидаҳои Гавана муқаррар мекунад, ки "маҳрум кардан аз озодӣ бояд дар шарту ва шароите иҷро шавад, ки ҳуқуқҳои инсонии ноболиғон эҳтиром гарданд". Бо дарназардошти ин муқаррарот ва он, ки муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун нишондиҳандаи (ифодагарӣ) сатҳи татбиқӣ қонун пазируфта мешаванд, ҳуқуқи байналмилалӣ давлатҳоро вазифадор мекунад, ки эҳтироми шаъну шарафи инсонии кӯдаки ҳабсшударо ҳам ҳангоми муносибат бо ӯ ва ҳам дар бобати шароитҳои нигоҳдории ӯ дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таъмин намоянд.[254]

(б) Моддаи 19-и КҲК Давлатҳои аъзоро вазифадор менамояд, ки тамоми тадбирҳои зарурии қонунгузорӣ, маъмурӣ, иҷтимоӣ ва маърифатиро барои ҳифзи кӯдакон аз тамоми шаклҳои зуроварии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, таҳқир, набудани ғамхорӣ ё муносибати беэътиноёна муносибати дағалона ё суиистифода, аз ҷумла суиистифодаи шаҳвонӣ аз ҷониби падару модар васии қонунӣ ё ҳар шахси дигаре, ки ғамхории кӯдак ба души ӯ мебошад, андешанд. Инчунин муҳим аст, ки ба муҳофизати кӯдакон дар муассисаҳои нигоҳдории кӯдакона аввалияти баланд дода шавад, зеро ки кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда хусусан ба муомилаи сахт ва дашном таъсирпазир мебошанд.[255] Дар ин хусус, тавсия дода мешавад, ки миқдори кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда дар муассисаи нигоҳдорӣ бояд ба дараҷаи кофӣ хурд бошад, то ин ки парастории шахсӣ имконпазир гардад.[256] Сиёсати равшани муҳофизати кӯдак ва дастурҳое, ки хабардор будани кӯдакон ва ҳайати коргарони муассисаро таъмин мекунанд, хавфро

---

[253]Инчунин нигаред ба Моддаи 10(1)-и ПБҲГС. Суди Байниамрикоии Ҳуқуқҳои Инсон инро дар ҳодисаҳои гуногун таъкид кардааст: Суди Байниамрикоии Ҳуқуқҳои Инсон, Қазовати 18 сентябр, (Ser. C) № 100 (2003), банди. 126; Қазовати 3 декабр, (Ser. C) № 88 (2001), банди. 87; Қазовати 16 август, (Ser. C) № 68 (2000), банди. 78; Қазовати 30 май, (Ser. C) № 52 (1999), банди. 105. Суд Давлатро ҳамчун "кафили" ҳуқуқҳои аз озодӣ маҳрумшудагон меҳисобад: Суди Байниамрикоии Ҳуқуқҳои Инсон, Қазовати 18 сентябр, (Ser. C) № 100 (2003), банди. 126.

[254]Дар ин хусус нигаред ба Комиссияи Байниамрикоии Ҳуқуқҳои Инсон, Гузориш оид ба Ҳуқуқҳои Инсони шахсҳои аз озодӣ маҳрумшуда дар Амрико, Тавсияҳо, банди.259-265.

[255]Нигаред ба Пинҳейро, П. С., *Гузориши ҷаҳонии зулм бар зидди кӯдакон,* 2006, Қисми 5: Дар муассисаҳои парасторӣ ва адолат, саҳифаи 191 "Зулм бар зидди кӯдакони дар муассисаи адолат ҷойгирбуда (...) назар ба зулм бар зидди кӯдаконе, ки ба муассисаҳо танҳо барои таъмини парасторӣ ҷойгиршуда мебошанд, бештар паҳншуда мебошад." Инчунин нигаред ба Гузориши муштараки Идораи Комиссари олӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон, Идораи Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи мухаддир ва чинояткорӣ ва Намояндаи Махсуси Котиби генералии зулм бар зидди кӯдакон дар пешгирӣ ва ҷавобдиҳӣ ба зулм бар зидди кӯдакон дар доираи системаи адлияи ноболиғон, 27 июни соли 2012, (A/HRC/21/25).

[256]CM/Rec (2008)11-и Кумитаи Вазирони давлатҳои аъзоёни Қоидаҳои аврупоии ҷинояткорони ноболиғ, ки нисбати онҳо ҷазоҳо чораҳо бояд дида шаванд, қабулшуда бо Кумитаи Вазирон дар 5 ноябри соли 2008 дар вохӯрии 1040-и Муовинҳои Вазирон, банди. 53.4.

сабук мегардонанд ва ҳиссаи таҳқирро ихтисор мекунанд. Моддаи 37(c)-и КҲК зикр мекунад: "Ҳар як кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда бояд бо ҳиссӣ инсондӯстӣ ва эҳтироми шаъну шарафи инсонӣ ва ба тарзе, ки ниёзҳои шахсҳои ҳамсолро ба назар мегирад, муносибат карда шавад."[257] Чорчӯбаи байналмилалии адолати кӯдакон, ва хусусан Қоидаҳои Пекин ва Қоидаҳои Гавана, маҷмӯи хеле ботафсили стандартҳои онро пешниҳод мекунанд, ки ин муомила бояд чиро дар бар гирад. Қоидаҳои Пекин барои кӯдакони аз озодӣ маҳрумшудаи синну солашон аз 18 пасттар кафолатҳои аслиро таъин мекунад, ҳангоме ки Қоидаҳои Гавана, ки ба ҳамаи кӯдакони "бо фармони ягон мақоми қонунӣ, маъмурӣ ё иҷтимоии дигар дар муҳити ҳабси иҷтимоӣ ё шахсӣ мавҷудбуда, ки шахс нametавонад онро бо хоҳиши худ тарк кунад"[258], татбиқ мешаванд, муомиларо, ки кӯдакон бояд бо он таъмин карда шаванд бо шароитҳои нигоҳдории кӯдакон тафсил медиҳад. Стандартҳо "бо назардошти мухолифати таъсирҳои ҳалокатовари ҳамаи намудҳои нигоҳдорӣ ва ба парастории ҳамгироӣ дар ҷомеа"[259] инкишоф дода шудаанд, ва бо Қоидаҳои Пекин устувор карда шудаанд.[260] Яке аз масъалаҳои асосии нисбати кӯдакони аз озодӣ маҳрумшударо ҳал карда истода, Қоидаҳои Гавана ба тaври равшан қарор мекунанд, ки истифодаи зӯрӣ ва методҳои маҳдудиятҳо сабаби таҳқир ва таназзул мебошад, ва барои ҳамин бояд танҳо ҳангоми муддати кӯтоҳтарини имконпазири вақт истифода шавад.[261] Илова бар ин Қоидаҳои Гавана талаб мекунанд, ки Мудири маъмурият бояд истифодаи зӯрӣ ва маҳдудиятҳоро ба тартиб дарорад,[262] ҳангоме ки КҲК дар Қайдҳои умумии № 10 тавсия медиҳад, ки истифодаи зӯрӣ ва маҳдудиятҳо бояд дар зери назорати бевосита ва мукаммали мутахассиси тиббӣ ва/ё психилогӣ бошад."[263]

---

[257]Қоидаи 28-и Қоидаҳои Гавана, Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳифзи ноболигони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гавана), ки бо Маҷмааи умумӣ тасдиқ шудаанд, 14 декабри соли 1990, (A/RES/45/113), зикр мекунад, ки "маҳрум кардан аз озодии ноболиғон бояд танҳо дар шароитҳое ба вуҷуд ояд, ки ниёзҳои мушаххаси онҳо, вазъият ва талаботҳои мушаххас мувофиқи синну сол, шахсият, ҷинс ва намуди ҳуқуқвайронкунӣ, инчунин саломатии зеҳнӣ ва физикиро пурра ба назар мегиранд, ва муҳофизати онҳоро аз таъсирҳои ҳалокатовар ва ҳолатҳои хатарнок таъмин медиҳанд."

[258]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳифзи ноболигони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гавана), ки бо Маҷмааи умумӣ тасдиқ шудаанд, 14 декабри соли 1990, (A/RES/45/113), Қоидаи 11(b).

[259]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳифзи ноболигони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гавана), ки бо Маҷмааи умумӣ тасдиқ шудаанд, 14 декабри соли 1990, (A/RES/45/113), Қоидаи 3.

[260]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стардартии ақалии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ба роҳ мондани адлияи ноболигон* (Қоидаҳои Пекин), ки бо Маҷмааи умумӣ тасдиқ шудаанд, 29 ноябри 1985, (A/RES/40/33), Қоидаи 27.2: "Бояд кӯшишҳое андешида шаванд, ки усулҳои дахлдори дар Қоидаҳои стандартии ақалӣ дар бораи муомила бо маҳбусҳо ба қадри имкон пурра ба амал оварда шаванд, то ин ки ниёзҳои гуногуни ноболиғон нисбат ба синну сол, ҷинс ва шахсияти онҳо қонеъ гардонида шаванд".

[261]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳифзи ноболигони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гавана), ки бо Маҷмааи умумӣ тасдиқ шудаанд, 14 декабри соли 1990, (A/RES/45/113), Қоидаи 64.

[262]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳифзи ноболигони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гавана), ки бо Маҷмааи умумӣ тасдиқ шудаанд, 14 декабри соли 1990, (A/RES/45/113), Қоидаи 64.

[263]Қайдҳои умумии № 10, Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, *Ҳуқуқҳои кӯдакон дар адолати судӣ нисбати ноболигон*, 25 апрели соли 2007 (CRC/C/GC/10), банди. 89.

(в) Моддаи 2-и КҲК пешбинӣ менамояд, ки давлатҳо бояд ҳуқуқҳоеро, ки дар Конвенсия дарҷ гардидаанд, бидуни ҳеҷ табъиз ва бо такя бар мақомҳои онҳо эҳтиром ва таъмин кунанд. Ҳамзамон, Конвенсия иҷозат медиҳад, то маҳдудкунии шумораи хурди ҳуқуқҳоро (масалан, ҳуқуқ ба озодии ассотсиатсия (моддаи 15-и КҲК)), агар чунин маҳдудкуниҳо мутобиқи қонун бошанд ё талаботи қонун бошанд ва ба манфиати бехатарии ҷамъият, тартиби ҷамъиятӣ ҳифзи тандурустии омма ё одобу ахлоқ ё ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон бошанд.

(г) Моддаи 37 (b)-и КҲК талаб мекунад, то маҳдудкунии озодӣ барои кӯтоҳтарин муҳлати дахлдор сурат гирад ва Қоидаҳои Пекин озодкунии шартиро дар фурсати наздиктарин ташвиқ мекунад. Дар Шарҳи Қоидаи 28.1-и Қоидаҳои Пекин омадааст: "Дар сурати ба даст омадани исботи вуҷуд доштани пешравӣ дар офиятбахшӣ ҳатто ҷиноятководе, ки ҳангоми баровардани ҳукм хатарнок ҳисобида мешуданд, метавонанд дар сурати қобили қабул будан шартан озод карда шаванд." Ба мақсади ба охир расонидани таҳсил ва омӯзиш кӯдакон набояд барои муҳлати дароз аз озодӣ маҳрум карда шаванд.

### Моддаи 60. Қабул гардидан ба ҷои маҳрумӣ аз озодӣ

(1) Кӯдак ба ҷои маҳрумӣ аз озодӣ танҳо бо қарори суд қабул карда мешавад. Ин банд ҳам ҳабси пешакиро тибқи моддаи 35 ва ҳам маҳрумият аз озодиро, ки кӯдак ба он маҳкум карда шудааст, дар назар дорад.

(2)(а) Ин зербанд Қоидаҳои 21-23-и Гаванаро, инчунин Тавсияҳои Шӯрои Аврупоро оид ба Қоидаҳои Аврупо барои ҷиноятководони ноболиғ, ки мавриди ҷазо ё чораҷӯӣ қарор мегиранд, дар бар мегирад.[264] Тибқи Тавсияи мазкур маълумоти зерин дар бораи кӯдак бояд ҳангоми қабули ӯ ба муассисаи ислоҳотӣ сабт карда шавад: "a. Маълумоти мушаххаскунанда дар бораи ноболиғ ва падару модар ё васии ӯ; b. асоси ҳукм ва мақоми ҳукмсодиркунанда; c. сана ва вақти қабул кардан; d. рӯйхати моликияти шахсии ноболиғ, ки бояд барои нигоҳдорӣ супорида шавад; e. захмҳо ё нишонаҳои чашмраси бемориҳои қаблӣ; f. маълумот ё иттилоот оид ба таҳсил ва эҳтиёҷоти қаблии ноболиғ; g. дар мутобиқат бо талаботҳои сирри тиббӣ, маълумот роҷеъ ба хатари расонидани зарар ба худ аз ҷониби ноболиғ ё вазъи саломатӣ, ки марбут аст ба вазъи ҷисмонӣ ва руҳии ноболиғ ё шахси дигар".

(2)(b) Ҳар як кӯдаке, ки ба маҳрумият аз озодӣ маҳкум мешавад, бояд қабл аз қабул шудан ба муассисаи ислоҳотӣ мавриди ташхиси ҳатмии тиббӣ қарор гирад,[265] аз ҷумла ташхиси вазъи руҳӣ ҷиҳати пешгирии

[264]Тавсияномаи 11-и (CM/Rec (2008)11) Кумитаи вазирони кишварҳои узви Қоидаҳои Аврупо барои ҷиноятководони ноболиғ,ки мариди ҷазо ё чораҷӯӣ қарор мегиранд, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон рӯзи 5 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми муовинони вазир қабул гардидааст, банди. 62.2.

[265]Қоидаи 50-и Қоидаҳои Гавана, Маҷмааи умумии СММ, Қоидаҳои СММ барои имояи ноболиғоне, ки аз озодӣ маҳрум шудаанд, (Қоидаҳои Гавана), ки аз ҷониби Ассамблеяи генералӣ 14 декабри соли 1990 (A/RES/45/113) қабул шудааст ва Тавсияномаи 11-и (CM/Rec (2008)11)-и Кумитаи вазирони кишварҳои узви Қоидаҳои Аврупо барои ҷиноятководони ноболиғ,ки мариди ҷазо ё чораҷӯӣ қарор мегиранд, ки аз ҷониби Кумитаи

худкушии эҳтимолӣ ё расонидани зарар ба худ.[266]Ташхиси тиббӣ бояд аз ҷониби духтур ё ҳамшираи шафқати расмӣ, ки бо кӯдак ҳамҷинс бошад, сурат гирад. Кӯдакони ҷинсияташон трансгендерӣ ҳуқуқ доранд, худашон ҷинсияти духтур ё ҳамшираи шафқатро интихоб кунанд. Натиҷаҳои ташхис бояд ба парвандаи шахсии кӯдак дӯхта шуда, сиррият нисбати онҳо бояд қатъиян риоя карда шавад. Дар асоси ҳисоботи умумии № 9-и Кумитаи Аврупо оид ба пешгирии шиканҷа ва дигар намуд муомила ё ҷазои ғайриинсонӣ ва таҳқиркунанда[267] суди панамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон тақозо мекунад, то "натиҷаҳои ҳама гуна ташхис, ки аз тибқи дархости мақомот гузаронида мешавад (...), бояд ба суд, маҳкумшуда, ҳимоятгари ӯ ва мақоме, ки нигоҳдорӣ бахри ислоҳот ё намояндагӣ ба уҳдаи он аст, ё ҷониби дигар дар мутобиқат бо қонун дода шаванд".[268] Сабт кардани вазъи саломатии кӯдак имкон медиҳад, то на танҳо хизматрасонии тиббии дахдлор дар тӯли маҳрумият аз озодӣ ба кӯдак расонида шавад, балки ҳамчунин далели эҳтимолӣ барои исботи хушунат бар зидди кӯдак, агар вазъи саломатии ӯ нохост ҳангоми дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ қарор доштанаш бад шавад, истифода гардад. Ҳамзамон, тибқи Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, ҳудудҳое вуҷуд доранд дар робита ба гузаронидани ташхиси қабл аз қабул. Дар як ҳолат Суд розӣ нашуд, то ташхиси умумии гинекологии маҳкумшудае, ки ҷинсияташ зан буд, гузаронида шавад ва он ҳам танҳо ба хотири пешгирии айбдоркунии беасос бар зидди корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, зеро чунин ташхис на ба манфиати маҳкумшуда буд ва на эҳтиёҷи тиббие барои гузаронидани он вуҷуд дошт.[269]

(2)(c) Бинобар он, ки баъзан кӯдакон наметавонанд қоидаҳои маъмулии будубош дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятиро хонанд ё шояд наметавонанд то ба сатҳи фаҳмиши зарурӣ низоми формалиро хонанд, давлат уҳдадор аст, то "фаҳмонад, ки чи рух медиҳад ба шахсе, ки дар маҳрумият аз озодӣ қарор дорад".[270] Ба ин мақсад тавсия дода мешавад, то ҳуҷҷати дастрас барои ҳамаи кӯдакон тартиб дода шавад, ки дар он

---

вазирон рӯзи 5 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми муовинони вазир қабул гардидааст, банди. 62.5.

[266]Нигаред ба Дастурамал оид ба маҳкумшудагони дорои эҳтиёҷоти махсус, Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ, силсилаи дастурамалҳо оид ба мурофиаи ҷиноӣ, (СММ: Ню Йорк, соли 2009), саҳ 28; инчунин нигаред ба Суди байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ҳукмномаи 18-уми сентябр, (силсилаи С) № 100 (соли 2003), банди. 131.

[267]Шӯрои Аврупо, Кумитаи Аврупо оид ба пешгирии шиканҷа ва дигар намуд муомила ё ҷазои ғайриинсонӣ ва таҳқиркунанда, Ҳисоботи умумии №9, CPT/Inf (99), 12], бандҳои 37-41.

[268] Суди байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ҳукмномаи 18-уми сентябр, (силсилаи С) № 100 (соли 2003), банди. 131.

[269]Қарори Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон ах 1 майи соли 2011 (замимаи 26269/06), банди.48: *"Par conséquent, la Cour ne peut être d'accord avec une pratique généralisée consistant à soumettre automatiquement des femmes détenues à un examen gynécologique, au seul motif que cet examen est nécessaire pour éviter que de fausses accusations de violences sexuelles ne soient portées contre les membres des forces de l'ordre. En effet, cette pratique ne tient aucunement compte des intérêts des femmes détenues et ne se réfère à aucune nécessité médicale (comparer Y.F., précité, § 43). A cet égard, il convient également de souligner que la requérante ne s'était jamais plainte d'un viol perpétré lors de sa garde à vue. Ses allégations de harcèlements sexuel ne pouvaient en aucun cas être réfutées par un examen d'hymen, dont l'objet est une indication sur la virginité de la personne."*

[270]Судибайниамрикоӣоидбаҳуқуқиинсон, ҳукми 18-уми сентябр, (силс. С) № 100 (2003), банди.26.

масъалаҳои ҳуқуқ ва масъулият, қоидаҳо ва тартиби будубош дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дарҷ гардида бошад. Дастрасӣ ба кӯмаки ҳуқуқӣ бояд фароҳам бошад. Инчунин ба иттилои кӯдаке, ки шаҳрванди хориҷӣ мебошад, бояд расонида шавад, ки ӯ ҳуқуқи истифода аз кӯмаки консулиро дорад.

(3) Бинобар он, ки мавқеи падару модар ва васии қонунӣ барои вазъи беҳдоштии кӯдак дар ҷараёни мурофиаҳои судӣ аҳамияти хоса дорад, бояд онҳо аз ҷониби суд ҳангоми қабули ҳукми маҳрум кардан аз озодӣ нисбати кӯдаки онҳо огоҳ карда шаванд. Огоҳӣ бояд дар шакли хаттӣ сурат гирад, то иттилоъ доштани падару модар оид ба ҳукми аз озодӣ маҳрум гардонидан нисбати кӯдаки худ таъмин гардад.

**Моддаи 61. Ҷудо кардан ба гуруҳҳо дар асоси синну сол, намуди ҷиноят ва аз шахсони болиғ**

(1) Стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Моддаи 37(c)-и КҲК, Моддаи 10(2)(b) ва (3)-и ПБҲГС, инчунин Қоидаҳои 13.4-и Пекин бараъло пешбинӣ мекунанд, ки кӯдакони ба маҳрумият аз озодӣ маҳкумшуда бояд аз калонсолон ҷудо карда шаванд.[271] Кумитаи КҲК дар Қайдҳои умумии №10 тавсия медиҳад, ки "ба истисно аз ҳолатҳое, ки ба манфиати худи кӯдак мебошанд", бояд хеле дақиқ тафсир карда шавад, яъне манфиати кӯдак маънои "ба манфиати осонии давлат"-ро надорад."[272] Ҳамзамон, истиснои мазкур уҳдадории давлат оид ба таъсиси муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятии алоҳида барои кӯдаконро, ки "кормандон ва сиёсату таҷрибаҳои махсус барои кӯдакон"-ро дошта бошанд, аз байн намебарад.[273] Сабаби ҷудо нигоҳ доштани кӯдакон аз калонсолон бараъло аз ҷониби Кумитаи КҲК қайд гардидааст, "далелҳои исботшудае вуҷуд доранд, ки нигоҳ доштани кӯдакон дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ё маҳкамаҳо барои калонсолон бехатарии умумӣ, вазъи беҳдоштӣ ва имкони дар оянда аз ҷиноят дур будану ҳамгироии кӯдаконро зери хатар қарор медиҳад".[274]

---

[271] Нигаред инчунин ба Маҷмааи умумии СММ, Қоидаҳои стандартии минималии СММ барои маъмурияти адлияи ноболиғон, (Қоидаҳои Пекин), ки аз ҷониби Ассамблеяи генералӣ 29 ноябри соли 1985, (A/RES/40/33), қабул карда шудааст, Қоидаи 13.4; Тавсияи 5-и Ҳисоботи муштараки Раёсати Комиссари олӣ оид ба ҳуқуқи инсон, Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноятҳорӣ ва Намояндагии махсуси Котиби генералӣ оид ба хушунат нисбати кӯдакон оид ба пешгирӣ ва аксуламал ба хушунат нисбати кӯдакон дар доираи низоми адлияи ноболиғон, 27 июни соли 2012, (A/КҲИ/21/25), банди. 80; Тавсияномаи 11-и (CM/Rec (2008)11) Кумитаи вазирони кишварҳои узви Қоидаҳои Аврупо барои ҷиноятҳорони ноболиғ,ки мариди ҷазо ё чораҷӯӣ қарор мегиранд, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон рӯзи 5 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми муовинони вазир қабул гардидааст, банди. 59.1.; Тавсияномаи 2-и (CM/Rec (2006)2) Кумитаи вазирони кишварҳи узви Қоидаҳои Аврупо барои маҳбусон, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон рӯзи 11 январи соли 2006 дар нишасти 952-уми муовинони вазир қабул шудааст, банди.35.4; Суди байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ҳукми 18 сентябри (силс.C) №100, банди 136.

[272]Кумитаоидбаҳуқуқикӯдак, Қайдҳоиумумии № 10. Ҳуқуқикӯдакондарнизомиювеналӣ, 25 апрелисоли 2007 (CRC/C/GC/10), банди. 85.

[273]Кумитаоидбаҳуқуқикӯдак, Қайдҳоиумумии № 10. Ҳуқуқикӯдакондарнизомиювеналӣ, 25 апрелисоли 2007 (CRC/C/GC/10), банди. 85.

[274] Кумитаоидбаҳуқуқикӯдак, Қайдҳоиумумии № 10. Ҳуқуқикӯдакондарнизомиювеналӣ, 25 апрелисоли 2007 (CRC/C/GC/10), банди. 85

Бинобар он, ки шумораи духтарони ҷинояткор кам аст, ҳуқуқи духтарон барои ҷудо будан аз занон дар бисёр ҳолатҳо поймол мешавад ва давлатҳо далел меоранд, ки аз лиҳози иқтисодӣ сохтмон ва нигоҳ доштани муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятии махсус барои духтарони ҷинояткор, ки шумораашон кам мебошад, ғайриимкон аст. Кумитаи КҲК чунин далелҳоро қабул намекунад ва тавсия медиҳад, ки ҳатто давлатҳое, ки сатҳи пасти ҷинояткорӣ миёни духтарони ноболиғ доранд, бояд вуҷуд доштани муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятии махсус барои духтарони ноболиғро ҷудо аз занҳо таъмин кунанд.[275] Дар баробари таъмини муассисаҳои дахлдор давлатҳо бояд мутмаин бошанд, ки кормандони чунин муассисаҳо омӯзиши махсус оид ба масъалаҳои ҳассоси гендерӣ ва хушунати гендериро гузаштаанд. Муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои духтарони ноболиғ бояд танҳо аз ҷониби кормандони ҷинсашон зан назорат карда шаванд. Ҳама гуна санадҳои дуюмдараҷа бояд Қоидаҳои СММ оид ба муносибат бо занҳои аз озодӣ маҳрумшуда ва чораҳои ғайримаҳбасӣ барои занҳои ҷинояткор (Қоидаҳои Бангкок)-ро ба назар гиранд.[276]

(2) Новобаста аз он, ки тибқи Моддаи 37(c)-и КҲК кӯдакон ва калонсолони аз озодӣ маҳрумбуда бояд ҷудо аз хамдигар нигоҳдорӣ шаванд, Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак бар онанд, ки ин маънои онро надорад, ки ҳангоми расидани синни кӯдак ба 18 ӯ бояд дарҳол ба таври автоматикӣ ба муассисаи ислоҳотӣ барои калонсолон гузаронида шавад. "Нигоҳдории ӯ дар муассиса барои ноболиғон метавонад давом дода шавад, агар ин иқдом бо манфиати ноболиғони дигари муассисаи номбурда мухолифат накунад".[277] Ин ба он мақсад аст, ки гузаштан ба муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои шахсони болиғ бо эҳтимоли зиёд маънои ба охир расидани низоми реинтегратсиониро дорад, ки бояд дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мавриди амал бошад ва хатари таъсири зараровар ва манфии маҳкумшудагони болиғро ба миён меоварад.

(3) Муҳим аст, ки қарор дар бораи гузаронидани маҳкумшудаи 18 сола бар асоси арзёбии эҳтиёҷоти шахс қабул карда шавад. Агар маҳкумшудагони 18 сола зиёда аз 3 соли дигари муҳлати маҳрумият аз озодӣ дошта бошанд, пас нигоҳдории онҳо дар муассисаи иҷрои ҷазои

[275] Нигаред ба Кумитаи КҲК, Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак: Ҳисоботи давлатӣ: Канада, 12 марти соли 2003, CRC/C/83/Add.6; Кумитаи КҲК, Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак: Ҳисоботи давлатӣ: Исландия, 15 марти соли 1995, CRC/C/11/Add.6;Кумитаи КҲК, Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак: Ҳисоботи давлатӣ: Зеландияи Нав, 12 октябри соли 1995, CRC/C/28/Add.3, Кумитаи КҲК, Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак: Ҳисоботи давлатӣ: Шоҳигарии муттаҳида, 15 марти соли 1994, CRC/C/11/Add.1;Кумитаи КҲК, Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак: Мушоҳидаҳои хулосавӣ, Канада, 27 октябри соли 2003, CRC/C/15/Add.215,Кумитаи КҲК, Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак: Мушоҳидаҳои хулосавӣ, Исландия, 13 феврали соли 1996, CRC/C/15/Add.50,Кумитаи КҲК, Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак: Мушоҳидаҳои хулосавӣ, Зеландияи Нав, 24 январи соли 1997, CRC/C/15/Add.71, ва Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак: Мушоҳидаҳои хулосавӣ, Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, 15 январи соли 1995, CRC/C/15/Add.34; дар ин робита нигаред ба, масалан, Лубнон, ки онҷо муассисаи хурди алоҳида барои духтарони ноболиғ бо муваффақият фаъолият дорад.

[276]Қоидаҳои СММ оид ба муносибат бо занҳои аз озодӣ маҳрумшуда ва чораҳои ғайримаҳбасӣ барои занҳои ҷинояткор (Қоидаҳои Банкок), 16 марти соли 2011, (A/RES/65/229).

[277] Кумитаоидбаҳуқуқикӯдак, Қайдҳоиумумии № 10. Ҳуқуқикӯдакондарнизомиювеналӣ, 25 апрелисоли 2007 (CRC/C/GC/10), банди. 86.

ҷиноятӣ, вақте ки онҳо бояд дар синни 21(25) ба муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои калонолон гузаронида шаванд, он қадар мувофиқи матлаб нест.

(4) Шахсони болиғи ҷавоне, ки дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ноболиғон нигоҳ дошта мешаванд, набояд ба сабаби синну сол ҳуқуқҳои камтар дошта бошанд ё мавриди низоми махсуси фарққунанда аз дигарон қарор гиранд.

(5) Ба мақсади ҳимояи кӯдакони дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ нигоҳдошташуда аз таъсири манфии шахсони болиғи ҷавони маҳкумшуда ба мақсад мувофиқ аст, ки маҳкумшудагон ҳангоми расидан ба синни 21(25) аз муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои кӯдакон ба ҷои дигар гузаронида шаванд. Алтернативаи дигар ҳамчун ҳалли ин масъала метавонад ҷудо кардани шахсони болиғи ҷавон аз кӯдакон дар худи муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва нигоҳдории алоҳидаи худи ӯ дар дохили муассиса бошад, зеро гузаронидани ӯ ба муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои калонсолон метавонад ба хушунат нисбати ӯ оварда расонад.

(6) Ҷиҳати пешгирии хушунат миёни кӯдакони маҳкумшуда давлат бояд мутмаин бошад, ки кӯдакон дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз рӯи синну сол ва агар имконият вуҷуд дошта бошад, аз рӯи ҷинояти содиркардашуда аз ҳамдигар ҷудо нигоҳ дошта шаванд.

### Модда 62. Ҳуқуқи духтарон ва кӯдакони эҳтиёҷоти махсусдошта

(1) Дар тамоми муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ духтарон бояд аз писарон ҷудо нигоҳ дошта шаванд[278] (255). Ин муқарарот ишора ба фарқиятҳои ҷинсии хушунат зидди кӯдакон мекунад, ки аз тарафи Маҷмааи умумии СММ дар Қатъномаи 6/241 оид ба ҳуқуқҳои кӯдак[279] ва даъвати Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон барои ҳалли ҷабҳаҳои хусусияти хоси гендерӣ дошта ва мушкилотҳои дахлдор ба духтарон дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ва ҷойҳои ҳабси пешакӣ), ки дар Қатъномаи 10/2[280] омадаст, талаб карда мешаванд. Илова бар ин, муқарарот мазмуни ҚСА-ро[281] ифода мекунад, ки инчунин барои занҳои маҳбус стандартҳои алоҳида муайян намудааст:

---

[278]Тавсияномаи 7 (85) – и гузориши муштараки Дафтари Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон, Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят ва Намояндаи махсуси Дабири кулл оид ба хушунат нисбат ба кӯдакон бахшида ба пешгирӣ ва коҳиш додани хушунат нисбати кӯдакон дар доираи низоми адлияи ноболиғон, 27 июни с. 2012, (A/HRC/21/25), банди 80; Тавсияномаи 11 (CM/Rec (2008)11) – и Кумитаи вазирон ба кишварҳои аъзо оид ба баррасии ҷинояткорӣ байни ноболиғон ва нақши адлияи ноболиғон, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 4 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми Муовинони вазирон қабул гардид. Банди муқ. 27 (к).

[279] Қатъномаи МУ 63/241, Ҳуқукҳои кӯдак, 13 марти 2009, банди муқ. 27 (k).

[280]Қарори 10/2 КҲИ СММ, *Ҳуқуқҳои инсон дар адолати судӣ, хусусан дар адолати судӣ нисбати ноболигон,* 24 марти 2009, банди муқ. 13.

[281]Тавсияномаи 2 (CM/Rec (2006)2) - и Кумитаи вазирони кишварҳои аъзои Қоидаиҳои маҳбас дар Аврупо, ки аз ҷониби Кумитаи Вазирон 11 январи соли 2009 дар нишасти 952-юми Муовинони вазирон қабул гардидааст, бандҳои 34.1-34.3.

1. Дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятие, ки ҳам барои занон ва ҳам мардон аст, он қисми муассисае, ки барои занон ҷудо гардидааст, зери роҳбарии корманди дахлдори ҷинси зане мешавад, ки калидҳои тамоми қисми ҷудошударо дар дасти худ нигоҳ медорад.
2. Ягон корманди ҷинси мард набояд дохили қисми барои занон ҷудошудаи шавад, агар ӯ аз ҷониби ягон корманди ҷинси зан ҳамроҳӣ карда нашавад.
3. Занони маҳбусшуда танҳо аз тарафи кормандони ҷинси зан нигоҳубин ва назорат карда мешаванд. Аммо, ин ба кормандони ҷинси мард, аз он ҷумла, табибон ва муаллимон, дар иҷро намудани фаъолияти касбиаашон дар муасиссаҳо ё қисмҳои муассисаҳо, ки барои занон ҷудо карда шудаанд, монеа эҷод намекунад[282] (259).

Бо назардошти эҳтиёҷоти махсуси гендерии духтарон, бо мақсади омӯзиш ва камолоти кӯдакон бояд инчуни имкониятҳо муҳайё гарданд, то бо вуҷуди ҷудогона нигоҳ доштани духтарон ва писарон, онҳо тавонанд бо роҳнамоии кормандони муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар фаъолиятҳои гуногуни манфиатбахш якҷоя ширкат варзанд.

(2) Духтарон нисбат ба писарон ниёзҳои ҷисмонӣ, равонӣ, ғизоӣ, иҷтимоӣ ва саломатии дигар доранд ва муносибат бо онҳо низ бояд аз муносибат бо писарон фарқ кунад.[283] Онҳо ҳамчунин ба хушунати ҷисмонӣ ва ҷинсӣ осебпазиртаранд ва диққати махсусро талаб мекунанд. Мувофиқи дарёфтҳои Гузоришгари махсуси СММ оид ба шиканҷа ва дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф дар соли 2008, хушунат нисбати духтарони аз озодӣ маҳрумшуда одатан “таҷовуз ба номус ва дигар намудҳои хушунати ҷинсӣ, ба монанди таҳдиди таҷовуз ба номус, даст задан, ‘санҷиши бикр’, баранҳа нигоҳ доштан, кофкукови маҷбурии бадан, таҳқир ва паст задани табиати ҷинсиро” дар бар мегиранд.[284] Стандартҳои байналмилалӣ, аз он ҷумла Қоидаҳои Бангкок низ, дар ин бобат чӣ қадар зараровар будани аз озодӣ маҳрум шудани духтаронро таъкид месозанд ва зарурат ба муносибати дигарро, бо назардошти

---

[282] Қоидаҳои станрдартии ақалӣ оид ба муносибат бо маҳбусон, Когреси аввалини Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирии ҷиноят ва муносибат ба ҷинояткорон, Женева, 22 август – 3 сентябри соли 1955: ҳисоботи Котиботи СММ (нашриёти Созмони Милали Муттаҳид, шумора барои фурӯш 1956 IV.4), қоидаи 53.

[283] Нигаред ба: Қоидаҳои Пекин 26.4; Қатъномаи МУ 65/229, МУ СММ, *Қоидаҳои Созмони Милали Мутаҳҳид оид ба маҳбусони ҷинси зан ва чораҳои айбдоркунӣ бе маҳрум соҳтан аз озодӣ барои занҳои ҷинояткор* (Қоидаҳои Банкок), 16 марти 2011, (A/RES/65/229), қоидаҳои 36 ва 39

[284] Гузориши Гузоришагри махсуси СММ оид ба шиканқа ва дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, Манфред Новак, *Ташвиқ ва ҳифзи ҳамаи ҳуқукҳои инсон, ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ва инчунин ҳуқуқ ба инкишоф,* A/HRC/7/3, 15 январи 2008, банди 34, иқтибос аз: Гузориши муштараки Дафтари Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон, Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят ва Намояндаи махсуси Дабири кулл оид ба хушунат нисбат ба кӯдакон бахшида ба пешгирӣ ва коҳиш додани хушунат нисбати кӯдакон дар доираи низоми адлияи ноболиғон, 27 июни с. 2012, (A/HRC/21/25), банди 46

он ки чораҳои дар чаҳорчубаи қонун “танҳо бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва вазъи махсуси зан, хусусан занҳои ҳомиладор ва модарони кӯдаки ширхур, кӯдакон ва ноболиғон андешида шуда, (...) таъбизомез дониста намешаванд”, эътироф мекунанд.[285]

Роҳбарияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ чораҳое меандешанд, ки ба ҳимоя шудани ниёзи духтарон ҷавобгӯ бошад. Инчунин, духтарон ҳуқуқи баробар ба имконияти таълим ва касбомӯзие, ки ба писарон пешниҳод гардидааст, доранд. Дастрасӣ ва хизматрасонӣ ба барномаҳои махсуси синну солӣ ва хусусиятҳои гендерӣ дошта ба монанди маслиҳатдиҳӣ оид ба истисмор ё хушунати ҷинсӣ бояд ба духтарон таъмин гардад. Онҳо инчунин оид ба ҳифзи саломатии занон маълумот мегиранд ва дастрасии мунтазам ба мутахассиси бемориҳои занона (гинеколог) ба монанди занони аз озодӣ маҳрумшуда пайдо мекунанд. Ба духтарони ҳомиладор, ба монанди занони ҳомиладори аз озоди маҳрумбуда, кӯмак ва ғамхории муносиби тиббӣ таъмин мегардад. Саломатии духтарон аз тарафи мутаххасисони тиббӣ назорат карда мешавад, ки дар давоми он хатар ба саломатии онҳо дар вақти ҳомиладорӣ, ки ба синну солашон вобастагӣ дорад, ба инобат гирифта мешавад. Мувофиқи меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалӣ, шахсони аз озодӣ маҳрумшуда, ки эҳтиёҷ ба мулоиҷаи касалиҳои руҳӣ доранд ва шахсони имконияти маҳдуд дошта ба ҳифзи махсус ниёз доранд[286]. Ба ғайр аз ин, бояд чораҳо баҳри ҳифзи эҳтиёҷоти кӯдакони ақалиятҳои миллӣ ва нажодӣ, ҳалқияҳои муқимӣ ва инчунин шахсони аз озодӣ маҳрумшудае, ки шаҳрвандии кишвари хориҷиро доранд, андешида шаванд.[287] . Азбаски ҳамҷинсгароён ва шахсони ба дигар гурӯҳҳои ҷинсии хос тааллуқдоштаи (LGBT) аз озодӣ маҳрумшуда нисбат ба хушунати ҷинсӣ дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бениҳоят осебпазиранд, таҳия ва қабули қоидаҳое, ки барои таъмин кардани талаботи махсуси чунин гурӯҳи одамон ҷавобгӯянд, таҳия ва татбиқи стратегияҳое, ки барои таъмин намудани такроран ҷабрдида нашудани онҳо дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мусоидат мекунанд, ва ҳамзамон барои талаботҳои махсуси онҳо барои ҳамгироӣ дар ҷомеа имконият медиҳанд, бениҳоят муҳим аст.[288]

---

[285]Маҷмааи умумии СММ, *Маҷмӯаи принсипҳои ҳифзи ҳамаи шахсони ба ҳабс ё маҳрум сохтан аз озодӣ гирифторшуда,* ки аз ҷониби Маҷмааи умумӣ 9 декабри соли 1988 (A/RES/43/173) қабул гардида аст, принсипи 5(2).

[286]*Дастурамал оид ба маҳбусон бо эҳтиёҷоти махсус,* Дафтари СММ оид ба маводи мухадир ва ҷиноят (ДСМММҶ), Силсилаи китобҳо оид ба адолати судии ҷиноятӣ, (СММ: Нью Йорк 2009), саҳ. 4.

[287]*Дастурамал оид ба маҳбусон бо эҳтиёҷоти махсус,* Дафтари СММ оид ба маводи мухадир ва ҷиноят (ДСМММҶ), Силсилаи китобҳо оид ба адолати судии ҷиноятӣ, (СММ: Нью Йорк 2009), саҳ. 4. Тавсияҳои мушаххас оид чӣ тавр муомила намудан ба шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ, ақалиятҳои миллӣ ва забонӣ ва инчунин кӯдакони имконияти маҳдуддошта ҳангоми аз озодӣ маҳрум шудани онҳо дар ҳуҷҷати зерин дарҷ гардидааст: Тавсияномаи 11 (CM/Rec (2008)11) – и Кумитаи вазирон ба кишварҳои аъзо оид ба баррасии ҷиноякорӣ байни ноболиғон ва нақши адлияи ноболиғон, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 4 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми Муовинони вазирон қабул гардид, бандҳои 104.1 – 107.2.

[288]*Дастурамал оид ба маҳбусон бо эҳтиёҷоти махсус,* Дафтари СММ оид ба маводи мухадир ва ҷиноят (ДСМММҶ), Силсилаи китобҳо оид ба адолати судии ҷиноятӣ, (СММ: Нью Йорк 2009), саҳ. 104

## Моддаи 63. Ҳуқуқ ба дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ

(1) Моддаи 24 –и КҲК ҳуқуқи кӯдаконро барои истифода намудани хизматҳои бештар такмилёфтаи системаи тандурустӣ ва воситаҳои табобати бемориҳо ва офиятбахшӣ муқаррар мекунад.[289] Худи ҳамин Модда давлатҳои аъзоро вазифадор месозад, ки онҳо ба маҳрум шудани ягон кӯдак аз ҳуқуқи худ ба дастрасӣ ба чунин хизматрасонии тиббӣ роҳ надиҳанд.[290] Ин муқарраротҳамчунин кӯдакони аз озоди маҳрумшударо дар бар мегирад[291]. Ҳам ҚСА[292] ва ҳам Қоидаҳои Гавана[293] стандартҳои мушаххас барои дастрасии кӯдакони дар муассисаҳои ичрои ҷазои ҷиноӣ қарор дошта ба муассисаҳои тиббӣ муқарррар мекунанд. Дар ин мавзӯъ, суди Аврупо оиди ҳуқуқи инсон таъкид месозад, ки давлатҳо "ӯҳдадоранд (...) саломатии шахсони аз озоди маҳрумшударо ҳифз намоянд (...)"[294]. Ин суд инчунин ишора мекунад, ки " дар мавриди дар Моддаи 2 муқаррар гардида ӯҳдадорӣ барои ҳифзи ҳаёти шахсони дар ҳабс буда ҳамзамон ӯҳдадории мақомоти давлатиро барои таъмин намудани онҳо бо ёрии тиббии лозима бо мақсади ҳифзи ҳаёти онҳо дар назар дорад (...). Аз ӯҳдаи таъмини ёрии тиббӣ набаромадан ба вайроншавии Конвенсия оварда мерасонад (...)"[295]. Кӯдакон ҳуқуқ ба дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ ва ёрӣ барои каласиҳои рӯҳӣ ва ба гирифтани ин хизматрасониҳо беҳтараш дар муассисаҳои ҷамъиятии дар маҳалли ҷойгирвашиии ҷои ичрои ҷазои ҷиноятӣ қарордошта, ки барои пешгирӣ намудани бадномкунии кӯдак, баланд бардоштани ҳисси худэҳтиромкунӣ ва хоҳиши ҳамгироӣ дар вуҷуди ӯ мусоидат мекунад, доранд. Аммо ҳар як муассиса бояд иқтидор барои таъмин намудани дастрасии фаврӣ ба муассисаҳо ва таҷҳизоти тиббӣ ва кормандоне, ки оид ба чӣ тавр дар ҳолатҳои фавқулъода амал кардан омӯзонида шудаанд, дошта бошад[296]. Қоидаи 26 –и Қоидаҳои Пекин муқаррар менамояд, ки кӯдакони аз озоди маҳрумшуда бояд ба ҳамаи намудҳои хизматрасонии рӯҳии зарурӣ дастрасӣ дошта бошанд.

---

[289] Қатъномаи 7/29, «Ҳуқуқҳои кӯдак», 28 марти соли 2008, банди муқ. 32 ва Дастури IV.A.6.21.c, *Дастури Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо оид ба муомилаи одилона ба кӯдакон ва меморандуми эзоҳотии он*, 17 ноябри 2010.

[290] Тавсияи CM/Rec (2008)11- и Кумитаи вазирони кишварҳои аъзо оид ба Қоидаҳои аврупоӣ оид ба ҷинояткорони ноболиғе, ки нисбат ба онхо ҷазо ва чораҳо метавонанд муқаррар гарданд, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 5 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми Муовинони вазирон қабул гардидааст, банди 69.1 – 82.4

[291] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стардартии ақалии Созмони Милили Муттаҳид бар бораи адолати судӣ нисбати ноболигон* (Қоидаҳои Пекин), ки 29 ноябри соли 1985 (A/RES/40/33) аз ҷониби Маҷмааи умумӣ қабул гардидааст. Қоидаи 26.2.

[292] Қоидаҳои стандартии ақалӣ оид ба муносибат бо маҳбусон, Конгресси аввалини Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирии ҷиноят ва муносибат ба ҷинояткорон, Женева, 22 август – 3 сентябри соли1955: ҳисоботи аз ҷониби Котибот (нашриёти Созмони Милали Муттаҳид, шумора барои фурӯш 1956 IV.4) омодашуда. Қоидаҳои 22-26; инчунин нагиред ба: Тавсияномаи 2 (CM/Rec (2006)2) - и Кумитаи вазирони кишварҳои аъзои Қоидаиҳои маҳбас дар Аврупо, ки аз ҷониби Кумитаи Вазирон 11 январи соли 2009 дар нишасти 952-юми Муовинони вазирон қабул гардидааст, бандҳои 39-48.2.

[293] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳадди ақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаҳои 49-55.

[294] Ҳукми САҲИ, (Муроҷиатномаи №. 45744/08), банди 60

[295] Ҳукми САҲИ, (Муроҷиатномаи №. 45744/08), банди 60

[296] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳадди ақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 51.

Дар тафсири ин қоида омадааст, ки “ёрии тиббӣ ва руҳӣ махсусан барои нашъамандон, ҷавонони ба хушанат моил ва дорои касалиҳо руҳӣе, ки дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ қарор доранд, бениҳоят муҳим мебошанд[297]. Қоидаҳои Гавана эътироф менамоянд, ки кӯдакон метавонанд касалиҳои руҳӣ дошта бошанд ва касалии онҳо аз сабаби маҳрум шудан аз озодӣ метавонад бадтар шавад. Ин Қоидаҳо муқаррар мекунанд, ки кӯдакони касалиҳои руҳӣ дошта бояд дар муассисаҳои махсуси тиббии мустақил муолиҷа гарданд[298]. Қоидаҳои Гаванна инчунин муқаррар менамоянд, ки “хизматрасониҳои тиббие, ки ба ноболиғон расонида мешаванд, бояд ҳар як (...) суистифода аз машруботи спиртӣ ё маводи мухаддир (...), ки барои ҳамгироии ноболиғон дар ҷомеа метавонад монеа гардад, муайян созанд ва муолиҷа кунанд”[299]. Мушаххасан “муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятии ноболиғон бояд барномаҳои махсус оид ба пешгирии суистифодаи маводи мухадир ва офиятбахшӣ қабул намояд, ки аз ҷониби кормандони боихтисос татбиқ гарданд. Ин гуна барномаҳо бояд мувофиқи синну сол, ҷинс ва дигар талаботҳо ва ниёзи ноболиғи дахлдор тартиб дода шаванд. Муассисаҳои дафъи маъсуният ва дигар хизматрасониҳо бояд кормандони боихтисоси худро дошта бошанд ва ҳамеша ба ноболицони мубталои машруботи спиртӣ ва маводи мухаддир дастрас гарданд.”[300]. Илова бар ин, Қоидаҳои Гаванна мушахассан муқаррар менамоянд, ки ҳар як кӯдак бояд аз ҳар ду намуди ёрии тиббӣ – ёрии тиббӣ бо мақсади пешгирӣ ва барои табобат таъмин гардад, аз он ҷумла, табобати дандон ва чашм[301]. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии дуюмдараҷа бояд хизматрасониҳои тиббиро барои касалиҳои руҳӣ ва равонӣ, ки дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятии кӯдакон таъмин гарданд, шумораи кормандон, ва چораҳое, ки барои таъмин кардани он, ки ин ёрии тиббӣ ба стандартҳои ёрии тиббӣ барои кӯдакон дар муассисаҳои ҷамъиятӣ мувофиқат мекунад, мушаххас намоянд.

(2) Дар мавриде, ки муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ имконияти кофӣ барои таъмин намудани ёрии тиббӣ ба кӯдак надошта бошад, кӯдак зери назорати кормандии тиббии соҳибдиплом ё беморхонаи муфовиқ берун аз муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ интиқол мегардад. Ин махсусан ҳолатҳои таъҷилӣ ва фавқулъода бениҳоят муҳим аст. Дар чунин ҳолатҳо кӯдак бояд ба беморхонаи наздиктарин интиқол гардад. Кӯдак набояд ягон

[297] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стардартии ақалии Созмони Милили Муттаҳид бар бораи адолати судӣ нисбати ноболиғон* (Қоидаҳои Пекин), ки 29 ноябри соли 1985 (A/RES/40/33) аз ҷониби Маҷмааи умумӣ қабул гардидааст. Қоидаи 26.
[298] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳадди ақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), Қоидаҳои 52 ва 53.
[299] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳадди ақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), Қоидаи 51
[300] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳадди ақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), Қоидаи 54
[301] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳадди ақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), Қоидаи 49

вақт ба муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятии шахсони болиғ барои гирифтани табобат бурда шавад.

(3) Бо тафовут аз муқаррарот оид ба кофтукови маҳрамона ва гирифтани намунаи маҳрамона, дар мавриди бемор шудани кӯдак дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ розигии ӯ бояд гирифта шавад. Умуман, тибқи қоидаи 55-и Қоидаҳои Гаванна кӯдак барои гирифтани табобат набояд маҷбур карда шавад. Мувофиқи ин қоида, "муолиҷаи (табобати) тиббӣ танҳо (...) баъд аз гирифтани розигии ноболиғ бояд таъин карда шавад". Суди Аврупоии ҳуқуқи инсон дар мавриди як парванда қарор қабул кардааст, маҷбуран зери муоинаи (ташхиси) занона (гинекологӣ) қарор додани духтари 16-сола дар ҷои ҳабси пешакӣ бидуни розигии васии қонунии ӯ ба поймолшавии Моддаи 3-и Конвенсияи Аврупоии ҳуқуқи инсон ва бо ин вайрон кардани тартиби манъи шиканҷа ва муносибат ё ҷазои ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф оварда расонид. [302]

(4-6) Танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ мумкин аст, ки таввасути волидон ва ё ҳукми судӣ раддияи кӯдак барои додани розигии худ барои муолиҷаи табибон инкор карда шавад. Ин дар мавриде ба вуқӯъ мепайвандад, ки агар вазъи саломатии кӯдак вазнин ё ҳатто ҳаёти ӯ дар хатар бошад ё ин, ки вазъи ӯ саломатии дигар маҳбусон ва кормандони муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятиро зери хатар гузорад. Дар ин бобат, Суди Аврупоии ҳуқуқи инсон дар мавриди як парванда, ки дар он ба маҳбус аз сабаби гуруснанишинии ихтиёрии ӯ маҷбуран ғизо ва маводи нейролептик дода шуда буд, муқаррар намудааст, ки ин амал поймолшавии Моддаи 3-и Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ҳисобида намешавад, чунки он ҳаёти ин шахсро наҷот додааст.[303]

(7) Ин банд муқарраротие, ки дар Моддаи 30 (3) ва (5)- и Қонуни намунавӣ омадааст бори дигар тасдиқ мекунад. Тафсири ин муқаррарот нисбат ба ин банд бо назардошти тағйиру иловаҳои вобаста ба вазъият (*mutatis mutandis*) амал мекунад.

(8) Давраи дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо сабаби ёрӣ ё муолиҷаи тиббӣ гирифтан набудани кӯдак ҳамчун қисми мӯҳлати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқи қонун ҳисобида мешавад ва сабаби дароз кардани мӯҳлати ҳабс намегардад.

(9) Муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бештари вақт макони хушунат мебошанд[304]. Сабабҳо ё омилҳои сабабшаванда ба ин шумораи аз меъёр зиёди маҳбусон дар муассиса ва кам будани шумораи кормандон мутаносубан кормандони соҳаи кор бо

[302] Ҳукми САҲИ, (Муроҷиатномаи №. 363369/06), банди 54.
[303] Ҳукми САҲИ, (Муроҷиатномаи №. 10533/83), банди 79.
[304] Нигаред ба мавзӯи I) – и Ҳисоботи муштараки Дафтари Комиссариати олӣ оид ба ҳуқуқи башар, Дафтари СММ оид ба маводи нашъаовар ва ҷинояткорӣ ва Намояндаи махсуси Котиби генералӣ оид ба зӯроварӣ дар нисбати кӯдакон дар бораи пешгирӣ ва вокунишҳо ба зӯроварӣ дар нисбати кӯдакон дар доираи системаи адолати судӣ, 27 июни соли 2012, (A/HRC/21/25).

кӯдакон мебошанд. Хушунат метавонад “аз тарафи кормандони муассиса, маҳбусони болиғ дар ҳолати аз онҳо ҷудо нигоҳ дошта нашудани кӯдакон, дигар маҳбусони ноболиғ ва ё ба тарзи расонидани хушунат ба худ (худ ба худ зарар овардан), ба вуқӯъ пайвандад”[305]. Барои чораи лозимӣ нисбат ба чунин хушунатҳо андешидан, муҳим аст, ки ҳамаи ҳолатҳои ҷой доштани хушунат - хушунати ҷисмонӣ, ё махсусан ҷинсӣ ҳуҷҷатгузорӣ карда шавад, то ки кӯдак, волидон ва васии қонунии ӯ тавонанд чораҳои қонунӣ барои ба ҷавобгарӣ кашидани иҷрокунандагони чунин амалҳо андешанд. Тамоми намуди ёрии ҳуқуқӣ дар ин маврид бояд ройгон бошанд[306].

(10) Мувофиқи қоидаи 19-и Қоидаҳои Гаванна “тамоми ҳисоботҳо, аз он ҷумла сабти маълумотҳои ҳуқуқӣ, маълумоти тиббӣ ва маълумот оид ба чораҳои интизомӣ ва тамоми ҳуҷҷатҳои дигари ба ҳуҷҷатгузории тиббии муқарраршуда дахлдор, мазмун ва мушаххасоти муолиҷа дар папкаи алоҳидаи махфӣ, ки бо маълумоти нав бо мурури пайдошавии он пурра карда мешавад, танҳо барои шахсони ваколатдор дастрас мегардад ва ҳуҷҷатҳо дар он чунон ба тартиб гузошта шаванд, ки аз тарафи хонанда ба осонӣ фаҳмида шавад, бояд ҷойгир карда шаванд”. Дар ҳолати интиқол ёфтани кӯдак аз як муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба дигар, ҳуҷҷатҳо бояд пурра ба муассисаи нав супорида шаванд. Ин муқаррарот инчунин дар ҳолати озод карда шудани кӯдак амал мекунад.

### Моддаи 64. Муҳити ҷисмонӣ, ҷои истиқомат ва хӯрок

(1) Моддаи 64 стандартҳои асосиро оид ба муҳити ҷисмонии муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ҷои хоб ва ғизо тибқи қоидаҳои 31-37-и Қоидаҳои Гаванна ва Тавсияномаи Шӯрои Аврупо оид ба Қоидаҳои аврупоӣ дар бораи ҷиноятгорони ноболиғе, ки мавриди ҷазо ва дигар чораҳо қарор мегиранд, муқаррар мекунад[307]. Кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда бояд ҳама вақт худро дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бехатар ҳис намоянд. Барои пешгирӣ кардани хушунат байни кӯдакон дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кӯдакон бояд шабона аслан дар ҷойҳои хоби алоҳида нигоҳ дошта шаванд. Назорати мунтазам ва бетакаллуф аз ҷониби кормандони ҷои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, махсусан шабона

---

[305] Нигаред ба мавзӯи I) – и Ҳисоботи муштараки Дафтари Комиссариати олӣ оид ба ҳуқуқи башар, Дафтари СММ оид ба маводи нашъаовар ва ҷинояткорӣ ва Намояндаи махсуси Котиби генералӣ оид ба зӯроварӣ дар нисбати кӯдакон дар бораи пешгирӣ ва вокунишҳо ба зӯроварӣ дар нисбати кӯдакон дар доираи системаи адолати судӣ, 27 июни соли 2012, (A/HRC/21/25).

[306] Нигаред ба - Маҷмааи умумии СММ, *Принсипҳо ва қоидаҳои СММ оид ба дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқи дар низоми адолати судии ҷиноятӣ,* 28 марти соли 2013 (A/67/187)

[307] Тавсияномаи 11 (CM/Rec (2008)11) – и Кумитаи вазирон ба кишварҳои аъзо оид ба баррасии ҷинояткорӣ байни ноболиғон ва нақши адлияи ноболиғон, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 4 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми Муовинони вазирон қабул гардид. Бандҳои 63.1 – 68.4

барои таъмин кардани бехатарии кӯдакон бениҳоят муҳим аст[308]. Дар ҳолати баманфиат дониста шудани ҷойгир намудани кӯдак дар як ҳуҷраи хоб бо нафари (нафарони) дигар, бо кӯдак машварат карда мешавад ва пурсида мешавад, ки кӯдак бо кӣ мехоҳад дар як ҳуҷра истиқомат кунад[309]. Кормандони муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бояд ҷойпӯшро мунтазам иваз намоянд. Инчунин, таваҷҷӯҳи ҷиддӣ бояд ба шароити иқлими давлати дахлдор зоҳир карда шавад. Зарфияти ҳаво, равшанӣ, гармдиҳӣ ва системаи асбобҳои ҳавотозакунӣ бояд мутобиқ ба боду ҳаво бошанд[310]. Иняунин системаи бонги сӯхтор бояд мавҷуд ва коршоям бошад[311]. Барои таъмин намудани ҳуқуқи кӯдак ба дахлнопазирии шахсӣ, ба ӯ бояд иҷозат дода шавад, то лавозимоти шахсии худро дар ҷойҳои алоҳидаи муносиб, ки бояд аз тарафи кормандони муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳамсолони ӯ эътироф ва эҳтиром карда шаванд, нигоҳ дорад.[312] Кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда бояд бо шароити муносиби санитарие, ки ба талаботҳои гендерии онҳо ҷавобгӯ аст, таъмин карда шаванд[313]. Онҳо бояд шароит барои тоза нигоҳ доштани бадани худ, беҳтараш имконияти ҳаррӯза истифода бурдан аз ҳамом дар ҳарорати мувофиқ ба иқлими маҳал, дошта бошанд. [314]

(2) Дар давраи дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ қарор доштан, ба кӯдакон бояд иҷозат дода шавад то либосҳои худро бипӯшанд[315](292). Дар ҳолате, ки кӯдак худ либоси кофӣ надошта бошад, муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бояд ӯро бо либоси муносиб бо назадошти иқлими давлати дахлдор таъмин намояд. Агар ба кӯдак барои тарк кардани ҷои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ иҷозат

---

[308] Тавсияномаи 11 (CM/Rec (2008)11) – и Кумитаи вазирон ба кишварҳои аъзо оид ба баррасии ҷинояткорӣ байни ноболиғон ва нақши адлияи ноболиғон, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 4 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми Муовинони вазирон қабул гардид. Бандҳои 64

[309] Тавсияномаи 11 (CM/Rec (2008)11) – и Кумитаи вазирон ба кишварҳои аъзо оид ба баррасии ҷинояткорӣ байни ноболиғон ва нақши адлияи ноболиғон, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 4 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми Муовинони вазирон қабул гардид. Бандҳои 63.2.

[310] Тавсияномаи 11 (CM/Rec (2008)11) – и Кумитаи вазирон ба кишварҳои аъзо оид ба баррасии ҷинояткорӣ байни ноболиғон ва нақши адлияи ноболиғон, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 4 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми Муовинони вазирон қабул гардид. Бандҳои 63.1.

[311] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳадди ақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), Қоидаи 32.

[312] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳадди ақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), Қоидаи 35.

[313] Қатъномаи КҲК № 7/29, «Ҳуқуқҳои кӯдак», 28 марти соли 2008, банди муқ. 32

[314] Тавсияномаи 11 (CM/Rec (2008)11) – и Кумитаи вазирон ба кишварҳои аъзо оид ба баррасии ҷинояткорӣ байни ноболиғон ва нақши адлияи ноболиғон, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 4 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми Муовинони вазирон қабул гардид. Бандҳои 65.3.

[315] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳадди ақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), Қоидаи 36. Тавсияномаи 11 (CM/Rec (2008)11) – и Кумитаи вазирон ба кишварҳои аъзо оид ба баррасии ҷинояткорӣ байни ноболиғон ва нақши адлияи ноболиғон, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 4 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми Муовинони вазирон қабул гардид. Банди 66.1.

дода шавад, бояд шароите таъмин гардад, ки кӯдак ҳамчун маҳбус муайян карда нашавад ва дар натиҷаи он бадном нагардад. Ин маънои онро дорад, ки давлатҳои аъзо бояд либоси муносибро ба кӯдак таъмин намоянд ва аз он амалҳое, ки ба муайян намудани кӯдак ҳамчун кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда мусоидат мекунанд, ба мисли номгузорӣ кардан, вашмкунӣ ва ё тоза тарошидани мӯи сар, худдорӣ намоянд, зеро ин амалҳо як намуди хушунат нисбати кӯдакон ҳисобида мешавад.

(3) Ғизо ва нӯшокии муносиб бояд барои ҳар як кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда таъмин карда шавад[316]. Дар ин маврид ба меъёрҳо ва талаботҳои фарҳангӣ ва динии онҳо ва инчунин парҳезҳое, ки бо сабабҳои муолиҷаи тиббӣ ва вазъи саломатӣ карда мешаванд, бояд таваҷҷӯҳ дода шавад. Тартиби додани ғизо, намудҳои ғизо, вақти додани ғизо ва шумораи он дар як рӯз, таркиби он дар асоси сатҳи ҳаддиақали фоиданокӣ (калорияи ҳаддиақали он) ва дигар мушаххасот бояд дар санадҳои қоннунгузории дуюмдараҷа муқаррар гарданд. Банди 68.2-и Тавсияномаи Шӯрои Аврупо оид ба Қоидаҳои аврупоӣ дар бораи ҷинояткорони ноболиғе, ки мавриди ҷазо ва дигар чораҳо қарор мегиранд, талаб мекунад, ки "ғизо бояд бо риояи талаботҳои беҳдошт (гигиенӣ) омода гардад ва се маротиба дар як рӯз бо фосилаи муносиб байни таомҳо пешкаш карда шавад".[317] Ҳамзамон банди 68.3 талаб менамояд, ки оби ошомидании тоза бояд дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳамавақт барои кӯдакон дастрас бошад.

**Моддаи 65. Таҳсилот ва омӯзиши касб**

**( 1 ва тариқи дигари (варианти) 1)**

Таъмини таълим ва омӯзиши касб барои баланд бардоштани имконниятҳои кӯдак дар зиндагӣ, роҳнамоӣ кардани кӯдак дар ҳамгироӣ ва барои паст кардани дараҷаи такроран содир кардани ҷиноят аз ҷониби ҳамон як кӯдак бениҳоят муҳиманд. Моддаи 28 –и КҲК ҳуқуқи кӯдакро ба таълим дар асоси таълими баробар барои ҳама, ифода мекунад[318]. Моддаи 2 –и КҲК инчунин давлатоҳро ӯҳдадор месозад, ки ҳамаи ҳуқуқҳои кӯдаки дар Конвенсия омадаро дар муносибат бо ҳар як кӯдаке, ки дар салоҳияти онҳо ҳаст бе ягон табъиз, эҳтиром намоянд. Чуноне ки

---

[316] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳадди ақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), Қоидаи 37. Инчунин нигаред ба Тавсияномаи 11 (CM/Rec (2008)11) – и Кумитаи вазирон ба кишварҳои аъзо оид ба баррасии ҷинояткорӣ байни ноболиғон ва нақши адлияи ноболиғон, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 4 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми Муовинони вазирон қабул гардид. Бандҳои 68.1 - 4.

[317] Тавсияномаи 11 (CM/Rec (2008)11) – и Кумитаи вазирон ба кишварҳои аъзо оид ба баррасии ҷинояткорӣ байни ноболиғон ва нақши адлияи ноболиғон, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 4 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми Муовинони вазирон қабул гардид. Банди 68.2.

[318]Нигаред ба Дастури IV.A.6.21.b, *Қоидаҳои Кумитаи Вазирони Шӯрои Аврупо оид ба адолати хайрхоҳона ба кӯдак ва эзоҳномаи он*, 17 ноябри соли 2010.

дида мешавад, ҳуқуқ ба таълим то ҳатто нисбат ба кӯдаконе, ки аз озодӣ маҳрум шудаанд амал мекунад ва КҲК талаб менамояд, ки онҳо бояд ба ҳамон намуд стандартҳои таълимӣ дастрасӣ дошта бошанд, ки дигар кӯдакон ба он дастрасӣ доранд. КҲК инчунин талаб менамояд, ки "ҳар як кӯдаки синну соли таҳсилоти ҳатмии мактабӣ ҳуқуқ ба таълиме дорад, ки ба ниёз ва қобилияти ӯ ҷавобгӯ аст ва ӯро барои бозгашт ба ҷомеа омода мекунад"[319].

Стандартҳои мушаххас барои таълим додани кӯдакон дар ҷои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ Қоидаҳои Гавана омадааст.[320]. Ин қоидаҳо талаб мекунанд, ки қонунҳои миллӣ бар мақомоти маориф, хусусан кӯдакони дар ҷойҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ қарор доштаро дар бар гиранд ва онро таъин кунанд, ки таълимоти пешниҳодшуда ба ниёзу қобилияти кӯдакон ҷавобгӯ буда, аз ҷониби устодони корозмуда гузаронида шавад.

(2) Қоидаҳои Гаванна мушаххас мекунанд, ки дастрасӣ ба таълим набояд ба синну соли таълимоти ҳатмии мактабӣ маҳдуд шавад[321] ва ҳуқуқи кӯдакро барои омӯзиши касб "дар соҳае, ки ӯро ба ҷои кори оянда омода месозад" муайян мекунад.[322] Бори дигар бояд таъкид намуд, ки ин ба кӯдакони синну соли таълимоти ҳатмии мактабӣ маҳдуд нашудааст.

(3) Давлатҳо бояд чораҳо барои ташкил намудани дарсҳо ва барномаҳое, ки ба кӯдакон малака ва касбҳои муносиб барои ёфтани ҷои кор дар оянда меомӯзонанд, андешанд, лекин имкониятҳои барои онҳо дастрас набояд танҳо ба соҳахое, ки дар оянда барои онҳо ҷои кор метавонанд пешниҳод кунанд, маҳдуд шавад. Моддаи 5-и КҲК қобилияти инкишофёбандаи кӯдаконро дар татбиқ намудани ҳуқуқҳои худ ва ҳуқуқи онҳо ба ибрози ақида оид ба ҳамаи қарорҳое, ки ба онҳо дахл доранд, эътироф мекунад. Кӯдакон бояд ҳуқуқ дошта бошанд то аз имкониятҳои таълим ва омӯзиши касб то ҳадди имкон интихоб кунанд.[323]

---

[319]Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, *Ҳуқуқҳои кӯдакон дар адолати ноболиғон*, 25 апрели 2007 (CRC/C/GC/10), банди 89. Ба ҳамин мазмун Тавсияномаи 2 (CM/Rec (2006)2) - и Кумитаи вазирони кишварҳои аъзои Қоидаиҳои маҳбас дар Аврупо, ки аз ҷониби Кумитаи Вазирон 11 январи соли 2009 дар нишасти 952-юми Муовинони вазирон қабул гардидааст, банди 35.2.

[320]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ (Res. 45/113), 14 декабри с. 1990, қоидаҳои 38-40; Дар ин бобат инчунин нигаред ба КҲИ, Қатъномаи 7/29, «Ҳуқуқҳои кӯдак», 28 марти соли 2008, банди муқ. 32; Тавсияномаи 11 (CM/Rec (2008)11) – и Кумитаи вазирон ба кишварҳои аъзо оид ба баррасии ҷинояткорӣ байни ноболиғон ва нақши адлияи ноболиғон, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 4 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми Муовинони вазирон қабул гардид. Банди 77 он «тартиботи фаъолити рӯзеро» пешниҳод мекунад, ки ба «таълим, рушди шахси ва ҷамъиятӣ, касбомӯзӣ, офиятбахшӣ ва омодагӣ ба озод шудан» равона шудааст.

[321]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳадди ақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 39.

[322]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 42.

[323]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 43.

(4) Кӯдаконе, ки дар ҷойҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ қарор доранд одатан дар таҳсилоти худ оқибмондаанд, ё ин, ки бесаводанд ва ё мушкилӣ дар омӯзиш доранд. Аз ин лиҳоз, бо мақсади расонидани кӯмак ба кӯдакони дорои мушкилӣ дар омӯзиш ё идрок (фаҳмиш), ҷойҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои кӯдакон бояд таъмилоти ислоҳкунанда ва махсус таъмин намоянд.[324]

(5) Барои пешгирии бадномкунии кӯдакон ва дастгирӣ намудани онҳо дар пайдо намудани ҷои кор баъд аз озод шудан аз муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, дипломҳо ва сертификатҳои таҳсилоте, ки ба ягон намуд дар муассисаи низоми адлия ҷойгир шудани кӯдакро қайд намекунанд, ба кӯдакон дар давоми дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ қарор доштанашон супорида мешавад.[325]

(6) Барномаҳо бояд "дар доираи низоми таълими кишвар пешниҳод гарданд, то ки баъд аз озод карда шудан ноболиғон тавонанд таҳсилоти худро бе мушкилӣ идома диҳанд."[326] Қоидаҳои Гаванна тавсия мекунанд, ки чунин барномаи таълимӣ (таҳсилот) бояд берун аз муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар мавриде, ки он имконпазир аст, таъмин гардад. Аммо ба эътибор гирифта мешавад, ки агар ҳабс кардан ҳамчун чораи охирин истифода шуда бошад, ин метавонад ғайримкон бошад ва барои ҳамин зербанд дар бобати рафтан ба мактаб ё муассисаи касбомӯзие, ки дар маҳал (ба маънои маҳали истиқомат) ҷойгир аст ҳамчун вариант илова шудааст.

**Моддаи 66. Имкониятҳо барои кор**

(1-5) Калимаҳои «меҳнат» ва «кор» аслан як маъно доранд. Аммо мафҳуми «меҳнати кӯдакона» зимнан кори иҷборӣ ва мафҳуми «имкониятҳо барои кор» зимнан «кори бамузд» - ро дар назар дорад. Барои ҳифз кардани кӯдакон аз меҳнати иҷборӣ дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, муҳим аст, ки қонунҳои миллӣ ба таври сареҳ ба ҳамон тавре, ки нисбат ба кӯдакони дигар амал мекунанд, нисбат ба кӯдакони дар ҷойҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ қарордошта амал кунанд, ва ҳама намуди коре, ки кӯдак дар чунин муассиса анҷом медиҳад, дар мувофиқа бо стандартҳои байналмилалии дар Моддаи 32-и КҲК[327] ва Конвенсияи

---

[324]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 38.

[325]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 4.

[326]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 38.

[327]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 44.

Ташкилоти байналмилалии Меҳнат оид ба шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакона[328] пешбинишуда бошад. Аз ҷумла ин маънои онро дорад, ки кӯдакон «бояд аз истисмори иқтисодӣ ва иҷрои ҳама гуна коре, ки метавонад ба саломатии онҳо зиён дошта бошад ё барои таҳсилоти (маълумотгирии) онҳо монеъ шавад ё ба саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, фикрӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии онҳо зарар расонад, ҳимоя карда шаванд».[329]Ба ғайр ин, кор бояд, пеш аз ҳама, машғулияти иловагӣ ба касбомӯзӣ бошад, ки барои беҳтар намудани имконияти пайдо кардани ҷои кор баъд аз бозгашт ба маҳалли худ мусоидат кунад. Қоидаҳои Гаванна талаб мекунад, ки «намуди кор бояд чунон бошад, ки имконияти омӯзиши амалӣ пешниҳод кунад, ки он дар навбати худ ба ноболиғ барои давраи баъд аз озод шудан манфиатбахш гардад»[330] ва «манфиати ноболиғон ва касбомӯзии онҳо набояд зери таъсири мақсади ба даст овардани даромад барои муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ё шахси сеюм инкор карда шавад».[331] Набояд интизор шуд, ки кӯдакон бемузд кор кунанд ва ба онҳо бояд холисона музди кор дода шавад.[332]Дар мавриди имконпазир будани ин кӯдакон бояд имконияти дар маҳалҳо кор карданро дошта бошанд., Қоидаҳои Гаванна муқаррар мекунад, ки дар ҳолати дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кор кардан шароит ва усулҳои кор бояд то ҳадди имкон ба шароит ва усулҳои кори монанде, ки дар фазои озоди ҷамъиат сурат мегирад, мувофиқ бошад, то ин ки барои омода намудани кӯдак ба ҷои кори муқаррарӣ мусоидат кунад.[333] Давлат бо мақсади танзими коре, ки кӯдакон метавонанд ҳангоми маҳрум будан аз озодӣ иҷро кунанд, шароите, ки барои он бояд таъмин гардад ва муқаррар намудани кафолатҳои нисбат ба он амалкунанда, дастури дуюмдараҷа қабул мекунад.

(6) Тибқи қоидаи 67 –и Қоидаҳои Гаванна кор «бояд ҳамеша ҳамчун воситаи таълим (таҳсилот) ва воситаи рушди иззати нафси худ дар омода намудани кӯдак барои бозгашт ба ҷамъият дониста шавад ва набояд ҳамчун чораи таъсиррасонии интизомӣ таъин гардад»

(7) Маъмурияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ метавонад музди кори кӯдакро дар давраи дар ҳабс буданаш ҳар замон диҳад ё ҳамаи маблағро яклухт ҳангоми озод шудан ба ӯ супорад. Ҳардуи

[328]Ташкилони байналмилалии меҳнат, *Шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакона, С182, 17 июни 1999, С182.*
[329]Моддаи 32 (1), КҲК
[330]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 45.
[331]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 46.
[332]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 46.
[333]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 45.

ин роҳҳо ҳам афзалият ва ҳам норасоӣ доранд. Дар ҳолати додани музди меҳнат дар давраи дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷинояти қарор доштани кӯдак, аз бо назардошти имконият барои харидорӣ кардани хӯроку либоси иловагӣ ва дигар маводҳои шахсие, ки дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ иҷозат дода шудаанд, ӯ метавонад сатҳи баландтари зиндагонӣ дошта бошад. Аз тарафи дигар, дар ин ҳолат кӯдак метавонад зери хатар қарор гирад ва ҷабрдидаи тамаъҷуии дигар маҳбусон ё ҳатто кормандони муассиса шавад. Дар ҳолати ҷой доштани доду гирифти пулӣ дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, маъмурияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷмноятӣ вазифадор аст, ки назорат кунад ва чораҳои муносиб барои пешгирӣ кардан ва аксуамал нисбати кирдори тамаъҷӯёна андешад. Додани ҳамаи музди кор яклухт ҳангоми озод кардан тамаъҷӯиро пешгирӣ мекунад ва ба кӯдак барои сар кардани ҳаёти худ дар озодӣ бо миқдори муайяни маблағ дар даст кӯмак мерасонад. Ҳамзамон он метавонад ба паст кардани сатҳи зиндагии кӯдакон ҳабсшуда оварда расонад.

## Моддаи 67. Истироҳат ва барқароркунии саломатӣ

(1) Қоидаҳои Гаванна талаботҳо барои машғулияти ҷисмонӣ ва чорабиниҳои барқароркунии саломатӣ муқаррар мекунад. Ин қоидаҳо муқаррар мекунанд, ки ҳар як кӯдак ҳуқуқ ба вақти муносиб барои машғулиятҳои ҷисмонии озод ва ҳаррӯза дорад. Чунин машғулиятҳо бояд берун аз бино, агар ҳаво мусоид бошад, сурат гиранд. Дар давоми ин вақт, машғулиятҳои барқароркунандаи саломатӣ ва машқи ҷисмонии муносиб бояд гузаронида шаванд.[334] Қонун ё қоидаи байналмилалие нест, ки давомнокии вақте, ки кӯдакон бояд берун аз хонаи маҳкамкардашуда (камера) гузаронанд ё ба машғулиятҳои истироҳатӣ ва барқароркунандаи саломатӣ сарф кунанд, муайян созад. Аммо, қоидаи 21 (1) –и ҚСА мушаххас мекунад, ки "ҳар як шахси ҳабсшуда (...) бояд ҳадди ақал як соат дар давоми як рӯз барои машғулиятҳои муносиб дар берун, агар ҳаво мусоид бошад, гузаронад,."[335] Бо назардошти ниёзи бештари кӯдакон, ин мӯҳлат бояд барои онҳо нисбатан зиёдтар карда шавад.

[334]Қоидаи 21.1 – и Қоидаҳои стандартии ҳаддиақали оид ба муносибат бо маҳбусон, Конгреси аввалини Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирии ҷиноят ва муносибат ба ҷинояткорон, Женева, 22 август – 3 сентябри соли 1955: ҳисоботи Котиботи СММ (нашриёти Созмони Милали Муттаҳид, шумора барои фурӯш 1956 IV.4). Инчунин нигаред ба: Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 47.

[335]Қоидаҳои стандартии ҳаддиақали оид ба муносибат бо маҳбусон, Когреси аввалини Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирии ҷиноят ва муносибат ба ҷинояткорон, Женева, 22 август – 3 сентябри соли 1955: ҳисоботи Котиботи СММ (нашриёти Созмони Милали Муттаҳид, шумора барои фурӯш 1956 IV.4), қоидаи 21.; Инчунин нигаред ба:Тавсияномаи 2 (CM/Rec (2006)2) - и Кумитаи вазирони кишварҳои аъзои Қоидаиҳои маҳбас дар Аврупо, ки аз ҷониби Кумитаи Вазирон 11 январи соли 2009 дар нишасти 952-юми Муовинони вазирон қабул гардидааст, банди 27.1.

(2-4) Қоидаҳои Гаванна талаб мекунад, ки муассисаҳои ҳабси кӯдакон ҷои муносиб, дастгоҳҳо ва таҷҳизот барои машғулияти барқароркунии саломатӣ, машғулиятҳои ҷисмонӣ ва истироҳат таъмин кунанд ва чораҳо барои он андешанд, ки ҳар як кӯдак аз нуқтаи назари вазъи ҷисмонӣ тавонад дар барномаҳои мавҷудаи тарбияи ҷисмонӣ ширкат варзад.[336] Тарбияи ҷисмонии барқароркунанда ва тарепия бояд ба кӯдакони ниёзманд таҳти назорати корманди тиббӣ таъмин гардад.[337]

(5) Қоидаҳо Гаванна мағулиятҳои барқароркунии саломатиро ба машқҳои ҷисмонӣ маҳдуд намекунад ва таъкид месозад, ки кӯдакон "бояд вақти иловагӣ барои фароғату истироҳат дошта бошанд ва қисме аз он, агар кӯдак хоҳиши онро дошта бошад, барои инкишофи санъати тасвирӣ метавонад бахшида шавад".[338]

### Моддаи 68. Озодии дин, виҷдон ва ибрози ақида

(1-2) Ин муқаррарот мазмуни Моддаҳои 14 (1) ва 30-и КҲК, Қоидаи 41 ва 42-и КСҲ ва Қоидаҳои 4 ва 48-и Қоидаҳои Гаваннаро ифода мекунад. Аз ин лиҳоз бояд қайд гардад, ки муассиҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бояд ба кӯдакон ҳуҷраи алоҳида барои ибодаткунӣ таъмин намоянд, то ин ки кӯдакон ҳуқуқҳои динии худро татбиқ намоянд.

(3) Ӯҳдадорӣ барои эҳтиром кардани озодии ваҷдон ва ибрози ақидаи кӯдак дар банди 87.1-и Тавсияномаи Шӯрои Аврупо ба давлатҳои аъзо оид ба Қоидаҳои аврупоӣ дар мавриди ноболиғони маҳкумшуда, ки мавриди ҷазо ва дигар чораҳои зарурӣ қарор мегиранд, ба таври амиқ муқаррар гардидааст.[339]

### Моддаи 69. Робита бо оила ва ҷаҳони беруна

(1) Моддаи 37(c) КҲК муқаррар мекунад, ки «ҳар як кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда (…) ҳуқуқ дорад, ки аз тариқи мукотиба ва мулоқот бо оилаи худ алоқаашро идома диҳад»[340], ҳангоме, ки Қоидаҳои Пекин муқаррар

---

[336]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 47.

[337]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 47.

[338]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 47.

[339]Тавсияномаи (CM/Rec (2008)) 11- и Кумитаи вазирони кишварҳои аъзо оид ба Қоидаҳои аврупоӣ оид ба ҷинояткорони ноболиғ, ки мавриди ҷазо ва дигар чораҳо қарор мегиранд, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 5 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми Муовинони вазирон қабул гардидааст, банди 87.1.

[340]Нигаред ба: Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаҳои 47 ва 71, ки муқаррар мекунанд, ки "ҳар як кӯдак ҳуқуқ барои гирифтани мукотиба дорад"; : КҲИ, Қатъномаи 7/29, «Ҳуқуқҳои кӯдак», 28 марти соли 2008, банди муқ. 32; Тавсияномаи (CM/Rec (2008)) 11- и Кумитаи вазирони кишварҳои аъзо оид ба Қоидаҳои аврупоӣ оид ба ҷинояткорони ноболиғ, ки мавриди ҷазо ва дигар

мекунад, ки падару модар ё васии қонунӣ ҳуқуқ ба дастрасӣ доранд, ки «барои манфиатҳо ва некӯаҳволии кӯдаки ҳабсшуда равона гардидааст».[341] Ҳамчунин Қоидаи 37-и ҚСА алоқа бо «оила ва дӯстони обрӯманд бо фосилаи мунтазам ҳам бо роҳи мукотиба ва ҳам мулоқот» -ро пешбинӣ мекунад.[342] Нақши муҳими оила барои некӯаҳволии кӯдак ва офиятбахшӣ ва ҳамгироии ӯ инчунин аз ҷониби Кумита оид ба КҲК дар Қайдҳои умумии № 10[343] ва Қоидаҳои Гаванна[344] эътироф шудааст. Қоидаҳои Гаванна стандартҳо барои сатҳи ақали алоқа, ки бояд иҷозат дода шавад, муқарар мекунад, ки мутобиқи он кӯдакон ҳуқуқ ба алоқаи телефонӣ ҳадди ақал ду маротиба дар як ҳафта бо касе, ки ӯ худ интихоб кунад, доранд[345] ва ҳар як кӯдаки ҳабсшуда ҳуқуқ ба мулоқотҳои мунтазам ва зуд-зуд, умуман як маротиба дар як ҳафта ё на камтар аз як маротиба дар як моҳ, бо оилаи худ дорад.[346]

Қоидаҳои Гаванна шахсонеро, ки бо онҳо кӯдакон иҷозат доранд дидор кунанд, бо наздикон ва васиёни қонунӣ маҳдуд намекунанд ва бар иловаи онҳо махсусан"дӯстон ва шахсони дигар ва намояндагони ташкилотҳои бовариноки берунаро" дар бар мегиранд."[347] Чунин шахсон аз нигоҳи қонун ҳамчун "шахсони муҳим" арзёбӣ мегарданд. Тавсияи ҷиддӣ дода мешавад, то кӯдаки маҳбус бидуни ягон маҳдудият мактуб ё мактубҳои электронӣ ва дигар чизҳои фиристодашударо қабул кунад ва пайвандонаш бо ӯ на камтар аз (варианти 1. Як бор дар як ҳафта) ва (варианти 2. як бор дар як моҳ) мулоқот кунанд. Зиёда аз ин, кӯдаконе, ки дар пардохти ҳаққи зангҳои телефон ё фиристодани мактуб танқисии молӣ доранд, бояд аз ҷониби маъмурияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар нигоҳ доштани тамоси доимӣ бо пайвандон, васиёни қонунӣ ва дигар шахсони муҳим дастгирӣ карда шаванд. Моддаи 16-и КҲК пешбинӣ мекунад, ки ҳуқуқи кӯдак ба дахлнопазирии ғайриқонунӣ ё судӣ ба ҳаёти шахсӣ ҳимоя карда шавад. Кӯдаконе, ки аз озодӣ маҳруманд, низ ин ҳуқуқро доранд. Тибқи Қоидаҳои Гаванна кормандоне, ки бо кӯдакони

---

чораҳо қарор мегиранд, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 5 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми Муовинони вазирон қабул гардидааст, банди 85.1. – 86.2; Дастури IV.A.6.21.a, *Қоидаҳои Кумитаи Вазирони Шӯрои Аврупо оид ба адолати хайрхоҳона ба кӯдак ва эзоҳномаи он*, 17 ноябри соли 2010.

[341]Маҷмааи умумии СММ, Қоидаҳои стардартии ақалии Созмони Милили Муттаҳид бар бораи адолати судӣ нисбати ноболиғон (Қоидаҳои Пекин), ки 29 ноябри соли 1985 (A/RES/40/33) аз ҷониби Маҷмааи умумӣқабул гардидааст. Қоидаи 26.5

[342]Инчунин нагаред ба: Тавсияномаи 2 (CM/Rec (2006)2) - и Кумитаи вазирони кишварҳои аъзои Қоидаиҳои маҳбас дар Аврупо, ки аз ҷониби Кумитаи Вазирон 11 январи соли 2009 дар нишасти 952-юми Муовинони вазирон қабул гардидааст, банди 24.1 – 24.12

[343]Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак, , Қайдҳои умумии № 10, *Ҳуқуқҳои кӯдакон дар адолати ноболиғон*, 25 апрели 2007 (CRC/C/GC/10), банди 87 ва 89.

[344]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 59 ва 62.

[345]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 61.

[346]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 60.

[347]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 59.

маҳбус сару кор доранд, "бояд эҳтиром гузоранд ба ҳуқуқи ноболиғ ва дахлнопазирии шахсӣ."[348] Мулоқот бояд дар шароите сурат гирад, ки ба эҳтиёҷоти кӯдак, ба дахлнопазирӣ, мулоқот ва муоширати номаҳдуд бо аъзои оилааш эҳтиром гузошта шавад. [349] Ин муқаррарот инчунин ба мукотибот бо пайвандон, васиёни қонунӣ ва дигар шахсони муҳим тааллуқ дорад. Барои истифодаи пурра аз ин ҳуқуқҳо кӯдакон бояд василаҳои марбутаро барои муошират бо пайвандон ва шахсони муҳими дигар дошта бошанд. Кӯдакон метавонанд инчунин дар истифода аз ин ҳуқуқ ба кӯмаки иловагӣ эҳтиёҷ дошта бошанд. Тибқи Қоидаҳои Гаванна ба кӯдакон бояд то ба ҳадди зарурӣ дар истифодаи муассири ҳуқуқи онҳо ба муошират хаттӣ ё телефонӣ кӯмак расонида шавад.[350] Ҳамзамон, Қоидаҳо мафҳуми "то ба ҳадди зарурӣ кӯмак расонида шавад"-ро шарҳ намедиҳанд, аммо мантиқист, ки кӯдакон бояд дастрасӣ ба телефон, якҷанд занги телефонии ройгон, васоил барои навиштан ва почтаи ройгон дошта бошанд. Муассисаҳои ислоҳотӣ эҳтиёҷ ба қоидаҳои ташрифоварӣ ва муошират доранд, то фаъолияти муассири онҳо таъмин гардад. Аммо ин қоидаҳо набояд дар натиҷа монеаи муоширати доимӣ ё кам кардани чунин муошират байни кӯдакон ва аъзои оилаи онҳо бошанд. Дар баробари он, ки ташрифи аъзои оила барои таъмини муассири фаъолияти муассисаҳо бояд танзим карда шавад, иҷозат барои ташриф/муошират набояд чун чораи интизомӣ ё ташвиқотӣ истифода шавад. Муошират бо оила ҷузъи ҷудонопазири офиятбахшӣ ва ҳамгироӣ буда ҳуқуқи бунёдӣ мебошад. Кумитаи КҲК дар Қайди умумии №10 тавсия медиҳад, ки давлатҳо бояд возеҳ ва дар шакли қонун ҳолатҳои истисноиеро, ки чунин муоширатро метавонанд маҳдуд кунанд, мушаххас намоянд ва онро ба салоҳияти мақомоти дахлдор нагузоранд. Ҳолатҳои истисноӣ марбутанд ба вазъияте, ки дар он роҳ надодан ба муошират ба манфиати кӯдак аст ва ба камбудии дастрасӣ ба василаҳои муошират дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ё ҷойгир намудани кӯдак дар маконе, ки дур аз падару модар ё васиёни қонунӣ мебошад, рабте надорад ва монеи ташрифи онҳо мегардад.

(2) Ин банд ба манзури ҳимояи кӯдаки аз озодӣ маҳрумгашта мебошад. Падару модар ва васии қонунӣ бояд дарҳол, аммо на дертар аз 24 соат, шурӯъ аз замони қабули кӯдак ба муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ оид ба маҳрумияти озодии кӯдаки худ хабар дода шаванд. Ба мақсади пешгирӣ аз ғайб задании кӯдаки маҳбус дар сурати гузаронидани кӯдак аз як муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба муассисаи дигар падару модар ва васии қонунии ӯ бояд хабардор карда шаванд. Муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ уҳдадор аст, то кӯдакро бо телефон ё дигар василаи муошират ҷиҳати гирифтани тамос бо падару модар ё васии қонуниаш таъмин кунад, то кӯдак онҳоро аз расидан ба муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ хабардор

[348] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 87 (е).
[349] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 60.
[350] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 61.

намояд. Василаи муошират метавонад почтаи электронӣ, фиристодани мактуб ё факсро дар бар гирад.

(3) Қоидаҳои Гаванна давлатҳоро ташвиқ мекунанд, то ҳамаи воситаҳоро барои дастрасии кӯдакон ба муошироти дахлдор бо олами беруна таъмин кунанд, зеро он "ҷузъи таркибии ҳуқуқ ба муомилаи одилона ва инсонист ва дар омодагии ноболиғон барои бозгашт ба ҷамъият аҳамияти хоса дорад."[351] Ҷиҳати мусоидат ба муошират бо олами беруна тибқи Қоидаҳои Гаванна кӯдакон бояд имкони гирифтани иҷозати махсус барои тарк намудани муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба мақсадҳои марбут ба таҳсил, омӯзиш ва дигар сабабҳои муҳимро дошта бошанд. Ҳама гуна мӯҳлате, ки берун аз муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ гузаронида шудааст, бояд чун қисме аз мӯҳлати ҳабс ҳисобида шавад.[352]

Муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ инчунин бояд ҷадвали махсуси тарки муваққатиро дошта бошад. Бинобар ин давлатҳо бояд санади иловагиро ҷиҳати татбиқи чунин ҷадвал қабул кунанд. Дар ин робита, чунин санад бояд муқаррар кунад, ки иҷозати тарк метавонад танҳо барои мӯҳлати муайян, мақсади муайян ва ба шарти таъмини беҳдошти кӯдак дода шавад. Дар ин росто иҷозати тарк метавонад дода шавад барои дидор аз оилаи кӯдак ё дигар шахсони муҳим, иштирок дар маросими дафн, ба мақсади таҳсил ё омӯзиш, иштирок дар чорабиниҳои омӯзишӣ, варзишӣ, истироҳатӣ ва фароғатӣ ё дигар сабабҳое, ки тасдиқ шудаанд ва тибқи салоҳдиди маъмурияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ метавонанд ба офиятбахшӣ ва ҳамгироии кӯдак мусоидат кунанд. Агар ба кӯдак иҷозати тарк дода шуда бошад, кӯдак ҳамоно дар давоми чунин мӯҳлат дар маҳрумият аз озодӣ қарордошта арзёбӣ мегардад ва мӯҳлати дар берун аз муассиса будаи ӯ чун қисме аз мӯҳлати маҳрумият аз озодӣ мебошад. Агар кӯдак шартҳои иҷозати тарки муваққатиро вайрон кунад, маъмурияти муассисаи ичрои ҷазои ҷиноятӣ, ки кӯдак дар он ҷо маҳрум аз озодӣ нигоҳ дошта мешавад, метавонад шартҳои тарки муваққатиро тағйир диҳад ё қарори бекор намудани иҷозати чунин таркро қабул кунад. Кӯдак тибқи Моддаи 5(6)-и Қонуни мазкур ҳуқуқ дорад, то алайҳи чунин қарор дар Суди кӯдакон (суди ноболиғон, суди ҷавонон) эътироз кунад.

(4) Муошироти кӯдакони маҳбус бо пайвандон, васии қонунӣ ё дигар шахсони муҳими онҳо метавонад танҳо бо қарори суд ё маъмурияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ маҳдуд карда шавад. Дар баробари он, ки Қонуни мазкур шартҳои муайянеро барои қабули чунин қарор аз ҷониби Суд пешбинӣ намекунад, маъмурият метавонад муошироти кӯдакро танҳо дар сурате маҳдуд кунад, ки исботи доштани "зарари манфӣ ба кӯдак" дар натиҷаи чунин муошират бо пайвандон, васии қонунӣ ё дигар шахсони муҳими муайаян вуҷуд дошта бошад. Ҳамин тариқ Қонуни мазкур монеаҳои ҷиддиро барои маъмурияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ мекунад, то аз баровардани қарорҳои худсарона пешгирӣ карда

[351] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 59.
[352] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 59.

шавад. Маъмурияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бояд қарори худро дар шакли хаттӣ асоснок кунад.

(5) Бинобар он, ки маҳдудият дар муошират бо наздикони кӯдак метавонад ба ӯ таъсири калон дошта бошад, ҳар гуна тасмими мазкур – чӣ қарори суд бошад ва ё чӣ қарори маъмурияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, он бояд мавриди мурофиаи судӣ қарор гирад. Кӯдак бояд имкони овардани эътироз ба ҳама гуна қарори суд ё қарори маъмурияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар суди ваколатдори кӯдакон (суди ноболиғон, суди ҷавонон)-ро дошта бошад.

(6) Стандартҳои байналмилалӣ эътироф мекунанд, ки мавқеи ҷомеаи ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар офиятбахшӣ ва ҳамгироии кӯдакон дар кулл аҳамияти калон дорад.[353]Қоидаи 59-и Қоидаҳои Гаванна қайд мекунанд, ки ҷомеа ва ташкилотҳои "муҳтарам" метавонанд ба офиятбахшии кӯдакони аз озодӣ маҳрум мусоидат кунанд. Ин муқаррарот мутобиқат мекунад бо Қайди умумии №10-и Кумитаи КҲК, ки тибқи он "Кормандони муассиса бояд тамосҳои мунтазами кӯдакро бо ҷомеаи васеъ, аз ҷумла муошират бо оила, дӯстон ва дигар шахсон ё намояндагони ташкилотҳои мӯҳтарами беруна, инчунин дидор аз хонавода ва оилаи кӯдак ташвиқ ва ба он мусоидат кунанд "[354] Иштироки ташкилотҳои беруна метавонад дар тавсеаи силсилаи фаъолиятҳо ва дастгирии дастрас ба кӯдак дар ҷараёни маҳрумият аз озодӣ кӯмак кунад, ба инкишофи кӯдакро мусоидат кунад ва ӯро ба ҳамгироӣ ба ҷамъият ҳавасманд гардонад.[355] Дар масъалаи қабули санаде, ки дар он масъалаҳои шакли ташкилотҳо ё зарурати гирифтани иҷозат ба ташкилот барои кор бо кӯдакони дар муассисаҳои ислоҳотӣ қарордошта, инчунин то кадом андоза бояд кормандони чунин ташкилотҳо аз ҷониби полис санҷида шаванд, фаъолияти онҳо, назорат ва масъалаҳои марбут ба ҳисоботдиҳии онҳо танзим мегардад, ба салоҳдиди давлатҳои алоҳида вогузор карда шудааст. Ҳамзамон, маъмурияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бояд ташвиқ намояд ва иҷозат диҳад, то ташкилотҳо ва клубҳои қонунӣ, аз ҷумла, аммо на танҳо ташкилотҳои таҳсилотӣ, варзишӣ, мусиқавӣ, инчунин марбут ба санъат, фарҳанг, тандурустӣ ва тавсиядиҳанда имкони ташрифоварии мунтазамро дошта бошанд.

## Моддаи 70. Таъминоти кадрӣ

Тибқи Қоидаҳои 81-85-и Қоидаҳои Гаванна, Қонуни мазкур стандартҳои бунёдии таъминоти кадриро дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ муқаррар мекунад. Ҳамзамон, муқаррароти мазкур метавонад васеъ гардонида шуда, стандартҳои иловагӣ ё қонунгузории ёридиҳандаро дар шакли санад, дастурамал ё қоидаҳое, ки талабот нисбати фаъолияти кормандон ва тартиби ба кор қабулкунӣ, инчунин тартиби гузаронидани

[353] Нигаред ба - Маҷмааи СММ, *Қоидаҳои стандартии ақалии Созмони Милили Муттаҳид бар бораи ба роҳ мондани адлияи ноболигон* (Қоидаҳои Пекин), қабулшуда аз тарафи Маҷмааи умумӣ, 29 ноябри 1985, (A/RES/40/33), Қоидаи 25.1.

[354]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10. Ҳуқуқҳои кӯдакон дар адолати судӣ нисбати ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CRC/C/GC/10), банди 89.

[355]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10. Ҳуқуқҳои кӯдакон дар адолати судӣ нисбати ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CRC/C/GC/10), банди 89.

санҷиши кормандони муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, сатҳ ва таносуби кормандон, тавозуни гендерӣ дар ҳар як муассисаи муайян ва талабот барои омӯзиш ва шаклҳои онро танзим мекунанд, дар бар гирад. Танҳо кормандони таҷрибадор ва баландихтисос бояд дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои кор бо кӯдакон ҷалб карда шаванд. Махсусан, мудири муассиса бояд ба таври дахлдор барои иҷрои вазифаҳои худ ихтисосманд буда, дорои имконияти маъмурӣ ва таҷрибаноку омӯзишдида бошад ва вазифаи худро тибқи басти рӯзи пурра иҷро кунад.[356] Ҳайати кадрӣ бояд иборат аз кормандони ихтисосманд буда, мутахассисонеро чун духтурон, ҳамширагони шафқат, таълимдиҳандагон, инструкторҳо, мушовирон, кормандони иҷтимоӣ, психиатрҳо ва равоншиносон дар бар гирад. Қоидаи 85-и Қоидаҳои Гаванна аҳамияти омӯзиш, аз ҷумла омӯзиши ҷорӣ ва баландбардории тахассус барои кормандони муассисаҳои ислоҳотӣ, аз ҷумла оид ба ҳуқуқи кӯдакро таъкид мекунад.[357] Тақвияти кадрӣ иҷнунин аз ҷониби Коршиноси мустақили СММ оид ба омӯзиши хушунат бар зидди кӯдакон тавсия дода мешавад.[358] Ҳайати кормандон бояд дар масъалаҳои марбут ба психологияи кӯдак, беҳдошти кӯдак ва стандарту меъёрҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи кӯдак, аз ҷумла Қоидаҳои Гаванна омӯзиш бинанд. Ҳайати кормандон инчунин оид ба масъалаҳои роҳҳои идоракунии рафтор омӯзишдида бошанд. Интихоб ва ба кор қабул намудани дурусти кормандон аҳамияти муҳим дорад.[359] Кормандон бояд қабл аз ба кор қабул шудан аз санҷиш гузаронида шаванд, то эҳтимоли дар гузашта иштирок дар хушунат ё ҷинояти моҳияти шаҳвонӣ доштаи онҳо ва то андоза барои кор бо кӯдакон мувофиқ будани онҳо муайян карда шавад. Масъалаи пардохти музди меҳнати хуб ба кормандони муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ низ аҳамияти калон дорад.[360]

### Моддаи 71. Чорахои таъсиррасони интизомӣ

(1-2) Кумитаи Вазирони Шӯрои Аврупо дар Тавсияҳои худ оид ба Қоидаҳои аврупоӣ барои ҷинояткорони ноболиғи мавриди ҷазо ё чора

---

[356]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 86.

[357] Инчунин нигаред ба Қарори 10/2 КҲИ СММ, *Ҳуқуқҳои инсон дар адолати судӣ, хусусан дар адолат исудӣ нисбати ноболигон,* 24 марти 2009, банди муқ. 6; Судм Панамерикори оид ба Ҳуқуқҳои инсон, Ҳукми таърихи 18 сентябр, (Sec. C) № 100 (2003), банди 136.

[358] Маҷмааи умумии СММ, *Гузориши коршиноси мустақил оид ба таҳқиқоти СММ дар бораи хушанат бар зидди кӯдакон,* 19 августи 2005, (A/60/282); дар бобат инчунин нигарде ба Қисми IV- уми Тавсияномаи 11 (CM/Rec (2008)11) – и Кумитаи вазирон ба кишварҳои аъзо оид ба баррасии ҷинояткорӣ байни ноболиғон ва нақши адлияи ноболиғон, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 4 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми Муовинони вазирон қабул гардид.

[359] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 82.

[360] Тавсияи 6-уми Ҳисоботи муштараки Дафтари Комиссариати олӣ оид ба ҳуқуқи башар, Дафтари СММ оид ба маводи нашъаовар ва ҷинояткорӣ ва Намояндаи махсуси Котиби генералӣ оид ба зӯроварӣ дар нисбати кӯдакон дар бораи пешгирӣ ва вокунишҳо ба зӯроварӣ дар нисбати кӯдакон дар доираи системаи адолати судӣ, 27 июни соли 2012, (A/HRC/21/25).

қарордошта қайд мекунад, ки: "чораҳои интизомӣ бояд механизми марҳилаи ниҳоӣ бошанд" *ва* "ҳалли муноқиша бо усули барқароркунӣ (дар доираи барномаҳои адлияи барқароркунанда) ва тарбия тавассути омӯзиш, ки ба татбиқи меъёрҳо (-и интизомӣ) равона гардидаанд, бояд нисбат ба мурофиа ва ҷазодиҳии интизомӣ бартарӣ дошта бошанд ва дар мадди аввал истифода шаванд".[361] Аммо дар сурати истифодаи ниҳоии онҳо, Қоидаҳои Гаванна муқаррар мекунад, ки "ҳама гуна чораҳои иинтизомӣ ва тартиб бояд (...) дар мутобиқат бо ҳадафи ҳифзи шаъну шарафи ҷудонопазири ноболиғ ва мақсади асосии маҳрумият аз озодӣ, яъне таҳвили эҳсоси адолат ва эҳтироми худӣ ва эҳтиром ба ҳуқуқҳои асосии ҳар як инсон истифода шаванд."[362] Қоидаҳои Гаванна инчунин муқаррар мекунанд, ки “ҳамаи чораҳоии таъсиррасни интизомие, ки муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиромезро дар бар мегиранд, аз ҷумла ҷазои ҷисмонӣ, ҷойгиркунӣ дар ҳуҷраи (камераи) торик, ҷойгиркунӣ дар тавқифгоҳҳои (изоляторҳои) интизомӣ ва камераҳои алоҳида ва ё ҷазои дигаре, ки ба вазъи саломатии ҷисмонӣ ва равонии кӯдак зарар мерасонад бояд, манъ карда шаванд. Кам кардани миқдори хӯрок ва маҳдуд кардани тамоси кӯдак бо аъзоёни оилаи худ бояд дар ягон ҳолат роҳ дода нашавад”.[363] Ҳарчанде, ки барои ба тартиби муайян даровардани кори муассиса ташрифи падару модарон бояд ба танзим дароварда шавад, ташриф ва дидорбинӣ бо волидайн набояд ҳамчун чораи таъсиррасони интизомӣ ё ҳамасмандкунии кӯдак истифода шавад ва бо ин мақсад шумораи он маҳдуд ё зиёд карда шавад. Тамос бо волидайн як қисми таркибии офиятбахшӣ ва ҳамгироии кӯдак дар ҷомеа ва ҳуқуқи асосии ӯ мебошад.

**(3)** Дар бобати ҳамчун оқибати риоя накардани қоидаҳои муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба кори маҷбурӣ ҷалб кардани кӯдак, қоидаи 67 Қоидаҳои Гаванна муқаррар мекунад, ки “меҳнати корӣ бояд ҳамеша ҳамчун чораи тарбиявӣ ва омӯзишӣ ва воситаи баланд бардоштани ҳисси худэҳтиромӣ дар омода кардани ноболиғ барои бозгашт ба ҷамъиятӣ худ истифода шавад ва набояд ҳамчун чораи таъсиррасони интизомӣ таъин гардад.” Аз ин нуқтаи назар, маҷбур кардани кӯдак ба меҳнати корӣ

---

[361]Тавсияномаи 11 (CM/Rec (2008)11) – и Кумитаи вазирон ба кишварҳои аъзо оид ба баррасии ҷинояткорӣ байни ноболиғон ва нақши адлияи ноболиғон, ки аз ҷониби Кумитаи вазирон 4 ноябри соли 2008 дар нишасти 1040-уми Муовинони вазирон қабул гардид. Банди 94.1.

[362]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 66.

[363] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 67. Инчунин нигаред ба: Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10. Ҳуқуқҳои кӯдакон дар адолати судӣ нисбати ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CRC/C/GC/10), банди 89, ки таъкид месозад, ки “чораҳоии таъсиррасони интизомие, ки бар хилофи муқаррароти Моддаи 37 КҲК мебошанд, аз ҷумла ҷойгиркунӣ дар тавқифгоҳҳои (изоляторҳои) интизомӣ ва камераҳои алоҳида ва ё ҷазои дигаре, ки ба вазъи саломатии ҷисмонӣ ва равонии кӯдак зарар мерасонад бояд қатъиян манъ карда шаванд”; Тавсияномаи 11-и Кумитаи вазирон (2008) ба давлатҳои узв дар бораи Қоидаҳои аврупоӣ дар мавриди ноболиғони маҳкумшуда, ки мавриди санксия ва дигар чораҳои зарурӣ қарор мегиранд, аз тарафи Кумитаи вазирон аз 5 ноябри 2008 дар вохӯрии 1040-уми муовинони вазирон қабул шудааст, банди 95.6; ва Қатъномаи Маҷмааи умумии СММ 63/241, *Ҳуқуқҳои кӯдак*, 13 марти 2009, банди 27(g).

ҳамчун ҷазо барои риоя накардани қоидаҳои муассисаи ҷазои ҷиноятӣ қатъиян манъ аст.

**(4)** Ин банд ба мақомотҳои дахлдор, ба монанди мақомот оид ба тафтишоти мустақил, ва ба падару модар ва васии қонунии кӯдак имконият медиҳад, ки ҷой доштани муносибати бад аз тарафи кормандони муассисаи ҷазои ҷиноятӣ нисбат ба кӯдаки маҳкумшударо муайян созанд ва ҳамзамон дар ҳолати ҷой дошатни муносибати нодуруст ба суд далели ҳуҷҷатӣ пешниҳод кунанд.

**(5)** Стандартҳои байналмилалӣ талаб мекунанд, ки чораҳои интизомӣ ба таври хаттӣ дар муассисаҳо тартиб дода шаванд.[364] Ин қоидаҳо бояд ба тарзи кӯдакдӯстона чоп карда шаванд ва ҳангоми қабули кӯдакон ба муассиса бояд ба онҳо ба таври шифоҳӣ фаҳмонида шаванд, то ин ки ҳар як кӯдак комилан дарк кунад, ки чӣ гуна рафтор дар дохили муассиса иҷозат дода шудааст ва кадом намуди рафтор ҷазо дода мешавад. Шарҳи шифоҳии қоидаҳо оид ба чораҳои интизомӣ хусусан дар он ҳолат муҳим аст, ки агар кӯдак қобилияти хондану навиштан надошта бошад.

**Моддаи 72. Истифода аз қувваи ҷисмонӣ ва маҳдудкунии ҷисмонӣ**

Эзоҳ ба моддаи 22-и Қонуни мазкур тағйироти қобили таваҷҷӯҳ барои Моддаи 71 ворид мекунад, ба шарти он ки танҳо ҳайати кормандоне, ки аз машғулиятҳои махсуси омӯзишӣ барои истифодаи маҳдудкуниҳои ҷисмонӣ гузаштаанд, салоҳияти истифодаи асбобҳои мутеъкунӣ ва ё истифодаи қувваи ҷисмониро дар муқобили кӯдак дошта бошанд. Давлат худаш меъёрҳои иловагиро барои истифодаи намуду чораҳои маҳдудкунӣ, ҳолатҳои ба кор бурдани ин гуна чораҳо ва шахсони салоҳиятноку масъулро муқаррар менамояд. Ҳамчунин, давлат ба кормандони масъули муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ машғулиятҳо барои истифодаи чораҳои маҳдудкунӣ мегузаронад ва ба онҳо тартиби таъин ва бақайдгирии истифодаи асбобҳои мутеъкунӣ ва қувваи ҷисмониро мефаҳмонад.

**Моддаи 73. Кофтукови маҳрамона ва номаҳрамона дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Эзоҳ ба моддаҳои 29 ва 30-и Қонуни мазкур тағйироти қобили таваҷҷӯҳ барои моддаи 72 ворид мекунад. Дар ҳеҷ сурат, кофтуков бо роҳи бараҳна кардан набояд ҳамчун чораи интизомӣ ва дигар шакли ҷазо истифода бурда шавад.

**Моддаи 74. Низоми тафтишоти мунтазам ва мустақил**

---

[364] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стандартиии ҳаддиақали СММ барои ҳифзи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), МУ, 14 декабри с. 1990 (A/RES/45/113), қоидаи 68.

(1) Яке аз нигарониҳои асосӣ дар робита ба кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда вуҷуд надоштани назорат (мониторинг)-и берунаи шароит, нигоҳубин ва муомила бо ин кӯдакон мебошад. Барои таъмини пурраи ҳимоя аз ҳуқуқи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда бояд хадамоти мустақили назоратӣ таъсис дода шавад.[365] Шароит ва таҷҳизоти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятии кӯдакон бояд аз тарафи муассисаи дахлдори давлатӣ доимӣ ва марҳила ба марҳила аз назар гузаронда шавад, то ки мутобиқати ин шароит ва таҷҳизот бо стандартҳо ва меъёрҳои миллӣ ва байналмилалӣ санҷида шаванд.[366] Дар ин робита, мавриди зикр аст, ки бояд Гузоришгари махсуси СММ оид ба шиканҷа ва дигар гуна муомила, ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсонӣ ва Кумитаи назорат ва иҷрои чораҳои зидди шиканҷа (CAT) ба муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятии кӯдакон дастрасӣ ва ба шароити он аз наздик ошноӣ дошта бошад. Ба муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятии минтақаи Аврупо Кумитаи аврупоӣ оид ба пешгирии шиканҷа ва муомила ё ҷазои ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсонӣ назорат мебарад.

**(2)** Хадамоти мустақили назоратӣ набояд ба маъмурияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятии мавриди санҷиш тааллуқ дошта бошад ва ба онҳо ҳисобот диҳад. Бар замми ин, нозирони мустақил «бояд иҷозат дошта бошанд, ки назоратро ба таври мураттаб, доимӣ ва марҳила ба марҳила ба роҳ монанд ва ҳамчунин салоҳияти ташрифҳои ногаҳон ва бидуни огоҳии қаблӣ дошта бошанд».[367] Нозирон бояд дастрасии бемаҳдуд барои санҷиши фаъолияти кормандони доимӣ ва ғайридоимии муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятии кӯдакон дошта бошанд. Онҳо метавонанд «талаб кунанд, ки бо кӯдакони дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ буда дар фазои алоҳида ва бе иштироки шахсони сеюм вохӯранд, сӯҳбат кунанд ва ба он чӣ онҳо гуфтан мехоҳанд, гӯш диҳанд».[368]

Дар сурати мавҷудияти нақзи ҳуқуқи кӯдакон ва ё муқаррароти қонунгузорӣ нозирон бояд ин гуна ҳолатҳоро ба мақомоти салоҳиятдор барои тафтишот ироа доранд.[369]

Давлатҳо ба он ҳидоят мешаванд, ки на фақат хадамоти мустақили назоратӣ таъсис диҳанд, балки инчунин Ваколатдори мустақил таъйин

---

[365]Ин мутобиқ аст бо Тавсияномаи 11-и Кумитаи вазирон (2008) ба давлатҳои узв дар бораи Қоидаҳои аврупоӣ дар мавриди ноболиғони маҳкумшуда, ки мавриди санксия ва дигар чораҳои зарурӣ қарор мегиранд, аз тарафи Кумитаи вазирон аз 5 ноябри 2008 дар вохӯрии 1040-уми муовинони вазирон қабул шудааст, бандҳои 125-126.4.

[366]Нигаред ба Тавсияномаи 11-и Кумитаи вазирон (2008) ба давлатҳои узв дар бораи Қоидаҳои аврупоӣ дар мавриди ноболиғони маҳкумшуда, ки мавриди санксия ва дигар чораҳои зарурӣ қарор мегиранд, аз тарафи Кумитаи вазирон аз 5 ноябри 2008 дар вохӯрии 1040-уми муовинони вазирон қабул шудааст, банди 125

[367]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10. Ҳуқуқҳои кӯдакон дар адолати судӣ нисбати ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CRC/C/GC/10), банди 89.

[368] Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10. Ҳуқуқҳои кӯдакон дар адолати судӣ нисбати ноболиғон, 25 апрели соли 2007 (CRC/C/GC/10), банди 89. Нигаред ҳамчунин ба: Қоидаҳои стандартии ҳаддиақал барои муомила бо зиндониён, Конгресси якуми СММ доир ба пешгирии ҷиноят ва муомила бо маҳкумшудагон, Женева, 22 август – 3 сентябри соли 1955: ҳисобот омода шудааст аз тарафи Котибот (Нашри СММ, Sales No. 1956.IV.4), Қоидаҳои 35 ва 36.

[369] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои СММ оид ба ҳифзи ноболиғони аз озодӣ маҳрумшуда,* (Қоидаҳои Гаванна), қабулшуда аз тарафи Маҷмааи умумии СММ, 14 декабри соли 1990, (A/RES/45/113), Қоидаи 74.

намоянд, ки чунин ҳолатҳои нақзи ҳуқуқ ва қонунгузориро тафтиш кунад.[370]

**(3)** Муваффақияти механизми мустақили назоратӣ аз самаранокии кори он вобаста мебошад. Барои ҳамин, ҳар як кӯдаки дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ буда бояд ҳаққи бевосита ба нозир шикоят карданро дошта бошад. Барои пешгирии оқибатҳои манфии шикояти кӯдак, ки кормандони муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ метавонанд барои ӯ амалӣ намоянд, ӯ бояд бо нозир дар алоҳидагӣ сӯҳбат кунад. Нозир шароитеро дар муассисаи иҷрои ҷазои кӯдакон талаб менамояд, ки барои кӯдакон созгор бошад. Ӯ талаб мекунад, ки бо кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда он тарзе муомила карда шавад, ки хоҳишу эҳтиёҷоти онҳо ҳамчун кӯдак ба ҳисоб гирифта шаванд. Бояд ба назар гирифта шавад, ки кӯдакон хоҳишу эҳтиёҷоти худро на ҳамеша дақиқ ва равшан ба калонсолон баён карда метавонанд.

### Моддаи 75. Шикоятҳо ва дархостҳо

**(1)** Кӯдакон ҳуқуқ доранд, ки ба роҳбарияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ,[371] маъмурияти марказӣ, мақомоти назораткунанда ва дигар мақомоти мустақил дархостҳо ва шикоятҳои худро дар мавриди масъалаҳое, ки ба шароит ва вазъияти онҳо дар муассисаи иҷрои ҷазо дахл доранд,[372] ирсол намоянд.

Ин гуна шикоятҳо на аз ҷиҳати мазмун ва на аз ҷиҳати мундариҷа сензура карда намешаванд.[373] Механизми пешниҳоди шикоят «махфӣ, мутобиқ ба синну сол, ба ҷинс ва дастрас» ба кӯдакони аз озодӣ

---

[370] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои СММ оид ба ҳифзи ноболигони аз озодӣ маҳрумшуда,* (Қоидаҳои Гаванна), қабулшуда аз тарафи Маҷмааи умумии СММ, 14 декабри соли 1990, (A/RES/45/113), Қоидаи 77.

[371] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои СММ оид ба ҳифзи ноболигони аз озодӣ маҳрумшуда,* (Қоидаҳои Гаванна), қабулшуда аз тарафи Маҷмааи умумии СММ, 14 декабри соли 1990, (A/RES/45/113), Қоидаи 75. Инчунин, нигаред ба Қоидаи 36(1)-и Қоидаҳои стандартии ҳаддиақал барои муомила бо зиндониён, [Конгресси якуми СММ доир ба пешгирии ҷиноят ва муомила бо маҳкумшудагон, Женева, 22 август – 3 сентябри соли 1955: ҳисобот омода шудааст аз тарафи Котибот (Нашри СММ, Sales No. 1956.IV.4)], ки муқаррар мекунад, ки маҳкумшудагон чунин имкониятро бояд дар ҳама рӯзҳои ҳафта дошта бошанд.

[372]Нигаред Қоидаи 36(3)-и Қоидаҳои стандартии ҳаддиақал барои муомила бо зиндониён, Конгресси якуми СММ доир ба пешгирии ҷиноят ва муомила бо маҳкумшудагон, Женева, 22 август – 3 сентябри соли 1955: ҳисобот омода шудааст аз тарафи Котибот (Нашри СММ, Sales No. 1956.IV.4); Тавсияномаи 6-уми Ҳисоботи муштараки Дафтари Комиссариати олӣ оид ба ҳуқуқи башар, Дафтари СММ оид ба моводи нашъаовар ва ҷинояткорӣ ва Намояндаи махсуси Котиби генералӣ оид ба зӯроварӣ дар нисбати кӯдакон дар бораи пешгирӣ ва вокунишҳо ба зӯроварӣ дар нисбати кӯдакон дар доираи системаи адолати судӣ, 27 июни соли 2012, (A/HRC/21/25); Тавсияномаи 11-и Кумитаи вазирон (CM/Rec (2008)11) ба давлатҳои аъзо оид ба Қоидаҳои аврупоӣ дар мавриди ноболиғони маҳкумшуда, ки мавриди санксия ва чораҳои зарурӣ қарор гирифтаанд, қабулшуда аз тарафи Кумитаи вазирон аз 5 ноябри соли 2008 дар вохӯрии 1040-уми муовинони вазирон, банди 121.

[373]Маҷмааи СММ, *Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳифзи ноболигони аз озодӣ маҳрумшуда (Қоидаҳои Гаванна),* қабулшуда аз тарафи Маҷмааи умумии СММ, 14 декабри соли 1990 (A/RES/45/113), Қоидаи 76.

маҳрумшуда мебошад[374] Новобаста ба он ки масъулияти ҳимояи кӯдакон бар зиммаи мудири муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ гузошта шудааст, «шахси ваколатдор» низ ӯҳдадор аст, ки иҷроиши муқарраротро талаб кунад, дастрасии бемамониати кӯдакон (ва кормандон)-ро ба механизми ҳисоботӣ таъмин намояд ва ҳамчунинислоҳи шикоятҳоеро, ки ба шахсияти мудир мансубанд, назорат кунад.

**(2)** Барои он ки кӯдакон бо истифода аз ҳуқуқҳои худ аз имконияти ирсоли шикоят бархурдор бошанд, аз ин рӯ, онҳо бояд аз ҳуқуқҳои худ ва тартиби қонунии пешниҳоди шикоят пурра огоҳ бошанд.[375] Қоидаи 35(1)-и SMR муқаррар мекунад, ки ҳар як зиндонӣ бо маълумоти хаттӣ дар бораи роҳҳои салоҳиятноки дастрасӣ ба иттилоот ва пешниҳоди шикоят ва ҳамчунин дар бораи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шахсии худ таъмин бошад. Ба кӯдакон ин гуна маълумот бо дарназардошти синну сол, мушкилоти марбут ба саводнокӣ ва монеаҳои забонӣ пешкаш карда мешавад. Барои таъмини самаранокии механизми шикоят, Қонуни мазкур як қатор принсипҳои бунёдиеро фаро мегирад, ки ба стандартҳо ва таҷрибаҳои мусбати байналмилалӣ асос ёфтаанд. Тибқи Қоидаҳои Гаванна, тафтиши шикоят бояд ба таври фаврӣ сурат гирад ва кӯдак аз натиҷаи тафтиш бетаъхир хабардор карда шавад.[376] Дар акси ҳол, агар механизми тафтиш мураккаб бошад, кӯдакон аз шикоят кардан худдорӣ мекунанд. Ин, пеш аз ҳама, вазифаи маъмурияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад, ки тартиби пешниҳоди шикоятҳои кӯдаконро осон кунад. Зарурати чунин механизм аз тарафи Кумита оид ба КҲК дар банди 89-и Эзоҳи умумии № 10 нишон дода шудааст.

Қоидаҳои Гаванна ҳуқуқи кӯдаконро ба дастгирӣ барои навиштану пешниҳоди шикоят низ дар назар дорад. Бахусус, «наврасоне, ки хатту савод надоранд, бояд ба ёрӣ ва хизмати муассисаҳо ва созмонҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ дастрасӣ дошта бошанд, ки машварати ҳуқуқӣ пешниҳод мекунанд ва ё барои қабулу баррасии шикоятҳо салоҳият доранд»[377]

### Моддаи 76. Интиқоли кӯдаки маҳкумшуда ба муассисаи дигари иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

[374]Қарори Маҷмааи умумии СММ (GA Res. 63/241), *Ҳуқуқҳои кӯдакон*, 13 марти 2009, ор. банди 27 (е). Тибқи ор. банди 27 (j) Давлатҳо ҳидоят мешаванд, ки «Механизмҳои бехатар, барои ҷамъият ошкор, конфиденсиалӣ ва дастрас таъсис диҳанд, ки ба кӯдакон, намояндагони онҳо ва дигарон имкон фароҳам меоранд, ки ҳодисаҳои зӯроварӣ дар нисбати кӯдакон маълумот дода шаванд, дар мавриди ин ҳодисаҳо аризаҳои шикоятӣ пешниҳод карда шаванд, дастрасии ҳамаи онҳое, ки мавриди зӯроварӣ қарор гирифтаанд, ба хизматрасониҳои конфиденсиалӣ, тиббӣ ва ичтимоии ба кӯдак равонагардида таъмин карда шавад. Дар рафти чунин хизматрасонӣ ниёзҳои ҷинсии духтарон ва писарони мавриди зӯроварӣ қарор гирифта бояд ба ҳисоб гирифта шаванд.».

[375]Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Қайдҳои умумии № 10, *Ҳуқуқҳои кӯдакон дар адолати судӣ нисбати ноболигон*, 25 апрели 2007 (CRC/C/GC/10), банди 89.

[376]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳифзи ноболигони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), қабулшуда аз тарафи Маҷмааи умумӣ, 14 декабри 1990 (A/RES/45/113)

[377]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳифзи ноболигони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), қабулшуда аз тарафи Маҷмааи умумӣ, 14 декабри 1990 (A/RES/45/113), Қоидаи 78.

**(1)** Ин муқаррарот банди 96-и Тавсияномаи Шӯрои Аврупо оид ба Қоидаҳои Аврупоӣ дар бораи noболиғони маҳкумшударо, ки мавриди санксия ва чораҳои зарурӣ қарор гирифтаанд, инъикос мекунад.[378] Интиқоли кӯдаки маҳкумшуда ба муассисаи дигари иҷрои ҷазои ҷиноятӣ фақат дар ҳолатҳои истисноӣ иҷозат дода мешавад. Интиқоли кӯдак танҳо дар сурате иҷозат дода мешавад, ки он шароити бозгашт ва офияти кӯдакро дар ҷомеа таъмин кунад. Интиқол ҳамчунин дар ҳолате ногузир аст, ки муҳити муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои кӯдак бисёр хатарнок бошад.

**(2)** Барои пешгирии ҳолатҳои ғайриқонунии интиқоли кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда аз як муассиса ба муассисаи дигари иҷрои ҷазои ҷиноятӣ қарори суд дар бораи интиқол ҳатмӣ мебошад. Ин гуна чора аз банди 98-и Тавсияномаи Шӯрои Аврупо оид ба Қоидаҳои Аврупоӣ дар бораи ноболиғони маҳкумшуда, ки мавриди санксия ва чораҳои зарурӣ қарор мегиранд, бармеояд.[379] Он назорати судиро кафолат дода, салоҳияти роҳбарияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятиро дар мавриди ҷои нигоҳдории кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда маҳдуд мекунад.

**(3)** Матн аз банди 99.1-и Тавсияномаи Шӯрои Аврупо оид ба Қоидаҳои Аврупоӣ дар бораи ноболиғони маҳкумшуда, ки мавриди санксия ва чораҳои зарурӣ қарор гирифтаанд,[380] барои тартиб додани ин банд истифода бурда шуд.
Барои таъмини ғамхории лозима дар нисбати кӯдак дар муассисаи дигари ҷазои ҷиноятӣ зарур аст, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳои марбута ба ин муассиса бо роҳи махфӣ гузаронда шаванд, то ки санадҳо ва маълумоти шахсӣ дар бораи кӯдак фош нагарданд.

**(4)** Банди 99.2-и Тавсияномаи Шӯрои Аврупо оид ба Қоидаҳои Аврупоӣ дар бораи ноболиғони маҳкумшуда, ки мавриди санксия ва чораҳои зарурӣ қарор гирифтаанд, дар ин муқаррарот бетағйирот ворид карда шуд.[381]

Дар рафти интиқоли кӯдак аз як муассиса ба дигар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бояд ба шаъну шарафи инсонии ӯ эҳтиром гузошта шавад. Ин чунин маъно дорад, ки ҳимояи шахсии кӯдак дар тамоми ҷараён, аз он ҷумла дар роҳи интиқол кафолат дода шавад. Интиқол бояд бо

---

[378]Тавсияномаи 11- Кумитаи вазирон (CM/Rec (2008)11) ба давлатҳои аъзо дар бораи Қоидаҳои аврупоӣ дар мавриди ноболиғони маҳкумшуда, ки мавриди санксия ва дигар чораҳои зарурӣ қарор мегиранд, қабулшуда аз тарафи Кумитаи вазирон аз 5 ноябри 2008 дар вохӯрии 1040-уми муовинони вазирон, банди 96.
[379]Тавсияномаи 11- Кумитаи вазирон (CM/Rec (2008)11) ба давлатҳои аъзо дар бораи Қоидаҳои аврупоӣ дар мавриди ноболиғони маҳкумшуда, ки мавриди санксия ва дигар чораҳои зарурӣ қарор мегиранд, қабулшуда аз тарафи Кумитаи вазирон аз 5 ноябри 2008 дар вохӯрии 1040-уми муовинони вазирон, банди 98.
[380]Тавсияномаи 11- Кумитаи вазирон (CM/Rec (2008)11) ба давлатҳои аъзо дар бораи Қоидаҳои аврупоӣ дар мавриди ноболиғони маҳкумшуда, ки мавриди санксия ва дигар чораҳои зарурӣ қарор мегиранд, қабулшуда аз тарафи Кумитаи вазирон аз 5 ноябри 2008 дар вохӯрии 1040-уми муовинони вазирон, банди 99.1.
[381]Тавсияномаи 11- Кумитаи вазирон (CM/Rec (2008)11) ба давлатҳои аъзо дар бораи Қоидаҳои аврупоӣ дар мавриди ноболиғони маҳкумшуда, ки мавриди санксия ва дигар чораҳои зарурӣ қарор мегиранд, қабулшуда аз тарафи Кумитаи вазирон аз 5 ноябри 2008 дар вохӯрии 1040-уми муовинони вазирон, банди 92.2.

муносибати эҳтиромона ва дӯстона ва ҳатман аз тарафи он кормандоне сурат гирад, ки дар ин робита машғулиятҳои махсус гирифтаанд. Танаффусҳои лозима, оби тозаи нӯшиданӣ ва хӯрока таъмин карда шавад. Истифодаи қувваи ҷисмонӣ ва воситаҳои мутеъкунӣ дар рафти интиқол манъ аст ва танҳо дар сурате иҷозат дода мешавад, ки кӯдак барои худ ва ё барои атрофиён рафтори хатарнок кунад. Ба дахлнопазирии шахсии кӯдак дар рафти интиқол бояд эҳтиром гузошта шавад.

## БОБИ 7.
## ЧОРАҲОИ ТАРБИЯВӢ, ИСЛОҲКУНАНДА ВА ҲАМГИРОӢ БАРОИ ШАХСОНИ АЗ ҲАБС ОЗОДШУДА

### Моддаи 77. Омодагӣ ба озод кардан

**(1)** Бисёр кӯдакони аз муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ озодшуда, бе он ки ба ҷои зист, кор, таҳсил, машварат ва ё дастгирии лозима фаро гирифта шаванд, ба ихтиёри худ гузошта мешаванд. Ин хилофи Қоидаҳои Гаванна мебошад, ки аз давлатҳо талаб мекунад, то кӯдакони ба озодӣ баромада ба чунин шароит дастрасӣ дошта бошанд.[382] Таъмин накардани чунин шароит эҳтимолияти рафтори ҷиноятии кӯдакро зиёд мекунад. Барои ташкили шароити лозима барои кӯдакони аз муассисаҳои ҷазои ҷиноятӣ озодгардида ҳамоҳангӣ ва банақшагирии ҷиддӣ зарур мебошад. Банақшагирӣ бояд аз рӯзи аввали ҳукми гирифтани кӯдак сар шавад ва ба ҳамгироӣ ва офиятбахшии ӯ дар ҷомеа равона гардад.[383]

**(2)** Пеш аз озод кардани кӯдак аз муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, роҳбарияти ин муассисаро зарур аст, ки омодагӣ дошта бошад ва ҳамаи чораҳоеро андешад ва амалӣ кунад, ки дар нуктаҳои (a)-(g)-и ин банд номбар карда шудаанд ва барои озод кардани кӯдак мусоидат менамоянд.[384] Тибқи Дастури Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо оид ба адолати нисбат ба кӯдак хайрхоҳона, «барномаҳои дастрасӣ, ки кӯдаконро пешакӣ барои бозгашт ба ҷомеа омода мекунанд, бояд ба ниёзҳои эҳсосотӣ ва ҷисмонӣ, муносибатҳои оилавии онҳо, таъминоти онҳо ба

[382]Масалан, нигаред ба Қоидаҳои 38 ва 59-и Қоидаҳои Гаванна, Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳифзи ноболиғони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), қабулшуда аз тарафи Маҷмааи умумии СММ, 14 декабри 1990 (A/RES/45/113); Инчунин, нигаред ба Тавсияномаи Кумитаи вазирон (CM/Rec (2006)2) ба давлатҳои аъзо дар бораи Қоидаҳои аврупоӣ оид ба зиндон, қабулшуда аз тарафи Кумитаи вазирон аз 11 январи 2006 дар вохӯрии 952-юми муовинони вазирон, банди 35.3.

[383]Тавсияномаи Кумитаи вазирон (CM/Rec (2003)20) ба давлатҳои аъзо оид ба роҳҳои нави бархурд бо ҷиноятҳои ноболиғон ва нақши адолат дар нисбати ноболиғон, қабулшуда аз тарафи Кумитаи вазирон аз 24 сентябри 2003 дар вохӯрии 853-юми муовинони вазирон, банди 19.

[384]Дар ин робита нигаред ба Тавсияномаи Кумитаи вазирон (CM/Rec (2008)11) ба давлатҳои аъзо дар бораи Қоидаҳои аврупоӣ дар мавриди ноболиғони маҳкумшуда, ки мавриди санксия ва дигар чораҳои зарурӣ қарор мегиранд, қабулшуда аз тарафи Кумитаи вазирон аз 5 ноябри 2008 дар вохӯрии 1040-уми муовинони вазирон, банди 15.

хона, мактаб, кор ва ҳамчунин ба ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодии онҳо диққати махсус диҳанд».[385]

**(3)** Барои мусоидат ба раванди ҳамгироӣ кормандони муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятии кӯдак, ки масъули ҳамгироии кӯдак мебошанд, бояд якҷоя бо муассисаи масъул дар маҳалле, ки кӯдак баъди озодшавӣ ба он ҷо бармегардад ва ҳамчунин бо оилаи кӯдак ва худи кӯдак нақшаи ҳамгироии кӯдакро тартиб диҳанд. Ҳадди ақал, ин нақша бояд ҷои зист, нақлиёте, ки кӯдакро ба ҷои зист мерасонад, имкониятҳои таҳсилу касбомӯзӣ, ҷои кор, дастгирии машваратӣ ва равоншиносӣ, ҳама гуна кӯмаки зарурии тиббӣ ва аз ҳама муҳим дастгирии молиявиро барои кӯдаки ба озодӣ баромада таъмин намояд.[386] Ин нақша бояд якҷоя бо худи кӯдак тартиб дода шавад, мавқеъ ва хоҳишҳои ӯ ба ҳисоб гирифта шаванд ва дар сурати лозима аҳли оила ва наздикону ҳамсояҳои кӯдак низ ҷалб карда шаванд. Бар замми ин, нақша бояд ном ва тафсилоти алоқаи коргари иҷтимоиеро дар бар дошта бошад, ки бо кӯдаки ба озодӣ баромада кор мебарад. Якчанд моҳ пеш аз озод кардани кӯдак муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бояд барои ӯ шароити лозими таҳсилотӣ ва дастгирии равоншиносӣ ва иҷтимоӣ дар шакли курсҳои махсус фароҳам орад, то ки кӯдак аз моҳият ва мақсадҳои нақша огоҳ шавад. Қабл аз озод кардани кӯдак, ӯ бояд имконияти ба назди аҳли оилааш рафтанро дошта бошад. Ин гуна чораҳои пешакӣ барои ҳамгироии кӯдак муҳим мебошанд ва ҳамчунин ба кормандони масъули ҳамгироии кӯдак дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ имконият медиҳанд, ки аз шароити оилавӣ барои қабули кӯдак баъди озодшавӣ бохабар шаванд.[387] Бисёр зарур аст, ки кормандони муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз машғулиятҳои даркорӣ гузаштаанд, воҳиди офиятбахшӣ ва ҳамгироиеро таъсис диҳанд, ки масъули кор бо кӯдакон ва муассисаҳои дахлдори минтақае бошад, ки кӯдакони озодгардида дар он ҷо истиқомат хоҳанд кард. Бо ин роҳ, кормандон дар тайёр кардани кӯдакон барои озодӣ аз муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ касбият ҳосил мекунанд. Дар бисёре аз кишварҳо хадамоти нозироти корҳои ислоҳӣ вазифаи дастгирии кӯдакони ба озодӣ баромадаро ба ӯҳда мегиранд, вале агар чунин хадамот вуҷуд надошта бошад, ин вазифа ба зиммаи созмонҳои ғайриҳукуматӣ (СҒҲ) меафтад. Вобаста ба имконият, муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва хадамоти нозироти корҳои ислоҳӣ бояд кӯдакро ба оилааш баргардонанд ва дар сурати зарурат ба ӯ кӯмак кунанд. Зиндагии оилавӣ имконияти ҳамгироии муваффақонаи кӯдакро меафзояд. Аммо барои баъзе кӯдакон бозгашт ба оила манфиатнок нест ва ё ҳатто ғайриимкон мебошад. Барои ҳамин, зарур аст, ки хадамоти нозироти корҳои ислоҳӣ ва ё мақомоти дахлдор манфиатбахш будани бозгашти кӯдакро ба оилаашон маълум намоянд. Ин гуна санҷиш бояд пеш аз озод кардани кӯдак сурат гирад, то ки вақти кофӣ барои омода кардани аҳли оила барои қабули кӯдак вуҷуд дошта бошад. Дар акси ҳол, чораҳои алтернативӣ бояд андешида шаванд.

---

[385]Дастури IV.A.6.21.c, *Дастури Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо оид ба муомилаи одилона ба кӯдакон ва меморандуми эзоҳотии он*, 17 ноябри 2010.

[386]Инчунин нигаред ба Тавсияномаи Кумитаи вазирон (CM/Rec (2003)20) ба давлатҳои аъзо оид ба роҳҳои нави бархурд бо ҷиноятҳои ноболиғон ва нақши адолат дар нисбати ноболиғон, қабулшуда аз тарафи Кумитаи вазирон аз 24 сентябри 2003 дар вохӯрии 853-юми муовинони вазирон, банди 19.

[387]Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳифзи ноболиғони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), қабулшуда аз тарафи Маҷмааи умумии СММ, 14 декабри 1990 (A/RES/45/113), Қоидаи 59.

**Моддаи 78. Пеш аз мӯҳлат озод кардан**

**(1)** Моддаи 37(b) КҲК муқаррар менамояд, ки маҳрум кардан аз озодӣ бояд барои муҳлати кӯтоҳтарини имконпазир бошад. Барои иҷроиши ин талабот, ҳама гуна ҳукми айбдоркунӣ бо маҳрум кардан аз озодӣ бояд марҳила ба марҳила аз нав дида баромада шавад ва дар асоси зарурати дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ нигоҳ доштани кӯдак қарори нав қабул карда шавад.[388] Эзоҳ ба Қоидаи 28-и Қоидаҳои Пекин муқаррар мекунад, ки «дар сурати мавҷудияти далел дар бораи рафтори қаноатбахш ва офиятноке, ки ҳатто собиқ маҳкумшудагони хатарнок аз худ зоҳир мекунанд, онҳо бояд шартан озод карда шаванд». Ин гуна аз нав дида баромаданҳои даврaӣ тавассути Моддаи 25 КҲК тақвият дода мешавад.

**(2)** Вобаста ба қонунгузории миллӣ, аз нав дида баромадан бояд аз тарафи суд ва агар имкон бошад, аз тарафи Комиссияи ваколатдор оид ба ин масъалаи кӯдакон ва ё мақомоти мушобеҳ, ки бо қонуни махсус амал мекунад, сурат гирад. Ин мақомот тасмим мегиранд, ки оё имкони пеш аз мӯҳлат озод кардани кӯдак аз муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ вуҷуд дорад ва ё ҳанӯз барои ин барвақт аст. Тавсияҳое, ки аз ин амал бармеоянд, бояд ба тариқи хаттӣ пешниҳод гарданд. Суде, ки кӯдакро аз озодӣ маҳрум карда буд, метавонад ҳамчунин қарори пеш аз мӯҳлат ва дар зери шароити муайян озод кардани ин кӯдакро дар муҳлати 15 рӯзи корӣ қабул кунад. Дар ҳолате ки Комиссияи ваколатдор оид ба аз нав дида баромадани қарори суд оид ба кӯдакон парвандаи кӯдакро дар ихтиёр дорад, метавонад қарори пеш аз мӯҳлат ва дар зери шароити муайян озод кардани ин кӯдакро дар муҳлати 15 рӯзи корӣ қабул кунад.

**(3)** Агар қарори [номи мақомоти салоҳиятнок дар мавриди тартиби озод кардани маҳбусшудагон] озод кардани кӯдакро муқаррар насозад, сабабҳо барои ин ва корҳои навбатие, ки бояд аз ҷониби кӯдак ва муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои аз нав дида баромадани имконияти озод кардани кӯдак анҷом дода шаванд, муайян ва пешниҳод карда шаванд.

**(4)** Роҳбарияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ метавонанд дар рафти пеш аз мӯҳлат озод кардани кӯдак фаъолона иштирок кунад. Дар сурате ки сабабҳои эътимодбахш барои пеш аз мӯҳлат озод кардани кӯдак вуҷуд дошта бошанд, роҳбарият метавонад аз мақомоти салоҳиятдор, ки дар банди (2) қайд гардид, барои пеш аз мӯҳлат озод кардани кӯдак дархост намояд. Ин имкон медиҳад, ки барномаи пеш аз мӯҳлат озод кардан ба роҳ монда шавад ва зарурат ба дархости худи кӯдак намонад.

**(5)** Тибқи Моддаи 5 (6)-и Қонуни мазкур, кӯдак ҳуқуқ дорад, ки ариза пешниҳод кунад ва суде, ки парвандаи ӯро барои пеш аз мӯҳлат озод кардан баррасӣ мекунад, иваз намояд. Ӯ ҳуқуқ дорад, ки бо чунин ариза баррасии парвандаи худро аз суди муқаррарӣ ба суди кӯдакон [суди ноболиғон] [суди ҷавонон] иваз намояд.

---

[388]Маҷмааи СММ, *Қоидаҳои стардартии ақалии Созмони Милили Муттаҳид бар бораи ба роҳ мондани адлияи ноболигон* (Қоидаҳои Пекин), қабулшуда аз тарафи Маҷмааи умумӣ, 29 ноябри 1985, (A/RES/40/33), Қоидаи 28.

**Моддаи 79. Озодкунии шартӣ**

**(1-3)** Озодкунии шартӣ, ки дар баъзе мавридҳо инчунин озодкунӣ бо ваколат номида мешавад, ҳолатеро дар назар дорад, ки пеш аз мӯҳлат озод кардани кӯдак аз муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ шароити махсусеро дар бар мегирад. Ин гуна шароитро мақомоте муқаррар мекунад, ки салоҳияти пеш аз мӯҳлат озод карданро дошта бошад, дар ҳоле ки шароит ва талаботи озодии пеш аз мӯҳлат метавонанд мухталиф бошанд. Аз кӯдак шояд талаб карда шавад, ки дар ҷои муайян, чунончи дар «паноҳгоҳ» истиқомат кунад ва дар маҳалли худ ба барномаҳои махсуси ҳамгироӣ шомил шавад. Ба ӯ инчунин шарт гузошта мешавад, ки бегоҳ дар соати муайян ба хона баргардад, ба ҷойҳои муайян наравад ва ё бо одамони муайян робита накунад. Аз ӯ шояд талаб карда шавад, ки ба таври даврaӣ аз санҷиши тиббии маводи мухаддир гузарад, дар зери назорати муассисаи табобати равонӣ қарор гирад ва ё доруҳои муайянро ҳар сари чанд вақт вобаста ба зарурат қабул кунад. Чун шарти озодӣ, одатан кӯдак дар хадамоти нозироти корҳои ислоҳӣ (ва ё мақомоти дахлдор) ба қайд гирифта мешавад. Ин муассиса куллан ба иҷроиши шароиту талаботи озодӣ аз тарафи кӯдак ҷавобгар мебошад. Дар ҳолате ки давлат чунин хадамотро надошта бошад, бояд мақомоте муқаррар карда шавад, ки ба назорат ва иҷроиши шароиту талаботи озодӣ аз тарафи кӯдак ҷавобгар бошад.

**(4)** Бисёр муҳим аст, ки шароиту талаботи озодӣ дар нисбати кӯдак воқеъбинона бошанд ва ҳамчунин ба ӯ кӯмак карда шавад, ки ин шароиту талаботро иҷро карда тавонад.[389]Бе кӯмаку дастгирӣ эҳтимол вуҷуд дорад, ки кӯдак шароити озодиро базудӣ сарфи назар ва вайрон кунад. Нақзи талаботу шароити озодӣ набояд мақомотро ба он ҳидоят кунад, ки кӯдакро бечунучаро ба муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ баргардонанд. Балки онҳоро бояд водор кунад, ки муносибати худро аз нав дида бароянд ва барои иҷроиши шароити озодӣ ба кӯдак дастгирии бештар пешниҳод намоянд.

**(5)** Агар хадамоти нозироти корҳои ислоҳӣ [ва ё дигар мақомоти дахлдор] қарор қабул кунад, ки бо сабаби вайрон кардани талаботу шароити озодӣ аз тарафи кӯдак, ё ҷиноятҳои наве, ки ӯ содир кардааст ва аз ин рӯ дар озодӣ будани ӯ барои дигарон хатарнок аст, ӯ ба муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои адои ҳукми судии худ баргардонда шавад, бисёр муҳим мебошад, ки кӯдак дар бораи чунин қарор ва сабабҳои он хабардор карда шавад. Илова ба ин, тибқи Моддаи КҲК 37(d), ҳар як кӯдаке, ки ба ӯ аз озодӣ маҳрум шудан таҳдид мекунад, бояд ҳуқуқи дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ ва ҳамчунин ҳуқуқи шикоят кардан аз болои муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар суд ва дигар мақомоти ваколатдори мустақил дошта бошад. Ин гуна ҳуқуқ ҳам ба ҳукми судӣ дар бораи аз озодӣ маҳрум кардани ӯ ва ҳам ба баргардондани ӯ аз озодии шартӣ ба муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дахл дорад. Давлатҳо бояд қарор кунанд, ки кадом мақомот ва ё хадамот салоҳияти дархости баргардондани

[389]Маҷмааи СММ, *Қоидаҳои стардартии ақаллии Созмони Милили Муттаҳид бар бораи ба роҳ мондани адлияи ноболигон* (Қоидаҳои Пекин), қабулшуда аз тарафи Маҷмааи умумӣ, 29 ноябри 1985, (A/RES/40/33), Қоидаи 28.

кӯдакро ба муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тавассути ҳукми суд доранд, дар сурате ки кӯдак шароиту талаботи озодиро нақз карда бошад.

**Моддаи 80. Озод кардан дар асоси тараҳҳум**

**(1)** Суд ва ё мақомоти ваколатдор, ки дар эзоҳи Моддаи 76(2)-и ин Қонун зикр гардидаанд, метавонанд кӯдаки аз озодӣ маҳрумшударо дар заминаи тараҳҳум (чунончи сабабҳои тиббӣ) озод кунанд. Сабабҳои марбут ба тараҳҳум бемории вазнин ва ё имкони марги яке аз волидон ва ё дигар аъзои оила, зарари ҷиддии ҷисмонӣ ва рӯҳоние, ки муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба кӯдак мерасонад ва ё бемории вазнини худи кӯдакро дар бар магиранд.

**(2)** Мақомоте, ки қарор қабул мекунад, агар зарур шуморад, ҳуқуқи таъйин кардани шароиту талаботи муайяни озодкуниро дар заминаҳои тараҳҳум дорад. Дар ин робита, эзоҳ ба Моддаи 77(1-2) тағйироти қобили таваҷҷӯҳ ворид мекунад.

**Моддаи 81. Дастгирӣ ва назорат баъди озод кардан**

**(1)** Бидуни дастгирии лозимӣ ва созгор барои кӯдаке, ки аз муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ озод мешавад, хатари он вуҷуд дорад, ки корҳои офиятбахшии кӯдак дар давраи маҳрумияташ аз озодӣ барбод меравcovered. Эзоҳоте, ки ба Қоидаҳои Пекин[390] ва Қоидаҳои Гаванна ворид гардидаанд, аҳамияти ғамхорӣ ва дастгирӣ дар нисбати кӯдакро дар давраи баъди муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ махсус қайд мекунанд. Чун рӯзи озод кардани кӯдак фаро мерасад, муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ӯҳдадор аст, ки кӯдакро ба волидон ва ё васии қонуниаш супорад. Дар сурате ки волидон ва ё васии қонунӣ имконияти кӯдакро аз муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ гирифтан надоранд, роҳбарияти ин муассиса бояд ҳамаи механизмҳоеро ба роҳ монад, ки кӯдак бо амнияти тамом ба хонааш расонда шавад. Корманди вазифадори муассиса кӯдакро ба падару модар ва ё васии қонунии кӯдак месупорад ва падару модар ва ё васии қонунӣ ҳуҷҷатеро имзо мекунанд, ки расондани кӯдакро тасдиқ мекунад.

**(2)** Ин банд ӯҳдадориҳои лозимиро ба ӯҳдаи давлатҳо мегузорад. Давлат ӯҳдадор аст, ки қонуну қарорҳоеро қабул кунад, ки ба ҳамгироӣ ва офиятбахшии кӯдак баъд аз муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ озод шуданаш мусоидат намоянд. Бояд дар байни мақомоти гуногуни давлатӣ, идораҳои масъул ба некуаҳволӣ ва ҳамчунин дигар муассисаҳои марбута ба ҳамгироӣ ва офиятбахшии кӯдак ҳамкории зич вуҷуд дошта бошад.

**(3-4)** Намудҳои дастгирие, ки дар ин Қонун номбар карда мешаванд, қисмати каме аз дастгириҳое мебошанд, ки бояд барои кӯдак дастрас бошанд. Қоидаҳои Пекин муқаррар мекунанд, ки давлат низ «сарпаноҳ, интернат, марказҳои касбомӯзии рӯзона ва дигар шароити лозимии

---

[390] Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои стардартии ақаллии Созмони Милили Муттаҳид бар бораи ба роҳ мондани адлияи ноболигон* (Қоидаҳои Пекин), қабулшуда аз тарафи Маҷмааи умумӣ, 29 ноябри 1985, (A/RES/40/33), Қоидаи 29.

ҳамгироии солимонаи наврасон ба ҷомеа»[391] фароҳам меорад. Давлатҳо бояд хадамоти нозироти ислоҳии омӯзишдидаро ба роҳ монанд, то ки пеш аз мӯҳлат озод кардани кӯдак дар зери шароит ва талаботи муайян самаранок бошад. Ин хадамот бояд ҳам бо худи кӯдак ва ҳам аҳли оилаи ӯ кор баранд.

[391]Маҷмааи СММ, *Қоидаҳои стардартии ақаллии Созмони Милили Муттаҳид бар бораи ба роҳ мондани адлияиноболигон* (Қоидаҳои Пекин), қабулшуда аз тарафи Маҷмааи умумӣ, 29 ноябри 1985, (A/RES/40/33), Қоидаи 29.1. Инчунин нигаред ба: Маҷмааи умумии СММ, *Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳифзи ноболигони аз озодӣ маҳрумшуда* (Қоидаҳои Гаванна), қабулшуда аз тарафи Маҷмааи умумии СММ, 14 декабри 1990 (A/RES/45/113), Қоидаҳои 65 ва 79.